Маҳмадбекзода М., Мирзоев С., Ҳакимов П.

# МУҲОҶИРАТШИНОСӢ



Душанбе - 2020

ТДУ: 325.1(575.3)
ТКБ: 66.4+60.7(2тоҷик)
М - 48

**Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Муассисаи давлати Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ**

**Махмадбекзода М., Мирзоев С., Ҳакимов,.**
**Муҳоҷиратшиносӣ. Душанбе 2020-192с**

**Муқаризон:**

-Мудири кафедраи омори ДДМИТ, н.и.и., дотсент,
Иматчоев З.Х
-Аъзои ШИМ- факултети баҳисобгирию иқтисодии ДМТ
Аҳмадов Ф.М.

**Муҳаррирон – Турсунов Элмурод., Хоркашов Савлатшо .**

Дар китоби Муҳоҷиратшиносӣ паҳлуҳои мусбию манфии раванди муҳоҷирати аҳолӣ, таърихи пайдоиши шаклҳои гуногуни муҳоҷират, сабабҳои муҳоҷират , шаклҳои муҳоҷирати аҳолӣ, методи баҳисобгирии муҳоҷирати аҳолӣ, сиёсати давлатии ҶТ дар бораи муҳоҷират, асосҳои қонунии раванди муҳоҷират ва дигар мавзуъҳои вобаста ба муҳоҷират бахшида шудааст. Ин китоб на танҳо барои мутахассисони соҳаҳои илмҳои ҷамъиятӣ, ҳамчунин барои кормандони давлатӣ ки дар соҳаи муҳоҷират ва бозори меҳнат сару кор доранд, инчунин барои оммаи васеи хонандагон низ муфид хохад буд.

Ин китоб дар баланд бардоштани савияи дониши донишҷуён, кормандони давлатӣ, ки ба масъалаҳои муҳоҷират сару кор доранд ва он шаҳрвандоне , ки ба хориҷа барои кор мераванд, аҳмияти хос доранд.

**Бо қарори Шӯрои илмию методии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон суратмаҷлиси № 06 аз 25.02.2020 ба нашр тавсия дода шудааст**

**ISBN 978-99975-983-5-6**

# МУНДАРИЧА

Пешгуфтор…………………………………………………… 4
1. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии муҳоҷирати аҳолӣ…………………………………………………………… 6
2. Назари таърихӣ ба муҳоҷирати аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………………………………………….. 13
3. Навъҳо ва шаклҳои муҳоҷирати аҳолӣ……………………….. 38
4. Хусусиятҳои асосӣ, умумӣ ва махсусиятҳои муҳоҷирати аҳолӣ……………………………………………………………….. 41
5. Муҳоҷират чун раванди иҷтимоию демографӣ, омилҳо ва вазифаҳои он…………………………………………………… 45
6. Омӯзиши омилҳои муҳоҷират……………………………….. 51
7. Нишондиҳандаҳои муҳоҷират. Методҳои ҳисоби шумораи муҳоҷирон…………………………………………………………. 53
8. Мукимишавӣ ё мутобикшавии муҳоҷирон ба макони нави зист…………………………………………………………………. 56
9. Сиёсати муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон…………….... 60
10. Низоми идораи муҳоҷирати байналмилалӣ…………………. 73
11. Заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсии танзими байналмилалии ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ…………………………………………… 85
12. Мафҳум ва мундариҷаи василаи байналмилалию ҳуқукии танзимкунандаи муҳоҷирати меҳнатӣ…………………………...... 96
13. Вазъи танзими байналмилалию ҳуқукии муҳоҷирони меҳнатӣ дар давлатҳо аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ)…. 113
14. Фаъолият дар самти муҳоҷирати экологӣ……………………… 124
15. Муҳоҷирати дохилӣ. Накши муҳоҷирати дохилӣ дар таъмини рушди иктисодӣ………………………………………………… 134
16 Муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) 142
17 Таҳлили масъалаҳои ҳозираи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон……………………………………………. 158
18. Муҳоҷирати меҳнати ба хориҷа………………………………….. 163
19. Интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ……………………... 170
20. Ҷалби шаҳрвандони хориҷӣ ба иктисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон………………………………………………………. 176
21. Луғати тафсирии истилоҳоти соҳаи муҳоҷират...................... 182
22. Адабиёти истифодашуда………………………………………… 189

# ПЕШГУФТОР

Муҳоҷирати аҳолӣ - ин тағйири маҳали сукунати аҳолӣ буда, ба дигар намудани макони истиқомат иртибот дорад. Муҳоҷират яке аз масъалаҳои муҳими иҷтимоии аҳолӣ буда, на танҳо чун ҳаракати механикии одамон[1], балки чун раванди мураккаби ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта,ҷанбаҳои бисёри ҳаёти иҷтимоию сиёсиро дар бар мегирад. Муҳоҷирати аҳолӣ дар таърихи башарият нақши барҷаста дошта, равандҳои сокиншавӣ, мавриди истифода қарор додани заминҳо, рушди қувваҳои истеҳсолӣ, ташаккул ва омӯзиши ирқу нажод, забон ва халқҳо ба он иртибот доранд. Омӯзиши ин падидаи мураккаб ва серпаҳлӯ ба он хотир зарур аст, ки бо тағйири ҷои зист зарурати дар муҳити нави табиӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва равонӣ одат намудан ва то андозае ба доираи зеҳнию ахлоқии сокинони он маҳал бе зарар ва мушкилӣ ворид шудан, бахусус масъалаи забон ва тариқи муоширaт бо аҳолии таҳҷоӣ, риояи урфу одатҳои онҳо аз омилҳоеанд, ки муҳоҷиронро ба мардуми таҳҷоӣ наздик месозанд.

Оқибатҳои муҳоҷират дорои хусусиятҳои мусбӣ ва манфӣ мебошанд. Дуруст аст, ки дар даҳсолаи охир ҳодисаҳои маҳдудкунии ҳуқуқ, рафтори нораво, нажодпарастӣ ва миллатгароёна нисбат ба муҳоҷирон дар тамоми дунё афзоиш ёфтаанд. Мутаассифона, чунин рафтор нисбат ба муҳоҷирони тоҷик низ истисно нест ва маҳз ҳамин омил боиси пайдоиши назари манфӣ ба масъалаи муҳоҷират гаштааст. Бояд таъкид намуд, ки мо ба муҳоҷират танҳо аз назари дарду ғаму кулфат нанигарем ва бештар ба паҳлӯҳои мусбии он такя кунем, зеро чунин нигоҳ аксариятро аз мубориза барои пайдо намудани мавқеи худ дар зиндагӣ боз медорад.

Барои ҳамин ҳам, муҳоҷиронро пешакӣ аз лиҳози забон ва ошноӣ бо фарҳангу тамаддуни кишвари мавриди муҳоҷират бояд омода намуд. Ҳамаи омилҳои муҳоҷират дар маҷмӯъ ҳатман мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода зарурати доман паҳн кардани муҳоҷиратро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд муайян созем. Бинобар ин, эҳтиёҷ барои таҳияи дастури методӣ, таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва масоили амалии муҳоҷирати корӣ дар шароити муосир барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меояд. Муайян намудани таъсири муҳоҷират, моҳият ва хусусиятҳои асосии он, қувваҳои ҳаракатдиҳанда ва муайянкунандаи рафтори муҳоҷирони корӣ,

---

[1] Дар илми демография шартан ҳаракати аҳолиро ба ҳаракати табиӣ (раванди таваллуд ва фавт) ва ҳаракати механикӣ (муҳоҷират) ҷудо менамоянд. Ҳаракати механикӣ гуфта, тағйири маҳалли зист аз тарафи шахсони алоҳида ё гурӯҳи одамонро дар ҳудуди кишвар ё берун аз он, ки дар натиҷа ба сохтор, сифат ва шумораи аҳолӣ таъсир мерасонад, меноманд.

масъалаҳои асосие ба ҳисоб мераванд, ки бояд омӯхта шаванд. Инчунин, баррасии масъалаи муҳоҷират дар давраи кунунӣ вобаста ба ҳолатҳои гуногун мавзӯи доғи рӯз аст. Дигаргуниҳои ҷамъиятии даҳсолаи охир вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоиро дар фазои пасошӯравӣ комилан тағйир дода, миллионҳо одамонро муҳоҷирони иҷборӣ гардониданд. Дар тафовут аз кишварҳои пешрафта, ки замони авҷи муҳоҷиратро сипарӣ кардаанд ва бо муҳоҷирати доимӣ вобаста нестанд, Тоҷикистон ба анбӯҳи муттасили муҳоҷират дар шароите рӯ ба рӯ гардидааст, ки иқтисоди он баъди ҷанги шаҳрвандӣ дар вартаи бӯҳронӣ қарор дошт.

Омили муҳими дигар-ин омили демографӣ мебошад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ доштани суръати нисбатан баланди афзоиши табиии аҳолӣ хос буда, ба мушкилии фаровонии захираҳои меҳнатӣ, ба шиддатнокии ҷараёни муҳоҷирати ҳам хориҷӣ ва ҳам дохилӣ тақвият мебахшад. Солҳои охир муҳоҷират хусусияти ҳамаҷонибаи муайяни иҷтимоию иқтисодӣ касб намуда, ба ҳаёти ҷомеа тағйирот ворид намуда, на танҳо ба сиёсати ҷории кишварҳои соҳибистиқлол таъсир мерасонад, балки хусусиятҳои шахсии онҳоеро, ки ба ҳудудҳои дигар аз пайи зиндагии ором ва оянда бехтар ҳиҷрат мекунанд, тағйир медиҳад.

Муҳоҷирати аҳолӣ дар рушди иқтисодии давлатҳо саҳми муҳимро мебозад, аз ин сабаб сиёсати муфиди иқтисодию сиёсии давлатҳо бе қайдгирии ин падида номумкин аст.

Яке аз вазифаҳои муҳоҷирати аҳолӣ-ин баланд бардоштани зудҳаракатии одамон аст, ки ба ҳамаи соҳаҳои фаъолияташон таъсир мерасонад, аз ҷиҳати иҷтимоӣ қонеъ мегардонад, ҷаҳонбиниашонро васеъ менамояд. Зудҳаракатии аҳолӣ омили муҳими инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият ва талаботи он аст. Яке аз шаклҳои фаъолгардонии ҳиҷрати аҳолӣ, тайёр намудани кадрҳои ихтисосманд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

# 1. МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИ ВА МЕТОДОЛОГИИ МУҲОҶИРАТИ АҲОЛӢ

Солҳои охир таваҷҷӯх ба дарки назариявии масъалаҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меафзояд. Ба таври назариявӣ ин масъала дар давоми даҳсолаҳо омӯхта нашудааст, бинобар ин, серпаҳлӯ ва дорои вижагихои худ будан бо мавҷудияти гуногунназариҳо ва муносибати мухталиф хусусияти байнифанниро низ доро мебошад, ки ин худ таҳлили пурраро аз рӯйи чандин гурӯҳҳо ва сарчашмаҳо тақозо менамояд[2].

Таҳқиқоти ҷанбаҳои асосии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар тӯли садсолаҳо сурат гирифтааст ва олимони соҳаҳои гуногуни илм бо истифода аз равишҳои мухталифи қонуниятҳо рушди онро ошкор намуда, саҳми худро ба қадри тавони хеш гузоштаанд.

Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ бо муҳоҷирати аҳолӣ дар маҷмӯъ ва бо муҳоҷирати корӣ ҷузъан, бинобар авзои сиёсӣ машғул намешуданд. Танҳо дар нашри сеюми Энсиклопедияи хурди Советӣ (ЭХС) соли 1959 ва дар Энсиклопедияи ҷуғрофии мухтасар соли 1961 истилоҳи «муҳоҷират» дар ташреҳи В.В. Покшишевский барқарор карда шуда буд[3]. Бахусус, солҳои 60-ум як идда корҳои илмии В.И.Переведенсев[4] ба ҷанбаҳои методии муҳоҷират бахшида шуда буд, ки муҳаққиқ онро чун муҳаррикии маконӣ муайян кардааст. Дар таҳқиқҳои охири худ вай муҳоҷиратро ба маънии васеи ин мафҳум баррасӣ намуда, онро чун маҷмӯи ҳамагуна ҷойивазкунии одамон дар макон ва ба маънои маҳдуд-интиқоли одамон, ки тағйири ҷойи истиқомати онҳо ба муҳлати нисбатан тӯлонӣ робита дорад, муайян менамояд. Дар асари худ муҳаққиқи тоҷик О.Қоситов зери унвони «Муҳоҷирати аҳолии ҶСШ Тоҷикистон», равандҳои муҳоҷиратро дар Тоҷикистон тавсиф намуда, ба омӯхтани омилҳои асосии муҳоҷират, аз ҷумла иқтисодӣ, этникӣ, демографӣ, табиӣ ва ғайра тавҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунад.[5] Ин муаллиф дар асоси маводи омории расмию давлатӣ ҷой ва моҳияти хар яке аз ин омилҳои зикргардидаро асоснок мекунад ва таваҷҷуҳи зиёд ба тавсифи мутаҳаррикии аҳолии деҳоти ҷумҳурӣ медиҳад. Дар корҳои Хореев Б.С., Чапек В.Н., Рибаковский Л.Л., бошанд, баъзе аз ҷанбаҳои ичтимоию иқтисодии

---

[2] Маҳмадбеков М.. Мирзоев С., Ҳакимов П.Муқаддиман муҳоҷиратшиносӣ. Душанбе 2012.

[3]Покшишевский В.В. Миграция // МЭС. М.: Госкомиздат, 1959; Миграция // Краткая географическая. // Энциклопедия. М.Госкомиздат.-1961.

[4] Переведенцев В.И. Миграция. М., 1960.

[5]Маҳмадбеков М., Мирзоев С., Ҳакимов П Мукаддимаи мухочиратшиносӣ. Душанбе, 2012

масъалаи муҳоҷиратро мавриди таҳлил қарор дода, таърифи илмӣ ва асосмандии он додаанд.[6]

Соли 1970 И.С Матлин навишта буд, ки ҳаракати аҳолӣ ва захираҳои корӣ ба чунин навъҳо: демографӣ, байнисоҳавӣ, байниихтисосӣ ва ҳудудӣ тақсимбандӣ мешавад.[7]

Б.Д. Бреев аз нуқтаи назари ташаккули қувваҳои корӣ се шакли мутаҳаррикии аҳолиро ҷудо месозад: ҳудудӣ, соҳавӣ ва ихтисосӣ.[8] Аксари олимони ҷомеашинос ва демографҳо се шакли ҳаракати аҳолиро тазаккур медиҳанд: иҷтимоӣ, табиӣ ва муҳоҷиратӣ.

Рибаковский чунин мешуморад, ки дар сурати ҷудо намудани се шакли ҳаракати аҳолӣ, имкони дар бораи ҳар яке аз ин шаклҳо тасаввуроти муайян доштан ба вуҷуд меояд. Масалан, ҳаракати иҷтимоӣ ҳамоно дорои хосиятҳои касбӣ, таҳсилотӣ, байнисоҳавӣ ва байнисекторӣ мебошад. Ҳаракати иҷтимоӣ чун рушди иҷтимоӣ ва тағйири мавқеи иҷтимоӣ ба назар мерасад. Дар самти аввал баланд шудани сатҳи савияи ихтисосӣ ва таҳсилот дар назар дошта шуда, дар самти дуюм – интиқолоти иҷтимоӣ ва тағйири ихтисос мадди назар мегардад.[9]

Ҳаракати иҷтимоӣ танҳо тавсифоти сифатии аҳолиро тағйир медиҳад. Вале дар қиёс бо муҳоҷират, ки бо ҳам шабоҳати зиёд доранд, вай на танҳо як бахши маҷмӯъ, балки кулли маҷмуъро фаро мегирад.

Дар натиҷаи бозтавлид шумораи аҳолӣ танҳо аз ҳисоби таваллуд ва фавт тағйир меёбад.

Дар маҷмӯъ, муҳоҷират чун ҳаракати маконии аҳолӣ пайдо гашта, тақсимшавии ҳудудии онро тағйир медиҳад.[10] Баъзе олимон кӯшидаанд муҳоҷиратро аз рӯи ҳудуд, хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва маконӣ тасниф намоянд. Масалан, олим А.У.Хомра ҳаракатҳои соҳавӣ, ҳудудӣ, ихтисосӣ ва иҷтимоиро эътироф мекунад. Чунин муносибатро нисбат ба муайян намудани муҳоҷират ва равиши «Васеъ» қаламдод мекунад ва муҳоҷиратро бо ҳаракати иҷтимоӣ тавъам меҳисобад, яъне чун як мафҳум[11]. Аммо мувофиқи ақидаи олимон М.В.Курман ва В.Д. Бреев муҳоҷират метавонад аз нуқтаи назари мухталиф баррасӣ гардад: ҳудудӣ, соҳавӣ ва ихтисосӣ. Ин муаллифон истилоҳи «мутаҳаррикӣ»-ро ба истилоҳи «муҳоҷират» иваз намудаанд.

---

[6] Рыбаковский Л.Л. Методологические вопросы прогнозирования населения. - М., 1978.

[7] Матлин И. С Моделирование размещения населения» М. 1975.

[8] Бреев Б. Д. Проблемы миграции и трудовых ресурсов», М.,1970.

[9]Мукаддимаи мухочиратшиносӣ Маҳмадбеков М., Мирзоев С., Ҳакимов Н. Душанбе- 2012

[10] Рыбаковский Л.Л. «Миграция населения. М.2001.

[11] Хомра А.У. «Определение и классификация форм миграции населения». Киев 1974 нашри 2.

Ба гурӯҳи дуюм ҳамон таърифи муҳоҷиратро мансуб медонанд, ки он танҳо интиқоли ҳудудии аҳолиро дар бар мегирад (Ю.Н.Козирев, Б.С.Хорев, В.И.Переведенсев).

Ба гурӯҳи сеюм он таъриферо мансуб медонанд, ки ба чунин мафҳумҳои мутафовит чун интиқол ва мутаҳаррикӣ розӣ нестанд. Масалан, Қарахонов Т.М. чунин мешуморад, ки дар муайян сохтани моҳияти муҳоҷират бояд аз ду тафсир, ки яке аз онҳо муҳоҷиратро чун шакли мутаҳаррикии ҷуғрофӣ арзёбӣ мекунад, кор гирифта шавад.[12]

О.В. Ларман муҳоҷиратро чун бахши серҳаракатии ҳиҷратталаб арзёбӣ мекунад.

В.Н. Чапек ва Т.И. Заславская муҳоҷиратро чун серҳаракатии ҷуғрофӣ муайян намуда, муҳоҷирати аҳолиро шакли хусусии мутаҳаррикӣ номидаанд[13].

Мутаҳаррикӣ чун мафҳуми умумии муҳоҷирати эҳтимолӣ ва воқеӣ ба вуҷуд меояд. Мутахаррикӣ-ин омодагии эҳтимолии аҳолӣ барои тағйири мақоми ҳудудии худ аст.

Айни замон, Рибаковский Л.Л. тазаккур медиҳад, ки муҳоҷират мутаҳаррикӣ нест, балки интиқол (кӯчбандӣ)-и амалист. Ҳол он ки, мутаҳаррикӣ, дар навбати худ, на кӯчбандӣ, балки омода будан ба он аст. Ин амал усулист, чун мафҳумҳои «муҳаррикии ҳиҷратӣ» ва «интиқолёбии ҳудудӣ (кӯчидан)» ҳаммаъно нестанд. Инҳо ду маҳфум, воҳидҳои мухталифи раванди муҳоҷират ҳастанд. Хулосаҳо дар бораи мутаҳаррикии муҳоҷирати аҳолӣ ба ҳаракати қувваҳои корӣ ва мутаҳаррикии захираҳои корӣ муносибати мустақим доранд.[14]

Дар чорчӯбаи консепсия мафҳуми серҳаракатии муҳоҷрат намудҳои гуногуни муҳоҷиратро дар бар мегирад: доимӣ, мавсимӣ, лаппишнок. Дар консепсияи серҳаракатии ҳиҷратии аҳолӣ тасаввуроти назарӣ дар бораи серҳаракатии аҳолӣ чун яке аз шартҳои муҳим ва ҳамзамон чун мутаҳаррикии саноат ба асос гирифта шудааст.

Консепсияи серҳаракатии муҳоҷирати аҳолиро метавон дар чорчӯбаи илми махсус «Муҳоҷиратшиносӣ» баррасӣ намуд.[15] Мазмуни асосии консепсияи серҳаракатии муҳоҷирати аҳолӣ дар чорчӯбаи муносибати иқтисодию маскунсозӣ ба тарзи зайл тавсиф мегардад:

- шаклҳои гуногуни ҳаракати аҳолӣ-табиӣ, иҷтимоӣ ва ҳудудӣ, вобастагӣ ва пайвастагии мутақобила доранд;

---

[12] Караханов Т.М. «Некоторые вопросы миграции населения в Узбекской ССР».1971.
[13] Заславская Т.И. «Миграция сельского населения», М. 1970.
[14] Миграция Л.Л. сельского населения, М. 1970. (чанбаи назарӣ) М,-2003.- Саҳ.27.
[15] Данисенко М.Б. Ионцев В.А, Хореев Б.С. «Миграциология». М, - 1989.Сах 9-12.

- серҳаракатии муҳоҷират ба тарзи воқеӣ бо рушди ҷамъият заминасозӣ мегардад. Аз ин рӯ, пеши роҳи онро гирифтан зарурат надорад, баръакс онро истифода бояд кард;

- қонуни мутаҳаррикии аҳолӣ хусусияти воқеӣ дорад ва бо пешравии ҷамъият ҳаракати муҳоҷират ҳамоно ҳарчӣ бештар ва дар маҷмӯъ ба зарурати иҷтимоию иқтисодӣ табдил ёфта, чун қоида, афзоиш меёбад.

Қисми таркибии консепсияи серҳаракатии муҳоҷирати аҳолӣ мафҳуми «Низоми муҳоҷират» мебошад, ки серҳаракатии умумии аз навтақсимкунии ҳудудии аҳолиро ба худ мегирад. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ мавзӯи муҳоҷирати аҳолӣ яке аз мавзуъҳои қобили таваҷҷуҳ дар сафҳаҳои нашрияҳои рӯзмарра ва илмӣ гардида буд. Муносибатҳои фарҳангию иҷтимоӣ, этникӣ ва корӣ дар кишварҳои дар гузашта шомили Иттиҳоди Шӯравӣ мавзӯи як идда таҳқиқҳои илмӣ қарор гирифта буданд.[16]

Ҳамчунин, таҳқиқҳои гуногунҷанба аз ҷониби муаллифони тоҷик низ мушоҳида мегарданд. Дар ин робита, қабл аз ҳама, асарҳои Исломов С.И. Исломов Ф.С., Умаров Ҳ., Улмасов Р., Зокиров Г., Николаева Л.Ю., О. Қоситов., Маҳмадбеков М.Ш., Ҳакимов П.Ш., Олимова С., Зокиров Т.Н., Абулҳаев Р, Абдуллоев Р., Бобохонов М., Бобоев А. Бобоҷонов Р. Раҳимдодов У. ва дигаронро зикр кардан зарур аст.

Вале бо вуҷуди муҳимияти таҳқиқҳо, ки ба масъалаи муҳоҷират бахшида шудаанд, омӯзиши ин мавзӯи бисёрҷанбаро наметавон анҷомёфта шумурд, зеро аксари ҷанбаҳои он то ҳол фаро гирифта нашудаанд. Он таваҷҷуҳи бузурге, ки аз ҷониби иқтисодшиносон, сиёсатшиносон, ҷомеашиносон ба масоили муҳоҷират зоҳир мегардад собит месозад, ки омӯзиши мавзӯи муҳоҷират ҳамчун яке аз унсурҳои

---

[16] См.: Максакова Л. Сельские мигранты на рынках труда городов Узбекистана // Научные доклады / Центр изучения проблемы вынужденной миграции в СНГ // Независимый исследовательский совет по миграции стран СНГ и Балтики. – М., 1999. – Вып. 3. – С.5-18; Остапенко Л.В., Субботина И.А. Русские в Молдавии: потенциальные мигранты и стабильные жители // Вынужденные мигранты: интеграция и возвращение. – М., 1997. – С. 183-200; Прибыткова И. Коренные киевляне и мигранты: мониторинг социальных изменений на рубеже XXI века//Научные доклады/Центр изучения проблем вынужденной миграции в СНГ, Независимый исследовательский совет по миграции стран СНГ и Балтии. – М., 2000. – Вып. 4. – С.5-19.; Она же. Современные миграционные процессы: обустройство и адаптация ранее депортированных крымских татар в Крыму//Социология: теория, методы, маркетинг. - Киев, 2000. - № 1. – С.152–162; Этнический фактор в современном социально-политическом развитии Казахстана/Отв.ред. Тишков В.А. М.: РАН. Ин-т этнологии и антропологии, 1996.

[16] См.: Исломов С.И., Мирджалолова М. Демография Таджикистан в переходной экономике. – Душанбе, 1999; Умаров Х., Ульмасов Р. Внешняя трудовая миграция в Таджикистане (причины, проблемы, последствия, регулирование). Душанбе: Ирфон. 2006; Исломов Ф.С. Некоторые проблемы миграции населения Республики Таджикистан в переходный период. – Душанбе, 1999; Николаева Л.Ю. Трансформации социальной структуры Таджикистана в XX веке. – Душанбе, 2003; Олимова С., И.Боск. Трудовая миграция из Таджикистана. – Душанбе. 2003; Олимова С., Мамаджанова Н. Торговля людьми в Таджикистане. – Душанбе, 2006. и др. Абулҳаев Рақиб «Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000)» Душанбе «Дониш»-2012 .

зарурии дарки қонуниятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии рушди башарият боқӣ мемонад.

Дар шароити кунунӣ таҳқиқи муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа-ин маҷмӯи интиқолоти маскунони мобайнии бебозгашт ва баргарданда аст. Теъдоди зиёди таърифҳои ин падида мавҷуд аст. Муҳоҷиратро чун мутаҳаррикии маконӣ муайян мекунанд (В.И. Перведенсев, 1970) ва инчунин онро гузариши ҷисмии фард аз як ҷомеа ба ҷомеаи дигар меҳисобанд (Эйзенштат, 1980), инчунин кӯч бастани одамон бо сабабҳои гуногун ба хориҷа, чун яке аз шаклҳои ҳаракати аҳолӣ бо дигар намудани макони зист ба масофа ва замони дур ё наздик (Моисенко В.М., 1997) дониста мешавад.

Чуноне, ки Л.Л. Рибаковский зикр карда буд, «Дар илми демография, ва илмҳои дигар, ки ба омӯзиши муҳоҷират нигаронида шудаанд, ҳеҷ як мафҳум чун муҳоҷират ин қадар ташреҳоти мухталиф надорад». Бисёр будани таърифҳо аксаран нишонаҳои хусусиятҳои ҳаракати ҳудудиро дар маҷмӯъ ва худи муҳоҷиратро дар алоҳидагӣ омехта мекунанд ва ба таври мувофиқ ё ин мафҳумро беандоза васеъ ё онро бо яке аз нишонаҳои «Дуюмдараҷа» шарҳ медиҳанд, ки ин ғолибан бо таҳрифи моҳияти ин падида анҷом меёбад.

Дар назарияи амалӣ ҳанӯз дар нимаи дуюми асри X1X роҷеъ ба қонунҳои муҳоҷират, муҳаққиқ Фарр тазаккур дода буд, ки «Катъи назар аз ҳамагуна қонунмандиҳои муайян, муҳоҷират ба вуқӯъ мепайвандад»[17].

Бо такя ба ин гуфтаҳо, муҳаққиқи дигар Равенштейн соли 1880 ду кори арзишманди худро таълиф кард, ки дар онҳо «Қонунҳои муҳоҷират»-и худро ба ҳукми қоида даровард. Тақрибан як аср баъд, муҳаққиқ Ли қонунҳои муҳоҷирати Равенштейнро мавриди таҷдиди назар қарор дода, силсилаи фарзияҳоро оид ба ҳаҷми муҳоҷират дар шароити гуногун, рушди ҷараён ва раванди бозрасии муҳоҷират ва тавсифи муҳоҷиратро пешниҳод намуд.

Ба масоили зайл оид ба ҳаҷми муҳоҷират[18], ба ҷараён ва ҷараёни бозпаси муҳоҷират[19] ва ба тавсифи муҳоҷирон[20] эътибор дода шавад.

---

[17] Farr, 1876

[18] Ҳаҷми муҳоҷират дар ҳудуди ҳамин минтака бо дараҷаи шабоҳат надоштан бо маҳалли вориди ин ҳудуд фарқ мекунад. 2. Ҳаҷми муҳоҷират бо шабеҳ надодани одамон фарқ мекунад. 3. Ҳаҷми муҳоҷират бо мушкилоти бартарафсозии ҳолатҳои халалрасон иртибот дорад. 4. Ҳаҷми муҳоҷират бо ноустувории иқтисодӣ вобаста аст. 5. Бо истинои тафтиши ҷиддан ба роҳ мондашуда, ҳарду ҳаҷм ва зариби (коэф) муҳоҷират бо мурури замон афзоиш меёбад. 6. Аз ҳаҷм ва зариби муҳоҷират бо рушди кишвар ё минтақаи алоҳида вобаста аст.

[19] Муҳоҷират дар чаҳорчӯбаи ҷараёни муайян сурат мегирад. 2. Дар муқобили ҳамагуна ҷараён, ҷараёни бозпас ба миён меояд. 3. Самарабахшии ҷараён (таносуби ҷараён ва ҷараёни бозпас ё салдои аз нав тақсимшавии аҳолӣ ба ҷараёни бозпас таъсир мерасонад) баланд аст, агар

Асосҳои назарияи муҳоҷират дар адабиёти Аврупои Ғарбӣ, дар навбати аввал бо корҳои Е. Равейнштейн иртибот доранд, (соли 1871).

1. Муҳоҷират ва фосила. Аксари муҳоҷирон ба масофаи кӯтоҳ, маъмулан ба шаҳрҳои бузург тағйири макон мекунанд.

2. Муҳоҷирати зинадор. Шаҳрҳои босуръат рушдёбанда бо муҳоҷирони деҳотии атроф пур карда мешаванд. Дар навбати худ, ҷойҳои холишударо муҳоҷирон аз минтақаҳои нисбатан дуртар ишғол мекунанд.

3. Ҷараён ва акси ҷараён. Ҳар як ҷараёни муҳоҷират ҷараёни акси ҷубронкунандаро ба миён меорад.

4. Тафовутҳои деҳавию шаҳрӣ дар моил будан ба муҳоҷират дар муқоиса бо бошандагони деҳот.

5. Ҳайати муҳоҷирон аз рӯи ҷинс. Занҳо нисбат ба мардҳо ба муҳоҷират майли бештар доранд.

6. Технологияи иртибот ва муҳоҷират. Ҷараёнҳои ҳиҷратӣ тамоюли устувор ба сӯи афзоиш доранд, ки ин натиҷаи рушди васоити нақлиёт, саноат ва тиҷорат мебошад.

7. Хулоса, баргарӣ доштани сабабҳои иқтисодии муҳоҷират муҳимтарин мебошад. Қонунҳои «Ғайриодилона» ё «Қонунҳои ҷабркунандаи иқтисод» ва андозбандии вазнин сабабҳои муҳоҷират шуда метавонанд. Вале ҳеҷ яке аз ҷараёнҳои муҳоҷират мувофиқи бузургии ҳаҷм бо ҷараёнҳои муҳоҷирате, ки дар асоси хоҳиши аксарияти муҳоҷирон ба воситаи муҳоҷират беҳ намудани сатҳи зиндагӣ ба миён омадааст, баробар шуда наметавонад.

Сабабҳои иқтисодӣ дар миёни ҳамаи омилҳо бартарӣ дошта, ба муҳоҷират таъсир мерасонад.

Методи асосии омӯзиши омории муҳоҷират, ин бақайдгирии бевоситаи ҳар як ҳаводиси алоҳидаи ҳаракати муҳоҷирон, ҳам дар макони собиқа ва ҳам дар макони навашон мебошад. Бо ин роҳ

---

омилҳои асосӣ дар рушди ҷараёнҳои ҳиҷратӣ барои маҳалҳои баромад омилҳои манфӣ бошанд. 4. Самарабахшии ҷараён ва ҷараёни бозпас тамоюли паст будан дорад, агар ҷараён ба ҳарду самт якранг бошад. 5. Самарабахшии муҳоҷират баланд хоҳад шуд, агар ҳолатҳои халалдиҳандаи бузург вуҷуд дошта бошанд.

[20] 1.Муҳоҷират селективӣ аст. 2. Муҳоҷир аз ибтидо барои омилҳои мусбӣ дар мавзеи сукунат масъул аст, дар мавриди селектив (беҳсозии насл) будан тамоюли мусбат дорад.

3. Муҳоҷир аз ибтидо барои омилҳои манфӣ дар маҳалҳои баромад масъул аст, тамоюли селексияи манфӣ дорад, ё ки омилҳои манфӣ тамоми гурӯҳҳои аҳолиро такон медиҳанд, онҳо метавонанд барои селексия шудан ба кор наоянд. 4. Ҳама муҳоҷиронро якҷоя нигоҳ доштан лозим, селективнокии муҳоҷирон тамоюли думодалӣ (шартӣ) дорад. 5. Дараҷаи селективии мусбат бо мушкилоти ҳолатҳои халалдиҳанда афзоиш меёбад. 6. Тақвияти майл ба муҳоҷират дар давраи муайяни зиндагӣ дар селективӣ будани муҳоҷирон муҳим аст. 7. Тавсифи муҳоҷират тамоюли мобайнӣ будан миёни аҳолӣ дар маҳалли баромад ва аҳолии маҳаллӣ сукунат дорад.

шумораи омадурафт барои давраи мушаххас, ҳайати муҳоҷирон ва самтҳои муҳоҷират муайян карда мешаванд.[21]

Методи дигар дар асоси ба қайд гирифтани ҷои таваллуди ҳар як шахс ҳангоми гузаронидани баҳисобгирии аҳолӣ амалӣ карда мешавад.

Методҳои ғайримустақим аз тариқи ҳисоби ҳаҷм ва самтҳои муҳоҷират, истифодаи маводи омории соҳаи кор (меҳнат) ва нақлиётро дар назар доранд.

Методҳои омӯзиши омории интихобӣ дар мавриди муҳоҷирати бебозгашт (кӯчидан), бахусус бобозгашт (мавсимӣ, ақрабакӣ, кори хориҷӣ) низ вуҷуд доранд. Баргузор намудани мусоҳиба ва пур кардани варақаҳо аз ҷониби муҳоҷирон низ истифода бурда мешаванд. Ҷамъоварии иттилоот дар бораи муҳоҷирати аҳолӣ хусусияти яквақтӣ дорад, вале муҳоҷират ин равандест, ки дар замони тӯлонӣ ба амал меояд. Барои рафъи ин ихтилоф методҳои таҳқиқӣ, такрор ва арзёбиҳои коршиносӣ истифода карда мешаванд. Ҷамъбасти иттилоотии аввалия дар бораи муҳоҷират интихоби методҳои риёзӣ, васоити техникӣ, тарзи гурӯҳбандӣ ва пешниҳоди натиҷаҳои бадастомадаро дар назар дорад.

[21] Мукадимаи мухочиратшиносӣ Махмадбеков М., Мирзоев С., Ҳакимов П. Душанбе- 2012

## 2. НАЗАРИ ТАЪРИХӢ БА МУҲОҶИРАТИ АҲОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Муҳоҷирати тоҷикон ба кишварҳои дуру наздик аз қадимулайём вуҷуд дошт. Он бо сабабҳои мухталиф: тиҷорат, саёҳат ва ғайра сурат мегирифт, вале хусусияти оммавӣ надошт. Аксарияти кулли ҳамватанони мо боз ба Ватан бармегаштанд. Ҳар як мавҷи муҳоҷирати тоҷикон ба хориҷи кишвар сабабҳои умумии дигаре низ доштанд. Айни замон ҳамаи марҳилаҳои муҳоҷират сабабҳои умумии дигаре низ доранд: ҷангҳои мухталиф-ҳуҷуми аҷнабиён ва сиёсати мустамликавии онҳо, фишор ва тазйиқи забткорон нисбат ба мардум, ҷангҳои шадиди дохили сулолаҳо ва ғайра. Олими тоҷик М.Бобохонов панҷ марҳилаи муҳоҷиратро дар китобаш «Таърихи тоҷикони ҷаҳон» дарҷ намудааст. Марҳалаҳо ва сабабҳои мушаххаси онҳо чунинанд:

**Марҳилаи якуми** фирор, асосан, аз миёнаи асри VII, яъне баъд аз ҳуҷуми арабҳо ба Ватани тоҷикон, тасарруф ва сиёсати иртиҷоии онҳо нисбат ба тоҷикон, то нуфуз пайдо кардани сулолаҳои Бармакиён, Тоҳириён ва Саффориёнро дар бар мегирад. Маҳз дар ҳамин давра аз таъқиб ва зулму истибдоди аҷнабиёни араб садҳо ҳазор нафар пайравони дини зардуштӣ Ватани аҷдодии худро тарк намуда, дар хориҷа паногоҳ ёфтаанд. Дар ин бора мактуби олим ва ходими барҷастаи ҳаракати миллӣ – озодихоҳии ҷаҳон, Асосгузори давлати соҳибистиқлоли Ҳиндустон Ҷавоҳирлаъл Неҳрӯ аз таърихи 26 апрели соли 1932 ба духтараш шаҳодат медиҳад. Ӯ навиштааст, ки «Пайравони оини зардуштӣ аз таъқиби арабҳо ба Ҳиндустон омада, дар ин ҷо маскан гирифтанд. Порсҳои имрӯзаи ҳиндустонӣ ворисони зардуштиёни қадим мебошанд». Ҷавоҳирлаъл Неҳрӯ дар китоби дигари худ теъдоди фирориёнро ҳам тақрибан зикр намудааст: 1 300 сол қабл аз ин ба Ҳиндустон садҳо ҳазор нафар пайравони оини зардуштӣ аз Эрон (Мовароуннаҳру Хуросон – М.Б.) ба соҳили ғарбии Ҳиндустон омада маскан гирифтанд.

**Марҳилаи дуюм** аз охири асри X ва аввали асри XI сар шуда, то ибтидои асри XIII, яъне аз давраи аз байн рафтани давлати тоҷикон – Сомониён ва қувват гирифтани сулолаҳои туркнажод – Ғазнавиён, Қарахониён ва Салҷуқиёнро дар бар мегирад. Дар ин солҳо аз як тараф даҳҳо ҳазор нафар тоҷикон дар қатори халқҳои дигар бо фармони Маҳмуди Ғазнавӣ барои хароб намудани бутхонаҳо ва ба ҷойи онҳо бунёд кардани масҷидҳо, аз тарафи дигар, барои паҳн намудани дини ислом зӯран ба Ҳиндустон бурда шуданд. Қисме аз

онҳо дар он ҷо Ватани доимии худро пайдо намуданд. Илова бар ин, маҳз тайи ҳамин солҳо аз ҷангҳои байни сулолаҳо ва тарғиби тартиботи иртиҷоии онҳо даҳҳо ҳазор тоҷикон Ватани аҷдодии худро тарк карда, дар ин мамлакат маскан гирифтанд.

**Марҳилаи сеюм** фирори тоҷикон аз ибтиои асри XIII оғоз ёфта, то аввали солҳои 70-уми асри XIV давом кардааст. Ин давра даврai мудҳиштарин ва сангини онҳо буда, истилои урдӯи муғул, харобиовариҳо ва қатлиому забткориҳои онҳоро дар бар мегирад. Дар ин солҳо садҳо ҳазор нафар тоҷикон ва халқҳои дигар ватани худро тарк намуда, ҳарҷӣ дуртар аз ин диёр – ба Ҳиндустону мамолики араб кӯч бастанд[22].

**Марҳилаи чаҳорум** аз нимаи дуюми арии XV – то охири асри XVIII, яъне аз даврai ҷангҳои байнихудии сулолаи Темуриён ибтидо гирифта, то ҷангҳои сулолаҳои Шайбониён бо Темуриён, Сафавиёну Шайбониён ва Шайбониёну Ҷониён ва ҷангҳои дохилихудии ин сулолаҳоро дар бар мегирад. Дар ин давра низ тоҷикон ва халқҳои дигар маҷбур шуданд ба мамлакатҳои гуногун, аз ҷумла ба Ҳинудстон, Россия ва Чин фирор намоянд. Теъдоди онҳо ба даҳҳо ҳазор нафар мерасид. Фирориёни ин давра ҳам ба монанди давраҳои собиқ, пеш аз ҳама равшанфикрон – нависандагон, шоирон, олимон ва ҳунармандон буданд[23].

**Марҳилаи панҷум** аз ибтидо то солҳои 60 – уми асри XIX , яъне аз ҷангҳои байнихудии хонигарӣ ва бекигариҳои Осиёи Миёна, Афғонистону Хуросон то забт шудани Осиёи Марказию Хуросон аз ҷониби Россия ва Англияро дар бар мегирад. Ин давра ҳам, тоҷикон ба таври оммавӣ ба Ҳиндустону Чин ва Арабистон фирор намуданд. Сабабҳои фирорро, ки дар боло нишон додем, ба ҳамаи панҷ марҳилаи зикршуда мансубанд.

Академики тоҷик Акбари Турсон дар бораи муҳоҷирати тоҷикон ба Ҳиндустон чунин мегӯяд. «Чунон ки аз таърих медонем, ба Ҳиндустон аввал зардуштиёни Эрон кӯчиданд, сонӣ аз аҳди Султон Маҳмуд сар карда, ба он тараф тоҷикони Варорӯду Хуросони Шарқӣ рафтанд - нахуст дар сафи лашкари Бобур ва сонӣ ба унвони муҳоҷири сиёсӣ. Муҳоҷирати аҳли қалами Варорӯд ба Ҳиндустон хусусан дар замони ҳукумати ишғолгарони шайбонӣ (аз оғози қарни XVI сар карда) вусъат гирифт. «Рӯ ба Ҳинд овардани соҳибдилон аз баҳри чист?» (Абдулқодири Бедил) Сабаби асосии ҷалоли ватан кардани адибону ҳунарварон ин буд, ки дар натиҷаи вайрон, талаву

---

[22] М.Бобохонов «Таърихи тоҷикони ҷаҳон» Душанбе «Ирфон» 2002с-ҳ 101-102
[23] М.Бобохонов «Таърихи тоҷикони ҷаҳон» Душанбе 2002 «Ирфон» с-ҳ 101-102

тороҷ ва нотинҷ шудани кишвар иқтисоду тиҷорат ва муҳити илмию фарҳангии щаҳрҳои тоҷикнишин хароб гардиданд. Масалан, вақте ки расадхонаи Самарқандро вайрон карданд, кормандони он ба кишварҳои дигар кӯчиданд. Бахусус, дар Ҳиндустон барояшон шароити мусоид фароҳам оварданд. Дар он ҷо бо фармони Муҳаммадшоҳ барои ҳайатшиносони вилоятзо (ҳиндувон муҳоҷирони варорудиро ҳамин тавр меномиданд) расадхонаҳои бузург сохта, онҳоро бо асбобу ускунаи мукаммали мушоҳида ва иртифоъ ҷиҳозониданд. Ба туфайли ҳамин амру амали хайр муҳоҷирони варорудию эронӣ дар ҳамкорӣ бо мутахассисони таҳҷоӣ "Зиҷи нави Муҳаммадшоҳӣ" ном ҷадвали ситораҳои намоёнро ба тоҷикӣ таҳия намуданд, ки дар таърихи илми астрономия нақши равшан дорад. Бо мурури замон нуфузи забону адаб ва илми муҳоҷирони варорӯдию эронӣ дар Ҳинд ба дараҷае расид, ки дар асрҳои ХУШ-Х1Х Ҳиндустон ба маркази таърихнависӣ ва луғатсозию луғатшиносии тоҷикӣ-форсӣ табдил ёфт. Дар зимн бояд афзуд, ки забони форсӣ ба Ҳиндустон аз Эрон не, балки Тӯрон (Варорӯд) рафт. Ин ҳукми таърихиро лексика ва фонетикаи забони тоҷикӣ-форсии роиҷ дар Ҳинди ҳамонвақта, инчунин калимоти аз тарафи забонҳои ҳиндӣ ва урду иқтибосшудаи форсӣ тасдиқ мекунанд».[24]

Чи тавре , ки маълум аст, таърихи паҳну парешон гардидани халқи яҳудӣ ба умқи асрҳои қадим мерасад. Тақрибан 2500 сол муқаддам аз тарафи шоҳи ассириягиҳо Саргони II ва ҳокими Вавилон Навуходонсори II сарзамини яҳудиён тасарруф гардид. Пас аз ҷараёни дуру дарози парешоншавии ин халқ аз ватан ва пайдоиши ҷамоатҳои бисёри он дар минтақаҳои гуногуни кураи замин оғоз гардид. Ба ҳамин минвол, гурезаҳои яҳудӣ ба ҷустуҷӯи зиндагии беҳтар дар ҳудуди Осиёи Миёна аз тариқи Эрон ва дигар давлатҳои ҳамҳудуд пайдо гардиданд.

Яҳудиён дар Марв, Урганҷ, Хива, Самарқанд, Бухоро, Шаҳрисабз, Қӯқанд ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна маскун шуда, хислату хусусиятҳои гуногуни халқҳои маҳаллиро қабул намуда, тадриҷан ҳамчун миллати махсус ташаккул ёфтанд. Онҳо унвони «Яхудиёни бухорӣ»- ро дар давраи ҳукмронии Темури ланг, дар охирҳои асри XIV ва аввали асри XV ба худ гирифтаанд. Маҳз дар ҳамон замон «Ланги оҳанинрой» дар ҷумлаи ҳазорон ғуломони дигар оилаҳои яҳудиро аз Бухоро овард, то Самарқанди харобкардаашро обод намояд ва ҳамон вақт унвони «Яҳудиёни бухорӣ» ҳам пайдо шуд.

---

[24] Акбар Турсон «Навбаҳори Варорӯд» Пайванд –Душанбе -2011. С-49-50

Имрӯз дар ҷаҳон тақрибан 300 ҳазор яҳудиёни бухорӣ умр ба сар мебаранд ва забони тоҷикӣ забони модариашон маҳсуб меёбад.

Садриддин Айнӣ дар асараш «Конститутсияи сталинӣ ва яҳудиҳои меҳнаткаш», аз яҳудиён ёдовар шудааст. Устод Айнӣ, ки зиндагии ӯ бештар дар Бухоро ва Самарқанд гузаштааст ва дар ин шаҳрҳо аксарияти яҳудиёни бухорӣ ё ба тарзи дигар, яҳудиёни маҳаллӣ будубош доштанд, ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти ин гурӯҳи этникӣ диққат надода наметавонист. Устод ҳанӯз дар давраи муҳассили мадраса буданаш рӯзгори маишӣ, урфу одат, фаъолияти касбии онҳоро, ки ба таври анъанавӣ бо корҳои пардозгарӣ, бофандагӣ ва савдо машғул мешуданд, дақиқан мушоҳида менамуд. Бинобар ин, нависанда мавқеи маҳдуди ҷамъиятии яҳудиёни бухориро дар аморати Бухоро нишон додааст. Яҳудиён ҳатто дар чунин шароит ҳам бо маҳорати ҳайратангези худ дар муҳити бегона мутобиқат намуда, ҳеҷ вақт ноумед намегардиданд ва ба мазҳабу анъанаи худ такя карда, бар алайҳи таассуб бобақою пойдор буданд, ки худи ҳамин далел дар таърихи инсоният беназиру хориқа аст. Дар муҳлати 2000 сол гарчи расму оин, забону фарҳанги халқҳои Осиёи Миёнаро гирифта бошанд ҳам, вале дину мазҳабашонро иваз накардаанд , яъне онҳо ба ин ҷомеаҳо хамроҳ шуда ҳамгироӣ ёфтаанд.

Агар мо танҳо давраи таърихии баъди аз тарафи қабилаву халқиятҳои туркзабон барҳам додани давлати аввалини тоҷикон – Сомониёнро чун мисол оварем, мебинем, ки тоҷикон зери фишори бодиянишинон дар зарфи қариб 1000 сол аз маҳале ба маҳале, вилояте ба вилояте муҳоҷират мекарданд. Онҳо бештар дар натиҷаи ҳуҷуму тохтутозҳои бодиянишинон, аз водиҳои сарзамини Зархез ба мавзеъҳои бехавфи кӯҳу доманкӯҳҳо кӯч баста, ба кишоварзию ҳунарҳои мардумӣ шуғл меварзиданд. Хамаи ин аъмоли онҳо хусусияти маҷбурӣ дошт. Зеро табиату сиришти халқи тоҷик муқиминишиниро мепарварад. Қабилаҳои турк бошанд, водиҳову марғзорҳои тоҷиконро ба чарогоҳҳои чорвои калону майда табдил дода, ба ҳаёти кишоварзон зарари калон мерасониданд.[25]

Таҳқиқи ҷанбаҳои асосии раванди муҳоҷирати корӣ дар тӯли садсолаҳо идома ёфта, олимони соҳаҳои мухталифи илм бо истифода аз равияҳои гуногун барои муайян намудани конунияти рушди он саҳми қобили имкони худро гузоштаанд. Бахусус, омӯзиши масъалаҳои муҳоҷирати корӣ аз ҷониби муҳаққиқони аврупоӣ дар нимаи дуюми асри XIX вусъат пайдо кардааст. Бори аввал роҷеъ аз мардикорони кӯҳистонӣ дар навиштаҳои худ сайёҳи машҳур

---

[25] Абулҳасв Рақиб «Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000)» Душанбе «Дониш»-2012 с-ҳ-3

А.П.Федченко соли 1871 ёдовар мешавад. Теъдоди зиёди қаротегиниҳо ба ҳайси коргарони мавсимӣ, мардикорони Фарғонаю Тошканд дар фасли хазон, баъди ҷамъоварии ҳосил, барои пайдо кардани даромаде мерафтанд ва баҳорон барои кишту кор бармегаштанд. Баъзе аз ин мардикорон дар сарзаминҳои бегона муқимӣ гардида, оиладор мешуданд ва ҳамеша ё замони тӯлонӣ дар он кишварҳо мемонданд[26].

Дар бораи тоҷикони кӯҳистон дар Фарғона В.П. Наливкин маълумот медиҳад. Падидаи мардикорӣ бинобар паст будани сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолӣ, барзиёд будани аҳолии аграрӣ дар Қаротегин, камзаминӣ ё безаминӣ, фақру нодорӣ, инчунин барзиёд будани қувваҳои корӣ дида мешавад.

Дар соли 1916 дар саноати Туркистон (ба шумули Бухоро ва Хева) 30 ҳазор коргарон бо кор фаро гирифта шуда буданд. Барои Туркистон тартиби табъизи миллии пардохти музди кор барои коргарон расм гашта буд. Музди кори коргарони маҳаллӣ то 30-40% пасттар аз коргарони империяи Руссия буд. Дар саноати Туркистон рӯзи корӣ ба ҳисоби миёна аз 10-10,5 соат иборат буд. Дар мавсими доғ сармоядорон рӯзи кориро то 16-17 соат мерасониданд. Дар саноати бофандагии Руссия як коргар ба ҳисоби миёна, моҳе 250 соат кор мекард, вале дар саноати коркарди пахта дар Туркистон- 250-270 соат кор мекард. Шароити манзилии коргарон низ хеле ногувор буд. Коргарон дар биноҳои истеҳсолӣ, хонаҳои партов ё дар ҳавои кушод зиндагӣ мекарданд[27].

Асосан, қисматҳои ҷанубӣ ва марказии Тоҷикистони имрӯза Бухорои Шарқиро ташкил медоданд, ки ба он бекигариҳои Ҳисор, Сариосиё, Қаротегин, Дарвоз, Балҷувон, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва Қубодиён шомил буданд. Дар бораи сохтори иҷтимоии Аморати Бухоро маълумот додан хеле мушкил аст, зеро теъдоди аҳолии дар ҳудуди Бухорои Шарқӣ маскунбуда, дақиқан маълум нест. Баргузор намудани шумору омори аҳолӣ бар асоси ақоиди мазҳабӣ аз ҷониби амир рад мегардид, аз ин рӯ, ҳамагуна рақамҳо оид ба миқдори ҳайати аҳолӣ комилан тахминӣ мебошанд. Оид ба шаклу намудҳои муҳоҷирати аҳолӣ танҳо мувофиқи маълумоти мақолаҳои сайёҳону донишмандони рус муҳокима рондан мумкин аст.

Масалан, тибқи гуфтаҳои Нечаев А.А., аҳолии Бухорои Шарқиро асосан тоҷикон ташкил медоданд, ки онҳо аз лиҳози этникӣ аз аҳолии дигар манотиқи Бухоро-туркзабонон фарқ мекарданд. Тоҷикон тарзи

---

[26]Федченко А.П «Путешествие в Туркестан в Кокандском ханстве», саҳ. 95.
[27].Кисляков Н.А «Очерки по истории Каратегина». Сталинабад, 1954-саҳ.45

зиндагии муқимӣ ва туркон - кӯчманчигӣ доштанд. Бахши бештари аҳолӣ деҳқонони безамин буданд, аз онҳо андоз ва боҷу хироҷи зиёд меситониданд. Бинобар ин, онҳо маҷбур мешуданд, ки сарчашмаҳои дигари зиндагиро биҷӯянд ва барои ҷустуҷӯи кор ба шаҳрҳои Осиёи Миёна ва Қафқоз сафар кунанд[28].

Сарчашмаҳои дигар низ собит месозанд, ки деҳқонони Бухорои Шарқӣ барои кор ба Россия сафар мекарданд ва теъдоди онҳо дар баъзе солҳо то ба 20 ҳазор нафар мерасид. Тазаккур дода шудааст, ки ин «Мардикорон» дар Россия ба корҳои ғайриихтисос машғул шуда, дар шароити мушкил зиндагӣ мекарданд. Аммо ин дучор омадан бо шаклҳои нави муошират ва муҳити дигари забонӣ низ буд. Ин гурӯҳи иҷтимоии махсусе дар таркиби аҳолии Бухорои Шарқӣ буд, ки чун деҳқон монда, дар асл, вобаста ба хусусияти кори худ, аллакай ба нимпролетар табдил меёфт. Маҳз ҳамин гурӯҳи иҷтимоӣ дар таърихи Тоҷикистон нақши махсус бозида, паҳнкунандаи ғояҳои сотсиалистӣ дар Бухоро, ки ба таҳаввулоти бунёдӣ нигаронида шуда буданд, мегарданд[29].

Пас аз инқилоби Октябр дар Руссия ва таъсиси Ҷумҳурии Халқии Бухоро, Бухорои Шарқӣ ба ҳайати он дохил гардид. Аз як тараф мақомоти давлатии Шӯравӣ ба миён омаданд ва аз ҷониби дигар, сохтори иҷтимоӣ мисли пеш-анъанавӣ боқӣ монд. Ҳокимияти нави давлатӣ ба муқовимати шадиди босмачиҳо дучор омад ва задухӯрдҳо то солҳои 30-уми асри гузашта идома доштанд.

Фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин давра мутобиқи «Низомнома дар бораи Комиссияи Марказии Идорӣ оид ба кӯчондани унсурҳои хавфноки иҷтимоӣ дар назди Ҷумҳурии Сотсиалистии Автономии Тоҷикистон» ба роҳ монда шуда буд. Тибқи ин санад босмачиҳо ва шарикони онҳоро зӯран мекӯчониданд ё аз кишвар меронданд. Чунин одамон ба муҳоҷирони иҷборӣ табдил меёфтанд.

Аз ибтидои соли 1918 сар карда, то нимаи соли 1930 ҳукумати нав ба воситаи аскарони сурх ба муқобили босмачиён ҷанги беамон бурд. Дар ҷараёни ин мубориза ҳазорҳо нафар одамони бегуноҳ низ кушта шуданд. Дар рафти мубориза ба муқобили душманони «синфӣ» мусодира намудани амволи онҳо, мубориза ба муқобили «муллоҳо», коллективонидани хоҷагии қишлоқ, ҳукумати нав ба камбудиҳои ҷиддӣ роҳ дод. Дар натиҷа даҳҳо ҳазор одамони бегуноҳро чун кулак нест карда, даҳҳо ҳазор нафари дигарро ба ҳабс гирифта, ҳазорҳо

---

[28] Нечаев А.А. Горная Бухара –Санкт –Петербург, 1914.Сах 47

[29]. Трансформации социальной структуры Таджикистана в XX веке (миграционный аспект) Николаева Л. Душанбе, 2003. . саҳ. 45.

нафар бо оилаҳояшон ба Сибиру Қафқоз ва дигар минтақаҳо бадарға карда шуданд. Чунин сиёсат норозигӣ ва ғазаби гурӯҳи калони одамонро ба миён оварда, боиси фирори тоҷикон аз Ватан гардид. Дар марҳилаи аввал фирори тоҷикон чун ду мавҷи бузурге сурат гирифт: аввал то миёнаи солҳои 20-ум. Дар ин солҳо аз вилоятҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Ҳисор беш аз 44 ҳазор хоҷагӣ ё худ 205 ҳазор нафар аҳолӣ, ки 33 фоизи тамоми хоҷагиву аҳолиро ташкил мекард, ба Афғонистон фирор карданд. Дар ин давра аҳолии Тоҷикистон беш аз ним миллион (543505) нафар аз ҳисоби муҳоҷирон ва қурбониён кам шуд[30]. Сабабҳои фирори тоҷикон дар давраи нав бевосита ба фаъолияти давлати навбунёди Шӯравӣ марбут аст. Каҷравӣ дар ҷараёни бунёди сохторҳои нав, ки қаблан қайд кардем, сабаби асосии фирори тоҷикон дар марҳилаҳои мухталиф мебошад. 22 сентябри соли 1925 Комиссияи марказии Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Худмухтори Сотсиалистии Шӯравии Тоҷикистон оид ба расонидани ёрӣ ба муҳоҷирони баргашта ва босмачиёни ихтиёран таслимшуда, таъсис дода шуд. Ҳадаф аз таъсиси ин комиссия пазириш ва мусоидат ба муҳоҷирони баргашта буд[31].

Бояд ёдовар шуд, ки муҳоҷирати оммавии аҳолӣ аз Тоҷикистон дар солҳои 20-уми асри гузашта дар замони Шӯравӣ таҳқиқ нашудааст. Муҳоҷирати унсурҳои иҷтимоан бегона чун гурез аз инқилоб ва ҳокимияти мардумӣ арзёбӣ мегардид.

Дар солҳои 20-ум раванди бозгашти фирориён ба Тоҷикистон ба вуқӯъ пайваста буд.

Бозгашти муҳоҷирони иҷборӣ ба Тоҷикистон аз Чин ва Афғонистон дар солҳои 1925-1926 сурат гирифта буд. «Шумораи умумии фирориёни бозгашта дар моҳи марти соли 1922 4500 хонаводаро ташкил медод. Агар суръати бозгашти муҳоҷирин мисли пешина боқӣ монад ва афзоиш наёбад, он гоҳ дар охири соли 1926 бояд 3150 хонаводаи дигарро, ки 16050 нафарро ташкил медиҳад, дарбар мегирифт. Раванди бозгашти фирориён аз Афғонистон ба Тоҷикистон дар солҳои 20-уми қарни XX омӯхта нашудааст.

Баъди инқилоби Октябри соли 1917, замони муборизаҳо зидди босмачигарӣ, ба хатогиҳои калон роҳ дода шуда буд, ки ба муҳоҷирати зиёди аҳолӣ оварда расонид[32]. Ба ақидаи профессор Мансур Бобохонов, теъдоди муҳоҷирони иҷборӣ чандин маротиба аз

---

[30] М.Бобохонов «Таърихи тоҷикони ҷаҳон» Душанбе 2002 «Ирфон» с-ҳ 101-102

[31] Николаева Л. Ю.Трансформации социальной структуры Таджикистана в XX веке (миграционный аспект) Душанбе, 2003, сах. 44.

[32] Бобохонов.М. Истории таджиков мира. Душанбе , 2005.- Саҳ.5.

ҳисоботҳои расмӣ зиёдтар буд. Дар соли 1936 теъдоди гурезаҳо дар Афғонистон 120 ҳазор оиларо ташкил медод, ки ба 600 ҳазор нафар одам рост меомад.[33]

Ба хоки Афғонистон гурехтани садҳо ҳазор аҳолии Тоҷикистонро амири Бухоро, пайравон ва идеологҳои ӯ дар шахси намояндагони руҳониён бо роҳи ташвиқу тарғиб ва таъқибу зӯрӣ бо мақсадҳои зерин ташкил карда буданд: Пеш аз ҳама аз таъқиби қисмҳои Артиши Сурх ба ҳарос омада, онҳо гурезаҳоро ҳангоми аз дарёи Панҷ гузаштан ҳамчун сипар истифода мебурданд. Ғайр аз ин, амиру амалдорони собиқи ӯ ба воситаи гурезаҳо бар умеди фардо бисёр чизу чора ва бойгарии Тоҷикистонро ба Афғонистон мекашониданд. Мақсади дигарашон аз он иборат буд, ки мехостанд аз ҳисоби гурезаҳо қувваҳои мусаллаҳи низомӣ ғун карда, бо ёриву мадади мамолики хориҷӣ барои барқарорсозии ҳокимияти хеш кӯшиш ба харҷ диҳанд.[34] Дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ ё худ задухӯрдҳои қисмҳои Артиши Сурх ва дастаҳои босмачиён диёри тоҷикон ба майдони ҳарбу зарби қувваҳои ҳангоматалаб ва мансабталош табдил ёфта буд. Даҳҳо ҳазор деҳқонон аз макону ҷойи муқимии хеш фирор карда, барои наҷоти ҷони худу аҳли оилаашон дар ноҳияҳои нисбатан бехавфи кӯҳию баландкӯҳ маскан гирифтанд. Аз давраи ба хориҷа фирор кардани собиқ амири Бухоро сар карда, то барҳам додани дастаҳои асосии босмачиён, ҷараёни ба Афғонистон гурехтани қисми аҳолии Тоҷикистон идома дошт. Таркиби иҷтимоии фирориёни берун аз марзи Тоҷикистон гуногун буд. Ҳайати гурезаҳоро табақаҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва беш аз ҳама, деҳқонон ташкил мекарданд. Бештари меҳнаткашоне, ки ба хоки Афғонистон гурехтанд, аҳолии ноҳияҳои сарҳадӣ ва водиҳои зархези қисми марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон маҳсуб мегаштаанд.

Мавҷи муҳоҷирати тоҷикон дар нимаи дуюми солҳои бистум сар шуда, миёни солҳои сиюм ба итмом расид. Дар ин солҳо асосан аз Тоҷикистони шимолӣ фирор намуданд, ки он ба сохтмони колхозӣ зич алоқаманд буд. Ғайр аз ин, дар он солҳо мубориза ба муқобили рӯҳониён, чун душманони ҳукумати шуравӣ, беш аз пеш ривоҷ ёфт. Дар саросари мамлакат масҷидҳо ва мактабҳои кӯҳна баста шуданд. Соли 1927 судҳои мусулмонӣ барҳам дода шуда, заминҳои вақф мусодира карда шуданд. Дар ин солҳо ба Хитою Ҳиндустон фирор кардани аҳолӣ қариб хусусияти оммавӣ гирифт. Соли 1936 танҳо дар

---

[33] Бобохонов.М. Истории таджиков мира. Душанбе , 2005.- Саҳ.111.

[34] Абулҳаев Рақиб «Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000)» Душанбе «Дониш»-2012 с-ҳ-60-61

Афғонистон теъдоди муҳоҷирон аз 120 ҳазор хонавода ба 600 ҳазор расид.[35]

Соли 1926 – ум дар ҳаёати сиёсию ҷамъиятии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ба вуқуъ пайвастанд. Дар ин сол баъди асосан барҳам додани дастаҳои босмачиён, таъмину барқарор ва муътадилии ҳаёти сиёсии ҷомеа дар саросари ҷумҳурӣ бори нахуст маъракаи интихоботи шӯроҳо гузаронида шуд, ки вай ба сохтмони васеи давлати Шӯравӣ дар қаламрави Тоҷикистон асос гузошт. Моҳи ноябри ҳамон сол Пленуми дуввуми ташкилии Ҳизби Камунистии (болшевикӣ)-и Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон баргузор шуда, масоили ҳизбию хоҷагӣ ва сохтмони маданӣ мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар форуми ҳизбӣ нақшаҳои минбаъдаи ин чорабинии ниҳоят муҳими иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҳаматарафа муҳокима карда шуд, зеро ҳалли масъалаи замин роҳҳои ба эътидол овардани вазъи ҷомеа ва муносибатҳои заминдорию истифодаи самараноки он, ба водиҳо кӯчондани қисми зиёдатии қувваи кории ноҳияҳои кӯҳию наздикӯҳӣ ва бо ҷою макон таъмин намудани деҳқононе маҳсуб мешуд, ки солҳои ҷанги дохилӣ ба Афғонистон фирор карда, баъд ба Ватан баргашта буданд. Дар нимаи дувуми солҳои 20- ум яке аз равандҳои муҳими сиёсати аграрии Ҳукумати Шӯроҳо дар Тоҷикистон аз ноҳияҳои камзамину сераҳолӣ ба водиҳои серзамину камаҳолӣ муҳоҷир кардани ҳазорҳо хоҷагиҳои деҳқонон ба ҳисоб мерафт. Муҳоҷиркунӣ на ба таври стихиявӣ, балки дар шакли банақшагирии давлатӣ сурат гирифт. Масъалаи ҷо ба ҷо кардани гурезаҳои аз қаламрави Афғонистон баргаштаро танҳо бо роҳи инкишофи соҳаи обёрӣ, аз худ кардани заминҳои навкорам, бекорхобида ва ба роҳ мондани сиёсати муҳоҷиркунӣ ҳаллу фасл кардан мумкин буд.[36]

Зикр бояд кард, ки дар адабиёти илмӣ ду мафҳум, муҳоҷират ва сокиншавӣ истифода мешавад, ки яке давоми дигар аст, чунки мафҳуми муҳоҷират доимӣ, вале сукунат ё сокиншавӣ, қатъи муҳоҷират аст.

Муҳоҷиркунӣ ва сокиншавӣ дар замони Шӯравӣ як амали созандаи нақшавӣ буда, аз як тараф маънии дуруст ҷобаҷокунии қувваи корӣ, яъне аз кӯҳистон ба водиҳо кӯчонидан, аз тарафи дигар, ба кор даровардани заминҳои бекорхобида ва ба раванди истеҳсолот воридсозии онҳо, яке аз ҳадафҳои асосии сохти шӯравӣ буд. Ин масъала дар адабиёти таърихӣ ва ҳуқуқии умумииттифоқӣ, аз ҷумла

[35] Абулхаев Рақиб «Таърихи мухоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000)» Душанбе «Дониш»-2012 с-х-3

[36] Абулхаев Рақиб «Таърихи мухоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000)» Душанбе «Дониш»-2012 с-х-36

Тоҷикистон шарҳу эзоҳи худро ёфтааст. Оид ба мафҳуми сокиншавӣ ва дар охири солҳои 20- ум аз байн рафтани он аз асарҳои олимон А. Н. Волков, И. В. Павлов, Д.И. Шинджикашвилӣ ва дигар маълумот пайдо кардан мумкин аст.[37]

Хусусияти миллати тоҷик дар гузашта аз он иборат буд, ки барояш тарки ватан ё зодгоҳ кардан хеле мушкил буда, дар лаҳзаҳои хеле мушкил ва тоқатнофарсо ба ҷои дигар кӯч мебаст. Барои ҳамин ҳам, агарчи деҳқонони ноҳияҳои кӯҳӣ ба заминҳои корам эҳтиёҷоти зиёд дошта бошанд ҳам, онҳоро ба макони дигар кӯчонидан ва аз ҷиҳати хоҷагӣ бо низом ҷо ба ҷо кардан кори ниҳоят душвор ва заҳматталаб буд. Аз байни деҳқонон ашхосе ёфт мешуданд, ки ба макони кӯхан ё тавре, ки мегӯянд, бобоӣ сахт часпида гирифта, ҳатто ба камзаминиву безаминӣ нигоҳ накарда , майли ба ҷойи дигар кӯчидан надоштанд ва ба чунин одамон деҳқонони дигар низ пайравӣ мекарданд.

Баъди каме муътадил гаштани вазъияти сиёсӣ ва ба Ватан баргаштани гурезагон, аз охирҳои соли 1923 ва аввали соли 1924 баъди торумори қувваҳои асосии гурӯҳҳои мухолифин ва рӯ ба беҳбудӣ ниҳодани вазъу шароити ҳарбию сиёсӣ оғоз ёфтааст.

Бо мақсади бонизом ва дар сатҳи давлатӣ ҳал кардани масъалаи фирориёни аз мамолики хориҷабаргашта, Кумитаи инқилобӣ барои таъсиси як комиссияи салоҳиятдор қарор қабул намуд. Дар ҳақиқат, 13 апрели соли 1925 Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон бо қарори расмии хеш оид ба расонидани кӯмак ба гурезагони бозгашта комиссияи марказӣ таъсис дод. Мақсади ин комиссияи салоҳиятдор ба гурезагони аз Афғонистон баргашта сари вақт расонидани ёрии моддӣ, яъне ба онҳо ҷудо кардани замин ва додани пулу қарз буд. Дар натиҷа, баҳори соли 1925 шумораи гурезагони бозгашта ба 6 ҳазор хоҷагӣ расида буд. Бояд қайд кард, ки шумораи гурезагони ба Тоҷикистон баргашта дар ҳамин давра ҳам тахминӣ буда, дар сарчашмаҳои мухталиф ҳар гуна рақамҳо оварда мешаванд. Ин гуногунии рақамҳо аз он сабаб дучор мешуданд, ки аз тарафи ташкилотҳои салоҳиятдори давлатӣ масъалаи баҳисобгирии бозгашти гурезагон ба таври лозимӣ ба роҳ монда нашуда буд.[38]

Дар баробари ин, чараёни муҳоҷиркунӣ дар дохили ҷумҳурӣ, ҳалли масъалаҳои зиёдро талаб мекард. Яке аз онҳо аз ҷойҳои муқимии аввала ба заминҳои нав баргардонидани деҳқонон ба ҳисоб мерафт. Ҳолатҳои аз макони муҳоҷиршуда ба ҷойҳои аввалаи худ баргаштани деҳқонон тез – тез рух медоданд, ки сабабҳои гуногун

[37] Абулхаев Рақиб «Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000)» Душанбе «Дониш»-2012 с-ҳ-37

[38] Абулхаев Рақиб «Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000)» Душанбе «Дониш»-2012 с-ҳ-102

доштанд. Қабл аз ҳама, сабабаш дар он буд, ки дар ҷову макони нав барои ҳаёту зиндагии муҳоҷирон на ҳама вақт шароити зарурӣ муҳайё карда мешуд. Дар вақташ ба муҳоҷирон ёрии иқтисодӣ ва маишию мадании қонунӣ расонда намешуд, аз онҳо пеш аз муҳлати муайян қарзи додаи давлат ва андозҳо ситонида мешуданд. Қисми зиёди муҳоҷирон аз аҳли оилаашон дур буд.

Муҳоҷирати деҳқонон ба ноҳияҳои ҷанубию марказии Тоҷикистон аз беруни ҷумҳурӣ низ давом мекард. Ин муҳоҷирон аслан аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва пеш аз ҳама, водии Фарғона буданд. Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки иншооти ирригатсионии Вахш сохтмони умумииттифоқӣ эълон гардида буд ва он барои истеҳсоли пахта бояд дар муддати нисбатан кӯтоҳ ба анҷом расонида мешуд.

Соли 1931 ободсозии водии Вахш оғоз гардид. Барои давлат ин кори ҳаётан муҳим ва зарур буд. Водии Вахш бояд бузургтарин истеҳсолкунандаи пахтаи маҳиннах дар Иттиҳоди Шӯравӣ мегардид. Барои сохтани низоми обёрии Вахш дар оғоз 160 млн. рубл аз буҷети Иттифоқ ҷудо карда шуда буд. Ин лоиҳа бояд ба Тоҷикистон 84000 гектар замини кишт медод[39]. Сохтмоне дар чунин миқёс ҷалби миқдори зиёди неруи кориро, ки дар Тоҷикистон мавҷуд набуд, талаб мекард. Аз ин рӯ, дар ин ҷо қувваи ашхоси муҷозотшуда ва коргарони кироя истифода бурда шуд. Шароити зиндагии онҳо бениҳоят вазнин буд. Тобистони сӯзон, набудани оби ошомиданӣ, манзили зист ва ғайраҳо ба ҷараёни созандагӣ монеъ мешуданд.

Кӯчонидани мардум ба водии Вахш аз рӯи нақша солҳои тӯлонӣ идома ёфт. Мутобиқи қарори Комитети марказии Партияи Коммунисти болшевикон (КМПКб) ва Шӯрои Комиссарони халқи Ҷумҳурии Сотсиалистии Шӯравии (ҶСШ) Тоҷикистон «Дар бораи нақшаи кӯчонидан ба ноҳияҳои водии Вахш дар соли 1937» кӯчонидани 4000 хонаводаҳо ба водии Вахш пешбинӣ гардида буд, ки 3150 хонавода аз ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон ва 850 хонавода аз ҷумлаи махсус муҳоҷирон алоҳида зикр гардида буд, «ба шарте ки корҳои обёригардонӣ дар воҳаҳои Оққозӣ ва Кофар амалӣ карда шаванд».

Сохтмони Вахш, ки овозааш дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ паҳн гардида буд ва ба анҷоми он ҳамаи ҷумҳуриҳо ҳавасманд буданд, бегуфтугӯ, дар маркази диққати мақомоти ҳизбиву давлатии на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми мамлакат меистод. Масалан, дар қарори пленуми (сентябри соли 1934) Бюрои осиёмиёнагии КМ ҲКУ (б) қайд

---

[39]. Николаева. Л.Ю. Трансформации социальной структуры Таджикистана в XX веке (миграционный аспект). Душанбе, 2003.- Сах.84.

карда шудааст, ки дар натиҷаи ба охир расидани муҳлати навбати якуми сохтмони бузурги Вахш давраи нав оғоз меёбад, ки он аз ҷиҳати мелиоративӣ тайёр кардани заминҳои нав дида мураккабтар аст. Ин давраи нави дар мавзеъҳои водии Вахш ҷойгир кардани муҳоҷирон ва аз лиҳози хоҷагӣ аз худ кардани заминҳои навкорам ва бекорхобида ба ҳисоб мерафт. Дар қарори пленум қайд карда шуд, ки ҷойгир кардани муҳоҷирон ва аз худ намудани заминҳои водии Вахш танҳо кори сокинони Тоҷикистон набуда, балки вазифаи тамоми ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна мебошад. Бинобар ҳамин, дар давраи нави сохтмони ирригатсионӣ – мелиоративии водии Вахш тамоми ҷумҳуриҳои ин минтақа ва умуман, Иттиҳоди Шӯравӣ дасти ёрӣ дароз намуданд.

Солҳои 1941-1950 давраи ҷангро дарбар мегирад. Дар ин солҳо бо сабабҳои мухталиф бархе аз ҷавонписарони тоҷик аз ҷои хизмати ҳарбӣ ва аз ақибгоҳ қисмҳои худро тарк карда, ба ҳудуди давлатҳои дигар фирор намуданд. Баъди ба итмом расидани ҷанг баъзе хизматчиёни ҳарбӣ, ки дар асирӣ буданд, бо сабабҳои мухталиф, аз ҷумла аз тарси ҷазо ба ватани худ барнагаштанд. Муайян намудани теъдоди онҳо хеле душвор аст.[40]

Кӯчонидани аҳолӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ қатъ гардид. Дар ин давра дар Тоҷикистон ҷараёни омадани эвакуатсияшудагон ва аз ҷумҳурӣ муҳоҷирати иҷборӣ намудан, яъне ба ҷанг фиристодани даъватшудагон ба мушоҳида мерасид. Маълумоти дақиқ дар бораи омадагон ба Тоҷикистон ва даъватшудагон ба ҷанг мавҷуд нест. Шумораи шаҳрвандони бедаракшудаи ҶСШ Тоҷикистон дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ 13000 нафарро ташкил медиҳад[41]. Дар 1418 рӯзи Ҷанги Бузурги Ватанӣ халқи тоҷик дар қатори дигар халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ дар торумори фашизм ҳиссаи худро гузоштааст. Аз ҷумла 260 ҳазор нафар ба фронт даъват карда шуда буданд[42]. Зиёда аз 70 ҳазор фиристодагони Тоҷикистон ҷони худро дареғ надошта, барои ҳимояи ватан қурбон шуданд, зиёда аз 60000 ҷанговарон аз Тоҷикистон сазовори гирифтани се дараҷаи ордену медалҳо гашта, аз онҳо 54 нафарашон ба унвони олии Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ мушарраф гашта, 15 нафари дигар ба гирифтани ордени Шараф ноил гардиданд. Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамчун яке аз фоҷиаҳои мудҳиш дар таърихи Тоҷикистон боқӣ монд.

---

[40] Бобохонов М, Таърихи тоҷикони ҷаҳон -с 101-102.

[41] .Николаева Л. Ю. Трансформации социальной структуры Таджикистана в XX веке (миграционный аспект). . - С.84.

[42] Сатторов А.С. Таджикистанцы на фронтах Великой Отечественной Войны. сборник; Великая отечественная война: уроки истории и современность. Душанбе, 2005.- С.40-41

Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ба тамоми паҳлӯ ва ҷанбаҳои хоҷагии халқи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз он ҷумла ба истеҳсолоти кишоварзӣ зарари бағоят калон расонида, онро якчанд сол ақиб партофт. Дар тӯли ин солҳои мудҳиш базаи моддӣ – техникии хоҷагии кишоварзӣ ниҳоят коста гардида, майдони заминҳои киштбоб ва вобаста ба он қувваи корӣ низ хеле кам шуд. Зарари моддие, ки танҳо ба истеҳсолоти колхозӣ расонида шуд, зиёда аз 180 миллиард суми онвақтаро ташкил кард.[43]

Чунин омилро набояд фаромӯш кард, ки дар он солҳо ташкилотҳои истеҳсолӣ ва маъмурии пойтахти Тоҷикистон-шаҳри Сталинобод, ба мутахассисони русзабон бениҳоят ниёз доштанд, зеро қариб дар ҳама ҷо тарзу усули роҳбарию коргузорӣ маҳз бо ҳамин забон сурат мегирифт. Барои ҳамин, танҳо соли 1945-ум аз ҳисоби бадарғашудагони мавзеъҳои дар боло номбурдаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба пойтахт зиёда аз 1000 хоҷагӣ ҷойгир кунонида шуд.

Ба сарзамини Тоҷикистон дар солҳои 30-40-ум беш аз 37700 нафар аҳолии синни қобили меҳнат аз ҳудудҳои мухталифи Иттиҳоди Шӯравӣ табъид (депортатсия) шуда буданд. Доир ба ин теъдод парвандаҳои махсуси муҳоҷирон дар Раёсати иттилоотии ВКД ҶТ маҳфуз аст. Авҷи омадани муҳоҷирон ба Тоҷикистон, тибқи маълумоти РИ ВКД ҶТ, ба солҳои 1944-1945 рост меояд, ки дар ин давра дар Иттиҳоди Шӯравӣ раванди кӯчонидани иддаи махсус аз Қрим идома меёфт. Ба Тоҷикистон тоторҳои Қрим, булғорҳо, юнониҳо, ҷатҳо (сиганҳо) кӯчонида шуданд. Раванди табъиди (депортатсияи) хонаводаҳои рус низ дар ин давра идома дошт ва оилаҳое, ки сарвари онҳо олмонҳо буданд ва ҳамсарашон украинӣ, иҷборан ба Тоҷикистон интиқол дода мешуданд. Бо ин роҳ онҳо камбудии кадрҳои коргариро дар Тоҷикистон бартараф мекарданд. Ин одамон таҷрибаи хуби корӣ доштанд ва муҳимтар аз ҳама, маҷбур буданд тартиботро ҷиддан риоя кунанд. Онҳо барои рушди истеҳсолоти моддии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона мусоидат мекарданд[44]. Раванди интиқоли иҷбории аҳолӣ дар солҳои 50-ум ба ҶСШ Тоҷикистон на танҳо ба раванди азхудкунии заминҳои нав пайвастагӣ дошт, балки бо дигар шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҷумҳурӣ низ иртибот дорад. Масалан, сохтмони НБО-и Қайроққум. Дар «Гузориш дар бораи интиқоли аҳолӣ, хонаҳои истиқоматӣ ва иншооти дигар аз мавзеи обанбор то 1-январи соли 1956 бино бар

---

[43] Абулхаев Ракиб Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000) с-185

[44] Никалаева Л. Ю. Трансформации социальной структуры Таджикистана в XX веке (миграционный аспект) . С-.123.

сохтмони НБО-и Қайроққум» дарҷ гардидааст, ки 833 хонаводa ва 771 нафар колхозчиён кӯчонида шуданд. Аз ноҳияҳои кӯҳӣ низ ба ноҳияҳои пахтакор сокинон кӯчонида шуданд. Бо қарори ҶСШ Тоҷикистон аз 18 феврали соли 1955, №49 нақшаи кӯчонидани 4550 хонавода ба ноҳияҳои пахтакори ҷумҳурӣ тасдиқ карда шуда буд.

Ҷараёни муҳоҷирати иҷборӣ аз ноҳияи Ҳоит дар натиҷаи заминларзаи ниҳоят сахти соли 1949 (тарқибан 8 балл), ки дар Ҳоит ба вуқӯъ пайваст ва ҳудуди 30 ҳазор нафарро қурбонӣ ва зери хок бе ному нишон кард, вобаста буд. Ин серқурбонитарин заминларза *дар* таърихи Тоҷикистон мебошад ва он шахсоне, ки аз ин ҳодисаи мудҳиш эмин монда буданд, ба ноҳияҳои вилояти Сталинобод ва қабл ба водии Вахш кӯчонида шуданд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои барқароршавии пасазҷангӣ хоҷагии халқ ва ба таври таъҷилию муташаккилона сомон додани он, кори ниҳоят душвору заҳматталаб буд. Ба ҳамаи душвориҳои моддиву маънавӣ ва ҳатто равонӣ нигоҳ накарда, бо роҳбарии ташкилоту роҳбарияти болоӣ ва маҳаллии ҳизбӣ, давлатӣ, хоҷагӣ, бо дастгирии ҳамаҷонибаи меҳнаткашони ҷумҳурӣ дар муддати нисбатан кӯтоҳ тамоми воситаҳои нақлиёти онвақтаро истифода бурда, ҳоитиёни офатзада дар ноҳияҳои номбурда ҷо ба ҷо карда шуданд.

Дар давраи муҳоҷиркунии солҳои 1949-1953 дар ҷумҳурӣ зиёда аз 18 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонон ва колхозҳои алоҳида ба нақша гирифта шуданд, ки ин баробари шумораи муҳоҷиршудагони панҷ соли пас аз ҷангӣ буд. Аз ин миқдор муҳоҷирон 2 ҳазор хоҷагӣ ба савхозҳои пахтакоре, ки давраи ташаккулёбиро аз сар мегузарониданд, фиристода шуданд.

Масалан, соли 1953 мувофиқи нақшаи пешакӣ, шумораи муҳоҷирон аз ноҳияҳои вилояти Ленинобод 600 хоҷагӣ бошад, дар амал 675 хоҷагии деҳқонон ба заминҳои навкорам кӯчонида шуданд. Муҳоҷирон аз чунин ноҳияҳои кӯҳиву камзамин ба монанди Ашт, Масчоҳ, Заҳматобод (ҳоло Айнӣ), Уротеппа, Колхозчиён буданд. Ин муҳоҷирати дохили вилоятӣ буда, хоҷагиҳои деҳқонон дар ноҳияҳои Ашт, Нов ва Пролетар ҷойгир карда шуданд, ки дар ин мавзеъҳо ҷараёни азхудкунии заминҳо маҳз аз ибтидои солҳои 50 – ум оғоз гардида буд.

Чунин раванди муҳоҷиркунии дохилӣ дар ин давра, инчунин дар вилояти Кӯлоб идома меёфт ва шумораи деҳқонони аз ноҳияҳои кӯҳӣ ба заминҳои навкорам кӯчбаста аз нақшаи пешакӣ муайян гардида, низ зиёд буд. Агар дар давраи номбурда ба муҳоҷирати дохиливилоятӣ 1300 хоҷагии деҳқонон ба нақша гирифта шуда

бошанд, амалан, 1519 хоҷагиҳо ба заминҳои нав кӯчонида шуда буданд. Макони баромади муҳоҷирон, чун пештара, аслан аз ноҳияҳои кӯҳсори Балҷувон, Ховалинг, Даштиҷум, Совет, Данғара, Кангурт, Шӯрообод, Мӯъминобод, Кӯлоб ва Ҷиликӯл буд, ки дар совхози «Митин - Туғай» ва Чутзавод ҷойгир карда шуданд.

Дар соли соли 1953 аз вилояти Ғарм кӯчонидани 845 хоҷагии деҳқонон ба нақша гирифта шуда буд, амалан 934 хоҷагиҳо муҳоҷир карда шуданд. Макони баромади муҳоҷирон ноҳияҳои Шулмак, Ғарм, Обигарм, Тоҷикобод, Тавилдара ва Ҷиргатол ба ҳисоб мерафтанд. Ин муҳоҷирон дар ноҳияҳои Регар, Куйбышев, Октябр, Микоянобод Ҷилликӯл, Шаҳритуз, Кировобод, Қӯрғонтеппа ва дигар мавзеъҳои водии Вахш ҷойгир карда шуданд. Ҷараёни муҳоҷиркунӣ дар ноҳияҳои Вилояти Худмухтори Бадахшони Кӯҳӣ низ дар ин давра идома дошт. Масалан, аз чунин нохияҳои нисбатан сераҳоливу камзамин: Хоруғ, Бартанг, Рӯшон, Шуғнон ва Ванҷ соли 1953 зиёда аз 100 хоҷагиҳои деҳқонон ба ноҳияҳои Ҷилликӯл, Кагановичобод ва совхози «Кофарниҳон»-и водии Вахш, ки аз лиҳози қувваи корӣ танқисӣ мекашиданд, муҳоҷир карда шуданд. Дар солҳои 50-ум аз ҷониби идораву ташкилотҳои банақшагиранда шумораи ҳарсолаи муҳоҷирони ҷумҳурӣ муайян ва тасдиқ карда мешуд. Мувофиқи нақшаи соли 1953 тартибдода дар ҷумҳурӣ теъдоди умумии муҳоҷирон 3200 хоҷагии деҳқононро дарбар мегирифт. Пас аз амалӣ гардидани ин нақша маълум гардид, ки шумораи муҳоҷиршудагон аз рақамҳои овардашуда хеле зиёд аст.[45]

Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1953 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба муҳоҷиркунӣ ва кӯчонидани корхонаҳо ба ҷойҳои нав бо сабаби сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии Қайроққум» қарори дахлдор қабул кард. Дар ин қарор ба яке аз масъалаҳои муҳим, яъне аз мавзеъҳое зери об монанда кӯчонидани одамон ҳамчун муҳоҷирони иҷборӣ диққати махсус дода шуд.

Бо ҳамин мақсад Шӯрои Вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ, Вазорати нерӯгоҳҳои барқӣ ва саноати барқии СИР – ро вазифадор кард, ки бо харољоти умумии сохтмонӣ системаҳои обёрии даштҳои Дилварзин, ки ба обшор кардани 15 ҳазор гектар заминҳои ташналаб равона карда шуда буд, дохил кунанд.

Дар натиҷаи аз худ кардани дашти Дилварзин ва сохтмони Нерӯгоҳи бузурги барқи обии Қайроққум, Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ ва КМҲК (б) Тоҷикистон ҳанӯз 18 июни соли 1952 дар бораи «Масоили азхудкунии заминҳои дашти Дилварзин ва заминҳои ба он

---

[45] Абулхаев Рақиб Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000) с-х-224

наздик, ки ба Тоҷикистон ҳамроҳ шуданд», қарор қабул кард. Дар он шуъбаи банақшагирии давлатии (Госплан) назди Шӯрои Вазирон, Вазорати пахтакорӣ, Вазорати хоҷагии қишлоқ ва комиҷроияи вилояти Ленинобод вазифадор карда шуданд, ки дар лоиҳаи инкишофи хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз худ кардани даштҳои Дилварзин ва заминҳои ба он ҳамсоя дар зарфи солҳои 1953-1957 муҳоҷир кардани 4000-4500 хоҷагиҳои деҳқонон дар назар дошта шавад. Аз он 2400 хоҷагӣ бояд аз мавзеъҳои нерӯгоҳи барқӣ ва обанбори Қайроққум муҳоҷир карда мешуд. Боқимондаи муҳоҷирон аз ноҳияҳои кӯҳӣ ва баландкӯҳи вилояти Ленинобод ба заминҳои дашти Дилварзин кӯчонида мешуданд. Ба нақша гирифта шуда буд, ки ба ҳисоби миёна дар ҳар як колхоз 400-500 нафар муҳоҷирон ҷой карда шаванд. Тавре, ки аз ин далелу рақамҳо равшан гардид, сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Қайроққум» ва Баҳри тоҷик на танҳо сабаби аз худ кардани даҳҳо ҳазор гектар заминҳои нави ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон ва бо қувваи барқ таъмин кардани аҳолӣ гардид, балки он имконият дод, ки заминҳои нав як дараҷа бо қувваи корӣ таъмин шаванд.[46]

Баробари чорабиниҳои зикргардида, инчунин ҷараёни аз ноҳияи Мастчоҳи кӯҳӣ ба дашти Дилварзин кӯчонидани деҳқонон мувофиқи нақшаи муайянгардида идома меёфт. Тайи солҳои зикршуда бо роҳбарии ташкилотҳои ҳизбиву шӯравӣ ва идораҳои ба ин кор сафарбаршуда ва масъулиятдор, бо иштироки фаъолони деҳот 2692 хоҷагии деҳқонон, 9 колхоз, тамоми ташкилотҳои ноҳия бо мутахассисону дастгоҳи идоракуниаш ба дашти Дилварзин муҳоҷир гардиданд. Бояд махсус қайд кард, ки ба дашти Дилварзин кӯчонидани аҳолии ноҳияи Мастчоҳи кӯҳӣ барои аз лиҳози хоҷагӣ аз худ кардани заминҳои асрҳои аср бекорхобида ва минбаъд баланд бардоштани истеҳсолоти хоҷагии кишоварзии ҷумҳурӣ ва аз ҷиҳати ташкиливу хоҷагӣ мустаҳкам ва қавӣ гардонидани собиқ хоҷагиҳои камбизоати кӯҳӣ, баланд бардоштани дараҷаи фарҳангӣ, беҳтар гардидани шароити маишии фотеҳони заминҳои нав, аҳамияти ниҳоят калонро молик буд.

Дар солҳои 1967-1971 дар миқёси ҷумҳурӣ 3372 хоҷагиҳои деҳқонӣ бо шумораи аҳолии 20521 нафар, ки аз он 8272 нафар қувваи кориро муҳайё мекард, ба заминҳои наву бекорхобида ба таври ихтиёрӣ муҳоҷир карда шуданд. Аз ҷумла, ба савхозҳои навбунёди ноҳияи Зафаробод-1086,Ёвон – 880, Вахш – 299, Фархор – 237, Колхозобод –

---

[46] Абулхаев Ракиб Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000) С-233

102 ба колхозҳои ноҳияҳои Мастчоҳ – 185 ва Қумсангир – 135 хоҷагӣ муҳоҷир карда шуданд.[47]

Воқеан, водии Яғноб чун дигар ноҳияҳои баландкӯҳу кӯҳдоман, мавзеи камзамин ба ҳисоб меравад. Дар муқоиса бо шумораи аҳолӣ заминҳои киштбоб камёбанд. Заминҳои ин водӣ, ки 2200-3000м. аз сатҳи баҳр баланд ҷойгиранд, барои кишту кори соҳаҳои кишоварзӣ кам ба кор меравaнд. Боигарии асосии ин водӣ даҳҳо ҳазор гектар замини чарогоҳист. Мувофиқи маълумотҳои омории соли 1968 дар водии Яғноб қариб 100 ҳазор моли майдаи ноҳияҳои Айнӣ, Мастчоҳ ва Ғончӣ чаронида мешуданд.

Дар нимаи дуввуми солҳои 70 ва нимаи аввали солҳои 80-и асри XX, новобаста ба норасоиҳои замони рукуд, дар раванди муҳоҷир гардонидани қувваи кории изофӣ аз кӯҳистон ба водиҳову пахнои навкорам корҳои назарраси тадорукотиву тарғиботӣ анҷом пазируфтанд. Ҷараёни муҳоҷиргардонии хоҷагиҳои кишоварзӣ ва дохилиҷумҳурии ин давра нисбат ба солҳои қаблӣ услубу мазмуни хоса дошт. Яъне, муҳоҷиргардонии он солҳо аҳолии ноҳияҳо ва маҳалҳои яклухти аҳолинишинро дар бар намегирифт. Он муҳоҷиргардонӣ, асосан, аз ҳисоби хоҷагиҳои алоҳида ва гурӯҳи хоҷагиҳое, ки ихтиёрӣ ба заминҳои нав майли рафтан доштанд, омода карда карда мешуд. Хусусияти дигари он раванд иборат аз он буд, ки муҳоҷиргардонӣ дар дохили ҳар як вилоят ташкил мегардид. Зеро, дар ин давра дар дохили ҳар як вилоят ҷараёни афзудани шумораи аҳолӣ ва аз он бархостани қувваҳои изофии корӣ ба назар мерасид. Барои ҳамин ҳам, зарурияти муҳоҷиргардонӣ на танҳо аз ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, балки аз дигар вилоятҳои худи Тоҷикистон низ аз байн рафт.

Муҳоҷиргардонии дохилиҷумҳурии ихтиёрӣ дар охири солҳои 70 ва ибтидои солҳои 80-и қарни XX ҳамчун омили муҳими пеш бурдани корҳои обёрӣ, тахту ҳамвор кардани заминҳо ва аз худ кардани ин мавзеъҳо бо шаклу усулҳои гуногун ва ба худ хос гузаронида мешуд. Махсусияти муҳоҷиргардонии ин давра нисбат ба солҳои пешина аввалан аз он иборат буд, ки; а) ин раванд дар дохили ҳар як вилоят ба ҷуз Яғнобдара амалӣ карда мешуд: б) он ноҳияҳои яклухт ва гурӯҳи деҳаҳои аҳолинишинро дар бар нагирифта,хоҷагиҳои алоҳида ва баъзе маҳалҳои аҳолинишинро фаро мегирифт. Дар кори амалӣ кардани ин сиёсати дар он вақт муҳими иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва

---

[47] Ҳамин ҷо С-378

салоҳиятдор, ба камбудиву норасоиҳо роҳ дода шуда буданд, ки зарари моддӣ ва маънавиро ба бор оварда буд.

Соли 1955 дар ҳисоботи Сарраёсати назди Шӯрои Вазирон оид ба кӯчонидани муташаккилонаи коргарон эътироф гардидааст, ки аз ҳисоби кӯчонидани одамон 13000 нафар аҳолии қобили кор сафи коргаронро зиёд кардаанд. Миқёси муҳоҷирсозӣ дар солҳои 50-60-ва асри XX ҷараёни инкишофи муҳоҷирати аҳолӣ чунин аст, ки аз соли 1951 то соли 1955 15895 нафар шаҳрвандон кӯчонида шуданд. Аз соли 1956 азхудкунии водии Бешкент, ки селинаи «Хурд» номида мешавад, оғоз гаштааст.

Дар раванди муҳоҷират дар солҳои 60-ум дар ҶСШ Тоҷикистон боз як самти муҳоҷирати аҳолӣ арзи ҳастӣ кардааст. Эҳтиёҷоти Тоҷикистон ба тахтаю чӯб хеле зиёд аст. Ба хотири таъмини ин эҳтиёҷот дар кишвари Красноярск, шаҳраки Заледеевои Россия «Тоҷиклеспромхоз» таъсис дода шуд ва муҳоҷирати хеле фаъол аз Тоҷикистон ба ин мавзеъ оғоз гардид. Ҷараёни рушди равандҳои муҳоҷират дар Тоҷикистон зери таъсири сиёсати миқёсан густурдаи таърихии давлати Шӯравӣ ташаккул мёёфт. Сохтмонҳои азими зарбдори комсомолону ҷавонон дар сатҳи Иттиҳоди Шӯравӣ бо мақсади ободгардонии ҳудудҳои бузург, аз қабили заминҳои бекорхобида ва партови Қазоқистон, эъмори шаҳрҳои нав, нерӯгоҳҳои барқию обӣ, кашидани хатҳои нави роҳҳои оҳан ва мошингард (ба мисли БАМ), сохтани НБО-ҳои Братск, Норак, комбинатҳои истеҳсоли коғаз дар Архангелск ва селлюлоза дар Саликамск, заводи мошин дар Волжск рӯи кор омаданд. Муҳоҷирати ба нақша гирифташудаи хонаводаҳои тоҷик бо мақсади ободисозии манотиқи ғайрисиёҳзамини Россия, бахусус кишвари Хабаровск ва Шарқи Дур амалӣ карда мешуд. Аз тариқи ташкили парвозҳои ҳавопаймоӣ, равона кардани ҷавонон ва мутахассисон ба истихроҷгоҳҳои нафту гази Сибири Ғарбӣ бо усули вахтагӣ ба роҳ гузошта шуд. Ҷавонон барои таҳсил ба омӯзишгоҳҳои касбию техникии шаҳрҳои марказии Иттиҳоди Шӯравӣ фиристода мешуданд. Инчунин, шаклҳои дигари муҳоҷирати аҳолии Тоҷикистон мавҷуд буданд, ки то пароканда шудани Иттиҳоди Шӯравӣ, яъне то соли 1991 идома ёфтанд. Дар ин давра баъзе аз давлатҳои тозаистиқлол то андозае бепоя ва аз нигоҳи иқтисодӣ муфлис буданд, ки аксари шаҳрвандонашон дар ҷустуҷӯи манбаи зиндагӣ муҳоҷирони иҷборӣ гаштанд ва аксаран ба Руссия рӯ оварданд. Маҳз дар ҳамин гуна вазъи иҷтимоию иқтисодӣ баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистон қарор дошт. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз собиқ кишварҳои

Иттифоқи Советии Сотсиалистӣ, 9 сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатиро эълон кард, ки дар он давра вазъияти сиёсии дохили мамлакат тезугунд мегашт ва ин сабабгори асосии шиддат ёфтани равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ ва тарки ватан намудани садҳо ҳазор нафар шаҳрвандони кишварамон мебошад. Бесарусомонӣ ва фалаҷ гардидани фаъолияти сохторҳои давлатӣ, афзоиш ёфтани бетартибии ҷамъиятӣ ва хатари амнияти шаҳрвандон водор сохт, ки дар қатори сокинони маҳаллӣ шумораи зиёди дигар миллатҳо низ аз ҷойҳои муқимии худ фирор карда, ба дигар давлатҳо равона гарданд.

Вазъияти сиёсии муташанниҷ ва задухӯрдҳои дохилии шаҳрвандӣ дар он давра садҳо ҳазор одамонро маҷбур сохтанд, ки тарки Ватан намуда, ба кишварҳои хориҷи дуру наздик ва минтақаҳои дохили ҷумҳурӣ муҳоҷират кунанд. Шумораи умумии гурезаҳои кишварамон, ки дар ҳудуди дигар давлатҳо паноҳ ёфта буданд ва муҳоҷирони иҷбории дохили кишвар дар солҳои 1992-1993 зиёда аз 900 ҳазор нафарро ташкил дод ва вазъияти баамаломадаи он давра Ҷумҳурии Тоҷикистонро қариб буд, ки ба парокандагию парешонӣ оварда расонад.

Иҷлосияи таърихии XVI – уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд баргузор гардид, роҳбарияти нави Тоҷикистон ва ҳукуматро интихоб намуд ва маҳз аз ҳамон вақт сар карда, сиёсати дохилӣ ва берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи мусбат комилан дигаргун гашт.

Суханони аввалини Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XVI – уми Шӯрои Олӣ ба ҳайси роҳбари давлат: «Ман барои барқарор кардани сулҳ дар Тоҷикистон ва баргардонидани ҳамаи гурезаҳо ба Ватан, тайёр ҳастам ҳаётамро қурбон кунам», дар дили ҳамаи шаҳрвандони кишварамон умеди сулҳу осоишро ҷой доданд ва аз соли 1993 сар карда, пайи ҳам раванди бозгардонидани мардуми ҷабрдидаю парешонҳол ба ҷойҳои зисти доимиашон оғоз ёфт.

Тайи солҳои 1993-1997 Роҳбари давлат кӯшишҳои зиёде ба харҷ доданд, то ин ки сулҳу оромиро ба ҳар хонадони мардуми Тоҷикистон бозгардонанд.

Бо мақсади ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, бартараф кардани окибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, аз 5 апрели соли 1994 то 27 июни соли 1997 таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид гуфтушунидҳои зиёди байни тоҷикон оид ба ризоияти миллӣ баргузор гардиданд. Дар натиҷаи ҳашт гуфтушуниди байни ҳайати намояндагии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

Иттиҳоди мухолифини тоҷикон, шаш вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари ИМТ, инчунин се машварати ҳайати тарафҳо, ки дар шаҳрҳои Алмаато, Ашқобод, Бишкек, Исломобод, Кобул, Машҳад (Ҷумҳурии Исломии Эрон), Москва, Теҳрон ва Хосдеҳ (Афғонистон) барпо гардиданд, протоколу ҳуҷҷатҳои зиёде ба имзо расонида шуданд ва онҳо дар маҷмӯъ Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро дар Тоҷикистон ташкил доданд.

Созишномаи умумӣ ҳуҷҷатҳои зеринро дарбар мегирад:

1. Протокол оид ба шартҳои асосии барпо намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, аз 17 августи соли 1995;

2. Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ, аз 18 майи соли 1997 ва ҳуҷҷати ба он дахлдошта – Созишномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов ва Роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷикон Саид Абдулло Нурӣ мутобиқ ба натиҷаи вохӯрии онҳо дар ш.Москва, аз 23 декабри соли 1996; Протокол «Дар бораи ӯҳдадориҳои асосӣ ва ваколатҳои Комиссияи оштии миллӣ», аз 23 декабри соли 1996; Низомнома дар бораи Комиссияи оштии миллӣ аз 21 феврали соли 1997; Протоколи иловагӣ ба протоколи «Дар бораи ӯҳдадориҳои асосӣ ва ваколатҳои Комиссияи оштии миллӣ», аз 21 феврали соли 1997;

3. Протокол оид ба проблемаҳои ҳарбӣ, аз 8 марти соли 1997;

4. Протокол оид ба масъалаҳои гурезаҳо, аз 13 январи соли 1997;

5. Протокол оид ба кафолатҳои иҷрошавии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, аз 28 майи соли 1997.

Ҳамин тариқ, 27 июни соли 1997 дар пойтахти Федератсияи Россия ш.Москва, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷикон Саид Абдулло Нурӣ ва Намояндаи махсуси Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид Герд Меррем Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро дар Тоҷикистон ба имзо расониданд ва ин санаи таърихӣ дар ҳаёти мардуми Тоҷикистон саҳифаи нави худро, ки ба беҳбудию хушбахтии шаҳрвандони кишварамон роҳ кушод, дарҷ гардид.

Баробари ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, бозгаштани мутташаккилонаи гурезаҳои тоҷик ва ҷо ба ҷо намудани онҳо дар хонаҳои худ аз тарафи мақомоти дахлдори ҷумҳурӣ, суръати нав пайдо намуд. Аз соли 1993 то соли 2000 ҳамагӣ 950599 нафар шаҳрвандони кишварамон ба ҷойҳои зисти доимиашон баргардонида

шуданд, аз ҷумла: аз кишварҳои ИДМ – 201601 нафар, аз Афғонистон – 51345 нафар, аз вилояту минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – 697653 нафар. Дар давоми соли 2000 ба таври муташаккилона аз кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ боз – 656 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бозгардонида шуданд, аз он ҷумла: аз Қирғизистон – 505 Қазоқистон – 80 нафар ва Туркманистон – 71 нафар.[48]

**Шумораи**

**шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки солҳои 1992 – 1998 ҷойҳои зисти муқимии худро маҷбуран тарк карда, ҳамчун гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ дар дохил ва хориҷи кишвар будубош доштанд.**




Солҳои мудҳиши мухолифат ба хонадони тоҷикистониён ниҳоят заҳмату шиканҷаи бисёре оварданд, аз ҷумла:

---

[48] Бобоев А. А. Муҳоҷирати аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон .2006 с-10-13

➢ зиёда аз 30 ҳазор хонаҳои шаҳрвандон ба хок яксон карда шуданд ё дар ҳолати корношоям қарор доштанд;

➢ садҳо биною иншоот, мактабҳои миёна, бунгоҳҳои тиббӣ, идораҳои давлатӣ ва дигар ташкилотҳо ба харобазор табдил ёфта буданд;

➢ ҷанги хонумонсӯз зиёда аз 55 ҳазор нафар кӯдаконро ятим ва зиёда аз 26 ҳазор нафар занҳоро бешавҳар мононд;

➢ садҳо корхонаҳои истеҳсолӣ ва заводу фабрикаҳо ғорат гардида, иқтисодиёти мамлакат ба даҳ сол ақиб партофта шуд.[49]

Дар маҷмӯъ, тайи солҳои истиқлолият шаклҳои қиёсан муҳими муҳоҷират ба миён омаданд ва рушд ёфтанд:

а) Муҳоҷирати аҳолии ғайрибумӣ аз Тоҷикистон: яҳудиён, немисҳо, тоторҳои Қрим, русҳо, украинҳо ва ғайра (кӯч бастани онҳо ба ватани аҷдодиашон);

б) анбӯҳи гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ.

Ба вуқӯъ пайвастани ҳаводиси сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомӣ низ ба ҷараёни рушди муҳоҷират дар дохили ҷумҳурӣ, ба нишондиҳандаҳои демографии Тоҷикистон таъсири муайяне расонд.

Бахусус аз соли 1989 авзои нооромии сиёсӣ, буҳрони амиқи иҷтимоию иқтисодӣ, ихтисоршавии қувваҳои мусаллаҳ ва ғайра боиси кӯч бастани аҳолии ғайрибумӣ гардид.

Дар давраи аввал муҳоҷирон асосан аҳолии русзабон буданд, ки онро ба қабули Қонун дар бораи забони давлатӣ соли 1989 вобаста медонанд (гарчӣ забони русӣ дар сатҳи забони давлатӣ боқӣ монда буд).

Ҳодисаҳои фоҷиабори феврали соли 1990 дар пойтахти ҷумҳурӣ, оғози давраи дуюм ва нисбатан васеътари кӯч бастани аҳолии ғайрибумӣ боис гардид.

Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1993 ва ҳодисаҳои сиёсӣ ба бор овардани он боиси даври сеюм ва аз ҳама васеътари муҳоҷирати умумӣ гардид.

Чунонки аз маводи оморӣ бармеояд, самтҳои муҳоҷирони кӯчбаста аз нигоҳи мансубияти миллӣ гуногунанд. Дар маҷмӯъ, аз Тоҷикистон бахши умдаи аҳолии аврупоиасл ва миллиятҳои Қафқоз кӯч бастанд. Масалан, солҳои 1989-2000 ҳиссаи русҳо аз 3,7% то 0,4 кам шуд, тоторҳо аз 1,0 то 0.2 ва қазоқҳо аз 0,1, немисҳо аз 0,2 мутобиқан то ба ҳадди сифр кам гардид. Дар соли 2000 аҳолии

[49] Бобоев А. А Муҳоҷирати аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон . с-10-13

Тоҷикистон асосан аз тоҷикон (81,4), ӯзбекҳо (14,5), қирғизҳо (2,6), русҳо (0,4) ва тоторҳо – 0,2% иборат мебошад[50].

Оқибати муҳоҷирати этникӣ ҳамин аст, ки батадриҷ рангорангии Тоҷикистон коста мегардад.

Кӯч бастани кадрҳои баландихтисос ба ҳама соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсири манфӣ расонид. Аз ҳама бештар соҳаҳои тандурустӣ, маориф, илму фарҳанг, сохтмон ва соҳаи энержии барқ зарар диданд.

Бахусус, бар асари ҳодисаҳои сиёсӣ, ҳарбӣ ва иқтисодӣ ва равандҳои бозсозӣ аз Тоҷикистон кӯч бастани бахши зиёди аҳолии таҳсилкарда боиси нигаронист. Ба кишварҳои пазиранда асосан коргарони баландихтисос ва мутахассисон, аз сӯи дигар, қувваи кории нисбатан арзон ворид мешаванд. Мо аз маълумоти мавҷуда ва вазъи нуфуси Россия медонем, ки 70% аз Тоҷикистон кӯчбастагон муқими Россия мешаванд. Мутобиқи натиҷаҳои таҳқиқҳои олимони Россия, вазъи иқтисодӣ дар қиёс бо бештари кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) дар Россия беҳтар будааст[51].

Мушкилоти давраи гузариш, оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, буҳрони иқтисодӣ, афзоиши бо суръати аҳолии қобили кор ва суръати сусти рушди иқтисодӣ, боиси он гаштанд, ки дар кишвар нерӯи кории бузурги бидуни шуғлу фаъолият ба миён омад. Омилҳои ба бозори кори Россия ва дигар кишварҳои ИДМ тела додани қувваҳои корӣ аз Тоҷикистон, дар маҷмӯъ, паст будани музди кор, баланд будани сатҳи бекорӣ, махсусан дар миёни ҷавонон, фақру нодорӣ, бесамарии фаъолияти хадамоти давлатӣ оид ба шуғли аҳолӣ бинобар тағйироти сохторӣ дар иқтисод, табақабандии иҷтимоӣ, ки дар шакли қутбиятпазирӣ ё худ аз ҳам дуршавии бенавоён ва сарватмандон зуҳур мекунад, маҳсуб мегарданд. Дар чунин вазъият муҳоҷирати корӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ мавқеи муҳим дошта, бахши аъзами неруҳои кории Тоҷикистонро дар худ фурӯ мебарад ва чун унсури муҳимтарини фаъолияти бозори меҳнат амал мекунад.

Дар маҷмӯъ, муҳоҷирати аҳолии Тоҷикистонро дар шароити кунунӣ дар тамоюли дақиқан муайяншуда шарҳ медиҳанд. Аз як сӯ, мутаҳаррикии ҳудудии аҳолии бумӣ то ба ҳадди муайян рушд мекунад ва бо афзоиши умумии ҷараёни рушди иқтисодӣ заминасозӣ мегардад, ки он бо рушди муносибатҳои бозорӣ ва таъмини ислоҳоти иқтисодӣ иртибот дорад. Аз сӯйи дигар, берун рафтани аҳолӣ аз қаламрави ҷумҳурӣ идома дорад ва қобили таваҷҷӯҳ он аст, ки ба

---

[50]. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе . 2002,.-С.66.

[51]Зайончковская Ж.А.. Миграция населения и рынок труда в России. М.,1994.– С.5.

чараёни муҳоҷират ҳарчӣ бештар мардумони бумии Тоҷикистон, аз ҷумла мардуми деҳот, ки пештар барои он муҳаррикии сусти ҳудудӣ хос буд, ҷалб мегарданд.

Ҳамзамон, равандҳои муҳоҷират ба нишондиҳандаҳои демографии Тоҷикистон таъсири муайян мерасонанд. Бо дарназардошти маҳдуд будани имконоти бозори миллии меҳнат дар амри тавони истифодаи қувваи кории афзоянда ва хусусиятҳои демографии ҷумҳурӣ ва ҳам идома ёфтани озодшавии қувваҳои корӣ аз соҳаҳои алоҳида бар асари таъмиқи ислоҳот ва татбиқи сиёсати озодии иқтисод, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиёд намудани содироти қувваи корӣ аҳамияти муҳим медиҳанд. Тарафҳои асосии пазирандаи қувваҳои корӣ дар ин сурат на кишварҳои хориҷии дур, балки шарикон дар ИДМ ва қабл аз ҳама, Федератсияи Россия ва Қазоқистон мебошанд.

Бозори муҳоҷирати меҳнатии Россия нисбат ба дигар кишварҳои собиқ Шуравӣ бузургтар аст. Ба замми ин, худи шаҳрвандони Россия аз пуркунандагони бозори муҳоҷиратии давлатҳои Аврупо, ИМА, Австралия ва Зеландияи Нав маҳсуб мегарданд. Дар ҳоли ҳозир дар ин кишвар 2,5 миллион нафар муҳоҷирони хориҷӣ ба таври расмӣ кору фаъолият доранд. Қисмати ғайрирасмии муҳоҷирон тахминан аз 9 то 12 миллион нафар нишон дода шудааст. Аз ин шумора зиёда аз 750 ҳазор (тибқи омори расмӣ) – ро муҳоҷирони тоҷик ташкил медиҳанд ва теъдоди онҳо нисбат ба муҳоҷирони ӯзбек, қиргиз, украинӣ, молдавиягӣ, чинӣ, ветнамӣ ва ғайра камтар аст.

Гурезагони тоҷик – нимаи аввали солҳои 90-умро дарбар мегиранд, ки он марҳилаи аз ҳама фоҷиавӣ ва барои тоҷикон нанговар мебошад. Гурезагони ин солҳо дар таърихи тӯлонии тоҷикон ғайримуқаррарӣ буда, аз гурезаҳои собиқ ба куллӣ фарқ мекунанд. Чунонки мушоҳида кардем, омили асосии гуреза шудани тоҷикон, аз тарафи аҷнабиён тасарруф гаштани ватан ва зулму ситам бар мардум мебошад. Сабаби гуреза шудани шаҳрвандони Тоҷикистон ҷанги байни худи тоҷикон аст.

Мувофиқи маълумоти Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии ҷумҳурӣ дар натиҷаи ҷанги бародаркуш дар Тоҷикистон 21 538 хона пурра ва 13975 хона қисман хароб гаштанд, аксарияти онҳо мувофиқан (19148/12283) дар вилояти Хатлон мебошанд. Тамоми оқибатҳои ин харобиовариро барои соҳибони ин хонаҳо эҳсос намудан душвор нест. Вале аз ҳама талафоти бузург он аст, ки даҳҳо ҳазор шаҳрвандон, пеш аз ҳама тоҷикон аз дасти тоҷикон кушта шуданд. Кӯдакони зиёде бе падару модар монданд. Беш аз як миллион

аҳолии ҷумҳурӣ маҷбур шуданд ҷои гарми худро тарк карда, роҳи мусофириро пеш гиранд. Гурӯҳе дар дохили худи ҷумҳурӣ кӯч бастанд, ки шумораи онҳо ба 697653 нафар мерасад. Онҳо пеш аз ҳама аз вилояти Хатлон, шаҳру ноҳияҳои Душанбе, водии Ҳисор ва дигар минтақаҳо мебошанд. Онҳо бештар дар вилояти Ленинобод, Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ, Рашт, Нуробод, Тоҷикобод, Кофарниҳон маскан гирифтанд. Дар солҳои ҷанг аз ноҳияҳои минтақаи Ғарм 4 224 оила (24497) маҷбур шуданд, ки ба ноҳияҳои дигари дохили ҷумҳурӣ кӯч банданд. Гурӯҳи калони фирориёни Тоҷикистон дар Руссия ва дигар ҷумҳуриҳои ИДМ маскан гирифтанд. Мувофиқи маълумоти расмии Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳру новоҳии Афғонистон 60 ҳазор нафар гурезаҳои тоҷик номнавис шудаанд. Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки ин рақамҳо ҳақиқатро пурра ифода карда наметавонанд. На ҳамаи тоҷикон ва тоҷикистониён бо сабабҳои мухталиф мақоми гурезаро гирифта тавонистанд. Фирориёни зиёди тоҷик дар мамлакатҳои ҷаҳон низ маскан гирифтанд. Аксарияти фирориёни тоҷик дар ғарибӣ рӯзгори сангине доранд, ки аз ин хусус навиштаҳои зиёде шаҳодат медиҳад.[52]

Дар натиҷаи сиёсати дуруст пешгирифтаи Ҳукумати Тоҷикистон, алалхусус, Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон Комиссияи оштии миллӣ бо дастгирии иқтисодиву тадорукоти башардӯстонаи байналхалқӣ ва қабл аз ҳама Идораи Комиссияи Олии СММ оид ба гурезаҳо ва бастани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар ҷумҳурӣ раванди ба ватан баргаштани гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ сурат гирифт. Ҳамин тавр, дар охири садаи XX масъалаи гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ ба таври мусбат ҳал шуда, ҳазорон одамон ба Ватан боз гаштанд ва дар макони аслиашон ҷойгир шуданд.[53]

---

[52] Бобохонов.М. Истории таджиков мира.. С-.101-102

[53] Абулдаев Рақиб Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1917-2000) С-466

# 3. НАВЪҲО ВА ШАКЛҲОИ МУҲОҶИРАТИ АҲОЛӢ

Аз сабаби ҳам мураккаб ва серпаҳлӯ будани муҳоҷират, он аз нигоҳи таърихӣ, ҷуғрофӣ, ҷомеашиносӣ, иқтисод, демография, этнология ва сиёсатшиносӣ омӯхта мешавад. Зарурати муносибати комплексӣ муҳиммияти омӯзиши падидаи муҳоҷиратро дар чорчӯбаи илмҳои дигар инкор намекунад. Дар чорчӯбаи муносибати комплексӣ самтҳои асосии омӯзиши муҳоҷиратро метавон ба тарзи зайл ифода намуд: аввалан, муҳоҷират чун қисмати муҳими ҷараёни рушди шумор ва сохтори аҳолӣ дар баробари таваллуд ва фавти аҳолӣ таҳлил мегардад; сониян, муҳоҷират яке аз шаклҳои мутобиқшавии аҳолӣ ба шароити тағйирёбандаи зиндагӣ мебошад; сеюм, муҳоҷират ба ҳайси силсилаи муқаррарии зиндагӣ арзёбӣ мегардад ва чаҳорум, муҳоҷират чун яке аз шаклҳои соҳибкорӣ зоҳир мегардад.

Мушаххассозии муҳоҷират дар миёни интиқолёбиҳои зиёди аҳолӣ ба таври ҷиддӣ муайян кардани меъёрҳои онро тақозо менамояд. Аз ҷумла, ин меъёрҳо, фосила, вақт ва сабаб мебошанд. Истифодаи меъёри фосила аз меъёри вақт ҷудонопазир аст. Вақт аз қабили меъёрҳои мураккабтарин ҳангоми мушаххас кардани муҳоҷират аст, зеро ба саволи оддии «чӣ қадар вақт бояд дар ҷойи дигар бошӣ, то ки муҳоҷир шумурда шавӣ? «Дилпурона ҷавоб додан мушкил аст. Басо мешавад, ки сафари кӯтоҳмуддат нисбат ба замони тӯлонӣ будан дар ҷойи дигар, барои фард муҳимгар аст. Аз ин рӯ, меъёри сабаб муҳимтарин боқӣ мемонад.

Муҳоҷирати аҳолӣ раванди иҷтимоии мураккаб буда, бо дигаршавии сохтори иқтисодӣ ва ҷойгирсозии қувваҳои истеҳсолӣ, афзоиши мутаҳаррикии иҷтимоӣ ва кори аҳолӣ робитаи зич дорад.

Ҳангоми таҳлили муҳоҷирати аҳолӣ онро вобаста ба як қатор нишонаҳо тасниф мекунанд. Ба муҳимтарини ин таснифбандиҳо таваққуф менамоем:

1. Вобаста ба хусусияти убуркунандагони сарҳад муҳоҷирати хориҷӣ ва дохилиро ҷудо мекунанд.

Муҳоҷирати хориҷӣ он муҳоҷиратест, ки аз сарҳади давлатӣ убур карда мешавад. Ҳангоми баррасии муҳоҷирати байнидавлатӣ шаш гурӯҳи муҳоҷиронро ҷудо мекунанд: Инҳо одамонеанд, ки барои зиндагии доимӣ, бинобар сабабҳои оилавӣ ё дигар сабабҳо ба кишвари дигар мераванд: муҳоҷирони меҳнатӣ, муҳоҷирони ғайрирасмӣ, гурезаҳо, донишҷӯён, таҷрибаомӯзон, кормандони илмӣ, ҷаҳонгардон, ашхосе, ки барои истироҳат мераванд ва ғайра.

Муҳоҷирати меҳнатӣ чун гурӯҳи алоҳида ҷудо карда мешавад. Муҳоҷирати меҳнатӣ - ин тағйир намудани маҳал ба таври ихтиёрӣ ва қонунии одамонест, ки доимӣ дар ягон кишвари алоҳида зиндагӣ мекунанд ва муваққатан дар ҳудуди кишвари дигар ба ҳайси шаҳрвандони хориҷӣ ё ашхоси бешаҳрванд, бо мақсади ба амал баровардани фаъолияти меҳнатии пардохтшаванда, зиндагӣ мекунанд.

Муҳоҷирати дохилӣ иваз кардани макони зист дар дохили як кишвар миёни ноҳияҳои маъмурӣ ё иқтисодию-ҷуғрофӣ мавзеъҳои аҳолинишин ва ғайра мебошад. Навъҳои асосии муҳоҷирати дохилӣ дар шароити имрӯза муҳоҷират аз деҳот ба шаҳрҳо ё ки муҳоҷирати байниноҳиявӣ мебошад.

2. Аз рӯи нишонаҳои замонӣ муҳоҷиратро ба доимӣ (бебозгашт), муваққатӣ, мавсимӣ ва латтишнок тақсимбандӣ мекунанд.

Муҳоҷирати бебозгашт бо тағйири қатъии ҷойи истиқомати доимӣ иртибот дорад. Мисоли чунин муҳоҷират кӯч бастан аз деҳот ба шаҳр шуда метавонад.

Муҳоҷирати муваққатӣ ҳиҷрати нисбатан тӯлонӣ, вале аз нигоҳи замонӣ маҳдуд ва ё қаблан муҳлатдошта, ки чун қоида ба фаъолияти корӣ дар ҷойи сукунати муваққатӣ вобаста аст, маҳсуб мегардад. Ҳиҷратҳои бисёри коргарон аз як кишвар ба кишвари дигар муваққатӣ мешаванд ё худ, муҳоҷирати дохилӣ ба ноҳияҳои дурдаст ё ноободс (масалан, кор мувофиқи шартнома барои якчанд сол) ва ғайра.

Муҳоҷирати мавсимӣ интиқолёбии ҳамасолаи одамонро дар давраҳои муайяни сол, масалан, ба ноҳияҳои кишоварзии камодам дар давраи ҷамъоварии ҳосил ё тобистон ба ноҳияҳои истироҳатӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Муҳоҷирати латтишнок - ин сафарҳои доимӣ ба ҷойи кор ё таҳсил дар беруни ҷойи истиқомати худ.

3. Таснифи муҳоҷират вобаста ба сабабҳои худ дорои аҳамияти хос мебошад. Дар миёни сабабҳои асосии муҳоҷирати аҳолӣ бояд сабабҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро тазаккур дод, ки ҷудо намудани онҳо аксаран ғайриимкон дониста мешавад. (кӯчидан бо мақсади пайдо кардани заминҳои озоди кишоварзӣ, ҷои кор, музди кори бештар ё худ тағйири тарзи зиндагӣ. Масалан, аз деҳа ба шаҳр, ба даст овардани мақоми нисбатан баланди иҷтимоӣ ва ғайра).

Инчунин, сабабҳои сиёсӣ (гурез аз таъқиботи сиёсӣ, фишороварии нажодӣ, мазҳабӣ, ронда шудан дар иртибот бо дигар шудани шароити сиёсӣ ё сарҳадҳои давлатӣ), ҳарбӣ (кӯчондан,

бозовардан, ронда шудан) ва сабабҳои дигар низ нақши зиёд доранд. Омӯзиши масъалаҳои ҳиҷрати аҳолӣ, муносибатҳои миллӣ ва ба ҳам алоқамандию баҳам таъсиррасонии онҳо, хусусиятҳои инкишофи онҳо аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ аҳамияти муҳимро касб намудаанд. Масъалаҳои дар шароити олами муосир инкишофи муносибатҳои миллӣ ҳалкунӣ ва самаранокии онҳо дар тамоми дунё, аз ҷумла дар кишварҳои ИДМ ба ҷойи аввал баромадаанд.

Ҳодисаҳои навини ҷомеа: махсусан, ҷанги шаҳрвандӣ, задухӯрдҳои байнимиллӣ ва умуман бад гаштанӣ муносибатҳои байнимиллӣ, намояндагони миллату халқиятҳои гуногунро маҷбур сохтанд, ки ба худ номи гуреза ё муҳоҷирро гиранд.

Чунин масъалаҳо зарурати омӯзиши назариявию сиёсии ҳиҷрати миллату халқиятҳоро ба миён меорад, ки аҳамияти муҳими амалӣ низ дорад.

4. Аз рӯи шаклҳои амалисозӣ муҳоҷират ба ҷамъияти муташаккил, ки бо иштироки мақомоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ ва кӯмаки иқтисодии онҳо сурат мегирад ва ғайримуташаккил, ки бо қувва ва маблағҳои худи муҳоҷирон, бидуни ёрии моддӣ ё ташкилӣ аз ҷониби ягон муассисае амал мекунад, тақсим мешавад.

5. Вобаста ба он, ки интиқоли одамон бо тасмими худи онҳо ё новобаста ба худи онҳо сурат мегирад, муҳоҷират ба ихтиёрӣ ва маҷбурӣ тақсим мешавад.

## 4. ХУСУСИЯТҲОИ АСОСӢ, УМУМИЯТ ВА МАХСУСИЯТҲОИ МУҲОҶИРАТИ АҲОЛӢ

Равандҳои муҳоҷират дар давраи кунунӣ аз нигоҳи шиддатнокӣ нисбат ба ҳамин гуна равандҳо дар гузаштаҳои дур қиёсшавандаанд. Муҳаррикии муҳоҷирати аҳолӣ аксаран ба сатҳи шуғл ва даромад вобаста аст, яъне метавон гуфт, ки агар сатҳи шуғл ва сатҳи даромади аҳолӣ баланд бошад, он гоҳ сатҳи раванди муҳоҷиратии аҳолӣ паст хоҳад шуд. Дар солҳои охир муҳоҷирати аҳолӣ аз рӯи миқдор нисбат ба солҳои 70-ум ва 80-уми асри гузашта чанд маротиба афзудааст. Ин ҳолат бо рушди иттилооту иртиботот ва рафъи маҳдудиятҳо дар озодии тағйири макони аҳолӣ шарҳ дода мешавад. Инчунин, маълумотнокии аҳолӣ дар бораи ҷойҳои нав ва имконпазирии сукунат, ба фаъолшавии равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ мусоидат мекунад.

Аммо дар Тоҷикистон мақомоти муайянкунандаи сиёсат дар ин соҳа зери мафҳуми «Муҳоҷирати дохилӣ» кӯчонидани ихтиёрии аҳолӣ ва кӯчонидани аҳолӣ аз ҷойҳои хатарнок ё худ мавриди таъсироти равандҳои экзогенӣ қарордошта ва зери мафҳуми «муҳоҷирати хориҷӣ» муҳоҷирати меҳнатӣ ва бебозгашти аҳолӣ ба хориҷа фаҳмида мешавад. Аммо ин андеша дар шарҳу таърифи муҳоҷират маҳдуд аст, зеро он на ҳама намудҳои мавҷудаи муҳоҷиратро (ҳам дар муҳоҷирати дохилӣ ва ҳам хориҷӣ) дар бар намегирад. Таърифи васеътар дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» дода шудааст: «*Муҳоҷират – ин ба тарзи бебозгашт, муваққат, инчунин мавсимӣ тағйири макон кардани ашхоси воқеӣ дар дохил ва хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст*»[54]. Ин таъриф низ ҳамчунин на ҳама намудҳои мавҷудаи муҳоҷиратро дар бар мегирад.

Кӯшиш мекунем, ки таърифи дигари муҳоҷиратро пешниҳод гардонем, ки он тамоми намудҳои муҳоҷират – ҳам қонунӣ, ҳам ғайриқонунӣ, ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷиро дар шароити иқтисодии гузариш дар бар бигирад.

«*Муҳоҷирати аҳолӣ – ин мутаҳаррикии фардҳо ва гурӯҳҳои одамон аст, ки зимни он убури сарҳадоти маъмурӣ ё давлатӣ бо тағйир ё бе тағйири (муҳоҷирати ғайриқонунӣ) макони доимии сукунат сурат мегирад*». Бо такя бар ин таъриф метавон гуфт, ки сабаби бамаротиб афзудани шумори муҳоҷирон дар куҷо нуҳуфта будааст ва дар таърифи мазкур ин ҷанбаи афзоиши босуръати шумори муҳоҷирон,

---

[54] Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират», №881, аз 11.12.1999, Маҷлиси Олии ҶТ ва оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи муҳоҷират» №31, аз 10.05.2002.

ки дар ҷойҳои маскунияти нави худ ба тарзи муваққат, вале ба муддати тӯлонӣ боқӣ мемонанд ва ба ҳисоб гирифта намешаванд, дақиқан тазаккур ёфтааст.

Аз ин таърифи муҳоҷирати аҳолӣ чунин таърифи муҳоҷир низ бармеояд: «*муҳоҷир – ин фардест, ки сарҳади маъмурию давлатиро ба тарзи қонунӣ ё ғайриқонунӣ убур карда, дар ҷойи сукунати нав бо тағйир ва ё бе тағйири макони сукунати доимӣ ба муддати номуайян боқӣ мемонад*».

Дар бораи намуду шаклҳои муҳоҷират корҳои зиёде навишта шудаанд. Козински ва Прозеро афкори олимони бисёрро гирд оварда, таснифи васеътари намудҳои муҳоҷиратро пешниҳод кардаанд. Аз ҷумла онҳо менигоранд: «*Муҳоҷиратро бояд аз рӯи меъёру натиҷаҳои гуногун баррасӣ кард. Онро ба намудҳои зерин тақсимбандӣ кардан мумкин аст: аз рӯи давомнокӣ (муваққатӣ ва доимӣ); аз рӯи масофа (дур ё наздик); аз рӯи убури сарҳад (дохилӣ ё хориҷӣ); аз рӯи ҷалби ҳудудӣ (минтақавӣ, вилоятӣ, кишварӣ); аз рӯи қабули тасмим (ихтиёрӣ, аз ноилоҷӣ, иҷборӣ); аз рӯи теъдоди ҷалбшудагон (инфиродӣ, оммавӣ); аз рӯи таркиби иҷтимоии муҳоҷирон (оилавӣ, қавмӣ, инфиродӣ); аз рӯи ташкили сиёсии муҳоҷират (кафолатӣ, ихтиёрӣ); аз рӯи сабаб (иқтисодӣ ва сабабҳои дигар); аз рӯи мақсад (навписандӣ, анъанавӣ)*»[55]. Чунин усул, ба назари мо, барои дар бар гирифтани тақрибан тамоми намудҳои муҳоҷират имкон медиҳад.

Аз баррасии адабиёти мавҷуда дида мешавад, ки намудҳои асосии муҳоҷират иборат аз намудҳои зайланд: ихтиёрӣ, доимӣ, гуреза, кӯчондашудагони дохилӣ, муҳоҷирати меҳнатии иҷборӣ, мавсимӣ ва муваққатӣ. Муҳоҷирати лангариро (маятниковый) метавон муҳаррикӣ номид, зеро дар он як шарти муҳоҷират – тағйири макони зист кардани одамон ба тарзи доимӣ ва ё муваққатӣ амалӣ намегардад.

Усули дигар ҳангоми таснифи муҳоҷират метавонад ба ҳисоб гирифтани таъсири омилҳои барангезандаи муҳоҷират бошад. Ошкор намудани омилҳое, ки ба рушди равандҳои мавриди назар таъсир мерасонанд, барои муайян кардани сиёсат дар ин ё он соҳа нақши ҳалкунанда дошта, имкон медиҳад оқибатҳои манфӣ рафъ ва шароити мусоид фароҳам сохта шавад, равишҳои мустақим ё ғайримустақим истифода шуда, барои тағйири оқибатҳои манфӣ ба мусбат замина офарида шавад.

---

[55] Kosinski & R. Mansell Prothero. 1975 “People on the move”. Studies on internal migration, edited by Leszek A. , By Methuen & Co Ltd. London, p-9.

Омилҳои таъсиррасон ба муҳоҷират метавонанд инҳо бошанд: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, сиёсӣ, этникӣ ва равонӣ. Омили равонӣ фавқулодда муҳим аст, зеро рафъи садди равонӣ ҳангоми омодагирии фард барои муҳоҷират, мутобиқшавӣ дар ҷойи нав ва билохира ҷиҳати дарки он, ки чаро яке муҳоҷир мешавад, дигаре маҳалли муқимии хешро афзалтар медонад, нақши муайянкунанда дорад.

Дар аксари маъхазҳои илмӣ (шӯравӣ, русӣ ва ғарбӣ) зери мафҳуми муҳоҷирати ихтиёрӣ он намуди муҳоҷират фаҳмида мешавад, ки бо ташаббуси худи фард сурат мегирад ва намуди иҷборӣ он муҳоҷиратест, ки барангезандаи он омилҳои экзогенӣ мебошанд. Чунин усули арзёбии раванди муҳоҷират, ба ақидаи мо, яктарафа аст, гарчӣ аз нуқтаи назари қабули тасмим чунин таснифи намудҳои муҳоҷират ва ташреҳи он ҳаққи мавҷудият доранд.

Дар ҳар сурат, ашхоси фаъолу моил ба муҳоҷират бар асари омилҳои эндогенӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, мазҳабӣ, равонӣ, солимӣ ва муҳоҷирати вобаста, яъне волидайни пиронсол ва фарзандони хурдсол) ё экзогенӣ (омилҳои ниҳодӣ ё сиёсӣ ва муҳити зист) бештар мутаҳарриканд. Бинобар ин, дуруст нест, ки муҳоҷирати бар асари омилҳои эндогенӣ суратгирандаро танҳо ба муҳоҷирати ихтиёрӣ мансуб донист. Маъмулан, чунин фармудаҳо ба далелҳои зайл асос ёфтаанд: масалан, аксари муҳаққиқон бар ин назаранд, ки одамон бо хоҳиши худ муҳоҷират мекунанд, на зери фишори ҳокимиятҳо ва офатҳои табиӣ ва бо ин розӣ шудан мумкин аст. Яъне, ин гуна муҳоҷиратро ихтиёрӣ номидан дуруст аст. Аммо ҳамагуна муҳоҷират бар асари омили алоҳида ё маҷмӯи омилҳо сурат мегирад. Чунонки зикр гардид, омилҳои эндогенӣ афрод ё оммаи мардумро ба муҳоҷират таҳрик медиҳанд. Ҳар омили таҳрикдиҳанда худ ба худ пайдо намешавад, чизе ба он мусоидат мекунад. Ин ҷо тазаккур бояд дод, ки фаъолии муҳоҷирати аҳолӣ аксаран аз сатҳи шуғл ва даромад дар макони аслии муҳоҷирон ва қаноатмандии эҳтиёҷоти хонаводаҳои онон вобаста аст. Яъне, фаъолии муҳоҷирати аҳолӣ бо сатҳи шуғл ва даромади аҳолӣ пайвастагии мутақобила дорад. Аз ин бармеояд, ки бадшавии вазъият дар ин ё он соҳаи ҳаёти ҷомеа, тамоми хонавода ва ё афроди алоҳидаро ба муҳоҷират маҷбур мекунад.

Муҳоҷирати бар асари омилҳои эндогенӣ суратгиранда, бешак метавон гуфт, ки иҷборист ва аксари муҳаққиқон инро тазаккур медиҳанд.

Ба назари мо, муҳоҷирати бар асари омилҳои эндогенӣ ва экзогенӣ суратгирандаро, бо назардошти таъсири ин ё он омили алоҳида ё маҷмӯи омилҳо бояд чун муҳоҷирати иҷборӣ арзёбӣ кард. Агар ба муҳоҷират аз мавқеи қабули тасмим нигоҳ кунем, он гоҳ имкон дорад онро ба ихтиёрӣ ва иҷборӣ тақсимбандӣ кард.

Дар кори худ мо омилҳои барангезандаи муҳоҷирати дохилиро ба ду гурӯҳи калон – эндогенӣ ва экзогенӣ тақсим мекунем.

*I. Муҳоҷирати дохилии аҳолӣ, ки бар асари омилҳои экзогенӣ барангехта шудааст, ҷанбаҳои зеринро дарбар мегирад:*

1) аҳолии аз манотиқи хатари экологидошта кӯчонидашуда;

2) аҳолии бар асари офатҳои табиӣ (обхезӣ, хушксолӣ, сӯхтор, ярч, заминларза) кӯчонидашуда;

3) муҳоҷирати марбут ба заволёбии муҳити зист бар асари фаъолияти инсон;

4) гурезагон ва ашхоси кӯчонидашудаи дохилӣ (бар асари муқовиматҳо, яъне омили сиёсӣ).

*II. Муҳоҷирати дохилии аҳолӣ, ки бар асари омилҳои эндогенӣ барангехта шудааст, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:*

1) муҳоҷирати дохилии муваққатӣ ва мавсимии меҳнатӣ:

- дар соҳаи сохтмон;
- дар соҳаи тиҷорат;
- дар соҳаи хидматрасонӣ;
- дар соҳаи нақлиёт;
- дар соҳаи хидматҳои шаҳвонӣ.

2) кӯчониши ихтиёрии аҳолӣ бо кафолати давлат;

3) муҳоҷирати дохилии бебозгашт вобаста ба паҳншавии худудии он: - дохиличумҳуриявӣ; - дохиливилоятӣ; - байнивилоятӣ; - байниноҳиявӣ.

4) муҳоҷирати лангарии аҳолӣ (мутаҳаррикӣ) дар атрофи шаҳрҳои калони кишвар.

# 5. МУҲОҶИРАТ ЧУН РАВАНДИ ИҶТИМОИЮ ДЕМОГРАФӢ, ОМИЛҲО ВА ВАЗИФАҲОИ ОН

Муҳоҷирати аҳолӣ ба рушди ҷамъиятӣ тавассути иҷрои вазифаҳои худ таъсир мерасонад. Вазифа - ин нақшест, ки муҳоҷират дар фаъолияти ҳаётии ҷомеа иҷро мекунад. Мутобиқи консепсияи таҳияшуда муҳоҷирати аҳолӣ вазифаҳои танзимӣ ё худ инвариантӣ, ба мисли суръатбахшӣ, азнавтақсимкунӣ ва селективиро иҷро мекунад. Моҳияти ин вазифаҳо аввалан, ба офаридан ва афзудани мутаҳаррикии ҷуғрофии инсон вобаста аст, ки тағйири макони зисти ӯ ба дигаршавии хусусияти иҷтимоию равонии одамон, васеъшавии доираи назар, андӯхтани дониш дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа, табодули таҷрибаи корӣ ва заковати истеҳсолӣ, рушди шахсият, зиёд гардидани эҳтиёҷоти моддӣ, иҷтимоӣ - маънавӣ ва ҳамоиши фарҳанги миллӣ мусоидат мекунад. Баъдан, дар азнавтақсимкунии (такрористеҳсоли аҳолӣ) миқдории аҳолӣ дар тамоми ҳудуди кишвар, яъне хусусияти ин вазифа бо хосияти ҳудудии он заминасозӣ гардидааст. Бояд тазаккур дод, ки амали азнавтақсимкунӣ шумораи аҳолиро афзоиш медиҳад, ба ҷараёни рушди равандҳои демографӣ таъсир мерасонад, зеро муҳоҷирон дар бозтавлиди аҳолӣ, бахусус, дар он ноҳияҳое, ки ҳаракати табиии аҳолӣ нисбатан суст аст, иштирок менамоянд. Сеюм, тағйири сифати аҳолии ноҳияҳои гуногун дар минтақаҳои аҳолинишине, ки муҳоҷирати гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоию демографӣ нобаробар ҳастанд. Вазифаи баланд кардани суръати ҳаракати аҳолӣ, азнавтақсимкунӣ ва селективӣ дар намудҳои гуногуни муҳоҷират худро ба тарзҳои мухталиф зоҳир месозанд. Дар муҳоҷирати номураттаб ё тасодуфӣ мақоми бештар ба вазифаи рушди мутаҳаррикӣ тааллуқ дорад. Ба дигар шаклҳои муҳоҷират ҳамаи вазифаҳои азнавтақсимкунӣ ва селективӣ хосанд, ки онҳо ба рушди аҳолӣ мусоидат мекунанд.[56] . Дақиқсозии ин вазифаҳо барои муайян кардани вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ имкон медиҳад

Яке аз вазифаи муҳими иқтисодӣ-ин таъмини мутобиқати миқдор ва сифати талабот ва пешниҳодоти қувваи корӣ аз рӯи ихтисос ва дараҷаи тахассусии гуногун дар ноҳияҳои мухталифи кишвар ва нуқтаҳои аҳолинишин мебошад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ омилҳои асосии муҳоҷират дар шароити мавҷудаи тақсимоти ҷойҳои корӣ тафриқаҳои ҳудудӣ, соҳавӣ, иҷтимоӣ ва ҷуғрофӣ, сатҳи некӯаҳволии моддӣ, шароити корӣ ва маишии одамон мебошанд.

---

[56] Заславская Т.И. Муҳоҷирати аҳолии деҳот,1970.- С.13-14

Вазифаи иҷтимоии муҳоҷират яке аз роҳҳои муҳимтарини мутаҳаррикии иҷтимоии фардҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳам аз дидгоҳи уфуқӣ ва ҳам амудӣ мебошад. Вазифаи асосии иҷтимоии муҳоҷират таъмини ҳарчӣ бештари эҳтиёҷоти шахс аст. Тасаввуроти иҷтимоӣ дар бораи омилҳои муҳоҷират бо таҳлили таъсири раванди шаҳрнишинӣ бо болоравии нақши шаҳрҳо, паҳншавии васеи матбуот, садо ва симо ва таблиғи тарзи зиндагии шаҳрӣ дар деҳот робита дорад.

Вазъи демографии ҷумҳурӣ имрӯз ба ташаккулёбӣ ва сифати бозори меҳнат таъсири калон мерасонад. Тоҷикистон ба гурӯҳи мамлакатҳои суръати афзоиши табиии аҳолиаш баланд дохил мешавад. Мувофиқи маълумоти оморӣ, ки суръати афзоиши табиии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ солҳои 90-уми қарни XX ба 2,7% баробар буд, айни ҳол то 2,2% кам шудааст, аз ҷумла суръати афзоиши аҳолии шаҳр 2,4% ва аҳолии деҳот бошад, 2%-ро ташкил додааст. Ин нишондиҳанда гувоҳи зиёд гардидани ҳиссаи аҳолии шаҳр дар шумораи умумии аҳолӣ ва нисбатан паст гардидани сатҳи таваллуд гардидааст. Коэффитсиенти умумии таваллуд дар ҷумҳурӣ дар соли 2006-ум 26,7 промил (‰) ва соли 2016-ум бошад - 26,6‰ , яъне ба ҳазор нафар аҳолиро ташкил медиҳад. Аслан афзоиши ин нишондиҳанда аз зиёдшавии шумораи мутлақи аҳолӣ ва хусусан, шумораи аҳолии аз лиҳози демографӣ фаъол вобаста аст. Тибқи маълумоти оморӣ соли 2016 ҳиссаи кӯдакон ва наврасони то синни 14- сола 3009,6 ҳаз. нафарро ташкил дода, беш аз 34 фоиз аз теъдоди умумии аҳолиро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, сатҳи фаъолнокии занони қобили меҳнат хеле паст мебошад. Ҳол он, ки ҳиссаи чунин табақаи аҳолӣ дар ҷумҳурӣ ба 29 фоиз баробар аст. Ба ҳисоби миёна ба 100 нафар занон 312 нафар кӯдак рост меояд. Дар шаҳр ин нишондиҳанда 252 нафар, дар деҳот бошад, 337 нафар кӯдаконро ташкил медиҳад.

Бояд зикр намуд, ки дар тӯли 10 соли охир коэффитсиенти умумии таваллуд нисбатан паст гардидааст, ки пастравии ин нишондиҳанда сабабҳои гуногун дорад, аз қабили:

- нисбатан беҳтар гардидани сатҳи зиндагонии аҳолӣ;
- баъди муҳоҷират тағйир ёфтани рафтори иҷтимоии муҳоҷирон:
- татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти банақшагирии танзими оила.

Ҳамин тариқ, афзоиши табиии аҳолӣ дарояндаи наздик ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои асосиро тақозо менамояд, ки муҳимтарини онҳо масъалаи бо ҷойҳои корӣ таъмин кардани аҳолии қобили меҳнат ба ҳисоб меравад.

Чуноне, ки маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи давлатҳое дохил мешавад, ки афзоиши баланди табиии аҳолӣ ва нишондиҳандаҳои пасти сифатнокии он, аз ҷумла шаклҳои анъанавии нигоҳдории оила ба он хос мебошад. Тибқи маълумотҳои оморӣ тағйирёбии динамикаи шумораи аҳолӣ дар муддати 16 сол чунин аст.




Дар ҷумҳурӣ афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ дида мешавад. Дар солҳои 2001-2016 шумораи аҳолӣ 2 367 ҳаз.наф. афзудааст. Агар афзоиши динамикаи шумораи аҳолиро дар давоми солҳои 2001-2016 дида бароем, он 37,1%-ро ташкил додааст.

(Агар соли 2000 ба сифати нишондиҳандаи муқоисавӣ қабул карда шавад, пас соли 2010 афзоиши мутлақи шумораи аҳолӣ нисбат ба ин давра 1438 ҳаз. наф. ё 23%-ро ташкил додааст. Аз ҷумла, аз ҳисоби афзоиши табиӣ (1563 ҳаз.наф. ё 25%) ва аз ҳисоби муҳоҷират (125 ҳаз. наф. ё 2% кам) шудааст. )




Тибқи маълумотҳои оморӣ, тағйирёбии шумораи аҳолӣ дар ноҳияҳо ва вилоятҳои ҷумҳурӣ дар солҳои 2000-2017 чунин аст:

Шумораи аҳолӣ (ҳаз.наф.)




Марҳилаи ҷоннокшавии нисбии иқтисодӣ, ки он аз соли 1998 шурӯъ мегардад, имрӯз боиси фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ гардидааст. Агар дар солҳои 1990-1999-уми асри XX бар асари пастравии истеҳсолот теъдоди аҳолии дар иқтисодиёт фаъол ба 180 ҳазор нафар кам гардида бошад, пас соли 2017 сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол нисбат ба теъдоди умумии аҳолӣ 28 фоизро ташкил мекунад (2438/8743*100).

Сатҳи пасти даромади аҳолӣ ва нафақа низ ба бозори меҳнат таъсири манфӣ мерасонад. Тақрибан 43 фоизи мардони нафақахӯр ва 15 фоизи занони нафақахӯри синну соли аз 60 боло, фаъолияти меҳнатиро идома дода истода, дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт кор карда истодаанд.

Ҳангоми таъмини рушди босуръати иқтисодӣ, инчунин мавриди назар қарор наёфтани шуғли доимӣ, низ аз омилҳое мебошанд, ки ба ташаккулёбии бозори меҳнат таъсири манфӣ мерасонанд. Мавҷудияти ин омил ба афзоиши бекории мутлақ ва пинҳонӣ мусоидат мекунад. Дар ниҳояти кор муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва хориҷӣ аз доираи танзим берун мемонад. Дар навбати худ, сатҳи баланди бекорӣ соли 2016 дар ҷумҳурӣ (теъдоди бекорони расман ба қайд гирифташуда 54 ҳазор нафарро ташкил мекунад), 2,3% шумораи аҳолии фаъоли иқтисодиро дар бар гирифтааст, ки арзиши нерӯи кориро дар бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ коҳиш медиҳад.

Паст будани арзиши нерӯи корӣ боиси он мегардад, ки теъдоди нисбатан ками бекорон бо кор таъмин карда мешавад ва аксарияти захираҳои меҳнатӣ ҳамчун муҳоҷир берун аз ҷумҳурӣ кору фаъолият менамоянд. Авҷгирии раванди муҳоҷирати меҳнатии аҳолии кишвари мо ба паст шудани сатҳи зиндагӣ, набудани ҷои кор ва даромади иқтисодии онҳо вобаста аст. Ғайр аз ин, ба афзоиши муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ ба маҳалҳои дигар, садду монеаҳои табиию иҷтимоӣ низ таъсир

расонидаанд. Чунончӣ, бар асари рушди босуръати илму технология ва пешрафти саноату воситаҳои нақлиёт, касбу ихтисосҳои зиёд моҳияташонро гум кардаанд. Дар баробари ин, минбаъд ҳам, садаи 21 ҳамчун асри рушди технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт ба раванди муҳоҷират таъсири бештаре хоҳад расонд.

Яке аз чунин монеаҳо тағйирёбии муҳити атроф, ки он боиси тағйири макони зисти одамон шудааст, ба ҳисоб меравад. Сарфи назар аз он, ки ин фарсудашавӣ бар асари фаъолияти худи инсон ва офати табиӣ фаро расидааст, он суръати муҳоҷиратро метезонад. Аз ин нигоҳ, таъсири фаъолияти инсон ба табиат, яъне муносибати бераҳмонаи ӯ нисбат ба муҳити атроф сабаби пайдоиши шаклҳои гуногуни муҳоҷирати иҷбории вобаста ба тағйирёбии муҳити зист гаштааст. Тафовути ин шакли муҳоҷират аз муҳоҷирате, ки бо сабабҳои сиёсӣ ба вуҷуд меояд, дар он аст, ки омили асосӣ заволи муҳити зист ҳисобида мешавад.

Таъсири тағйирёбии муҳити зист ба раванди инкишофи муҳоҷирати аҳолӣ як самти нави таҳқиқоти илмӣ аст, ки аз гузаштаи на он қадар дур ибтидо мегирад. Бар асари афзоиши аҳолӣ ва рушди истеҳсолоти ҷумҳуриамон муҳити зист рӯ ба таназзул овард ва ин раванд идома дорад. Яъне, афзоиши аҳолӣ ва муносибати бераҳмонаи ӯ ба табиат, ки дар пайёмад коҳиши захираҳои табиии фарсоиши табиатро ба бор дорад, солҳои наздик эҳтимол боиси муҳоҷирати оммавии иҷбории аҳолии минтақаҳо гашта, сабаби пайдоиши буҳрон гардад. Феълан осеби зиёнбори дигаргуниҳои ҷиддии харобиовари табиӣ на танҳо дар кишвари мо, балки дар ҷаҳони муосир аз зиёне, ки бар асари ҷангҳои гуногун расидааст, бештар аст.

Танҳо дар давоми 15 соли охир аҳолии ҷумҳурии мо соле 2 фоиз, яъне ҳар сол наздики 140 ҳазор нафар зиёд мегардад. Мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии соли 1926, теъдоди аҳолии ҷумҳурӣ 1 032 ҳаз. нафарро ташкил дода, дар давоми 90-сол шумораи аҳолӣ 8,5 -маротиба афзудааст. Тибқи маълумоти барӯйхатгирии охирони соли 2010, шумораи умумии аҳолӣ ба 7564,5 ҳаз. наф., аз ҷумла 3817,0 ҳаз. наф. мардҳо ва 3747,5 ҳаз нафар занонро ташкил додааст. Тибқи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2017 ба нашр расидааст шумораи аҳолии доимии ҷумҳурӣ дар охири соли **2018 9,200** ҳазор нафарро ташкил намудааст. Ин рақам аз он шаҳодат медиҳад, ки минбаъд ҳам аҳолӣ афзуда, боиси коҳиши бештари захираҳои табиӣ, фарсоиши муҳити зист ва авҷгирии раванди муҳоҷирати аҳолӣ мегардад. Аз ин рӯ, ҷилавгирии шиддати муҳоҷирати аҳолӣ аз мавзеъҳои хавфнок ба ҳалли проблемаи афзоишу зичии аҳолӣ вобаста аст. Заволи тадриҷии табиат бар асари фаъолияти

инсон падидомада, дар айни замон коҳиш додани муҳоҷирати фаъол аз вазифаҳои муҳими имрӯзу фардо мебошад. Барои расидан ба ин мақсад, бояд пеш аз ҳама дар ҳалли масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ қадами устувор гузошта шавад.

Ҳамин тариқ, ба раванди ташаккули бозори меҳнати ҷумҳурӣ омилҳое таъсири амиқ мерасонанд, ки аз нигоҳи устуворияту шиддатнокии худ имрӯз ва дар оянда низ ҳамчун омилҳои нигаронкунанда боқӣ мемонанд. Табиист, ки аз байн бурдани онҳо татбиқи сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии самарабахш ва мақсаднокн давлатиро барои муддати тӯлонӣ тақозо менамояд.

Дар тӯли 10 сол, аз соли 2009 то соли 2018, афзоиши захираҳои меҳнатӣ ба андозаи 24,19% сурат гирифтааст. (ниг. Диаграммаи 1). Дар тӯли давраи мазкур, шахсоне, ки дар байни солҳои 1994 ва 2003 таваллуд шудаанд, ба синни қобили меҳнат (15 сола) расидаанд. Афзоиши табиии аҳолӣ дар тӯли даҳсола аз соли 1994 то соли 2003, 17,24% -ро ташкил дод, ба ҳисоби миёна барои ҳар панҷ сол 8,62% афзоиш ёфтааст. Ҷадвал нишон медиҳад, ки дар тӯли панҷсолаҳои оянда (2004-2008, 2009-2013 ва 2014-2018) суръати афзоиши аҳолӣ зиёд мешавад, ки боиси афзоиши захираҳои меҳнатӣ дар 15 соли оянда мешавад, вақте ки шахсони таваллудшуда аз соли 2004 ба синну соли қобили меҳнат мерасанд.

Диаграммаи 1 .




Ҳамин тавр дар назардошти сатҳи баланди таваллуд дар тӯли 15 соли охир, бояд интизор шуд, ки суръати афзоиши захираҳои меҳнатӣ дар тӯли 15 соли оянда баланд боқӣ мемонад

# 6. ОМӮЗИШИ ОМИЛҲОИ МУҲОҶИРАТ

Ба андешаи олими рус И.В. Переведенсев, муҳоҷирати аҳолӣ бар асари сабабҳои зиёд сурат мегирад. Омилҳои муҳоҷират-сабабҳои амиқтарини муҳоҷиратанд. Мақсади аслии муҳоҷират инъикоси сабабҳои муҳоҷират дар шуури муҳоҷирон маҳсуб меёбад. Сабаби он чизест, ки натиҷа ё амалро заминасозӣ мекунад. Ҳалқаи мобайнӣ миёни омилҳо ва фаъолиятҳо муҳоҷиратро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад. Онҳое, ки аз одам - фард пуштибонӣ мекунанд-омилҳои субъективӣ ё муғризона башумор мераванд ва онҳое, ки аз «ҷамоат» пуштибонӣ мекунанд – объективона ё воқеъбинона мебошанд. Таснифи омилҳои воқеӣ чунинанд: табиӣ ва ҷамъиятӣ. Табиӣ-ин ҳудуди тафриқаҳо дар шароити табиӣ ва омилҳои ҷамъиятӣ-фарқҳои ҳудудӣ дар шароити ҷамъиятӣ. Омилҳои ҷамъиятӣ инҳоянд: демографӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, табиӣ, иҷтимоию равонӣ.[57]

Барои муайян намудани омилҳои муҳоҷират сабабҳои муҳимтарин ба кӯчидан водоркунанда ва таҳрикдиҳандаи одамонро муайян бояд кард.

Омилҳо дар муайян кардани сиёсат дар ин ё он соҳа аз тариқи рафъ ё эҷод кардани монеаҳо ё шароити бо роҳи мустақим ё ғайримустақим, мусоидаткунанда нақши ҳалкунанда доранд, то ин ки натиҷаҳои манфӣ хусусияти мусбат пайдо кунанд.

Омӯзиши омилҳои ба муҳоҷирати аҳолӣ таъсиркунанда аҳамияти хоса дорад, зеро ки ҳангоми таҳқиқи ин падида ба таҳлили омилии равандҳои ҳиҷратие, ки дар ҷомеа сурат мегиранд, аҳамияти махсус дода мешавад. Омилҳои бо муҳоҷирати аҳолӣ таъсиркунанда гуногун: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, сиёсӣ, табиию иқлимӣ, этникӣ ва инчунин равонӣ буда метавонанд, зеро маҳз гузаштан аз монеаи равонӣ ҳангоми омодагирӣ ба ҳиҷрат нақши фаъол дошта бошад ҳам, вале, замони мутобиқшавӣ ва ё нашудан ба ҷойҳои нав ва билохира, барои дарки он, ки чаро баъзеҳо муҳоҷир мешаванд ва баъд дар ҷойи зисти худ монданро авло медонанд), вобаста аст.

Алҳол чунин омилҳоро номбар кардан мумкин аст.

1. Омилҳои иқтисодӣ. Муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ барои қисми зиёди аҳолӣ ягона роҳи халосӣ аз вазъи баамаломадаи иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

2. Омилҳои демографӣ шумораи аъзои оила, таносуби ҷинсҳо, номутаносибии ҷинсӣ дар синни издивоҷ, тақсимбандии синнусолӣ бо вобастагии шадид (бо аҳолии ҷавон ва пир), сатҳи таҳсилоти аҳолиро

---

[57] Переведенсев В.И. Равишҳои омӯзиши муҳоҷирати аҳолӣ. М. 1975.

дар бар мегиранд. Чунин омилҳо, аксаран бо эҳтиёҷоти иқтисодӣ, яъне буҷети хонамоликӣ вобаста аст.

3. Омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ инҳоро фаро мегиранд: таъмин будан бо хизматрасонии тиббӣ ва таҳсилотӣ, нақши гурӯҳи этникӣ ва билохира, мутобиқшавӣ ба макони интихобгардида (омилҳои фарҳангӣ метавонанд сабаби тарки макони зист кардан, чун аксуламал ба қаноатманд набудан ва дарёфт накардани эҳтиёҷоти фарҳангӣ бошанд). Равандҳои мутобиқшавии муҳоҷирони корӣ ба хориҷ, мутобиқ шудан ба шароити нави корӣ ва умуман зиндагӣ аҳамияти зиёд доранд.

Ба омилҳои муҳими мутобиқшавӣ ва ҳамзамон ба мушкилиҳои асосии кор дар хориҷа бояд донистани забони кишвари пазирандаро маҳсуб донист.

Таассуботи «Зидди муҳоҷиратие», ки дар миёни баъзе кишварҳои аҳолии Федератсияи Россия вуҷуд дорад, боиси муносибати табъизомез дар бозори кор ва манзил мегардад, ки ба ҳамоиши муҳоҷирон ба ҷомеа монеа эҷод мекунад ва намегузорад, ки онҳо бо фарҳанги Россия наздиктар ошно шаванд ва забонро беҳтар аз бар намоянд.

4. Омили сиёсӣ ташаккули ҷараёни муҳоҷиратро аз Тоҷикистон таҳрик бахшид, ба ноороміҳо ва ҷанги шаҳрвандӣ боис гардид ва такопҳои иҷтимоию сиёсиро барангехт. Бесуботиҳои сиёсӣ дар оғози солҳои 90-ум одамони зиёдеро дар Тоҷикистон маҷбур сохт, ки хонаҳои худро тарк намуда, ба ҷойҳои дигар кӯч банданд.

## 7. НИШОНДИҲАНДАИ МУҲОҶИРАТ.МЕТОДҲОИ ҲИСОБИ ШУМОРАИ МУҲОҶИРОН

Барои омӯзиши равандҳои муҳоҷират ду гурӯҳи асосии нишондиҳандаҳоро ҷудо мекунанд: мутлақ ва нисбӣ.

Ба нишондиҳандаҳои мутлақ инҳо мансубанд: шумораи омадагон – v + ; рафтагон - v-, тафовути байни онҳо (v+ - v-) салдои муҳоҷират ё муҳоҷирати соф (нетто) – и муҳоҷиратро ташкил медиҳад. Ҷамъи омадагон ва рафтагон (v + - v-) гардиши муҳоҷират аст, ки онро муҳоҷирати маҷмӯӣ ё брутто (маҷмӯъ) – и муҳоҷират низ мегӯянд.

Ҳаҷми собити муҳоҷират метавонад ҳам мусбат ва ҳам манфӣ бошад, дар сурате, ки шумораи рафтагон аз омадагон зиёд бошад.[58]

Гардиши муҳоҷират (муҳоҷирати умумӣ, ҳаҷми ноҳолиси муҳоҷират) чун бузургии маҷмӯии кӯчиш дар ҳудуди муайян дар давраи муайяни замон аст.

Нишондиҳандаҳои нисбии муҳоҷират хусусияти гуногунтаркибаи бештар доранд, ки онҳо ифодакунандаи муносибати нишондиҳандаҳои мутлақ ҳам дар миёни худ ва ҳам бо шумораи аҳолӣ мебошанд. Масалан, нисбат ба ҳаҷми собити муҳоҷират бо муҳоҷирати умумӣ самаранокии ҳаракати аҳолиро тавсиф менамояд. Натиҷаҳои ин нишондиҳанда аз 0 то 1 дар ҳолати калавишанд.[59]

Ба ҳайси тавсифи нисбии иқтидори муҳоҷират метавонад ҳамчунин зариби (коэффитсенти) фаъолнокии муҳоҷират амал кунад. Мафҳуми фаъолнокии муҳоҷират суръати онро дар гурӯҳҳои муайяни ҳудудию демографӣ тавсиф менамояд ва бо касри дуруст ифода мешавад, ки сурати он – шумораи муҳоҷирон (омадагон, рафтагон ё ҷамъи онҳо) ва махраҷ-шумораи миёнаи аҳолӣ дар ин давра мебошад.

Адади моҳияти васатӣ (зариби фаъолноки муҳоҷират) ба як баробар аст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки дар ноҳияҳое, ки моҳияти зариби фаъолнокии муҳоҷират аз як баланд аст, он ҷо фаъолнокии баланди робитаҳои ҳиҷратӣ мавҷуд аст ва баръакс. Афзалияти нишондиҳандаҳои зарибҳои фаъолнокии мухоҷират дар он аст, ки барои ҳисоби онҳо дар даст доштани ҳисоботи оморӣ дар бораи сохтори аҳолии ҳиҷраткунанда кифоя аст, то дар бораи мавзуи мавриди назар натиҷагирӣ карда шавад.[60]

Фоизи шиддатнокии воридшудагон чунин таносуб дорад:

---

[58] Денисенко М.Б., Хореев Б.С., Ионцев В.М. Миграциология. М,1989 МГУ.. -С.23-24

[59] Ҳамон ҷо. -С.24-25

[60] Воробев О.Д. Миграция населения (выпуск первый теория и практика исследования) . М ,2001. - С44.

$$K_{ij} = \frac{\frac{P_{ij}}{\sum_{i=1}^{m} P_{ij}}}{\frac{S_i}{\sum_{t=1}^{m} St}} \times 1000$$

ин ҷо:

$P_{ij}$ - шумораи омадагон ба ноҳияи j аз ноҳияи i;

$\sum_{t=1}^{m} P_{ij}$ - маҷмӯи шумораи омадагон ба ноҳияи j аз ноҳияи i;

$\sum_{t=1}^{m} St$ - аҳолии ноҳия i дар давраи t=1 шумораи умумии аҳолии ноҳияҳои таркшаванда, ки бо онҳо ноҳияи j робитаҳои ҳиҷратӣ дорад:

Коэффитсиенти шиддатнокии хориҷшудагон чунин аст:

$$K_{ij} = \frac{\frac{B_{ij}}{\sum_{i=1}^{m} B_{jt}}}{\frac{S_i}{\sum_{t=1}^{m} St}} \times 1000$$

ин ҷо:

- шумораи рафтагон аз ноҳияи j ба ноҳия

- маҷмӯи шумораи рафтагон аз ноҳияи j ба ноҳияи i;

- шумораи миёнаи солонаи аҳолӣ.

Нишондиҳандаҳои муҳоҷират-тавсифҳои рақамии мутлақ ва нисбии раванди муҳоҷират дар дараҷаҳои гуногуни он чунинанд; муҳоҷирати эҳтимолӣ, кӯчидан, муқимшавии навомадҳо; истифодашавандаҳо дар таҳлили вазъи муҳоҷират дар сатҳи кишвар, минтақа ё мавзеъҳои сукунат. Нишондиҳандаҳои муҳоҷират метавонанд сатҳи умумии серҳаракатии аҳолии ҳудуд, миқёс, сохтор, самтҳо ва самарбахшии ҷараёни муҳоҷират дар ин ё он давраро муайян кунанд.

Аксаран ин нишондиҳандаҳои тақрибию нисбӣ (зарибҳои муҳоҷират), ба муқоисаи нишондиҳандаҳои мутлақ (омадан, рафтан, равандҳои афзоиши муҳоҷират, ҳаҷми собити муҳоҷират, гардиши муҳоҷират ва ғайра) бо ҳисоби миёнаи маҷмӯи аҳолии омӯхташаванда дар давраи муайян асос ёфтаанд. Бо мақсади муқоиса бо нишондиҳанда ҳаракати табиӣ зарибҳои муҳоҷират, чун қоида аз рӯйи ҳисоби ба ҳар 1000 нафари ҳудуди марбута ё гурӯҳи иҷтимоию демографии аҳолӣ ҳисоб карда мешавад. Дар назарияи муҳоҷират ва амалияи он нишондиҳандаҳои муҳоҷирати эҳтимолӣ ва муқимшавии навомадҳо камтар аз ҳама таҳқиқ шудаанд.

Ба ҳайси умумитарин нишондиҳандаҳои муҳоҷирати эҳтимолӣ метавонанд бахше аз муҳоҷирони эҳтимолӣ (ашхосе, ки тасмим гирифтанд, ки аз макони худ мераванд, вале ҳоло қарори худро амалӣ накардаанд) ва иддаи марбутаи устувор ҳам дар ҳайати тамоми аҳолӣ ва хам дар таркиби гурӯҳҳои иҷтимоию демографии он (аз рӯйи ҷинс, синну сол, миллат, касб, таҳсилот, мақоми оилавӣ, ҷойи таваллуд, ҷойи зисти пешина ва ғайра) истифода шаванд. Сатҳи серҳаракатии хиҷратии эҳтимолӣ дар байни аҳолии ҳудудҳои гуногун бештар аз ҳама мувофиқи натиҷаҳои татбиқи муқарраротн муҳоҷиратӣ арзёбӣ мегардад. Нишондиҳандаи дақиқтарин сатҳи серҳаракатии ҳиҷратӣ-микдори кӯчиданҳо дар тӯли ҳаёти гузаронида барои ашхоси синну соли муайян ё тамоми аҳолӣ мебошад. Микёс ва иқтидори муҳоҷират аввалан, нишондиҳандаҳои мутлақ-шумораи омодагон, рафтагон ё ҷамъи онҳо (гардиши муҳоҷират), дуюм, нишондиҳандаҳои нисбӣ-ҳаҷми муқоисавии муҳоҷирон аз ноҳияҳои таркшуда дар ҳаҷми умумии муҳоҷирони ноҳияи сокиншавиро ифода менамояд. Натиҷаҳои муҳоҷирати аҳолӣ бо як гурӯҳ нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбӣ тавсиф мегарданд. Дар миёни онҳо – (салдои) бақияи муҳоҷират, афзоиш аз ҳисоби муҳоҷират, ки чун тафовут байни афзоиши умумӣ ва табиии аҳолӣ ҳисобӣ карда мешавад. Ҳиссаи он дар афзоиши умумӣ ё табиӣ, ё ки шумораи аҳолӣ, имкон медиҳад, ки нақши муҳоҷират дар ташаккули аҳолӣ арзёбӣ шавад.

Самарабахшии муҳоҷирати аҳолӣ инчунин бо дарназардошти миқдори рафтагон ба ҳар 1000 нафари омадагон ба ҳудуди мушаххас муайян карда мешавад. Ин нишондиҳанда метавонад чун нишондиҳандаи умумӣ ё байниноҳиявӣ ба ҳисоб гирифта шавад. Дар мавриди аввал натиҷаҳои умумии табодули муҳоҷиратии ҳудудҳо ва дар мавриди дуюм-табодул бо ҳар як ҳудуди мушаххас арзёбӣ мешавад.

Коэффитсиенти шиддатнокии робитаҳои муҳоҷиратӣ:

- шумораи умумии аз ноҳия j ба ноҳияи i рафтагон аст;
- шумораи умуми ба ноҳия i аз ноҳияи j омадагон аст.

Коэффитсиенти самаранокии умумии муҳоҷират:

$\sum_{i=1}^{m} B_{jc}$ - маҷмӯи шумораи умумии аз ноҳия j ба ноҳияи i рафтагон аст;

$\sum_{i=1}^{m} P_{ij}$ - маҷмӯи шумораи умумии ба ноҳия i аз ноҳияи j омадагон аст;

# 8. МУҚИМИШАВӢ Ё МУТОБИҚШАВИИ МУҲОҶИРОН БА МАКОНИ НАВИ ЗИСТ.

Фаъол гаштани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар давраи кунунӣ ба назарияи муҳоҷират баъзе дигаргуниҳо ворид месозад. Имрӯз зарурат ба миён омадааст, то тарҳи таҳқиқҳои илмӣ дар мавзӯи муҳоҷират ба тарзи нав тақсимбандӣ гардад, вазифаҳо ва сабабҳои нав ба миёномадаро равшан намуда, давраҳои муҳоҷират дақиқ карда шаванд. Айни замон, бояд гуфт, ки тибқи назарияи мавҷуда, муҳоҷират чун падидаи воқеӣ ва ҳадафманд боқӣ мемонад ва ба се марҳила тақсим мешавад.

Марҳилаи ибтидоӣ ё омодашавӣ - ин ҳолати тайёршавии равонии фард ба муҳоҷират аст. Дар ин марҳила бештар онҳое дорои омодагии равонӣ ҳастанд, ки аллакай таҷрибаи муҳоҷирӣ доранд. Барои ин гуна муҳоҷирон серҳаракатӣ хос буда, онҳо бештар мутаҳарриканд. Масалан, агар ҷои кор ё истиқомат ва ё маҳалли зист ба вай мувофиқ набошад, ӯ хеле зуд онҷоро дигар мекунад.

Марҳилаи дуюми раванди муҳоҷират тағйири макони зист аст. Барои тавсифи ин марҳилаи муҳоҷират таҳлили ҷараёни муҳоҷират на танҳо дар маҷмӯъ дар сатҳи мамлакат, балки дар миқёси вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои кишвар аҳамияти муҳим дорад . Аз ин рӯ, оид ба ин масъала ҳар моҳ ва ҳар семоҳа маълумоти оморӣ пешниҳод карда мешавад.

Марҳилаи ниҳоӣ - ин даврai одат карданба ҷои нав аст. Мутобиқшавӣ ду шакл дорад: иҷтимоӣ ва табиӣ. Раванди тағйир додани макон байни ноҳияҳои дорои шароити гуногуни табиӣ ва ҷойгиршавии ҷуғрофии онҳо ба таври гуногун сурат мегирад. Бинобар ин шахс бояд ҷоеро интихоб намояд, ки шароити иқлим табиӣ барояш мувофиқ бошад.

Албатта, мутобиқшавӣ ба шароити иҷтимоӣ низ барои ҳар фард хеле муҳим аст.

Раванди мутобиқшавӣ, бахусус барои муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷа хеле муҳим аст, зеро одат кардан ба шароити нави корӣ ва умуман тарзи зиндагии нав басо мушкил мебошад. Ба омили муҳимтарини мутобиқшавӣ ва ҳамзамон барои бартараф намудани мушкилиҳои асосии кор дар хориҷа донистани забони кишвари пазиранда мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Яке аз манбаҳои асосии мушкилот дар раванди мутобиқшавӣ-ин низоми ҳуқуқӣ мебошад, ки дастрасӣ ба имкониятҳои пайдо кардани кор дар бозори шуғлро танзим менамояд.

Раванди мутобиқшавии муҳоҷиратро ҷамъиятҳои муҳоҷирон осон мегардонанд. Рушди ҷамъиятҳо ба фаъол шудани муҳоҷирати аҳолӣ мусоидат мекунад. Маҳз ба туфайли ин, муносибатҳои хешу таборӣ, чун дастгирии ҳамаҷониба на танҳо нисбат ба хешон, балки нисбат ба ҳамшаҳриёни худ низ зоҳир мегардад, ки муҳоҷирони корӣ зудтар ба шароити нав мутобиқ мешаванд. Ҷамъиятҳое, ки муҳоҷирон созмон медиҳанд, то ба ҳадде метавонанд рушд ёбанд, ки дараҷаи болотарини онҳо созмон додани ҳаммиллатон (диаспора), маҳфили ҳаммиллатон ё ҳамшаҳриҳо дар кишвари сукунат мебошад.

Барои тавсифи марҳалаи ниҳоии раванди муҳоҷират-муқимишавии навомадҳо метавонанд нишондиҳандаҳои серҳаракатии аҳолӣ-таносуб миёни шумораи аҳолӣ, ки дар ин ноҳия сокин шудаанд ва мардуми бумӣ, байни навомадҳо ва таҳҷоиҳо; тақсимоти аҳолии навомад вобаста аз вақти сокиншавӣ то ба ин лаҳза боқимонда, аз шумори омодагони то ин лаҳза аз макони мушаххас муайян карда мешавад, истифода бурда шаванд. Сатҳи муқимишавӣ бо ҳиссаи навомадҳои муқимишавӣ метавонад бо миқдори миёнаи солҳое, ки навомадҳо дар ҷойи сукунати навашон зиндагӣ кардаанд, тавсиф карда шавад. Вобаста ба иттилооти мавҷудбуда ин нишондиҳандаҳо метавонанд нисбат ба ашхоси дорои ҷинс, синну сол, миллат ва ғайраи муайян корандозӣ гарданд.

Адаптатсия(мутобиқшавӣ) – ин мувофиқшавии одамон ё гурӯҳи одамон ба муҳити ғайримиллӣ ва ғайрифарҳангии нав мебошад. Мутобиқшавиро ҳамчун падидае, ки муҳоҷирон дар муҳити ғайримиллӣ дорои фарқиятҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, забони равонии дигардошта ҳаёташро бо онҳо созгор сохта, тарзе рафтор менамоянд, ки таҳҷоиҳо онро як ҳиссаи таркибии худ эътироф намуда, аммо нодирияти миллиашро нигоҳ медорад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки муҳоҷират баъд аз худ бештар аздастдиҳии вазъи иҷтимоӣ ва ҳисси бегонашавии иҷтимоиро ба бор меоварад. Албатта, дар ин ҳолат одамон ба он касоне майл мекунанд, ки вазъияти монанд доранд ва онҳоро мефаҳманд. Онҳо метавонанд, ба ӯ ёрӣ диҳанд, аммо ҳамин тавр метавонанд аз роҳи мутобиқшавии фаъол гардонанд. Аммо боз муҳоҷироне ёфт мешаванд, ки барои худ роҳи дигареро интихоб мекунанд ва барои нигоҳ доштани мувозинат миёни ду фарҳанг кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Муҳоҷират рафтори гурӯҳҳои бузурги иҷтимоиро тағйир ва сатҳи нави зиндагиро ташаккул дода, тарзи рафтор ва арзишҳоро

муайян менамояд. Дар аввал ин дигаргуниҳо ба муҳити муҳоҷирон рабт дошта, баъдан ба ҳамаи ҷомеа паҳн мегарданд. Масалан, он муҳоҷироне, ки аз Тоҷикистон ба шаҳрҳои бузурги Руссия ба ҷустуҷӯи кор мераванд, медонанд, ки имконияти ба кор таъмин гаштан зиёд мебошад. Аммо қисми зиёди муҳоҷирони Тоҷикистон аз деҳот буда, ба ҳаёти серҳаракати шаҳрӣ мутобиқ нестанд. Ба муҳоҷири аз деҳотрафта зарур аст, ки вай қонунҳои ҷои навро аз худ намояд забонро омӯзад, қоидаҳои санитарӣ–гигиениро риоя намуда, урфу одат ва анъанаҳои макони худу зиндагиашро пос дорад.

Аз нуқтаи назари ҷомеашиносӣ ҷараёни мутобиқшавӣ мувофиқшавии фард ба шароитҳои ивазшавандаи муҳит мебошад. Намудҳои зерини мутобиқшавии иҷтимоиро ҷудо мекунанд:

Инкишофӣ – ҳамчун инкишоф ёфтани фаъолияти ҳаётӣ тавсиф мешавад;

идиоадаптатсия – ивазшавии иҷборӣ ё импулсивии самти фаъолият;

регрессивӣ (таназзулӣ) – ҳамчун пастравии умумии энергияи фаъолияти ҳаётӣ тавсиф мешавад.

Ҷараёни мутобиқшавӣ бо дастгирии ҷамъиятҳои миллӣ (диаспораҳо) беҳтар мегузарад ва ҷо ба ҷо шудани муҳоҷирон дар оғози будубош дар ин кишварҳо бо фарҳангӣ бегона нисбатан қулай мегардад.

Мутобиқшавӣ ба шароитҳои иҷтимоӣ – фарҳангӣ чандирии муайянро, ки ҳамчун даст кашидан аз баъзе тасаввурот ва меъёрҳои анъанавӣ машҳур аст, талаб мекунад. Муваффақияти мутобиқшавӣ аз маҷмӯи омилҳои дохилӣ ва берунӣ вобаста аст.

Ба омилҳои дохилӣ хусусиятҳои фардӣ – шахсӣ ва демографӣ (синну сол, ҷинс, маълумот ва ғ.), таҷрибаи ҳаётии фард, ки дар тӯли фаъолияташ андӯхтааст. дохил мешаванд.

Баъзан муҳоҷирон бо худ баъзе урфу одат ва амалҳоеро ба ҷои сукунати навашон мебаранд, ки онҳо аз тарафи аҳолии бумӣ пазируфта нашуда, боиси нигаронӣ ва аксаран норозигии онҳо мегарданд. Монеаи асосии тоқатнопазирӣ дар аввал –ин монеаи забонист. Надонистани забон фосилагирии хавфнок ва бегонапарастии муҳоҷиронро аз муҳите, ки онҳо дар он ҷойгиранд, нофаҳмӣ ва қабул накардани муҳити иҷтимоӣ – фарҳангие, ки субъект дар он ҷойгир аст, ба бор меорад. Ин бешубҳа, ба муносибатҳои байни қавму миллат таъсир мегузорад. Ҳатман бояд муҳоҷирон ҳамчун гурӯҳи ҷамъиятии алоҳида дида шаванд –

«Муҳоҷират ҳамчун ҷараёни ҷамъиятии махсус дида мешавад, муҳоҷирон бошанд, гурӯҳи ҷамъиятиеро ташкил мекунанд, ки аъзои он худро субъекти пурраи рафтор дар ҷои нави истиқомат медонанд ва дорои ҳисси ҳамфикрии гурӯҳӣ мебошанд»[61]. Ҳамин тариқ, дар ҳолати мазкур сухан доир ба фарққунонии муҳоҷир ҳамчун гурӯҳи махсуси иҷтимоӣ меравад.

Муҳоҷирон – намояндагони фарҳангҳои муайян мебошанд ва худро барандаи фарҳанги худ медонанд, зеро «Фарҳанг шакли ҳастии инсон аст ва тарзи зиндагии ӯ мебошад»[2].

Чор намуди рафтори муҳоҷир ва аҳолии маҳаллиро ҳангоми бархӯрди ин фарҳангҳо ҷудо кардан мумкин аст:

а) ошкории( открытость) фарҳанги муҳоҷир ва аҳолии маҳаллӣ, ки мубодилаи унсурҳои фарҳангӣ ба амал меояд;

б) омехташави муҳоҷир ба муҳити иҷтимоӣ – фарҳангии тарафи қабукунанда, ки фоизи аҳолии маҳаллӣ афзалият дорад;

в) мавқеи фаъоли муҳоҷирон нисбат ба аҳолии маҳаллӣ ва фосилагирии аҳолии маҳаллӣ аз муҳоҷирон; ҳолате, ки шумораи муҳоҷирон (як дин, манфиатҳои монанд) нисбат ба аҳолии маҳаллӣ, ҳамчун натиҷаи тангкунии як фарҳанг ба дигараш, чӣ бо роҳи мусолиҳа ва чӣ агрессивӣ, афзалият нишон медиҳад;

г) фосилагирии аҳолии маҳаллӣ аз фарҳанги муҳоҷирон ва дармондану маҳдудшавии муҳоҷирон дар фарҳанги ҷамъияти худ дар маҳали тарафи қабулкунанда – ҷараёни тафкик як нав табъиди ҳуқук аз руи нажод).

Ду варианти охир хатарноканд, зеро метавонанд ба шаклҳои ниҳоии бадбинии аҳолии маҳаллӣ нисбат ба ҷамъиятҳо ба ташкилшавии ҷараёнҳои миллӣ ва диннии ифротӣ оварда расонанд. Ҳамин тариқ, ҳолати бешууронаи ҷойгиршавӣ дар фарҳанги худӣ, аз сабаби дилбастагӣ ба он муҳоҷирро ба ҳолати оҷизӣ ҳангоми бархӯрд бо дигар муҳити ҷойгиршавӣ мегузорад.

Аз ин сабаб қайд кардан мумкин аст, ки муҳоҷират хусусияти муайяни ҳастӣ буд, мебошад ва хоҳад монд. Аммо мушкилоти фосилагирӣ дар самти муҳоҷират дар он зоҳир мегардад, ки то он даме, ки мардум ба қадри шаъну шараф, зиндагӣ , озодии дигарон ва дар ҳар шахс инсон буданашро дарк накунад, ин мушкилот ҳамчун мушкилоти асосӣ барои бисёр ҷамъиятҳои миллӣ, аз ҷумла, муҳоҷирон боқӣ мемонад.

---

[61]. Юдина Т.Н. Социология миграции. М., 2006. С.87-90.

## 9. СИЁСАТИ МУҲОҶИРАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ки ҳалли онҳо дар сиёсати дохилӣ ва берунии давлат яке аз самтҳои муҳимтарин ва афзалиятнок мебошад, диққати ҷиддӣ дода, то дараҷае танзими давлатии онро ба роҳ мондааст.

Маҳз бо ҳамин мақсад аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ин иқдом имконият медиҳад, ки душвориҳои ҷойдошта дар ин самт бо роҳи ташкил ва танзими ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷа пешбинӣ гардида, пайи ҳам ҳалли худро ёбад.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа-ин пешгирии афзоиши муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва танзими муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад. Муҳоҷирати меҳнатӣ қисми асосии муҳоҷирати иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, фаъол намудани бозори меҳнати ҷаҳонро муайян менамояд. Яке аз сабабҳои муҳоҷирати байналмилалии қувваи коргарӣ - ин нобаробарии рушди иқтисодии ҷаҳонӣ, нобаробарии даромадҳо ва имкониятҳо дар давлатҳои алоҳида, алалхусус байни мамлакатҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда ва мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ мебошад.

Миқёси муҳоҷират ва мухталифии равандҳои он водор сохтанд, ки роҳҳои нави ҳалли масоили рушди демографии кишварро кор карда, идораи ин равандро то сатҳи давлатӣ баланд бардошта, сиёсати давлатии муҳоҷиратро амалӣ намоем. Маҳз бо мақсади идораи раванди муҳоҷират дар кишварамон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур донист, ки мақомоти давлатиро дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ ташкил диҳад.

Ҳамин тариқ, Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррароти Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июли соли 1992. №144 таъсис дода шуда, фаъолияти худро оғоз намудааст. Дар марҳилаи аввал вазифаҳои асосии он аз ташаккул додани сиёсати умумӣ дар самти муҳоҷирати аҳолӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва кӯмаки амалӣ расонидан ба шаҳрвандоне, ки солҳои 1992-1993 дар натиҷаи ҷангҳо ва бесарусомонии дохили кишвар маҷбуран ҷойҳои зисти доимии худро тарк намудаанд, иборат буд.

То замони таъсисёбии Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои 1992 то соли 2006 татбиқи сиёсати

муҳоҷират бар дӯши Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ буд ва _бо Фармони Президенти мамлакат аз 30 ноябри соли 2006 , № 9 ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба салоҳияти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузошта шуд.

Фаъолият барои танзим ва идоракунии равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ (ВММША) вогузор карда шудааст. Бояд зикр кард, ки муассисаи мазкур аз лаҳзаи таъсиси он дар соли 2001 як қатор ислоҳоти институтсионалиро аз сар гузаронидааст. Хадамоти феълии муҳоҷирати ВММША дар охири соли 2013 таъсис дода шудааст. То ин вакт, аз соли 2011 то соли 2013, Хадамоти муҳоҷират мақоми давлатии алоҳида ва ба таври мустақил фаъолияткунанда буд. Дар ибтидои соли 2011, Ҳукумати ҶТ мақоми давлатии алоҳида ва ба таври мустақил фаъолияткунандаро дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ таъсис дод – Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати ҶТ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №229 аз 30 апрели соли 2011). Ҳамин тавр, Хадамоти муҳоҷират аз тобеияти идоравии Вазорати корҳои дохилии ҶТ хориҷ карда шуда, аз системаи ҳифзи ҳуқуқ ба системаи мақомоти давлатии шаҳрвандӣ гузаронида шуд. То ба имрӯз, дар соҳаи идоракунии равандҳои муҳоҷиратӣ чаҳор маротиба ислоҳот гузаронида шудааст, яъне то соли 2007 салоҳиятҳо дар соҳаи мазкур ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ тааллуқ доштанд, дар соли 2007 ин салоҳиятҳо ба Вазорати корҳои дохилӣ дода шуданд ва дар соли 2011 Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки тобеияти идоравӣ надошт ва мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия дар соҳаи муҳоҷират буд. Ниҳояг, дар соли 2013, Хадамоти муҳоҷират ба таркиби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ дохил карда шуд, ки мавриди ислоҳот қарор гирифта буд

Тибқи Низомномаи Хадамоти муҳоҷират, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2014 таҳти №390 тасдиқ шудааст, зикр карда мешавад, ки Хадамоти муҳоҷират мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ буда, татбиқи сиёсати давлатиро дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ анҷом медиҳад. Хадамоти муҳоҷират се соҳаи муҳоҷиратро танзим менамояд: 1) муҳоҷирати меҳнатӣ; 2) муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ); ва 3) муҳоҷирати экологӣ. Дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ бар дӯши Хадамоти муҳоҷират вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- татбиқи сиёсати давлатии муҳоҷирати аҳолӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият;
- ҳамоҳангсозии байниидоравӣ ва ҷалби донорҳо ҷиҳати ташаккули низоми таҳлили бозори меҳнат барои муайян намудани дурнамои раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа, инчунин барои аз худ кардани бозорҳои нави меҳнат дар хориҷи кишвар;
- тибқи муқаррарот ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо мақомоти ваколатдор дар соҳаи муҳоҷират бо кишварҳои хориҷи дуру наздик, ташкил намудани шӯрои ҳамоҳангсоз ва ё дигар мақомот ҷиҳати дар якҷоягӣ ҳал намудани душвориҳои ҷойдошта дар самти муҳоҷирати аҳолӣ;
- иштирок дар татбиқи низоми самараноки суғуртаи иҷтимоӣ, тиббӣ ва нафақаи муҳоҷирони меҳнатӣ;
- мувофиқи тартиби муқарраршуда амалӣ намудани фаъолият оид ба назорати риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ;
- баҳисобгирии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа мераванд ва бармегарданд, инчунин баҳисобгирии муҳоҷирати шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҳамкории самарабахш ва ҳамоҳангсозии масъалаҳо бо намояндагиҳои Вазорат дар хориҷи кишвар, диаспораҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият;
- дар ҳамкори бо мақомоти дахлдори давлатӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар рушди ҷомеа;
- дар якҷоягӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои холии корӣ бо мақсади мусоидат ба муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти ҷойи кор дар хориҷи кишвар;
- мусоидат ба ҳамоҳангсозии масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо мақсади ташкили фазои ягонаи муҳоҷирати меҳнатии давлатҳои

аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории иқтисодии Аврупову Осиё ва дигар давлатҳо;

- ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд ва самарабахш бо ҳамватанони бурунмарзӣ, диаспораҳои тоҷик ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият бо мақсади ҷалби онҳо дар рушди ҷомеа;
- расонидани хизматҳои машваратӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва дигар намуди хизматрасониҳоро ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо;
- бо тартиби муқарраргардида ташкили фаъолият вобаста ба иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва назорати шартҳои иҷозатномадиҳӣ;
- бо тартиби муқарраргардида додани иҷозат барои кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти дахлдори давлатӣ ташкили корҳо оид ба реинтегратсия ва реабилитатсияи муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Ватан баргаштаанд;
- иҷрои дигар вазифаҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

Ваколатҳои Хадамоти муҳоҷират аз ҷанбаҳои зерини муҳим иборат мебошанд:

- мусоидат барои ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ташкил ва таъмини кори системаи давлатии иттилоотии бақайдгирии муҳоҷират, инчунин саривақт ва ба таври комил ба он ворид намудани маълумоти зарурӣ;
- ташкил ва таъмини кори махзани ягонаи иттилоотӣ, инчунин таъмини шакли ягонаи методологӣ ва амали мувофиқашудаи низоми иттилоотӣ дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият;
- таҳияи дастурҳо ва тавсияҳои методӣ, расонидани ёрии машваратӣ ва дигар кӯмакҳо ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;

- таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи истифодаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият ва андешидани тадбирҳо оид ба такмили фаъолияти Хадамот;
- иштирок дар таҳия ва амалӣ намудани лоиҳаҳои барномаҳои ҳифзи иҷтимоӣ (аз ҷумла фонди ҷамъиятии мусоидат, лоиҳаҳои хурди молиявӣ ва интиқоли маблағ) бо мақсади дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаи онҳо;
- ташкили низоми маълумотдиҳӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ оид ба хатарҳое, ки ба муҳоҷират ба хориҷа алоқаманд мебошанд;
- тавассути воситаҳои ахбори омма ташкили корҳои иттилоотию фаҳмондадиҳӣ ба аҳолии кишвар марбут ба масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ;
- тибқи тартиби муқарраргардида пешбурди истеҳсолот оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба ғайриқонунӣ ба кор ҷалб намудани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ё шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дар доираи салоҳияти худ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалагузорӣ намудан оид ба берун кардани (депортатсияи) муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ғайриқонунӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнатӣ машғуланд;
- пешниҳод намудани иттилоот ба Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳоҷирони меҳнатии хориҷии берункардашуда ва ба таври маъмурӣ хориҷкардашуда барои ворид намудан ба махзани ягонаи иттилоот ва ғайра.

Ғайр аз Хадамоти муҳоҷират дар ҶТ, дар соли 2014, Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия оид ба муҳоҷират кушода шуд. Бо ин мақсад, аз санаи 4 июни соли 2014 таҳти №392, Қарори алоҳидаи Ҳукумати ҶТ қабул карда шуд. Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ дар ФР оид ба муҳоҷират бо мақсади иҷрои вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ дар ФР оид ба масъалаҳои муҳоҷират таъсис дода шудааст. Вазифаҳои асосии Намояндагӣ аз мавридҳои зерин иборат мебошанд:

- ҳифз намудани манфиатҳои муҳоҷирони ҶТ дар ФР дар робитаи

мутақобила бо Сафорати ҶТ дар ФР;

- анҷоми тадбирҳо барои амалисозии шартномаҳои байналмилалии ҶТ дар соҳаи муҳоҷират;
- якҷоя бо Сафорат ва муассисаҳои консулии ҶТ дар ФР таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони ҶТ дар ФР;
- таҳлили бозори меҳнат дар ФР;
- ҳамкорӣ бо мақомоти ваколатдори ФР дар соҳаи муҳоҷират;
- ҳамкорӣ ва мусоидат дар доираи салоҳияти худ ба кори пурмаҳсули созмонҳои ҷамъиятии ҳамватанон дар хориҷа ва диаспораҳо дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ;
- ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдори ФР дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ.

Дар оғози асри XXI кишварҳои ҷаҳон ба ҷараёни афзудаистодаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони аксар мамлакатҳо дучор гардиданд ва бо мақсади ба танзим даровардани муҳоҷирати аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирон, аз ҷониби давлатҳои интиқолдиҳанда ва қабулкунандаи муҳоҷирон, созмонҳо ва ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ тадбирҳои амалӣ андешида шуда истодаанд. Чун муҳоҷирати меҳнатӣ паҳлӯҳои зиёде дорад, ҳалли ҳамаи масоили он дар як вақтниҳоят душвор аст.

Мутобиқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид дар ҷаҳони имрӯза 200 миллион нафар муҳоҷирон берун аз ҳудуди кишвари худ ҳаёт ва фаъолияти корӣ доранд ва шумораи онҳо рӯз ба рӯз афзун мегардад. Аз ин лиҳоз, ҳамаи давлатҳои ҷаҳонро новобаста ба сатҳи рушди иқтисодии онҳо зарур аст, ки барои ба танзим даровардани масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ лоиҳаю барномаҳои миллӣ, созишномаҳои дуҷонибаи байниҳукуматӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии воқеан амалкунанда ва дигар ҳуҷҷатҳои заруриро қабул карда, ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷиронро дар қаламрави якдигар таъмин намоянд.

Дар давраи ҳозираи инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ тамоилҳои асосии муҳоҷирати аҳолӣ чунинанд: афзудани суръати муҳоҷирати аҳолӣ дар аксарияти мамлакатҳо, тадриҷан баҳамназдикшавии муҳоҷирати минтақаҳо, кишварҳо ва умумиятҳои гуногуни иҷтимоӣ, зиёд гаштани муҳоҷирати мардон нисбат ба занон; зиёд гардидани теъдоди мутахассисон ва шахсони қобили меҳнат нисбат ба корношоямон;

ҳиҷрати аҳолӣ аз минтақаҳои анъанавии маскуншуда ба минтақаҳои навобод ва заминҳои навкорам; муҳоҷирати аҳолӣ аз шаҳр ба шаҳр; муҳоҷирати аҳолӣ аз мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ба мамлакатҳои мутараққӣ; муҳоҷирати шахсони баландихтисос, зиёиёни эҷодкор ва ғайра ба мамлакатҳое, ки дар онҳо шароити зарурӣ барои амалӣ гаштани малакаю маҳорат ва қобилияти касбӣ мавҷуд аст.[62]

Барои ҳарҷӣ зудтар ноил гардидан ба натиҷаҳои назаррас, бояд нақшаҳои стратегии давлатӣ қабул гардида, таклифу дархостҳои афзалиятнок ба он дохил карда шаванд.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, пеш аз ҳама, ба бартараф намудани муҳоҷирати ғайри- расмӣ дар асоси ташкили заминаҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои иқтисодӣ барои танзими раванди муҳоҷират, якҷоя бо давлатҳои қабули низоми ҳамоҳангии муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла мақоми худидораи маҳаллӣ равона карда шудааст. Бо максади таъмини ҳимояи ҳуқуқию иҷтимоӣ ва ташкили шароити мусоиди кории муҳоҷирони меҳнатӣ моҳи октябри соли 2004 Созишнома “Дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва шаҳрвандони Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ” ба имзо расид.

- Созишнома кафолати хидматрасонии тиббиро ба коргарон (аз ҳисоби маблағҳои корфармо) пешбинӣ мекунад;
- Масъалаҳои пардохти музди меҳнати коргарон ва баъзе хусусиятҳои ба имзо расонидани шартномаҳои шаҳрвандӣ-ҳуқуқиро баррасӣ менамояд;
- Аз ҷониби тарафҳо эътироф гардидани ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилоти коргаронро муқаррар менамояд;
- Масъалаҳои андозбандиро танзим мекунад.

Инчунин, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Федератсияи Россия 8 феврали соли 2013 ба имзо расидааст.

Созишнома муайян мекунад, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муваққатан дар қаламрави Федератсияи Россия будубош доранд, аз ухдадории бақайдгирӣ дар маҳалли будубош дар мақомоти салоҳиятдори Федератсияи Россия дар тӯли 15 рӯз аз санаи воридшавӣ, ки бо корти муҳоҷиратии дорои қайди мақомоти назорати

[62] Зокиров Г.Сиёсатшиносӣ. Душанбе. 2003.- С.-514.

сарҳадӣ, ки ҳангоми воридшавӣ ба қаламрави ФР гузошта шудааст, озод карда мешаванд. Дар сурати будубоши шаҳрванди ҶТ дар қаламрави ФР бештар аз 15 рӯз, шаҳрванди мазкур уҳдадор аст, ки дар маҳалли будубош худро ба қайди муҳоҷиратӣ гузорад.

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҷалби муташаккилонаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти меҳнатии муваққатӣ дар ҳудуди Федератсияи Россия 17 апрели соли 2019 дар шаҳри Москва ба имзо расид. Ҳамин гуна созишномаҳо байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Белорусия оид ба фаъолияти муваққатии меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Белоруссия ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Белоруссия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 октябри соли 2011 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст.

Созишнома бо Ҷумҳурии Беларус: мутобиқи моддаи 2 Созишнома, муҳоҷири меҳнатӣ шахсе мебошад, ки ба таври конунӣ дар қаламрави давлати Тарафи дигар қарор дорад. Моддаи 12 нишон медиҳад, ки муҳоҷири меҳнатӣ наметавонад дигар кори пардохтшавандаро иҷро кунанд, ба истисноӣ кори нишондодашуда дар иҷозатномаи корӣ дар қаламрави Тарафи бо шуғл таъминкунанда. Агар муҳоҷири меҳнатӣ қоидаи мазкурро вайрон кунад, яъне корфарморо иваз намояд, иҷозатномаи кории ӯ бекор карда мешавад.

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави Ҷумҳурии Қазоқистон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Қазоқистон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 майи соли 2006 ба имзо расид.

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи реадмиссия ва Протоколи иҷроияи он аз 24 марти соли 2019 даар Ҷумҳурии Қазоқистон ба имзо расид. Инчунин, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷират ва Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 14 марти соли 2018 дар шаҳри Остона ба имзо расид, аз 22 феврали соли 2019 эътибор пайдо намуд. Бояд қайд кард, ки

пештар мухлати бақайдгирии шаҳрвандони мо дар Ҷумҳурии Қазоқистон аз 5 рӯз иборат буд. Ҳоло мухлати бақайдгирӣ 30 рӯз ва мухлати будубош 90 рӯзро ташкил медиҳад.

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии коргарони муҳоҷир 6 майи соли 1998 ба имзо расидааст.

Созишнома байни Ҳукуати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба танзими қувваи корӣ 3 феврали соли 2019 ба имзо расонида шуд.

Ёддошти тафоҳум байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати АМА дар самти ҷалби қувваи корӣ 16 апрели соли 2018 ба имзо расидааст. Тибқи Ёддошти тафоҳуми мазкур масъалаҳои ҷалби қувваи корӣ аз ҶТ ба АМА танзим шуда, шарту шароити меҳнатии шаҳрвандони мо дар АМА тавассути шартномаи меҳнатии инфиродӣ байни коргар ва корфармо муайян карда шудааст.

Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи дӯстии Корея-Осиёи Марказӣ 18 апрели соли 2017 ба имзо расид.

Ғайр аз ин, бо мақсади татбиқ намудани чораҳои амалӣ дар соҳаи муҳоҷират, аз ҷумла муҳоҷирати меҳнатӣ, комиссияи байниидоравӣ оид ба танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Масъалаи ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатии кишварамон, аз ҷумла аъзои оилаи онҳо, тайи солҳои охир яке аз масъалаҳои муҳими ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, пайваста дар мадди назари роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Аммо, бо вуҷуди ин масоили муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа барои Тоҷикистон тезу тунд боқӣ мемонанд. Муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон ба ҳимояи ҳуқуқӣ ниёз дорад.

Давлати муосири демократии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи нави рушд ва боэътимоди худ қарор дорад, тамоми тадбирҳоро баҳри он равона сохтааст, ки шиддатнокии раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишварро муътадил гардонад.

Консепсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2001, № 242 тасдиқ карда шуд. Мутобиқи Консепсияи номбурда, мақсади асосии сиёсати давлат дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷа-ин ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии шаҳрвандони

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муваққатан берун аз қаламрави мамлакат кор мекунанд, танзими рафтуомади миграционӣ, пешгирии муҳоҷирати ғайриконунӣ, хариду фурӯши занон ва кӯдакон, пойдор намудани қонуният дар ҷараёни муҳоҷират ва фароҳам овардани шароити моддию маишӣ барои муҳоҷирон иборат мебошад.

Дар асоси моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.12.1999 с., № 881 "Дар бораи муҳоҷират" давлат ба он мусоидат менамояд, ки коргарони муҳоҷири шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муташаккилона ва бо розигии онҳо танҳо ба он кишварҳое фиристода шаванд, ки дар он ҷо ҳуқуқҳояшон аз тарафи давлат ҳифз карда мешаванд.

Бо ин мақсад Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2000, №322 "Оид ба тасдиқи Низомномаи Хадамоти давлатии муҳоҷирати назди Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон "

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 02.04. 2001с. №544 "Дар бораи пурзӯр намудани мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,"

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10. 05. 2002 с., № 50, " Дар бораи гурезаҳо";

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.06.2005, №208 "Дар бораи танзими масъалаҳои муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ ";

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.09.2005, №337 "Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият " – қабул гардидаанд.

Соли 2006 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба танзим даровардани масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирон дар хориҷи кишвар, бо қарори худ аз 31 январи соли 2006, №61 «Барномаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа барои солҳои 2006-2010»-ро қабул намуд, ки он аз тарафи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои хориҷи дуру наздик таҳия гардид. Дар бандҳои 1.3, 2.5, 3.3, 4.1, 6.5, 8.4-и Барномаи мазкур чорабиниҳои муҳим, аз қабили гузаронидани таҳқиқотҳои маҷмӯии таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, аз ҷумла ба оила ва кӯдакони муҳоҷирон, пешгирии хариду фурӯши муҳоҷирон, махсусан, занону кӯдакон, назорати вазъи демографӣ ва ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳудуди кишвар, расонидани кӯмак ба муҳоҷирон дар ҳамаи давлатҳое, ки муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо будубош

доранд, ҷалби духтурони оилавӣ ба раванди тарбияи тиббии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, инчунин иҷрои дигар чорабиниҳои муҳим пешбинӣ карда шудаанд.

Ҷиҳати иҷрои барномаи мазкур Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2008, №378 «Дар бораи бақайдгирии муҳоҷирати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа ва бозгашт аз хориҷа», аз 31.10. 2008 № 529 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои додани иҷозат барои кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бе шаҳрвандӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро амалӣ менамоянд ва намунаи варақаи он"қабул гардидаанд.

Бо мақсади танзими раванди муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, №12 "Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Дар ин замина бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти муҳоҷират ва сохторҳои он дар ҳамаи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва Намояндагии вазорат дар ФР оид ба масъалаҳои муҳоҷират таъсис дода шуданд.

Ҳамчунин, муассисаҳои соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба тобеияти вазорат дода шудаанд, ки фаъолияти онҳо низ ба касбомузии муҳоҷирони меҳнатӣ ва забономӯзии онҳо нигаронида шудааст.

Илова бар ин, бо мақсади ташкили низоми муташаккилонаи бокортаъминкунии муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар дар сохтори вазорат Муассисаи давлатии "Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа" ва дар сохтори Хадамоти муҳоҷират дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд ва Бохтар Муассисаҳои давлатии "Марказҳои машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ" таъсис дода шуданд.

Бояд зикр намуд, ки дар ин муддат Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2015, №107 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Консепсия дар бораи ҷалби ҳамватанони бурунмарзӣ ҳамчун шарикони рушди кишвар барои солҳои 2015 - 2020» қабул гардид, ки дар он самтҳои ҳамкорӣ бо ҳамватанон ва тоҷикони бурунмарзӣ ва механизми татбиқи Консепсия дар бораи ҷалби ҳамватанони бурунмарзӣ ҳамчун шарикони рушд барои давраи навбатӣ пурра дарҷ гардида, иқтидору ҳавасмандии диаспораҳо ва ташкилотҳои

ҷамъияти ҳамватанони бурунмарзӣ дар хориҷи кишвар ба инобат гирифта шудаанд.

Дар ин давра лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи «Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа барои солҳои 2011-2015» таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, №460 тасдиқ карда шуд.

Инчунин, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.04.2009, №266 «Дар бораи ҷамъбасти маълумоти оморӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷи кишвар» таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2000 ба Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи коргарони муҳоҷир ва аъзои оилаи онҳо шомил гашт. Давлатҳои иштироккунандаи ин Конвенсия ӯҳдадоранд, ки ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳоро аз ҳолати шиканҷа, таҳқир, ҷароҳатҳои ҷисмонӣ, таҳдид ва умуман муомилаи ғайриинсонӣ, ки шаъну шарафи инсонро поймол месозанд, ҳимоя намоянд. Мутаассифона, на ҳамаи давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ба Конвенсияи байналмилалӣ шомил гардиданд, ӯҳдадориҳои дар боло зикршударо иҷро мекунанд. Масъалагузории кишварҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҷониби кордиҳандагони давлатҳои қабули муҳоҷирон наҷандон пурра пазируфта мешаванд.

Дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ як қатор мушкилоти ҳалталаб ҷой доранд. Аз ҷумла, таваҷҷӯҳ асосан ба бозори меҳнати танҳо як давлат равона шудааст, ки ин дар баъзе мавридҳо сабаби фишоровариии сиёсии давлати қабулкунанда шуда метавонад. Надоштани маълумоти ибтидоии касбӣ, паст будани сатҳи тахассусӣ, надоштани маълумоти ҳуқуқӣ ва надонистани забони давлати қабулкунанда , ҳамчунин паст будани маърифати фарҳангии баъзе аз муҳоҷирон, боиси мушкилоти муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар мегардад. Ғайр аз ин, душвориҳои зиёде, аз қабили ёфтани ҷои зист, ҷои кори мувофиқ, шароити меҳнат ва ғ. ҷой доранд. Барои осон кардани мушкилоти муҳоҷирони меҳнатӣ ва танзими оқилонаи ҷараёни муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа пешниҳод карда мешавад:

- дар оянда муҳоҷирони меҳнатӣ бояд муташаккилона, дар асоси шартномаҳои меҳнатии байни субъектҳои хоҷагидории дорои

иҷозатнома (литсензия) ва корфармои хориҷӣ фиристонда шаванд. Дар асосии шартномаҳои меҳнатӣ онҳо бо кор таъмин шуда, баъди анҷоми кор ба ватан баргарданд:

- талаботи бозори меҳнати давлатҳои қабулкунанда ба инобат гирифта, мутахассисонро бояд дар асоси ин талабот тайёр намуд, то ки онҳо дар бозори меҳнати кишвари қабулкунанда рақобатпазир бошанд.
- масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва оилаи муҳоҷиронро дар давлати қабулкунанда ба инобат гирифта, дар шартномаҳои байнидавлатӣ инъикос карда шаванд:
- қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ бо қонунҳои амалкунандаи кишварҳои хориҷӣ мувофиқа карда шаванд.
- Диверсификатсияи муҳоҷирони меҳнат ба дигар давлатҳо

## 10. НИЗОМИ ИДОРАИ МУҲОҶИРАТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Муҳоҷирати меҳнатӣ бахши муҳимтарини рушди умумиҷаҳонӣ буда, ҳамзамон ситезаҷӯйии ҷиддӣ нисбат ба амнияти байналмилалӣ ва миллӣ мебошад. Мувофиқи маълумоти СММ, дар 50 соли охир шумораи одамони берун аз ҳудуди кишварҳои худ иқоматкунанда тақрибан ду баробар афзудааст ва дар соли 2009 беш аз 190 млн. одамро ташкил додааст. Муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳудуди нисбатан ками кишварҳо тамаркӯз ёфтаанд. Ба кишварҳои панҷгонаи дорои теъдоди зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2006 Руссия низ ворид гардид.[63]

Ғайр аз ин, теъдоди ҳарчи бештари муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳолати осебпазирии ҳуқуқӣ қарор мегирад, зеро ки бозори меҳнат бо тадбирҳои байнидавлатии синхронӣ дар соҳаи идоракунии муҳоҷират дастгирӣ намеёбад. Ин боиси он мегардад, ки кишварҳо ба қувваҳои кории хориҷӣ ниёз доранд, аммо имкониятҳои қонунии таъмини ин талабот хеле маҳдуданд. Бесамарии танзими байналмилалии ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ, инчунин дар афзоиши интиқолдиҳии ғайриқонунию ҷиноӣ ва шуғли муҳоҷирони меҳнатӣ дар соҳаи иқтисоди ғайриқонунӣ, ки хусусияти умумӣ пайдо мекунад, зоҳир мегардад. Давлатҳо дар навбати худ, тадбирҳои мубориэаро алайҳи муҳоҷирати ғайриқонунӣ шадидтар месозанд.[64]

Ин ихтилоф боиси қонуншиканиҳои оммавӣ ва риоя нагардидани ҳуқуқҳои асосии муҳоҷирони меҳнатӣ мегардад. Ҳамаи ин далелҳои зикргардида зарурати таҳияи назария ва арзёбии амали муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири бевоситаи онро ба равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ дар минтақаҳои гуногун заминасозӣ менамояд. Бо мақсади арзёбии ин равандҳо, мо ба баъзе таҳқиқҳое, ки моҳияти муҳоҷиратро муайян мекунанд, назар менамоем.

Як гурӯҳ муҳаққиқон муҳоҷирати меҳнатиро чун маҷмӯи интиқолёбиҳои механикӣ, касбӣ ва тағйиротӣ, вобаста ба ин дар вазъи маконии фардҳо ва сохтори ҳудудию сукунатии доимии аҳолӣ медонанд.[2]

Дар баъзе таҳқиқҳо муҳоҷират, аз ҷумла муҳоҷирати меҳнатӣ чун раванди иҷтимоию демографии оммавӣ аз нигоҳи миқдорӣ ва мураккаб аз ҷиҳати сохторӣ арзёбӣ мегардад.[3]

---

[63] См.: Даклад Фонда ООН по народонаселению. Нью–Йорк 2006.

[64] Towards a fair deal for migrant workers in the global economy. Reportvi International labour Conferese, 92nd Session, Geneva: International labour Office 2004. P.71-78.

Аксари муҳаққиқон муҳоҷирати меҳнатиро чун ҳамагуна интиқолёбии воқеӣ дар макон тавсиф мекунанд. Муаллифони ин корҳои таҳқиқотӣ тағйири макон намуданро чун муҳоҷирати меҳнатӣ тавсиф карда, худро аз тафсири мушаххаси таърихӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ озод сохтаанд.

Ба ақидаи И.С. Маслова, муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ раванди объективии тағйири макон кардани кадрҳо мебошад, ки ба тарзи ногусастанӣ бо рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ пайвастааст.[65] Муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа нақши муҳим дошта, чун раванде зоҳир мегардад, ки аз як ҷониб ба тағйирот дар ҳаёти ҷомеа хеле ҳассос буда, аз ҷониби дигар – омили муҳимест, ки ба ташаккули ҷанбаҳои динамикию сохтории тағйироти мазкур таъсири зиёд мерасонад. Аммо чунон, ки В.И. Переведенцев тазаккур медиҳад, муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ «Яке аз шартҳои фаъолияти муътадили ҷомеа мебошад, ки бо ёрии он метавонад ҳалли дурусти ҷобаҷосозии захираҳои меҳнатӣ дар ҳудуди кишвар ба даст оварда шавад ва баробарсозии сатҳи рушди иқтисодии минтақаҳо, рафъи тафовутҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию маишӣ байни шаҳру деҳот ба даст оварда шавад»; бояд он ҳолате низ ба назар гирифта шавад, ки «Муҳоҷирони шавқманди дониш ба сӯйи марказҳои фарҳангӣ майл мекунанд ва ашхоси хоҳони беҳбуд бахшидани вазъи моддӣ – ба манотиқе майл мекунанд, ки он ҷо қувваҳои кории кадрӣ бештар доранд ва имконияти даромади бештар гирифтан мавҷуд аст». Яъне, муҳоҷирати меҳнатӣ чун падидаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ зуҳур мекунад. Вале «ҳар падидае, ки соддаю якмаъно тавсиф мегардад, ҳамон қадар робитаҳои он ба муҳити атроф печидатар аст, яъне таҳқиқи он низ мураккабтар хоҳад буд» .

Ҳангоми таҳлили муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ на ҳамеша онро чун як навъ раванди кӯчиши ҳудудии инсонҳо ва чун ин ё он натиҷаи амалӣ гардидани раванди мазкур ҷудо мекунанд. Дар робита бо ин, як идда муҳаққиқон воқеъбинона ба ин ҳолат ишора намуда, тазаккур медиҳанд, ки муҳоҷирати аҳолӣ гуфта, аксаран худи равандро меноманд, дар сурате, ки онро «Тақсимоти ҳудудии аҳолӣ» гуфтан дурусттар мебуд. Зеро ки ин ҷо падида ба як ҷониби он иваз карда шуда, худи муҳоҷират чун раванди кӯчиш, яъне натиҷаи раванд қаламдод мегардад.[2] Чунин арзёбӣ боиси табдили мафҳум ва иштибоҳ ҷиддӣ мегардад.

---

[65] Филиппов Н.Н., Суков В.А. Проблемы формирования трудовых ресурсов сел.Вып.4. Свердловск, 1974

Баррасии нуктаҳои назарҳои гуногун оид ба тавсифи истилоҳоти «Муҳоҷирати аҳолӣ» ва «Муҳоҷирати меҳнатӣ» имкон медиҳад, то ки дар ин хусус хулосаҳои зерин бароварда шаванд: аввалан гуногунии таърифҳои муҳоҷирати меҳнатӣ комилан аз бисёромилӣ ва дар ҳолатҳои мушаххас ба тарзи гуногун зоҳир гардидани он дарак медиҳанд, ки онҳо ба услубҳои илмӣ таъсир мерасонанд, сониян, аксари таҳқиқҳо оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ нишонаҳои моҳиятии асосии онро: убури муҳоҷирон аз марзҳои давлатӣ ва мӯҳлати иқомат дар ҳудуди он кишвар мешуморанд.

Кӯчиши одамон аз як ҷой ба ҷойи дигар, ки муҳоҷирати меҳнатиро ташкил медиҳад, ба категорияҳои мухталифи аҳолӣ мансуб аст. Масалан, бо кори доимӣ таъмин шудани микдори муайяни одамон, ки муваққатан дар он ҳудуд истиқомат мекунанд, танҳо боиси тағйири шумораи ҳам аҳолии доимӣ ва ҳам меҳнатӣ мегардад, дар ҳолате, ки шумораи аҳолии мавҷудбуда тағйир намеёбад. Аз ин рӯ, аксаран дар ҷойҳои ҷамъшавии муҳоҷирони меҳнатӣ шумораи аҳолӣ ҳудудҳо аз ҳисоби бошандагони муваққатӣ афзоиш ёфта, дар ҷойҳои сукунати доимии онҳо шумораи ҳиҷратрафтагон зиёд мешавад.

Яке аз нишонаҳои асосии муҳоҷирати меҳнатӣ убури марзҳои давлатӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат, пеш аз ҳама, муҳоҷирати хориҷӣ (эмигратсия ва иммигратсия) ва дохилиро ҷудо мекунанд. Муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ҳамеша бо убури марзҳои давлатӣ пайвастагӣ дорад; онро ба муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ, байниқоравӣ ва дохилиқоравӣ ҷудо менамоянд.

Аз рӯйи параметрҳои замонӣ муҳоҷирати меҳнатиро ба доимӣ (бебозгашт) ва мувваққатӣ (баргарданда) тақсим мекунанд. Ба гурӯҳи баргарданда, инчунин муҳоҷирати мавсимӣ ва ақрабакиро мансуб медонанд. Бебозгашт он муҳоҷирати меҳнатиеро меноманд, ки муҳоҷир ҷойи сукунати доимиашро барои ҳамеша тағйир медиҳад. Ҳангоми муҳоҷирати меҳнатии муваққатӣ инсон ба муддати нисбатан тӯлонӣ, вале давраи муайян, ки аксаран пешакӣ маълум аст, сафар мекунад. Мисоли чунин муҳоҷирати муваққатии меҳнатӣ сафари чандсола мувофиқи шартномаю созишнома мебошад. Чун қоида чунин намуди муҳоҷирати меҳнатӣ ба зарурати таъминоти ин ё он соҳа бо қувваҳои корӣ дар давраи афзоиши мавсимии корҳо заминасозӣ мегардад. Муҳаррики муҳоҷирати меҳнатии мавсимӣ сафарҳои ҳарсола дар моҳҳои муайян мебошанд. Муҳоҷирати ақрабакӣ чунин сафарҳои мунтазам барои кор берун аз ҳудуди маҳали истиқомат ва бо бозгашти ҳатмӣ ба хонаи худ мебошад. Муҳоҷирати ақрабакӣ одатан замоне ба амал меояд, ки ҷойи кор дар дигар маҳали

истиқоматии нисбатан наздик қарор дошта, имконият медиҳад, то сафарҳои ҳаррӯза (ё қариб ҳаррӯза) анҷом дода шаванд.

Аз рӯйи усули татбиқ муҳоҷирати меҳнатӣ ба тарзи муташаккил (бо иштироки мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ анҷом дода мешавад) ва ғайримуташаккил, инфиродӣ ва дастаҷамъӣ, ки бо қувва ва маблағҳои худи муҳоҷирон анҷом дода мешавад, тақсим мегардад. Дар адабиёти демографӣ муҳоҷирати меҳнатӣ, инчунин аз рӯйи сабабҳои кӯчиш гурӯҳбандӣ мешавад.

Ба муҳоҷират аз рӯйи сабабҳои иҷтимоию иқтисодӣ кӯчиш бо мақсади пайдо кардани ҷойи кор, музди меҳнати бештар, дастрасӣ ба заминҳои озоди кишоварзӣ мансуб дониста мешавад.

Аз рӯйи сабабҳое, ки одамонро ба муҳоҷирати меҳнатӣ водор мекунанд, муҳоҷиратро ба ихтиёрӣ ва иҷборӣ ҷудо менамоянд. Ба муҳоҷирати меҳнатии ихтиёрӣ кӯчиши одамоне, ки кишвари сукунати доимии худро ихтиёран тарк намуда, дар ҳудуди кишвари дигар макони сукунат интихоб менамоян, дохил мекунанд. Дар иртибот бо таснифи пешниҳодшудаи муҳоҷирати меҳнатӣ аз рӯи сабабҳо баррасии худи мафҳуми муҳоҷират ва сабабҳои он мувофиқи матлаб хоҳад буд. Маълум аст, ки тамоми ҳодисаю равандҳои дар табиат, ҷомеа ва тафаккур ба вуқӯъоянда бо сабабу равандҳои дигар заминасозӣ мешаванд. Ҳар як раванд метавонад сабаби раванди дигар гардад, агар он шарти зарурӣ, замина ё асоси пайдоиши тағйирот ё рушди раванди нав бошад. Муқоисаи тавсифҳои зикршудаи муҳоҷирати меҳнатии ихтиёрӣ ва иҷборӣ ба он далолат мекунад, ки дар чунин ҳолат сабаби кӯчидани одамон ё ихтиёран ба ҷойи дигар рафтан ё ҷойи кор ҷустан аст. Аммо нахустасоси ҳамаи ин сабабҳо ва нахустасоси муҳоҷират дар маҷмӯъ, чунон, ки қаблан зикр гардид, омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, этникӣ, демографӣ, экологӣ ва ғайра мебошанд. Яъне, мантиқан аз рӯйи сабабҳо бояд муҳоҷират ба иқтисодӣ, сиёсӣ, этникӣ, демографӣ ва ғайра ҷудо карда шавад. Ба намудҳои зикршудаи муҳоҷират метавон муҳоҷирати ихтиёрӣ ва иҷбориро мансуб донист.[66]

Дар ҷаҳони муосир омили муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии бештари кишварҳо муҳоҷирати байналмилалӣ мегардад. Ин омил боиси ташаккули бозори чандири меҳнат, ҷалби кишварҳои рӯбаинкишоф ба дастовардҳои пешрафти илмию техникӣ ва ҷамъиятӣ, ба истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ва ҳамкорию ғанисозии мутақобили тамаддунҳои сулҳҷӯ мегардад.

---

[66] Метелев С. Е. Международная трудовая миграция и нелегальная миграция в России. М.,2006.-с.6-10

Дар замони ҳозира дар кишварҳои гуногун усулҳои мухталиф дар муайянсозии таърифи мафҳуми муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ қабул гардидаанд, ки заминаи онҳоро ихтилофи назар дар тафсири давомнокӣ ва мақсади сафар ташкил медиҳад. Вобаста ба ин, тарзҳои гуногуни сабти муҳоҷирони меҳнатӣ ва муқоисанопазири маълумоти мақомоти омор ба вуҷуд омадаанд, ки таҳқиқи равандҳоро дар муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ, сабабҳои он ва омилҳои ташаккулёбӣ, василаи амалисозӣ ва оқибатҳои татбиқро хеле мураккаб мегардонанд.

Масоили ташаккул ва татбиқи усули умумӣ нисбат ба мафҳуми муҳоҷирати меҳнатӣ тӯли якчанд даҳсолаҳо дар чорчубаи муассисаҳои мухталифи Созмони Милали Муттаҳид фаъолона таҳия мешуданд. Дар ин миён ҳанӯз соли 1932 дар қарори конфронси байналмилалӣ оид ба омори муҳоҷират зикр гардида буд, ки «ҳар як амали сафар аз як кишвар ба кишвари дигар ба муҳлати муайян, бо истиснои сафарҳои сайёҳӣ, бояд ба мафҳуми муҳоҷирати меҳнатӣ дохил гардад[67]. Барои дақиқ намудани мафҳумҳои муҳоҷирати доимӣ ва муваққатӣ дар он конфронс пешниҳод шуда буд, ки «Ҳангоми сафари яксола ва беш аз он муҳоҷирати корӣ бояд доимӣ» ва «Ҳангоми сафари камтар аз яксола муҳоҷирати корӣ бояд муваққатӣ дониста шавад». Айни ҳол муҳоҷирати наздисарҳадӣ ба ҳисоб гирифта намешавад. Айни замон меъёри тӯлонияти сафар хеле маҳдуд буда, барои муайян намудани баъзе категорияҳои муҳоҷирон, масалан муҳоҷирон-кормандони мавсимӣ, ки метавонанд дар кишвари таъиншуда нисбат ба сайёҳон ё дар сафари хидматибудагон, муддати камтар бошанд, имконияти қаноатбахш намедиҳад.

Дар иртибот бо ин, дар тавсияҳои соли 1953 таҳиянамудаи СММ муҳимияти баҳисобгирии мақсади сафар барои фарқ кардани «муҳоҷирони муваққатӣ», ки ба шумораи онҳо ашхоси ғайридоимӣ мансуб дониста шудаанд, таъкид гардидааст, онҳое, ки мехоҳанд кори муайянеро дар тӯли як сол ё камтар аз он иҷро намоянд, музди онҳо дар кишвари пазиранда пардохта мешавад.

Дар баробари ин, ба он масъала аҳамият дода шуда буд, ки «тафовутҳо миёни кишварҳо ҷиҳати давомнокӣ ва табиати ҷуғрофӣ, миқёси муҳоҷират, қонунгузории миллӣ дар бахши назорат аз болои муҳоҷират ва амалҳои дигар, имкони ташаккули ҳадди ақали стандартҳоеро, ки ҳамаи кишварҳо комилан ва фавран татбиқ менамоянд, медиҳад. Бо мақсади ташаккули усули бештар таснифи муҳоҷирони меҳнатӣ дар гузориши СММ аз соли 1976 таъкид

---

[67] Миграция населения Вып. 1 Теория и практика исследования М., 2002.-с-.176-178

гардида буд: «Омили муҳими мураккабсоз дар таҳияи тавсифоти қаноатмандкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ, робитаи мутақобилаи зич байни ин истилоҳ ва мафҳуми сукунати доимӣ дар кишвар мебошад». Аммо дар хусуси иқомати доимӣ «Миёни кишварҳо ақидаи ягонае, ки барои муқаррар намудани далели иқомати доимӣ зарур аст, вуҷуд надорад». Бинобар ин, таърифи мафҳуми муҳоҷирати меҳнатӣ, ки ба категорияҳои сокини доимӣ ва муваққатӣ асос ёфтааст, мушкилиовар афтода, пешниҳодҳои таҳияшуда истифодаи васеъ наёфтанд.

Ташкилоти Байналхалқии Меҳнат (ТБМ) таснифи намудҳои субъектҳои муҳоҷирати меҳнатии байналилалиро таҳия намуда, панҷ намуди асосии онҳоро ҷудо кардааст. Ба намуди якум кӯчидагон мансубанд. Ин гурӯҳи муҳоҷирон барои кӯчидан ба кишварҳои дорои саноати пешрафта ҳавола дода шудаанд. Тақрибан дар тамоми кишварҳо қонунгузории муҳоҷиратӣ баҳри пайвастани оилаҳо заминасозӣ гардидааст, зеро муҳоҷирати аввалия бо қонунгузории миллӣ хеле мушкил сохта шудааст.

Ба намуди дуюм муҳоҷироне мансуб дониста шудаанд, ки мувофиқи шартнома кор мекунанд ва тибқи он муҳлати иқомати дар кишвари пазиранда қаблан муайян карда шудааст. Ин тоифа аз коргарони сатҳи пасти ихтисосдошта ва беихтисос иборат буда, ба корҳои мавсимӣ машғуланд. Мавҷудияти коргарони хориҷӣ метавонад ҳам омили мусбат ва ҳам манфӣ барои кишвари пазиранда арзёбӣ гардад, зеро давраҳои воридшавии коргарони хориҷӣ бо давраҳои рушди иқтисодии ин кишварҳо метавонанд мутобиқат накунанд. Аксарияти мутлақи коргарони хориҷӣ ба корҳое машғул мешаванд, ки барои аҳолии бумӣ ҷолиб нестанд. Дар охири солҳои 80-уми асри гузашта тақрибан 85% муҳоҷирони фаъоли иқтисоди дар ҶФО (Ҷумҳурии Федеративии Олмон) бо корҳои вазнини якнавохту дилгиркунанда ва аксаран хавфнок машғул буданд; 60% онҳо ба бахши беихтисосҳо ё пастсавияҳо мансуб буданд. Айни замон дар Фаронса ба 69 % муҳоҷирони хориҷӣ корҳое мерасанд, ки меҳнати дастиро талаб мекунанд. Муҳоҷирони мувофиқи шартнома коркунанда дар бораи фарқи байни музди меҳнат дар иҷро накардани айнан як кор барои аҳолии бумӣ ва муҳоҷир огоҳӣ доранд. Ин фарқиятҳо хеле зиёданд: дар қоидаҳои қабул ба кор ва озод кардан аз кор, дар расмиятҳои эътирофи ихтисосмандӣ ва ғайра. Қатъи назар аз ин ва ҳуқуқпоймолкуниҳои дигар, дар аксари давлатҳои пешрафта сафҳои қисми аҳолии машғули корро коргарони хориҷӣ пурра мекунанд. Барои кишварҳои қафомонда муҳоҷирати

меҳнатии аҳолӣ яке аз сарчашмаҳои муҳимтарини даромад боқӣ мемонад.

Барои кишварҳои мутараққӣ, ба монанди Олмон, ИМА, Канада муҳоҷирати меҳнатӣ аз кишварҳои рубаинкишоф хос аст.[68] Ин тамоил на танҳо дорои ҷанбаҳои иқтисодӣ, балки таърихӣ ва сиёсӣ низ мебошад.

Дар навбати худ, муҳоҷирон ба гурӯҳҳои зайл тақсим мешаванд:

- Муҳоҷирони мавсимӣ – шахсоне, ки берун аз давлат як давраи муайяни сол кор мекунанд, зеро корҳои иҷромекардаи онҳо хусусияти мавсимӣ доранд:
- Муҳоҷирони меҳнате, ки ба татбиқи лоиҳаҳо иртибот доранд-муҳоҷироне, ки ба давлати кордиҳанда танҳо аз рӯйи лоиҳаи муайян барои давраи муайяни кор роҳ дода шудаанд:
- Муҳоҷирони меҳнатие, ки тибқи шартнома муҳлати фаъолият ва навъи корҳои иҷрокунандаашон муайян гардидааст:
- Муҳоҷирони меҳнатии муваққатӣ – хориҷиёне, ки ба кишвари пазиранда барои иҷрои фаъолияти касбии муайян дар тӯли давраи муайян роҳ дода шудаанд;
- Онҳо метавонанд корфармоёни дигар пайдо карда, бидуни зарурати хориҷшавӣ аз кишвар барои иҷрои корҳои дигар иҷозатнома гиранд;
- Муҳоҷирони меҳнатии маскуншуда – онҳое, ки пас аз чандин соли сукунат дар кишвари пазиранда, иҷозати истиқомат барои муҳлати номуайян ва иҷозати кор кардан бидуни маҳдудиятро доро гаштаанд. Ба муҳоҷирони меҳнатии маскуншуда ҳангоми надоштани кор зарур нест, ки кишварро тарк кунанд, одатан ба онҳо ҳуқуқи пайвастан бо аъзои оила дода мешавад, ба шарте, ки бо кор ва манзил таъмин бошанд;
- Муҳоҷирони меҳнатии баландихтисос – муҳоҷироне, ки бинобар соҳибихтисос буданашон бароишон реҷаи мусоидаткунанда дар кишвари пазиранда дода мешавад, муҳлати сукунаташон, иваз кардани ҷойи кор пайваста ба аъзои оила камтар маҳдуд карда мешавад.[69]

Муҳоҷири меҳнатӣ метавонад ҳам дар асоси қонун ва ҳам ғайриқонунӣ коргари кироя шавад. Дар ин маврид муҳим аст, ки ҳангоми таҳлили муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ мавҷудияти миқдори зиёди гурӯҳҳои одамон, ки шаклан ба кишвари дигар

---

[68] Rubio-Marn Ruth immigration

[69] Метелев С.Е.Международная трудовая миграция и нелегальная миграция в России. М.,2006.

интиқол шудаанд, гарчи муҳоҷири меҳнатӣ нестанд, вале дар кишвари пазиранда метавонанд ҳамчун корманди кироя ба ҳисоб гирифта шаванд. Ба ин ҷумла таҷрибаомӯзони хориҷӣ, сайёҳон, донишҷӯёни хориҷӣ ва гурезагон шомиланд. Хулоса, барои таҳлили вазъи воқеии дар иқтисоди ин ё он кишвар, аз ҷумла дар бозори захираҳои меҳнатӣ, баамал омада, ба назар гирифтани доираи васеи муҳоҷирони байналмилалӣ, ки имкони дар фаъолияти иқтисодӣ иштирок карданро доранд, муҳим аст.

Мураккабии таҳлили муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ, бештар аз ҳама, дар чандир будани намуду шаклҳои дар таркиби он мавҷуд буда аст. Гап дар сари он аст, ки муҳоҷирони меҳнатӣ метавонанд мақоми худро дар шароити дигаршавии вазъи зиндагӣ, тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дар кишварҳои пазирандаву таркшаванда ва ғайра дигар кунанд. Шахсоне, ки ба кишвари дигар барои сукунати доимӣ чун муҳоҷир ҳиҷрат мекунанд, аммо дар он кишвар муваффақ намешаванд, метавонанд бозпас ба ватани худ баргарданд. Баъзан муҳоҷирони меҳнатии қонунӣ метавонанд бар асари вайрон намудани ягон талаботи шартнома, ба муҳоҷирони ғайриқонунӣ табдил ёбанд. Масалан гузаштани мухлати иҷозатнома ё кӯшиши дигар намудани ҷойи кор, ки хилофи шартнома бошад ва баръакс, муҳоҷирони ғайриқонунӣ метавонанд мақоми қонунӣ пайдо кунанд (авфи муҳоҷирон).

Дар айни замон тақрибан ҳар як муҳоҷири меҳнатӣ, аз ҷумла муҳоҷирони ғайриқонунӣ, корманди эҳтимолӣ буда метавонад. Бо рушди иқтисоди ҷаҳонӣ дар сохтори ҷараёнҳои муҳоҷирон тағйироти ҷиддӣ ба амал меояд. Масалан, дар моҳияти сафарҳо ба Аврупо ё ин ки ба Шарқ дигаргуниҳои бунёдӣ ба амал омадаанд. Шаҳрвандони зиёд бо истифода аз сафарҳои сайёҳӣ дар хориҷа ба фаъолияти тиҷоратӣ машғул мешаванд. Аксари муҳоҷироне, ки ғайриқонунӣ дар давлатҳои дигар сокин мешаванд, равандҳои сайёҳиро истифода мекунанд.

Барои таҳлили муҳоҷирати байналмилалӣ муайян намудани шумораи муҳоҷирони меҳнатии байналмилалӣ дар ҳар кишвар аҳамияти муҳим дорад. Усулҳое, ки аз ҷониби аксари кишварҳо ҳангоми муайянсозии шумораи муҳоҷирони меҳнатии байналмилалӣ истифода мешаванд, ба ҳам хеле наздиканд. Дар айни ҳол ба муҳоҷирон одатан одамоне мансуб донистa мешаванд, ки доимӣ (на камтар аз як сол) дар ҳудуди кишвари пазиранда зиндагӣ мекунанд, вале дар кишвари дигар таваллуд шудаанд. Дар ин ҳолат мансубияти

шаҳрвандӣ ба назар гирифта намешавад, зеро ин чиз метавонад дар вақти дигар ба даст оварда шавад.

Равиши ҳисоби ин нишондиҳанда ҳоло аз ҷониби мутахассисон мавриди баҳс қарор дода шудааст.

Намуди сеюм – ин мутахассисони баландихтисосанд. Онҳоро низ ба муҳоҷирони меҳнатӣ мансуб медонанд. Худи истилоҳи «Мутахассис» дар иртибот бо муҳоҷирон дар кишварҳои гуногун ба тарзи мухталиф ташреҳ мегардад. Мафҳумҳои зерин аз ҳама бештар паҳншуда мебошанд: дар ИМА ва Швейтсария «Мутахассисони баландихтисос» ё «Иҷрокунандагони мустақил ва сарменеҷерҳо» «Мутахассисони соҳаи техникӣ», «Муҳаққиқон», «Физикҳо» дар Австралия, Британияи Кабир, Фаронса. Барои рушди истеҳсолоти миллӣ дар кишварҳои пазиранда кори ин категорияи шаҳрвандон зарур аст.

Афзоиши ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатии мутахассис аз ҳисоби умумии захираҳои меҳнатӣ дар як идда кишварҳо аз оғози солҳои 60-уми асри гузашта падидаи устувор гардид. Дар он замон муҳоҷирати олимон, кормандони муҳандисию техникии баландихтисос аз кишварҳои гуногуни Аврупо ба чунин раванд чун «ихроҷи мағзҳо» ё «муҳоҷирати зеҳнӣ» оғоз бахшид. Айни замон чунин раванд дар байни кишварҳои мутараққӣ ва ақибмонда ба назар мерасад.[70 3]

Намуди чорум – муҳоҷирони ғайриқонунӣ. Ба ин хориҷиҳо, ашхоси бешаҳрвандӣ (анатридҳо) бо раводидҳои муҳлаташон гузашта, раводиди сайёҳӣ ва муҳоҷирони ғайриқонунӣ: бидуни асноди сафарӣ, бе ҳеҷ гуна ҳуҷҷати тасдиқи шахсият, ки ба фаъолияти меҳнатии ғайриқонунӣ машғуланд, дохил мешаванд. Таҳлили маводи нашрӣ оид ба муҳоҷирати байналхалқӣ нишон медиҳад, ки болоравии суръати муҳоҷирати ғайриқонунӣ ҷой дорад. Моҳияти масъалаи муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба мураккабии муайянсозии паҳлӯҳои микдории худи ин падида, ки нисбат бо маълумоти расмӣ хеле зиёд буда, бо оқибатҳои бисёрҷанбаи ба бороварда, набудани барномаи илмии мубориза бо он дар шароити тағйири сохторӣ кардани иқтисодиёт алоқаманд аст.

Дар кишварҳои мутараққӣ, масалан дар Нидерландия шуғли ғайрирасмӣ 0,5% шуғли умумии кишварро ташкил медиҳад, дар саноати сабук бошад, – 50 %, кишоварзӣ тақрибан 17%, дар хадамоти меҳмондорӣ ва тарабхонавӣ 7% - ро ташкил медиҳад. Имконпазир будани истисноии муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ,

---

78 Зери мафҳуми (эмиграция) муҳоҷират, кӯчидани шаҳрвандон аз як кишвар ба кишвари дигар фаҳмида мешавад.

иҷтимоӣ сиёсати муҳоҷирати давлатҳоро водор месозад, ки нисбат ба муҳоҷирони ғайриқонунӣ чандир бошанд ва батадриҷ тадбирҳои ҷазоиро ба расмигардонӣ тақвият бидиҳанд, ки ин боиси ба ҳолати расмӣ (қонунӣ) гузаштани оммаи зиёди меҳоҷирон мегардад.

Тадбирҳои расмисозӣ дар кишварҳои Аврупо борҳо дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла аз тариқи таъсиси «ҳудуди шенгенӣ» бар асоси муоҳида «Дар бораи дасткашӣ аз тафтишот дар марзҳои умумӣ (1985) ва Конвенсияи «Оид ба истифодаи муоҳидаи Шенген» аз 14 июни соли 1985 «Дар бораи дасткашӣ аз тафтишот дар марзҳои умумӣ» (1 июни соли 1990 ба имзо расидааст) амалӣ карда шудаанд.

Ба намуди панҷум фирориён (гурезагон) – ро мансуб донистан мумкин аст. Ба онҳо ашхосе дохил мешаванд, ки маҷбуранд, кишвари сукунати худро бинобар таҳдиди хатар ба ҳаёташон тарк карда, минбаъд ҳамчун муҳоҷирони меҳнатӣ дониста шаванд. Дар соли 2000 шумораи умумии фирориён дар ҷаҳон 18 млн. нафар одамонро ташкил дода буд. Дар давоми даҳ соли охир ин рақам ба сӯи афзуншавӣ тағйир меёбад.

Онҳо эътироф мекунанд, ки гуреза-ин шахсест, ки ҳангоми амалӣ намудани қонуни мушаххас оид ба масъалаҳои гурезагон, дорои ҳуқуқҳо мебошад. Матни пешгуфтори Конститутсияи Фаронса аз соли 1985 тибқи қонун аз 25 июли соли 1952 «Дар бораи тасдиқи Раёсати фаронсавӣ оид ба ҳимояи гурезагон ва апатридҳо» эълон медорад, ки ба шумораи фирориён онҳое маҳсуб мегарданд, ки ба моддаи 1 Конвенсияи соли 1951 мувофиқат намоянд. Дар ИМА санад «Дар бораи гурезагон» таърифи фирорӣ, ки ба меъёрҳои ҷуғрофӣ ва идеологӣ асос ёфта буд, ба таърифи дар Конвенсияи соли 1951 мавҷудбуда ва Протоколи мансуб ба он аз соли 1967 иваз гардид. Ҳамчунин, Канада таърифи дар Конвенсия пешбинишударо дар санади оид ба муҳоҷират соли 1976 қабул намуд. Муҳтавои Швейтсария «Дар бораи паноҳгоҳ» дар маҷмӯъ бо муқаррароти Конвенсияи соли 1951 баробар дониста шудааст. Қонунҳои Ҷопон ва Испания «Дар бораи гурезагон » мафҳуми фирориро мувофиқи меъёрҳои Конвенсияи соли 1951 муайян кардаанд. Муқаррароти мушобеҳ бо моддаҳои Конвенсияи соли 1951 ва Протоколи мансуб ба он аз соли 1967, ки ҳуқуқҳои гурезагон ҳимоя мекунанд, метавон дар қонунҳои даниягӣ, чехӣ, норвегиявӣ ва боливӣ дар бораи муҳоҷирон пайдо кард.

Таҳлили қаблан зикршуда аз он шаҳодат медиҳад, ки муҳоҷирати меҳнатӣ як бахши муҳоҷирати байналмилалии умумии аҳолӣ

мебошад. Аз нуқтаи назари сиёсати иқтисодии дохилии давлат, зарурати объективии ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ норасоии мутлақ ва нисбии қуввахои кории худӣ дар кишвар буда, нишонаҳои асосиаш инҳоянд: самтгирии ҳадафмандонаи ҳалолкорӣ, ихтиёрӣ ва баргардонандагӣ.[71]

Бо дарназардошти хусусиятҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ Волков В.А. кишвару минтақаҳои зеринро ҷудо мекунад.: кишварҳои Аврупои Ғарбии беш аз ҳама пешрафта, ки қувваҳои кориро аз кишварҳои аз ҳама ақибмондаи Аврупои Ғарбӣ, мамолики арабии Африқои Шимолӣ, Шарқи Наздик, Африқо ва дигар кишварҳои Аврупои Шарқӣ, инчунин ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ ҷалб мекунанд. Масалан, кишварҳои пазирандаи бахши асосии муҳоҷирон инҳоянд: Олмон, Фаронса, Британияи Кабир, Швейтсария, Белгия, Шветсия ва Нидерландия.

Пас аз пош хурдани Иттиҳоди Шӯравӣ Руссия ба яке аз марказҳои байналхалқии муҳоҷирати меҳнатӣ табдил ёфт. Аз як сӯй, ба он садҳо ҳазор шаҳрвандон муҳоҷират карда, барои сукунати доимӣ ба кишварҳои дигар кӯчиданд, аз сӯйи дигар дар ҳудуди он беш аз 1,5 млн. хориҷиён кор мекунанд. Инчунин, бояд ба назар гирифт, ки беш аз 29 млн. шаҳрвандони Россия берун аз марзҳои давлатии он боқӣ мондаанд.

Дар доираи як минтақа шумораи зиёди кормандон ба он кишварҳое рӯ меоваранд, ки дар онҳо ислоҳоти самарабахши иқтисодӣ амалӣ карда мешавад. Масалан, аз Африқо коргарони мавсимӣ ба Аргентина ва Мексика сафар мекунанд. Бинобар рушди босуръати Осиёи Ҷанубу Шарқӣ анбӯҳи бузурги муҳоҷирон, ки дар корҳои мавсимӣ иштирок мекунанд, ба он самт рӯ овардаанд. Ин ҳолат, махсусан дар Кореяи Ҷанубӣ ва Малайзия дида мешавад. Дар минтақаи Осиёи Укёнуси Ором Австралия чун кишвари классикии муҳоҷират махсуб мегардад.

Ғайр аз Австралия, содиркунандагони асосии қувваҳои корӣ кишварҳои зерин мебошанд: Брунея, Ҷопон, Малайзия, Покистон, Сингапур, Кореяи Ҷанубӣ ва Тайван. Кишварҳои машғул ба коркарди нафт аз Шарқи Наздик қувваҳои кории арзони хориҷиро ба корҳои вазнини каммузд ҷалб мекунанд. Коргарон аз кишварҳои ҳамсоя меоянд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, муҳоҷирати меҳнатии байналхалқиро чун раванди фаъол оид ба муҳоҷирати муваққатӣ ва мақсадноки аҳолӣ аз як давлат ба давлати дигар бахри ба даст

---

[71] Гидвин -Гилл Г.С . Статус беженец в международном праве. М.:ЮНИТИ, 1997

овардани даромади муайян ва бозпас баргаштан ба Ватан тавсиф намудан мумкин аст.

Аз ин таъриф чунин бармеояд, ки нишонаҳои муҳими муҳоҷирати меҳнатӣ инҳоянд: самтнокии ҳадафмандона, ҳалолкорӣ, фидокорӣ ва муҳоҷирати баргашт.

Сабабҳои асосии муҳоҷирати меҳнати байналмилалӣ, чунон ки таҷриба нишон медиҳад, дар айни ҳол иборатанд аз:

- бекорӣ- чун натиҷаи барзиёд будани шумораи аҳолӣ ё сатҳи пасти рушди иҷтимоию иқтисодии он кишвар;

-сатҳи пасти даромадҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар давлати худ, ки онҳоро ба ҷустуҷӯи даромади бештар дар давлатҳои дигар маҷбур месозад;

- ҷаҳонишавии саросарӣ – тавсиа ва рушд ёфтани робитаҳои хоҷагидорӣ ва фарҳангӣ байни кишварҳо.

Нишонаҳои асосии фарққунанда дар муҳоҷирати меҳнатии байналмилалии аҳолӣ, дар муқоиса бо муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ, инҳоянд аз: марзи давлатӣ, убури он ва назорати давлатии марбута ҳам аз болои амали убуршавӣ аз сарҳад (дар кишвари рафти муҳоҷират ва махсусан дар кишвари қабул) ҳам аз болои сукунати минбаъда дар кишвари қабулкунанда, хосатан, дар робита бо ворид шудан ба кор, шомил шудан ба таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ.

Ҳамин тариқ, гуфтаҳои боло собит месозанд, ки мафҳуми муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ , ки зимни он муҳоҷирати шаҳрвандон ва дар ин робита убури марзҳои давлатӣ бо мақсади тағйири ҷойи сукунат ва ҷойи кор баҳри фурӯши қувваи кории худ дар раванди татбиқи фаъолияти иқтисодӣ дар тӯли муҳлати шартнома, созишнома, иҷозатнома ва таҳти мафҳуми раванди муҳоҷират амалисозии нияту ҳадафҳои гурӯҳҳои муайяни одамон, амалҳои сафар, тағйири макони сукунат, ки бар асоси манфиатҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ заминасозӣ шудаанд, фаҳмида мешавад.

# 11. ЗАМИНАҲОИ ИҶТИМОИЮ СИЁСИИ ТАНЗИМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲУҚУҚҲОИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ

Тағйири макон кардани одамон дар сайёраи Замин як ҷиҳати муҳимтарини таърихи инсоният аст. Чунон ки П. Стокер тазаккур медиҳад, давраи ибтидоии авҷи муҳоҷирати қувваҳои корӣ ба замони сохти ғуломдорӣ таалluқ дошта, он ба забти мустамликаҳо аз ҷониби аврупоиҳо, ба нимаи асри XV рост меояд. Дар он давра норасоии қувваҳои корӣ дар баъзе мамлакатҳо бо воридоти ғуломон аз мустамликаҳо ҷуброн мегардид. Дар асри XVI киштиҳои баҳрии бритониёӣ, португалӣ, фаронсавӣ мунтазам қувваҳои кории арзони африқоиро ба Ҷаҳони Нав – Бразилия, кишварҳои ҳавзаи Кариб, Амрикои Шимолӣ оварда, норасоии қувваи кориро дар киштзорҳои ин мамолик таъмин менамуданд. Тайи якчанд аср аз Африқо тақрибан 15 млн. нафар одамон, ки аксари онҳо дар роҳ талаф ёфтаанд, содир карда шуда буд. Онҳое, ки то ба соҳилҳои Шарқии Атлантика расонида шуда буданд, нисфашон дар тӯли панҷ соли аввали корашон нобуд гардидаанд. Айни замон беш аз 40 млн. нафар одамон дар кишварҳои Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ, инчунин давлатҳои ҳавзаи Кариб наслҳои ғуломони африқоӣ мебошанд[72]

Тағйироти технологию ҷамъиятӣ дар равандҳои муҳоҷиратӣ боиси дигаргуниҳои ҷиддӣ гардиданд. Рушди иқтисодии ҷаҳонӣ, бозорҳои ҷаҳонии захираҳои меҳнатию молиявӣ, робитаҳои иқтисодии байналхалқӣ ва равандҳои байналмилали муҳоҷирати аҳолӣ дар асрҳои XVIII – XX, ки хусусияти нобаробар ва талотумангез доштанд, пайдо намуда, ҳар қадар аз маркази таркишҳои инқилобӣ дур мерафтанд, ҳамон қадар дар фазою вақт заиф мегардиданд. Муҳоҷирати оммавӣ дар Аврупо дар асри XIX дар шароити табаддулоти саноатӣ, таҳаввулоти амиқи иҷтимоию иқтисодӣ ва демографиро ба амал овард. Дар айни ҳол амвоҷи навсозиҳо мавҷҳои миқёсан азими ба хориҷравии захираҳои меҳнатиро ба бор меоваранд.

Чунон, ки Д. Массей ёдовар мешавад, дар Аврупо мавҷи саноатишавӣ аз Англия оғоз гардида, дар асри XIX солҳои 30- ум Фаронса, солҳои 40 –ум Олмон, солҳои 50 –ум Руссия, Ҳуланд (дар Шарқ) ва Австро – Венгрия, Италия (дар Ҷануб), солҳои 60 –ум Испания, Швейтсария, Шветсия ва дигар кишварҳои Аврупоро фаро гирифт.

[72] Стокер П. Работа иностранцев. М.,1996- с11-13

Ба пайи ин мавҷҳои муҳоҷирати оммавӣ, тақрибан пас аз 20-30 соли раванди саноатишавӣ ба авҷи аълои худ расид. Тайи солҳои 1846 - 1920 аз Аврупо беш аз 44 млн. нафар одамон ҳиҷрат кардаанд.[73] Ин фавҷи бузургро ҷанги якуми ҷаҳонӣ, минбаъд аввалин қонунҳои маҳдудкунандаи муҳоҷират дар ИМА, таназзули солҳои 1930, инчунин ҷанги дуюми ҷаҳон қатъ кард.

Роҳи рушди кишварҳо дар заминаҳои саноатисозӣ ва тағйирёбиҳои силсила – сохтори омилҳои муайянкунандаи ташаккули ҷараёнҳои муҳоҷират гардиданд. Ҳамзамон, дар солҳои болоравӣ афзоиши ҷараёнҳои муҳоҷирон ва дар солҳои таназзул камшавӣ ё аксулмуҳоҷират мушоҳида мешавад. Дар айни замон ба микёсу самти ҷараёнҳои муҳоҷират, сиёсати муҳоҷиратии давлатҳое, ки ба амалисозии маҳдудиятҳо барои муҳоҷирон фаъолона даст заданд, таъсири ҷиддӣ расонид. Барои ҷомеаи фаронсавӣ, ягонагӣ ва айнияти амнияти он мураккабии раванди муҳоҷират, махсусан, муҳоҷирони эҳтимолии мусулмон, хатар дорад. Воридшавии оммавии хориҷиён (асосан, аз кишварҳои афро – осиё), ки дорои фарҳанг, тарзи зиндагӣ, дину оин, тарзи тафаккур, таҳсилотӣ дигар пеш аз ҳама, проблемаҳои иҷтимоиро шиддат бахшид, ҳувияти миллию фарҳангии аврупоёнро таҳти хатар қарор дод ва вақтҳои охир, дар иртибот бо афзоиши экстремизму терроризм, амнияти давлатҳоро зери хатар гузошт. Амалан, дар тамоми мамолики Аврупо ғояи омезиш ва гуногуншаклии фарҳангӣ ҳоло бо талош ба сӯйи «Ҳамоҳангсози » - и муҳоҷирон дар ҷомеаи аврупоӣ дар асоси созиши зайл табдил дода шудааст: бо риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандии онҳо дар он сатҳе, ки онҳо бо манфиатҳо ва анъаноти миллии давлатҳои пазиранда мухолифат намекунанд.[74]

Муҳоҷирати меҳнатии байналмилалии аҳолӣ раванди мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Нақши он дар рушди кишварҳо ҳарчӣ бештар афзуда, ба онҳо таъсири басо пурихтилоф мерасонад. Табдили захираҳои инсонӣ ба манбаи асосии рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳо мубаддал гашта, моҳияти таҳқиқи проблемаҳои муҳоҷиратро тақвият мебахшанд.

Аммо дар рафти ҷустуҷӯи роҳҳои тағйири парадигмаи сохти ҳаёту фаъолияти кишварҳои алоҳида ва ҷомеаи умумибашарӣ, ки ҷавобгӯи таҳдидҳо ва ситезаҳои давраи баъдисаноатишавӣ (постиндустриалӣ) бошанд, як навъ камарзиш донистани нақши

---

[73] Метелев С.Е.Международная трудовая миграция и нелегальная миграция в России. М.,2006.
[74] Стрелцова Я. Франция и проблема иммиграции мигрантов //Миравая экономика и международные отношения. М.,2005.с-67

дигаргунихои демографие, ки мустақиман ба ташаккули омилҳои нави рушди иқтисодӣ таъсири бузург мерасонанд, ба амал омадааст.

Дар шароити кунунӣ ҷараёнҳои муҳоҷирати меҳнатии байналмилалии аҳолӣ зери таъсири сабабҳои гуногун, ки дар миёни онҳо асосиашон иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд, ба амал меоянд. Инчунин, сабабҳои сиёсӣ, миллӣ, динӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ ва ғайра аҳамияти муҳим пайдо кардаанд. Дар натиҷаи тақвият ёфтани таъсири онҳо ҳаҷми кӯчиши одамон, ки бо тағйири доимӣ ё муваққатии макони зист бо сабабҳои ба худи муҳоҷирон новобаста пайвастагӣ дорад, хеле афзудааст.

Ба назар гирифтан муҳим аст, ки ҷараёнҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити бағоят зиёд шудани шумораи муҳоҷирони сайёраамон ташаккул мeёбанд. Масалан, тайи солҳои 1900-2009 шумораи муҳоҷирон аз 1,6 млрд нафар то 6,5 млрд нафар афзудааст ва мувофиқи ҳисобҳои коршиносони СММ, то соли 2050 ин рақам то ба 9 млрд мерасад. Ин равандро чун инқилоби демографӣ тавсиф кардан мумкин аст, ки ба тарзи бениҳоят пурихтилоф бо ҳалли проблемаҳои доғи рӯз вобастагӣ дорад. Айни ҳол дар манзараи умумӣ афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ, дар кишварҳои ҷаҳони сеюм рух дода, дар Руссия низ вазъи хосе ба миён омадааст, ки ба воситаи нотамомии мутобиқшавии такрористеҳсоли аҳолӣ ва раванди пиршавии он дар робита бо амали омилҳои гуногуни таърихӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ барангехта шудаанд[75].

Дар замони ҳозира тақвият ёфтани нақши омилҳои ҷаҳонишавӣ дар рафти ҳаракати муҳоҷирати байналмилалӣ дар заминаи пайдоиши шумораи бузурги муҳоҷирон, амалӣ мегардад. Шумораи ашхосе, ки бо ин ё он тарз ба ҷараёнҳои муҳоҷират шомил гардидаанд (бо ҳисоби муҳоҷирони ғайрирасмӣ), мувофиқи маълумоти коршиносони СММ, аз 1 млрд. нафар гузаштааст.[1]

Сохтору таркиби ҷараёнҳои муҳоҷирони меҳнатии байналмилалии аҳолӣ бар асари афзоиши ҳиссаи мутахассисони дорои сатҳи баланди таҳсилот дар шумораи умумии муҳоҷирон (бо шумули мутахассисони баландихтисос) тағйир мeёбад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ равандҳои мутаҳаррикии муҳоҷирати байналхалқии аҳолӣ тақвият мeёбанд ва он ба рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳо таъсироти хеле пурихтилоф мерасонад. Аз як сӯй, вай боиси афзоиши пешниҳоди қувваҳои корӣ

---

[75] С.А. Акимова, Т.А. Прудникова, Л.И. Белянская, Е.С. Зайцева. Правовое регулирование трудовой миграции. М;-2010.- с-20-21

ва рақобат дар бозорҳои меҳнат, зиёдшавии ҳаҷми умумии маҳсулоти дохилӣ ва пастшавии сатҳи нархҳо, баландшавии самаранокии истифодаи қувваи корӣ ва талабот нисбат ба корманди кироя гардида, тайёрии касбӣ ва таълимии онҳоро афзун намуда, баҳри болоравии рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад. Дар робита бо ин, зарурати тағйири низоми маориф ва тайёрии касбии кадрҳо ва мутобиқсозии он бо шароити тағйирёбанда ба миён меояд.

Аз ҷониби дигар, муҳоҷирати меҳнатӣ метавонад ба эҷоди номувозинатӣ дар бозори меҳнат таъсир расонида, афзоишӣ бекорӣ, пастшавии сатҳи музди кор ва бадшавии вазъи иқтисодию иҷтимоии сокинони бумии минтақаи муайянро ба бор биёварад. Ин ва мушкилотҳои дигари вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ бояд дар низоми тадбирҳои сиёсати давлатии муҳоҷират дуруст инъикос ёбанд. Вале таҳияи низоми тадбирҳои мазкур бештар бо ташаккули муҳоҷирати меҳнатии ғайрирасмӣ дар миқёси бузург мушкил мегардад.

Ҷалби оммавии хориҷиён ба кишварҳои пешрафта имконияти қаноатмандсозии талаботро ба қувваи кории арзон фароҳам сохта, бо кор таъмин кардани кормандонро дар бахшҳои ноҷолиби иқтисодиёт амалӣ намуда, инчунин шиддати вазъи демографиро ором месозад, аммо ҳамзамон миқдори азими дигар мушкилиҳои иҷтимоию иқтисодиро ба миён меоварад. Гап дар он аст, ки дар кишварҳои мутараққӣ ҳавзаҳои этникии васеъ дар шакли сохторҳои сарбаста, ба вуҷуд меоянд ки намояндагони онҳо хеле фаъолона баҳри тағйири вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии худ ва муносибати ҷомеа бо онҳо талош меварзанд. Ғайр аз ин, муҳоҷирон барои тавсиаи иқтисодии ғайрирасмӣ, сохторҳои ҷиноятпеша ва ташкилотҳои экстремистӣ, ки ба амнияти миллӣ таҳдиди ҷиддӣ доранд, мусоидат мекунанд.

«Вазъи бозори меҳнат чун омили муҳимтарини дохилии амнияти иқтисодиёти миллӣ амал мекунад, аз ин рӯ, баробар бо ташаккули иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва рушди ҷаҳонишавии он муҳоҷирати қувваи корӣ дар бозори ҷаҳонии меҳнат аз ҷониби ниҳодҳои давлатию миллӣ ҳарчӣ бештар танзимшаванда мегардад.

Дар ҷаҳони муосир нақши муҳоҷирати байналхалқӣ дар рушди демографии кишварҳои пешсаф хеле баланд мешавад. Дар шароити ҳифзи суръати нисбатан баланди афзоиши аҳолӣ дар кишварҳои рӯ ба инкишоф ва батадриҷ суръат ёфтани пиршавии аҳолӣ дар кишварҳои мутараққӣ барои баъдиҳо эҳтиёҷ ба ғанисозии бозори меҳнат аз ҳисоби муҳоҷирони байналхалқӣ ҷиҳати паст намудани зарибӣ бори демографӣ пайдо мешавад.

Масалан, дар солҳои 90 –ум асри XX қариб 90% афзоиши умумии аҳолӣ дар Аврупо сирф аз ҳисоби муҳоҷирати холис (қариб 50% дар солҳои 70 – ум), дар ИМА – 40%, дар Австралия 50% сурат гирифта буд. Ғайр аз ин, раванди муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ хусусияти феминистӣ пайдо мекунад.

Масъалаи ташаккул ва рушди муҳоҷирати меҳнатӣ дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Давраи аввал гузариши равандҳои муҳоҷиратӣ ва ташаккули сиёсати муҳоҷиратии мамолики ИДМ ба солҳои 1990 рост омад ва то соли 1995 идома ёфт. Нишонаҳои асосии он чунин буданд: талотуми муҳоҷирати хориҷӣ, чараёнҳои оммавии муҳоҷирони иҷборӣ, камшавии кӯчишҳои дохилӣ ва қисми асосӣ – муҳоҷирати меҳнатӣ.

Пароканадашавии ИҶШС ва ташаккули ИДМ бо муҳоҷирати оммавии хориҷӣ баробар омаданд. Дар шароити миллатсозии давлатҳои нав омилҳои асосии таҳрикдиҳандаи кӯчиши аҳолии ғайрибумӣ, аз ҷумла ноустувории сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, афзоиши миллатгароӣ, маҳдудсозии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва поймолшавии ҳуқуқ аз рӯи мансубияти этникӣ, тарси маҳрумият дар раванди хусусигардонӣ, маҳрум гаштан аз шаҳрвандии ватани таърихӣ ва ғайра буданд.

Инчунин, таҳаввулоти ниҳодӣ (институтсионалӣ) нақши муҳим бозид. Дигаршавии ниҳодҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ хусусияти ҳамаҷониба дошт: ба мисли озодии гардиш ва интихоби макони сукунат, озодии хориҷ ва воридшавӣ, пайдо шудани моликияти хусусӣ, дигаршавии бозорҳои меҳнат ва манзил, ғайридавлатишавӣ, заифшавии дахолати давлат ба ҳаёти шахсӣ ва бисёр чизҳои дигар (масалан, зарурати мушаххасият дар шаҳрвандӣ). Ҳамаи ин дар он солҳо барои қабули қарор дар мавриди кӯчидан нақши муҳим дошт, гарчӣ омилҳои сиёсӣ бар омилҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ бартарӣ доштанд.

Муҳоҷирати ин давра хусусияти этникӣ дошт. Муҳоҷирати гурӯҳҳои этникӣ оммавӣ гардида буд. Намояндагони миллатҳои бумӣ дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба тарзи таъҷилӣ ба Ватан бармегаштанд, ҳамзамон садҳо ҳазор намояндагони халқҳои рондашуда имконияти воқеӣ пайдо карданд, ки ба ватани таърихияшон баргарданд.

Хисобкунии шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ба дигар давлатҳои ИДМ кӯчиданд, баҳисобгириашон мушкил аст ва эҳтимол, сухан аз якчанд миллион нафар одам меравад. Танҳо ба

Россия, ки албатта, ҳиссаи бузурги муҳоҷирати хориҷӣ дар ИДМ рост меояд, дар солҳои 1991-1994 3,6млн нафар ворид ва 1,7млн. нафар хориҷ шудаанд, муҳоҷират 1,8млн нафар одамонро ташкил додааст.

Миқёси муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар ИДМ дар оғози солҳои 1990 тақрибан ба солҳои охири мавҷудияти ИҶШС баробар аст: агар дар соли 1990 сатҳи муҳоҷирати байниҷумҳуриявӣ 2 млн. нафар одамонро ташкил дода бошад, соли 1991-1,7млн нафар, солҳои 1992 ва 1993 мутаносибан -1,9 млн. нафар ва 1,6 млн. нафар одамонро ташкил намудааст. Аммо табодули муҳоҷиратӣ бо аҳолӣ байни ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз лиҳози этникӣ нобаробар тағйир ёфтанд. Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа хусусияти ғайричашмдошт пайдо намуд, ки он ба таркиби синнусолӣ – ҷинсӣ ва оилавии муҳоҷирон таъсир расонд: ҷараёнҳои муҳоҷиратӣ «Пир» шуда, дар онҳо муҳоҷирати оилавӣ бештар гардид.[76]

Дар ин марҳала омилҳои иқтисодӣ низ нақши муҳиме бозиданд: Дар оғози солҳои 1990 чун вазъи иқтисодӣ дар Украина нисбат ба Россия хеле беҳтар буд, ҳиҷрат ба Украина соли 1991 - 148 ҳазор нафарро ташкил дод – дар муқобили 52 ҳазор ба Россия; соли 1992 – ба Украина 288 ҳазор ва ба Россия 176 ҳазор нафарро ташкил намуд .

Ҳатто баъди пароканда шавии ИҶШС аҳолии русзабон на танҳо ба Украина, балки ба кишварҳои Наздибалтик ва Молдова муҳоҷират мекард.

Авҷи зӯроварӣ ва низоъҳои мусаллаҳона боиси он гардиданд, ки миёни муҳоҷирон аз минтақаҳои ноором шумораи муҳоҷирони иҷборӣ афзоиш ёфтанд (гарчи падидаи муҳоҷирати иҷборӣ қабл аз пошхӯрии ИҶШС ба миён омада буд, ҳанӯз тирамоҳи соли 1991 дар Иттиҳоди Шӯравӣ беш аз 710 ҳазор нафар ба қайд гирифта шуда буд, ки «Онҳо маҷбуран макони зисти доимиашонро тарк карда буданд» асосан ба Арманистон, Озарбойҷон ва Руссия)

Бо рух додани низоъҳои мусаллаҳона дар солҳои 1990 беш аз 5 млн. нафар одамон макони зисти доимиашонро тарк карда буданд, аз ҷумла қариб 2,4 млн. нафар ба дигар кишварҳои ИДМ кӯчиданд (аз ҷумла онҳо беш аз 1 млн. нафар мақоми фирорӣ ё муҳоҷири иҷбориро гирифта), 2,2 млн. нафар зӯран кӯчонидашудагони дохилӣ шуда буданд. Баъдан 1, 6 млн. нафар ба макони зисти пешинаашон баргаштанд.

---

[76] С.А. Акимова, Т.А. Прудникова, Л.И. Белянская, Е.С. Зайцева Прававое регулирование трудовой миграции ..М-2010 с-22-23

Аз ҷумла: дар солҳои 1991- 1994 аз давлатҳои ИДМ қариб 1,4 млн нафар аз Қазоқистон (372 ҳаз. нафар), Россия (371 ҳаз нафар), Украина (316 ҳаз. нафар), Узбекистон (105 ҳаз. нафар). Бахши асосии муҳоҷирон ба Олмон, Исроил, ИМА ва Юнон (мутаносибан, 53, 4%, 27, 7%, 13,2% ва 1,6%) рафтанд. Бахши бештари муҳоҷирати он давра хусусияти иҷборӣ дошт (махсусан, аз Озарбойҷон, Гурҷистон, Молдова). Миқёси муҳоҷирати хориҷӣ якбора дар охири соли 1980-ум зиёд шуда буд. агар соли 1988 аз ИҶШС 28 ҳаз. нафар рафта бошад, соли 1989 – 204 ҳаз ва соли 1990-413 ҳаз ҳиҷрат кардаанд. Барои муқоиса: солҳои 1981-1986 Иттиҳоди Шуравиро 44 ҳаз. нафар тарк карда буданд. Дар арафаи пошхӯрии ИҶШС муҳоҷирати этникӣ фузунтар гашт: аз ҷумла солҳои 1987-1990 аз теъдоди рафтагон ҳиссаи яҳудиён, олмониён, арманҳо ва юнониён 97%-ро ташкил намуданд .[77]

Аммо дар Россия солҳои 1991-1994 муҳоҷирати меҳнатӣ миёни ноҳияҳои иқтисодӣ то 10% ва дар ҳудуди ноҳия то чаҳоряк кам шуд. Дар шароити гипертаваррум, бекории босуръат афзоянда дар оғози солҳои 1990,ба аҳолӣ ошкор сохт, ки дар деҳот рӯз гузаронидан осонтар аст. Арзонии зиндагӣ ва устуворнамоии он дар деҳа қисми зиёди шаҳриёни хоҳиши ба деҳот кӯчидан доштаро ҷалб намуд.

Рафтан аз шаҳрҳо хусусияти оммавӣ пайдо кард: солҳои 1991-1992 аҳолии шаҳрнишини Россия ба теъдоди 0,8 млн нафар кам ва аҳолии деҳот 1 млн. афзоиш ёфт, ҳатто ин боиси камшавии аҳолии шаҳрҳои калон гардид: дар солҳои 1991-1994 ба аҳолии шаҳрҳои миллионии Россия низ таъсир расонид.

Равандҳои мушобеҳ дар дигар кишварҳои ИДМ низ ба вуқӯъ пайвастанд: масалан, дар Беларус гардиши муҳоҷиратӣ дар дохили ҷумҳурӣ то 1,5 маротиба кам шуд. Махсусан, раванди босуръат дезурбанизатсия дар кишварҳои гирифтори муҳоҷирати хориҷии оммавӣ: дар Қазоқистон дар ин солҳо ҳиссаи аҳолии шаҳрҳо аз 57 то 55,5% кам, дар Тоҷикистон аз 31,4% то 28,7%. Шаҳри Киев соли 1994 дар муқоиса ба соли 1991 ҷолибияти худро барои сокинони шаҳрҳои дигар аз даст медиҳад ва ба муҳаққиқон лозим омад, то сабабҳои кӯчиши сокинони доимии онро биомӯзанд[78].

Таҳқиқҳо нишон доданд, ки дарки зарурати ҳалли проблемаҳои муҳоҷират, дар навбати аввал, муҳоҷирати меҳнатӣ, кишварҳои дар боло зикрёфтаи ИДМ ва дар оғози солҳои 1990 – ум тамоми онҳоро,

---

[77] С.А. Акимова. Т.А. Прудникова, Л.И Белянская. Е.С. Правовое регулирование трудовой миграции Зайцева. с-24-25

[78] Грибыткова И. Коренные киевляне и мигранты.

бо истиснои Тоҷикистон, водор менамояд, то онҳо кишварҳои пазиранда шаванд, яъне тадбирҳои ҷиддӣ биандешанд, қонунгузории муҳоҷиратро ба тавсиб бирасонанд, сохторҳо ва ниҳодҳои марбутаи давлатиро ташаккул бидиҳанд. Тадбирҳои мушобеҳ ба тарзи эҳтиёт дар дигар кишварҳои ИДМ амалӣ карда мешаванд.

Қабули қонунҳои миллӣ дар бораи гурезагон ба солҳои зерин мансуб аст: Озарбойҷон (1993), Россия (1993), Тоҷикистон (1992), Украина (1993). (Дар Қазоқистон қонун «Дар бораи муҳоҷирати хориҷӣ» қабул карда мешавад, ки тибқи муқарраротн он мақоми фирорӣ танҳо ба «Ашхоси мансуб ба миллати қазоқ» дода мешавад). Дар дигар кишварҳои ИДМ додани мақоми фирорӣ бо санадҳои дигари меъёрӣ танзим мегардад: дар Арманистон, Қирғизистон, Қазоқистон – Дастуруламали (Дастуруламали муваққатӣ) Девони вазирон танзим карда бошад, дар Гурҷистон – фармони роҳбари давлат. Озарбойҷон ва Россия бо қонунгузорӣ ва дар Қирғизистон бо санади зерқонунӣ ба шаҳрвандони худ, ки иҷбоан кишварҳои собиқ Шуравиро тарк мекунанд, имтиёзҳо ва статуси муҳоҷири иҷборӣ медиҳанд. Ғайр аз ин, Озарбойҷон, Россия ва Тоҷикистон ин мақомро барои муҳоҷирони иҷбории дохилӣ низ раво медонистанд.

Дар солҳои 1994-1996 муҳоҷират ба хориҷаи анъанавӣ батадриҷ кам мешавад: аз Молдова то 29 %, аз Россия - то 8%, аз Украина – то 10%. Ҳамзамон, нишонаҳои баэътидолой ё ҳатто андаке вусъати микёси кӯчишҳои дохилӣ, қатъшавии аз шаҳр ба деҳот рафтани аҳолӣ зоҳир мешаванд. Аз деҳот ба шаҳр рафтан батадриҷ афзоиш меёбад. (Дар Беларус рафтани сокинони деҳот ба шаҳрҳо аз 7,6 ҳазор нафар дар соли 1994 то 9,7 ҳазор нафар дар соли 1995 ва 10 ҳазор нафар дар соли 1996 зиёд шуд. Дар Ӯзбекистон дар ҳамин солҳо, мутаносибан, аз 17,1ҳазор то 21,3 ва 23,7 ҳазор нафар ааҳолии деҳот ба шаҳр кӯчиданд)[79].

Ба ивази муҳоҷирати иҷборӣ, ки хусусияти равандҳои муҳоҷиратро дар оғози солҳои 1990-ум муайян мекард, муҳоҷирати дигар бо сабабҳои иҷтимоию иқтисодӣ арзи вуҷуд менамояд. Танҳо аз Арманистон ва Гурҷистон дар ҷустуҷуи кор ба кишварҳои дигар, асосан ба ИДМ на камтар аз 0,5 миллион нафар одамон рафтааст. Ҳамин вазъ дар Озарбойҷон низ ҷой дошт.

Пажӯҳишгарон фаъолшавии махсуси муҳоҷирони иҷбориеро, ки ба дигар кишварҳои ИДМ сафар мекунанд, қайд менамоянд. Мувофиқи маълумоти охирини Раёсати муҳоҷират ба фирориён дар назди Ҳукумати Арманистон аз 316 ҳазор нафар фирориён 65 ҳазор

[79] Мукомель В. Миграционная полтика России. М.2005. с.15-21

нафар, асосан мардони қобили кор, бо тарзи ғайрирасмӣ дар кишварҳои дигари ИДМ кору зиндагӣ мекардаанд. Аз рӯи маълумоти муҳаққиқон, дар кишварҳои ИДМ беш аз 500 ҳазор шаҳрвандони Тоҷикистон кор мекунанд.

Воридшавии қувваҳои кориии хориҷӣ ба Россия танҳо дар соли 1996 чунин буд: аз Украина 99 ҳазор нафар; 11 ҳазор нафар - аз Беларус, 9 ҳазор – аз Молдова. Вале ин танҳо қуллаи як кӯҳи шиновар буда, қисми зиёди шаҳрвандони кишварҳои ИДМ ғайрирасмӣ, ки аксари онҳо дар «иқтисоди ғайриқонунӣ» машғули коранд ва шумораи онҳо хеле бештар аз он буд.

Дар авҷгирии муҳоҷирати «Мокувор» - яъне мавсимӣ нақши афзоиши иқтисодӣ калон аст, зеро бештар мавриди истифода қарор мегиранд. Аз солҳои 1996-1997 афзоиши ММД дар ҳамаи кишварҳои ИДМ ба истиснои Украина мушоҳида мегардад, ин раванд (дар Арманистон ва Гурҷистон пештар оғоз шуда буд). Дар ин кор наҷот ёфтан аз гипертаваррум, ки амалан дар тамоми кишварҳои ИДМ ба миён омада буд, маҳз дар ҳамин вақт аҳамияти муҳим дошт: гипертаваррум ба соли 1996 дар ҳамаи иттиҳод, ба ғайри Тоҷикисон ва Туркманистон қатъ гардида буд. Дар ин давра амалан тамоми кишварҳои ИДМ ба проблемаи муҳоҷирати ғайрирасмӣ аз кишварҳои сеюми ҷаҳон рӯ ба рӯ шуда буданд, аммо аз ин пештар танҳо барои Украина, Россия, Беларус, Молдова масъалаи доғи рӯз буд); дар ин кишварҳо шумораи муҳоҷирони ғайрирасмӣ ба садҳо ҳазор мерасид. Танҳо дар Беларус ва Украина соли 1996 дар муқоисаи БО СОЛИ 1992, 5-ҳазор нафар дар Белорус ва 72 ҳазор нафар дар Украина ба ҷурми убури ғайриқонунии сарҳад боздошт шуда буданд.[80]

Дар ин манзар «Мурофиаи женевӣ» оғоз гардида, дар аввалҳои соли 1995 Котиботи Конфронси ИДМ зери сарпарастии РКОГ ТБМ, СБН ва Созмони амнияти САҲА таъсис дода шуда, ҷаласаи коршиносон (Женева) мулоқоти намояндагони субминтақавӣ (Тбилиси, Ашқобод, Киев), баргузор мегардад ва санадҳои ниҳоии Конфронс таҳия ва қабул карда мешаванд.

Дар рафти омодасозии Конфронси ИДМ давлатҳои аъзо бо зарурати инъикоси проблемаҳои худ ва афзалиятҳо дар соҳаи сиёсати муҳоҷират, ҳисобу таҳлили қонунгузорӣ ва омори миллӣ (баъди пошхурии ИҶШС бо соддагардонии низоми қайди шаҳрвандон дар ИДМ сифати омори муҳоҷират ва тарзи фоҷиабор бад шуд), дучори мушкилӣ гардиданд.

---

[80] Шахотько Л.П. Миграция населения Беларус. 1996. с-109

Корҳои анҷомдода натиҷаи самарабахш оварданд: дар тамоми соҳаҳои номбурда пешравии бузург ба амал омад. Махсусан дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, зеро аксари онҳо ин корро нав оғоз карда буданд.

Баргузор шудани Конфронси ИДМ дар моҳи майи соли 1996 марҳалаи таърихии ташаккул ва рушди муҳоҷирати меҳнатӣ дар кишварҳои ИДМ гардид.

Дар оғози асри XXI муҳоҷирати меҳнатӣ фаъолона рушд мекунад ва бояд гуфт, ки он дар шаклҳои хеле мутамаддин сурат мегирад оид ба миқёси он аз рӯи далелҳои зерин метавон хулоса баровард: дар Молдова ба муҳоҷирати меҳнатӣ қариб 0,5млн, дар Украина – қариб 249 ҳазор, дар Арманистон – то 3/1 хонаводаҳо, дар Россия – 8-12% хонаводаҳо фаро гирифта шуданд.

Ҳоло «Муҳоҷирати мокувор», ки чун василаи ёрирасоне дар амри зинда мондани қишри бузурги аҳолӣ хидмати ҷиддӣ карда буд ва дар давраи мушкилтарини ислоҳот алифбои иқтисодиёти бозориро омузонда буд, моли таърих мегардад. (Солҳои 1995-1996 дар Россия, ба ақидаи Т.Д. Иванова, ба «тиҷорати м» то 30 млн. нафар одамон ҷалб гардида буданд, ки гардиши моли он то ба 30 млрд доллар мерасид). Вазифаҳоеро, ки пештар ин «Муҳоҷирони» иҷро мекарданд, ҳоло иттиҳодияҳои тиҷоратӣ хеле пурсамар иҷро менамоянд ва бахше аз онҳо аз ҷониби ҳамон муҳоҷиронҳо дирӯза таъсис дода шудаанд. Мувофиқи арзёбиҳои русӣ ва беларусӣ муҳоҷирати ғайрирасмӣ, амалан, дар ҳама ҷой, аз муҳоҷирати расмӣ бамаротиб зиёд аст.

Минбаъд (оғози асри XXI) сиёсати муҳоҷират нисбат ба муҳоҷирати меҳнатӣ хусусияти прагматикӣ пайдо мекунад. Масалан, бастани шартнома аз 26 феврали соли 1999 «Дар бораи иттиҳоди гумрукӣ дар ҳудуди ягонаи иқтисодӣ» бо иштироки давлатҳои Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон ва Россия яке аз икдомоти фаъолсозии равандҳои ҳамгирой дар сатҳи субминтақавӣ мебошад. Тибқи шартнома «Тарафҳо гардиши озоди шаҳрвандони давлатҳои иштиокчиро дар дохили ҳудудҳои ягонаи иқтисодӣ таъмин менамоянд. Гардиши озод лағви ҳамагуна паймолшавии ҳуқуқҳои шаҳрвандони тарафҳо ва бунёди режими ягонаи ҳуқуқиро дар бахши қабул ба кор, мукофотдиҳӣ, дигар шароити меҳнат ва шуғлро дар назар дорад».

Бо мақсади назорати саривақтии равандҳо дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, қабули тадбирҳои фаврӣ ва комилан мувофиқи дорои хусусияти идорӣ дар ХФМ Россия мониторинги ҳаракати қувваҳои кори хориҷӣ ба тарзи ҳафтавор баргузор карда

мешавад. Маркази ҳолатҳои мониторинги вазъи иҷтимоӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ таъсис дода шудааст, то ин ки бароиислоҳи тамоюлоти манфӣ тадбирҳои комилан мувофиқ роҳандозӣ карда шавад.[2]

Дар охир бояд ёдовар шуд, ки яке аз омилҳои тағйирдиҳандаи сиёсати муҳоҷирати давлатҳои ИДМ афзоиши таркишҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ гардида буд.

Имрӯз ин омил дар заминаҳои дигар – аз ҷониби кишварҳои пазиранда ва пешниҳодкунанда амалӣ мегардад. Ба кишварҳои пазиранда Россия, Беларус ва Казоқистон ва ба дуюмӣ тамоми кишварҳои дигари ИДМ тааллуқ доранд. Маълум аст, ки ин тақсимот шартист, зеро ҳамеша ҷараёни муқобил назарногир бошад ҳам, муҳоҷирони меҳнатии Россияро дар тамоми кишварҳои ИДМ дидан мумкин аст.[81]

---

[81] Мукомель В. Миграционная политика России. М.2005

# 12. МАФҲУМ ВА МУНДАРИҶАИ ВАСИЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИЮ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМКУНАНДАИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ

Муқаррароти меъёрҳои байналмилалию мақоми муҳоҷири меҳнатиро дар низоми муносибатҳои байналмилалию ҳуқуқӣ муайян намуда, татбиқи ҳуқуқҳои ӯро ба ҳайси усуле, ки дар ҷомеа ва давлат амал мекунад, пешниҳод менамоянд. Рушди ин тезис бояд бо мавҷудияти василаҳои таҳкимбахшандаи гардиш ва интихоби озод дар фазою макони сукунат ва кор таъмин гардад.

Ин кафили – василаи ба худ хоси маҳдудсозии ҳокимият буда, ҳамвора баҳри тақвиятдиҳии мавҷудияти худ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонӣ талош меварзад.

Дар робита бо ин зарур аст, то василаҳои нав ва мавҷудаи ҳуқуқӣ дар муқобили суиистифода аз ҳокимият мунтазам эҷод ва такмил ёбанд. Амалисозии ҳуқуқҳои муҳоҷири меҳнатӣ аз тамоми маҷмӯи муносибатҳои мутақобила бо сохторҳои ҳокимият ҷудонопазир буда, танҳо дар қаринаи усулҳои давлати ҳуқуқбунёд, ки ҳамеша дар рушду такомул ҳастанд, имконпазир мебошанд. Ин усулиятҳо фарогирандаи амалкарди тамоми низоми ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд.

Бояд гуфт, ки дар сохтори фаъолияти ҳамагуна мақомоти давлатӣ масъалаҳои таъмини риояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мавқеи хеле муҳим дошта, яке аз вазифаҳои мустақили онҳо ба ҳисоб меравад. Вале ҳалли масоили мазкур вазифаи асосии аксари мақомоти давлатӣ нест, балки яке аз шартҳои мавҷудияти онҳост, ки ба фаъолияти муътадил ва ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда мусоидат мекунанд.

Дар баробари ин, муҳимияти махсуси таъмини қонуният, ҳуқуқу озодиҳои асосии муҳоҷири меҳнатӣ, зарурати таъсиси мақомоти ҳифзи ҳуқуқи байнидавлатиро, ки бевосита ба ҳалли вазифаҳои мазкур машғул бошанд, талқин менамояд.

Ҳамаи мақомоти давлатие, ки мустақиман дар таъмини риояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар мавриди озодии гардиш ва интихоби ҷойи кор ширкат варзида, низомеро эҷод мекунад, ки дар чорчӯбаи он фаъолияташон бо дарназардошти вазифаҳои мушаххаси дар наздашон гузошташуда, махсус гардонида мешаванд ва ба ин ё он дараҷа нисбат ба ҳамингуна амали зиддиҳуқуқӣ аксуламал нишон медиҳанд.

Бояд ёдовар шуд, ки нақши мақомоти алоҳидаи ҳифзи ҳуқуқ дар давлатҳои мухталиф дар ҳалли масъалаҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ҳаргиз якранг нест. Ин ҳолат бо гуногунии вазифаҳо, салоҳият, мансубияти идоравӣ, шаклу равишҳо, шароити кор, инчунин қудрату маблағҳои мавҷудаи он мақомот вобаста дониста мешавад. Таҳлили омилҳои зикршуда имкони чунин хулосаро медиҳад, ки масъулияти асосиро дар таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба озодии гардиш, интихоби ҷойи кор Хадамоти муҳоҷирати ин ё он давлат ба дӯш дорад.

Фаъолияти Хадамоти муҳоҷират бо санадҳои марбутаи ҳуқуқӣ, ки риояи ҳатмии онҳо замонати иҷрои вазифаҳои бар дӯшашон гузошташуда дар соҳаи таъмини суботи тартибот мебошад, муайян гардидааст.

Бар асоси танзими ҳуқуқии салоҳиятҳои Хадамоти муҳоҷират талаботи усулии меъёрҳои ҳуқуқии байналхалқӣ ва қонунҳои ин ва ё он давлат гузошта шудаанд. Онҳо байни худ ҳамкории зич дошта, дар ҳалли вазифаҳои мушаххас тахассус дода шудаанд. Ин муқаррарот имкон медиҳад, ки аз такроркорӣ ва расмиятбозӣ сарфи назар карда шавад. Хадамоти муҳоҷират якдигарро пурра карда, низоми мунтазамеро бунёд мекунад, ки чун маркази муташаккили таъмини ҳуқуқу озодиҳои муҳоҷирони меҳнаткаш амал намояд.

Вазифаи мақомоти давлатӣ аз ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ёрирасонӣ дар амри татбиқи онҳо иборат аст. Онҳо муваззафанд, ин амалҳоро ҳам ба ташаббуси худ ва ҳам бо талаби муҳоҷир, ки ба ӯ ҳаққи ҳимояи мустақилонаи ҳуқуқҳои вайроншудааш дода шудааст, татбиқ намоянд.

Дар пайвастагӣ бо усулҳои байналмилалӣ, воситаҳо, расмиятҳо ва шаклу равишҳои фаъолият, ки баҳри татбиқи ҳуқуқу озодиҳои муҳоҷирони меҳнатӣ муқаррар шудаанд, низоми мақомоти давлатӣ василаи байналмилалӣ - ҳуқуқиро ташкил медиҳад, ки дорои хусусиятҳои худ аст. Зеро худ ба худ додани салоҳият ба ин ё он мақоми ҳокимият ҳеҷ гоҳ чунин маъно надорад, ки ҳуқуқу озодиҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба тарзи автоматӣ дар амал татбиқ шаванд. Баҳри амалӣ намудани тамоми низомҳои мутобиқи қонунҳо пешбинишудаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дар навбати аввал, мақомоти давлатӣ, инчунин фаъолнокии худи муҳоҷирони меҳнатӣ ва мавҷудияти санадҳои умумӣ ва минтақавии байналмилалӣ зарур аст.

Василаи байналмилалию ҳуқуқӣ-ин сохтори мураккабу бисёрҷонибаи ташкилию сиёсӣ ва ҳам ҳуқуқӣ аст ва ба дӯши он на танҳо салоҳиятҳои муайян, балки василаҳои расмию ҳуқуқи

амалисозии ҳимоя низ гузашта шудаанд. Ба андешаи мо, василаи татбиқи ҳуқуқу озодиҳои асосии муҳоҷирони меҳнатӣ аз тариқи низоми меъёрҳои байналмилалию ҳуқуқӣ ва сарқонунию ҳуқуқӣ, фаъолияти субъекту объект, хусусияти робитаҳои миёни онҳо ва шаклҳои дигар кушода мешавад.

Ғайр аз ин, ҳангоми роҷеъ ба василаи байналмилалию ҳуқуқӣ сухан рондан, бояд онро на дар ҳолатисукут, балки дар ҳаракат дид. Моҳияти васила дар ҳаракат ифода меёбад. Ба тарзи дигар гӯем, сухан дар бораи раванди табдили меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки дар мисоли имкониятҳои ҳуқуқии мушаххас ғунҷонида шудаанд, ва татбиқи фаъолонаи онҳо меравад.

Дар ҳолати аввал сухан аз татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба пешгирӣ аз вайроншавии ҳуқуқу озодиҳои дар қонун муқарраррардшуда рафта, сипас ҷамъбаст, риоя ва истифодаи амалии онҳо дар назар дошта мешавад. Васила барои таъмини гузариши самарабахш аз як ҳолат ба ҳолати дигар зарур аст. Ин гузариш дар раванд ё риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ ва қонунҳо аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ ё татбиқи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ сурат мегирад.

Дар адабиёти ҳуқуқшиносии муосир мафҳуми «васила» (механизм) хеле муфассал ва аз дидҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор мегирад. Чунин истилоҳот, аз қабили василаи ташаккули рафтори қонунӣ, василаи тарбияи ҳуқуқӣ, василаи татбиқи ҳуқуқу озодиҳо, василаи умумии амали ҳуқуқӣ, василаи иҷтимоии эҳтиром ба ҳуқуқ, василаи амали низоми ҳуқуқӣ, василаи иҷтимоию равоншиносии рафтор, василаи иҷтимоию равоншиносии интиқоли омилҳои иқтисодӣ ва мафҳумҳои ҳуқуқӣ, василаи иҷтимоию равоншиносии интиқоли ҳуқуқу вазифаҳои шахсият ва рафтори воқеӣ, василаи таҳкими қонуният, василаи иҷтимоию ҳуқуқии таъмини ҳуқуқҳои инсон ва ғайраанд.[82]

Роҷеъ ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои муҳоҷирони меҳнатӣ таҳқиқҳои мухталиф анҷом дода шудаанд. Масалан, А.С. Мордовете дар таҳқиқоти худ ба чунин хулоса меояд, ки василаи ҳимояи иҷтимоию ҳуқуқӣ-ин низоми муайяни воситаҳо ва омилҳоест, ки шароити зарурии тамоми ҳуқуқу озодиҳо ба қурбу манзалат ва шахсияти инсон хос бударо таъмин месозад ва баҳри рушди озод ва комил хеле муҳим аст.

---

[82] С.А. Акимова, Т.А. Прудникова, Л.И. Белянская, Е.С. Зайцева.Правовое регулирование трудовой миграции . с-57-58

Сохти василаи мазкур иборат аст аз: меъёрҳои ҷамъиятӣ; фаъолияти қонунии субъектҳои ҳуқуқ; ошкорбаёнӣ, афкори умум, кафолатҳо, умумӣ, махсус, расмиятҳои ташкилотӣ, масъулият ва назорат. Мақсади асосии фаъолияти василаи таҳқиққунандаи вай – ин ҳимояи ҳуқуқҳои инфиродист. Вазифаҳои василаи таъминкунандаи заминаҳои иҷтимоию ҳуқуқии ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳифзу ҳимоя ва барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда, ташаккули фарҳанги умумии аҳолӣ иборат аст. Вазифаҳои василаи таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоию қонунии муҳоҷирони меҳнатӣ ба бахшҳои ҳифзкунанда, ҷубронкунанда, иттилоотӣ ва тарбиявӣ тақсим мешаванд. Қувваи ҳаракатдиҳанда василаи таъмини иҷтимоию қонунии ҳуқуқҳои инсон манфиатҳо ва эҳтиёҷоти ҷамъиятии фардҳо мебошад.[2]

Яке аз ҳадафҳои ин китоб таҳқиқи ниҳодии танзими байналмилалию ҳуқуқии муҳоҷирати аҳолӣ аст, аз ин рӯ, баррасии муфассали таносуби мафҳумҳои «Ҳифз» , «Ҳимоя» «Барқарорсозӣ» мавзӯи таҳқиқи муаллифони дигар аст. Айни замон, бояд оид ба нокифоягии далелнокии марбут ба тафриқаи мафҳумҳои ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бар асоси поймолшавии ҳуқуқҳо изҳори ақида бояд кард.

Хусусияти баҳсталабона доштани мафҳумҳои ҳифз, ҳимоя, ҳалли шаклҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои муҳоҷирати меҳнатӣ наметавонад нисбат ба проблемаи дарки ин васила дар назарияи ҳуқуқи байналмилалӣ таъсир нагузорад. Вале ин ба олимон дар бораи он, ки васила тарзи фаъолият, низоми воситаҳои таъсири мутақобила аст, ақидаи ягона доштан халал намерасонад. Баъзе ҳуқуқшиносон мафҳуми василаро тавассути низоми омилҳои таъминкунандаи ягон чиз эътироф кунанд ҳам , ин моҳияти масъаларо тағйир намедиҳад.

Бояд гуфт, ки хусусиятҳои таъсиррасонии объекти давлатӣ ва ҳуқуқӣ хусусияти хоси зуҳуроти воситаҳои байналмилалию ҳуқуқиро дар худи василаи таъсироти ҳуқуқи байналмилалӣ ба муносибатҳои марбутаи ҷамъиятӣ заминасозӣ мекунанд.

Василаи байналмилалию ҳуқуқӣ нуқтаҳои зеринро инъикос мекунад:

- аломатҳои муҳими муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳуқуқу озодиҳои асосии онҳо;
- ҳадафи давлати ҳуқуқбунёд баҳри фароҳамсозии шароит барои ноил шудани ҳар як фард ба зиндагии осоишта, таъмини имкониятҳои баробар барои инкишофи умумии имкониятҳои эҷодӣ дар меҳнат;

- таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва амниятӣ, кафолати ҳуқуқу озодиҳои шахс, чун вазифаи асосии давлати ҳуқуқбунёд.

Сохтори методологии ҳуқуқҳои асосии муҳоҷирони меҳнатӣ дар сарчашмаҳои байналмилалию ҳуқуқӣ мавриди таҷдиди назар қарор додани аксари ҷанбаҳои мафҳуми василаи байналмилалию ҳуқуқиро талаб менамояд. Ин ҷо роҷеъ ба баъзеи онҳо таваққуф мекунем. Муқарраpоти назари (консептуалӣ) – и низоми василаи байналмилалию ҳуқуқии танзими муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, қонунгузорӣ ва созишномаҳои байналмилалӣ асос ёфтааст, ки мутобиқи онҳо таъмини татбиқи ҳуқуқу озодиҳои муҳоҷирони меҳнатӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Давлат бояд дар ташкили танзими байналмилалю ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ нақши ҳалкунанда дошта бошад. Арзишмандии ин нақша бо як қатор ҳолатҳои муҳим муайян карда мешавад. Пеш аз ҳама-ин роҳи муосиртарини мубориза бо ҳуқуқшиканиҳост, зеро ошкор ва аз байн бурдани решаҳо ва сарчашмаҳои онҳоро таъмин мекунад. Бештар аз ҳама, ин роҳи пешгирии худи имконияти вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои асосӣ мебошад. Дар раванди ҳифз омилҳои қонуншикан дар ҳоле метавонанд зери таъсир қарор гиранд, ки ҳанӯз пуркудрат нашудаанд ва ба осонӣ аз байн бурда мешаванд.

Дар баробари ин, захираи бузурги воситаҳо ҳангоми танзими муҳоҷирати меҳнатӣ аз таҳдиди қонуншиканиҳо имкони қатъи онҳо, роҳ надодан барои ба воқеият пайвастани оқибатҳои зиёновар ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки метавонанд амалӣ шаванд, ҷилавгирӣ намояд. Василаи байналмилалю ҳуқуқӣ барои ҳалли масъалаҳои мубориза бо қонуншиканиҳо бо роҳҳои инсондӯстӣ, бо хароҷоти камтарин барои ҷомеа, бидуни истифодаи василаи мураккаби ҳуқуқи ҷиноӣ ва бидуни истифодаи чунин шакли маҷбурсозии давлатӣ, ба мисли ҷазои ҷиноӣ имконият фароҳам месозад.

Ба як унсури василаи байналхалқию ҳуқуқӣ батартибоварии муҳоҷирати меҳнатӣ рӯ меорем. Муҳоҷират бо мақсади бакортаъминшавӣ 80 сол муқаддам, чун объекти танзими ҳуқуқи байналмилалӣ қарор дода шуд. Аз он замон зери сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид як қатор санадҳое қабул гардиданд, ки ба ҳимояи ҳуқуқ, манфиатҳои қонунӣ ва эътибору эҳтироми онҳое, ки дар хориҷи кишвари худ фаъолияти касбӣ анҷом медиҳанд, равона шуда буданд.

Тибқи муқаррароти СММ, ки дар Оинномаи он сабт гардидааст, яке аз мақсадҳои асосии созмон рушди ҳуқуқҳои инсон –

ба кишварҳое, ки ин муқарраротро пазируфтаанд, онҳоро уҳдадор кардааст, ки на танҳо ҳуқуқҳои инсонро риоя кунанд, балки дар ин соҳа меъёрҳои нав таҳия намоянд. Санади аз ҳама муҳимтар дар ин ҳол Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки аз ҷониби Комиссия таҳия ва соли 1948 аз ҷониби Маҷмааи Умумии СММ ба тасвиб расидааст, маҳсуб мегардад.[83]

Аз замони қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, муҳоҷирони меҳнатӣ баробари дигар гурӯҳҳои одамон ҳуқуқи ҳимоя аз поймолшавии ҳуқуқҳои хешро пайдо кардаанд. Тибқи муқаррароти моддаҳои 1 ва 2 Эъломия ҳамаи инсонҳо озоду баробарҳуқуқ, дорои шаъну эътибори баробар таваллуд мешаванд ва бояд аз ҳамаи ҳуқуқу озодиҳо бе ҳеҷгуна тафриқа аз руи нажод, ранги пӯст, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ ё дигар мансубиятҳои миллию иҷтимоӣ, вазъи молу мулкдорӣ ё ҳолатҳои дигар бархурдор бошанд. Ғайр аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Эъломия инчунин ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсонро бо шумули ҳуқуқҳо ба: меҳнат, музди баробар барои меҳнати баробар, таъсиси иттиҳодияҳои касбӣ ва шомил шудан ба онҳо, ҳуқуқи баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, ки барои таъмини саломатӣ ва некӯаҳволӣ заруранд, муайян менамояд.

Дар Эъломияи умумӣ ҳуқуқҳои ҳар инсон барои гардиши озодона ва интихоби макони зисти худ дар ҳудуди тамоми давлатҳо, инчунин барои тарки ҳар кишваре, бо шумули кишвари худ ва бозгашт ба ватани худ устувор карда шудаанд (моддаи 13). Дар айни ҳол ҳар як шахс, дар ҳар ҷойе, ки бошад, барои эътирофи субъекти ҳуқуқ будан ҳақ дорад. (моддаи 6)

Солҳои 1960 санадҳои «Муоҳидаи байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ», «Муоҳидаи байналхалқӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ» ва «Протоколи факултатив нисбат ба он» қабул шуданд ва соли 1976 эътибори қонунӣ пайдо карданд.[84]

Хусусияти қатъии аксари ӯҳдадориҳое, ки тавассути муоҳидаҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию ҳуқуқӣ бар дӯши давлатҳо гузошта мешаванд, боиси пайдоиши як қатор саволҳо мегардад. Мувофиқи равиши айни замон устуворгардида, ҳуқуқи меҳнат маънои онро надорад, ки ҳар шахси

---

[83] Конвенция МОТ «О злоупотреблениях в области миграции и об обеспечении трудящимся- мигрантам равенства возможностей и обращения» 1975 г. //№143
[84] Конвенция МОТ «О злоупотреблениях в области миграции и об обеспечении трудящимся- мигрантам равенства возможностей и обращения» 1975 г. //№143

дар ҳудуди кишвар сукунатдошта, аз он ҳуқуқ бархурдор аст. Ин чиз чун ӯҳдадории давлат ҷиҳати андешидани тадбирҳо дар ҳудуди имконоти мавҷуда бахри ғамхории одамоне, ки дар он кишвар сукунат доранд ва нарасонидани халал ба онҳо дар татбиқи ҳуқуқҳои мушаххаси худ, фаҳмида мешавад.

Дар Муоҳидаи байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ омадааст, ки муҳоҷирони меҳнатӣ набояд аз ҳуқуқҳои дастгирии фарҳанги худ, эътиқод ба дини хеш ва истифода аз забони худ маҳрум гардонида шаванд. Дар он инчунин маҳдудиятҳо нисбат ба рондан, бадарғаи хориҷиёне, ки дар ҳудуди давлати иштирокчии муоҳида қонунан сукунат доранд, устувор карда шудаанд (моддаи 13); фаъолият ба нафъи барангехтани нафрати миллӣ, нажодӣ ё динӣ манъ буда, чун иғвоандозӣ барои таҳрики поймолсозии ҳуқуқ, низоъ ва зӯроварӣ арзёбӣ мегардад (моддаи 20).

Ғайр аз санадҳои умумӣ, СММ санадҳои меъёрие, ки ҳимояи муҳоҷиронро аз поймолшавии ҳуқуқҳояшон дар соҳаҳои алоҳида таъмин менамоянд, қабул кард. Масалан, соли 1965 «Конвенсия дар бораи нест кардани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ» қабул гардид.

Айни ҳол Кумитаи азбайнбарии табъизи нажодӣ диққати зиёд бар он медиҳад, ки қонунгузориҳои миллӣ ва фаъолияти амалии кишварҳои иштирокчӣ ба талаботи Конвенсия мувофиқ бошанд. Аз ҷумла, тафсири (қ.2) мод. 1 нисбат ба муҳоҷирон, ки дар он гуфта шудааст: Конвенсияи мазкур тафриқа, истисно, маҳдудиятҳо ё бартариятҳое, ки кишварҳои иштирокчӣ дар миёни шаҳрвандон ва ашхоси бешаҳрвандӣ мегузаронанд, истифода шуда наметавонад.

Як идда санадҳои байналмилалӣ ба ҳодисаҳое дахл доранд, ки дар онҳо ҳуқуқҳои инсон, бинобар ба ягон гурӯҳи иҷтимоӣ мансуб буданаш вайрон карда мешаванд. Дар ин сурат таъкид мегардад, ки гурӯҳи одамони хоҳиши ҳифзи айнияти худро дошта, набояд таҳти ассимилятсия (махлутшавӣ) иҷборӣ, табъиди ҳуқуқӣ ва табъиз қарор дода шаванд.

«Конвенсия дар бораи пешгирии ҷинояти маҳви нажодӣ ва муҷозот барои он», ки соли 1961 ба амал даромада буд, ҳамагуна амалҳои ба нобудсозии комил ё ҷузъи гурӯҳҳои миллӣ, этникӣ, нажодӣ ва динӣ равонашударо манъ мекунад.

18 декабри соли 1990 Маҷмааи умумии СММ «Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои тамоми муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо» - ро қабул кард, ки натиҷаи кори чандин даҳсолаи гурӯҳи махсуси кории СММ буд. Ин Конвенсия баъд аз ҷониби 36 давлат ба тавсиб расидан, эътибор пайдо мекунад, алҳол

ин санад хусусияти декларативӣ дорад. Вале Конвенсияе, ки масоили мубрами рӯзи иҷтимоию сиёсиро дар иртибот ба сукунати муҳоҷирон дар кишварҳо мегузорад, дастгирии зиёд пайдо накардааст. Гузашта аз он, миллатҳои расмии се давлати асосии Ғарб изҳор доштанд, ки ҳукуматҳои онҳо нияти ба тасвиб расонидани онро надоранд.

Санади баррасишаванда зери мафҳуми «Муҳоҷирони меҳнатӣ» онҳоеро дар назар дорад, ки меҳоҳанд, дар оянда айни ҳол ё дар гузашта фаъолияте машғул бошанд, ки бар ивази он дар он давлат, ки инҳо шаҳрванди он нестанд, ба онҳо музд дода мешавад (мод. 2). Конвенсия на танҳо муҳоҷирони меҳнатӣ, балки кормандони наздимарзӣ ва мавсимӣ, маллоҳон, моҳигирон, кормандони лоиҳаҳои мушаххас дар хориҷа, меҳнаткашон, ки корашон сафарӣ аст, инчунин кормандони ғайримуздур (шуғли мустақилона) – ро дар бар мегирад. Конвенсияи байналмилалӣ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи тамоми муҳоҷирони меҳнатӣ» иборат аз 93 модда буда, ҳуқуқҳои асосии муҳоҷирони меҳнатиро муайян ва усулу тадбирҳои ҳимояи онҳоро дар тули тамоми муддати сукунаташон дар кишвари дигар, қатъи назар аз он ки онҳо расмӣ ё ғайрирасмӣ мебошанд, ташаккул медиҳад. Муҳоҷирони меҳнатӣ камтар субъекти иқтисодӣ ва бештар субъкти иҷтимоӣ фаҳмида мешаванд.

Конвенсия аз он бармеояд, ки муҳоҷирони меҳнатӣ ва аҳли оилаи онҳо, ки дар хориҷа кор мекунанд, қисми беҳимояи аҳолиро ташкил медиҳанд, аксаран ҳуқуқҳояшон на дар қонунгузории кишвари пазиранда ва дар ватанашон муқаррар карда нашудаанд. Санади мазкур меъёрҳои асосии муносибатро ба ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ, қатъи назар аз мақоми ҳуқуқиашон, муқаррар мекунад. Баъзе аз ин меъёрҳо бевосита бо бакортаъминкунӣ (аз ҷумла бо шароити баробар бо шаҳрвандони кишвар мусоиди меҳнат, пардохти ҳаққи меҳнат, ҳуқуқи озодона шомил шудан ба ҳамагуна иттиҳодияҳои касбӣ, ҳуқуқи дастрасӣ ба таъминоти иҷтимоӣ) пайвастагӣ доранд.

Ҳуқуқҳои иловагии Конвенсияи соли 1990 барои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, ки дорои ҳуҷҷатҳои муқарраршуда ё мақоми марбутаанд, аз ҷумла: барои гардиши озодона дар ҳудуди кишвари кордиҳанда, дар бораи таъсиси иттиҳодияҳо ва иттифоқҳои касаба; барои истифода аз ҳуқуқҳои сиёсӣ дар кишвари кордиҳанда (агар он давлат чунин ҳуқуқро дода бошад); барои баробар бо шаҳрвандони он кишвар дастрасӣ доштан ба маориф, манзил, хадамоти иҷтимоӣ ва тандурустӣ, ҳимоя аз сабукдушшавӣ аз кор, нафақаи бекорӣ пешбинӣ мекунад. Инчунин, ҳуқуқи (бо баъзе

маҳдудиятҳо) намуди фаъолияти музднокро интихоб кардан; барои муддати муайян мондан дар ҳудуди давлати кордиҳанда дар сурати қатъ гардидани фаъолияти музднок. Ғайр аз ин, Конвенсияи мазкур таъсиси кумитаи назоратии коршиносон оид ба риояи онро пешбинӣ намояд, ки он бояд гузориши давлатҳоро дар бораи амалӣ сохтани тадбирҳо оид ба иҷрои муқарраротн Конститутсия, оид ба мушкилиҳо дар татбиқи он ва махсусиятҳои барои кишварҳои алоҳида хоси ҷараёнҳои муҳоҷират баррасӣ намояд.

СММ соли 1999 Комиссия оид ба ҳуқуқу вазифаи гузоришдиҳандаи махсус роҷеъ ба ҳуқуқи муҳоҷиронро таъсис дод. Вазифаҳои он аз омӯзиши роҳҳои рафъи монеаҳо дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирон, инчунин ашхоси беҳуҷҷат ва ашхоси дар кишвар ғайриқонунӣ ҳузурдошта (дар ҳолати танзимнашавандагӣ) иборатанд.

Дар танзими масоили муҳоҷирати меҳнатӣ мақоми муҳимро конвенсияҳои байналмилалию ҳуқуқӣ ва созишномаҳо, ки меъёрҳои қонунгузории дохилидавлатиро муайян мекунанд, ишғол менамоянд. Аз ҷумла, асосҳои Конвенсияи Женева дар бораи ҳуқуқҳои гурезагон (соли 1951), Шартномаи Амстердам (соли 1999), Конвенсияи Дублин (соли 1990) ва ғайра, ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки хуқуқи гардиши муҳоҷирони меҳнатиро муайян кардаанд.

Дар чорчӯбаи СММ, ғайр аз шартномаҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон теъдоди зиёди ба истилоҳ меъёрҳои «Ҳуқуқи нарм» ба мисли: эъломияҳо, усулҳо, кодексҳои ахлоқӣ ва ғайра, ки онҳо хусусияти ҳатмӣ надоранд, вале дар ташаккули афкори умум ва сиёсати миллӣ оид ба ин масъалаҳо нақши муҳим доранд, қабул карда шуданд. Ба чунин санадҳо, аз ҷумла Эъломияи маҳви тамоми шаклҳои оштинопазирӣ ва поймолшавии ҳуқуқҳо дар асоси дин ва эътиқодҳо (с. 1981); Эъломия дар бораи ҳуқуқ барои рушд (с. 1986); Эъломия дар бораи ҳуқуқҳои ашхоси мансуб ба ақаллиятҳои миллӣ, этникӣ, динӣ ва забонӣ (с. 1992) ва ғайра дохил мешаванд.

Ҳамин тариқ, ҳамкории давлатҳо дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ дар асоси чунин усулҳои ҳуқуқии универсалии аз ҷониби умум эътирофшуда, ба мисли ҷудонопазирии ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки дар меъёрҳои байналхалқӣ сабт шудаанд ва истифодашавии ин ҳуқуқу озодиҳо нисбат ба ҳар як инсон, қатъи назар аз нажод, ранги пӯст, ҷинс, шаҳрвандӣ, забон, эътиқод, мансубияти этникӣ ва иҷтимоӣ татбиқ карда мешавад. Ҳангоми танзими масъалаҳои муҳоҷират дар сатҳи байналмилалӣ инчунин усулҳои ҳуқуқи байналмилӣ, ки муносибатҳои сулҳу дӯстиро миёни кишварҳо муайян мекунанд, нақши муҳим мебозанд.

Тамоми давлатҳо ӯҳдадоранд ба риояи ҳуқуқҳои инсон, ба соҳаи фаъолияти Ташкилоти Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (ТАХА – ОБСЕ) аҳамияти бевосита ва қонунӣ диҳанд. Ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои муҳоҷирони меҳнатӣ соҳаи муҳими фаъолияти на танҳо СММ, балки муассисаҳои махсус низ мебошад. Яке аз онҳо Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат (ТБМ) аст, ки мақоми асосии он – Конфронси байналхалқии меҳнат (ҳамасола даъватшаванда) мебошад. Он стандартҳои байналхалқиро дар соҳаи ташкили меҳнат аз тариқи таҳия ва қабули конвенсияю тавсияҳои марбута муқаррар мекунанд. Аз ҷумлаи ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби давлатҳо дар чорчӯбаи ташкилотҳои байналмилалӣ баҳри танзими вазъи муҳоҷирони меҳнатӣ таҳия шудаанд, конвенсияҳо ва тавсияҳои ТБМ комилтарин маҳсуб меёбанд. Маҷмӯи санадҳои аз ҷониби ин ташкилот қабулшуда беш аз 360 конвенсияю тавсияҳоро дар бар мегирад.[85]

Як қисми Конвенсияҳои ТБМ пурра ба муҳоҷирони меҳнатӣ бахшида шуда, қисми дигари ҳуқуқҳои меҳнатии гуногун, аз ҷумла ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатиро танзим мекунанд. Масалан, оид ба проблемаҳои шуғл, шароити меҳнат, истироҳат, таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқҳои меҳнаткашон баҳри иттиҳодшавӣ: Конвенсияи №19 дар бораи баробарҳуқуқӣ дар соҳаи ҷуброни зиёни фалокатҳо (с. 1925); Конвенсияи №48 дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирон барои нафақа (с. 1935); Конвенсияи №102 дар бораи меъёрҳои ҳадди ақали таъминоти иҷтимоӣ (с.1952); Конвенсияи №111 дар бораи поймолшавии ҳуқуқҳо дар соҳаи меҳнат ва шуғл (с. 1958); Конвенсияи №117 дар бораи мақсадҳои асосӣ ва меъёрҳои сиёсати иҷтимоӣ (с. 1962); Конвенсияи №122 дар бораи сиёсати соҳаи шуғл (с. 1964)[2] ба тавсиб расидаанд.

Ин ҷо баъзе конвенсияҳоро дар бораи муҳоҷирони меҳнатӣ баррасӣ мекунем.

Конвенсияи ТБМ №97 дар бораи муҳоҷирони меҳнатӣ (с. 1949), соли 1951 эътибор пайдо кардааст. Дар он нисбат ба муҳоҷирони меҳнатӣ таърифҳои зерин дода шудаанд.: «Барои ҳадафҳои Конвенсияи мазкур истилоҳи «муҳоҷирони меҳнатӣ» шахсеро дар назар дорад, ки аз як кишвар ба кишвари дигар бо нияти дарёфти кор, албатта на аз ҳисоби худ, муҳоҷират мекунад ва ҳар шахсеро дар бар мегирад, ки мувофиқи қонун муҳоҷири меҳнатӣ дониста мешавад.

[85] С.А. Акимова, Т.А. Прудникова, Л.И. Белянская, Е.С. Зайцева.Правовое регулирование трудовой миграции . с-59-60

Конвенсияи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар соҳаи пардохти музди кор, интиқоли маблағҳои худӣ муайян мекунад: қоидаҳои мардикорӣ, бакоргирӣ, сафар кардан ба кишвари кордеҳ ва шароити меҳнати муҳоҷири меҳнатиро муқаррар мекунад.

Тавсияномаи №86 (с. 1949) бо унвони мушобеҳ шартномаи намунавӣ байни кишвари фиристанда ва кишвари пазиранда, ки қоидаҳои маъмурии вобаста ба шароити сафар, бакоргирӣ, назорат аз шароити зиндагӣ ва кори муҳоҷирро дар бар мегирад.

Конвенсияи №118 дар бораи баробарҳуқуқии шаҳрвандони кишвар ва хориҷиён дар сохаи таъминоти иҷтимоӣ (с. 1962) ба ҳамаи соҳаҳои таъминоти иҷтимоӣ дахл дошта, нисбат ба шаҳрвандони давлатҳои узви ТБМ, ки дар иртибот бо онҳо қонунгузорӣ оид ба таъминоти иҷтимоӣ амал мекунад, истифода мешавад. Дар ҳолати талафи саробон он ҳуқуқҳо барои меросхӯрони он шаҳрвандон, қатъи назар аз мансубияти шаҳрвандиашон боқӣ мемонанд (моддаи 7).[86]

Конвенсияи №143 дар бораи сӯйистифодаҳо дар соҳаи муҳоҷират ва таъминоти муҳоҷирони меҳнатӣ бо баробарии имкониятҳо ва мурочиат (с. 1975) зери истилоҳи «Муҳоҷири меҳнатӣ» дар назар дорад «Шахсеро ки муҳоҷират мекунад ё муҳоҷират кардааст, аз як кишвар ба кишвари дигар, бо мақсади пайдо кардани кор, ғайр аз ҳисоби худ ва ҳар як шахси қонунӣ ба кишвар ба ҳайси муҳоҷири меҳнатӣ воридшударо дар бар мегирад» (моддаи 11).

Конвенсия давлатҳои узви ТБМ-ро, ки барояшон он эътибор дорад, ӯҳдадор месозад, ки ҳуқуқҳои асосии инсонро нисбат ба муҳоҷирони меҳнатӣ риоя намоянд. Ин яке аз аввалин санадҳои байналмилалиест, ки баҳри пешгирии муҳоҷирати ғайрирасмӣ ва бакоргирии ғайрирасмии муҳоҷирон равона шудааст. Дар он зарурати ҳамкориҳои доимӣ ва табодули иттилоот оид ба ин масъала бо давлатҳои дигар, инчунин андешидани тадбирҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ зикр гардидааст.

Конвенсияи №157 дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳо оид ба таъминоти иҷтимоӣ (с. 1982) ва Тавсияномаи №167 (с. 1983) тамоми намудҳои таъминоти иҷтимоиро дар бар мегиранд. Айни ҳол Конвенсия аз ҷониби давлатҳо гирифтани ӯҳдадориҳои муайяни ҳадди ақалро пешбинӣ мекунад.

Тавсияномаи №169 дар бораи сиёсат дар соҳаи шуғл (с. 1984) шаш моддаро дар бар мегирад, ки мустақиман ба муҳоҷирати меҳнатии байналмилалӣ иртибот дорад. Охиринаш чун тадбири

---

[86] Правовое регулирование трудовой миграции . С.А. Акимова, Т.А. Прудникова, Л.И. Белянская, Е.С. Зайцева.с-65

муваққатӣ, ки аз он бояд то замони дар кишвари худ мавҷуд будани шароити ҳадди ақали шуғл, сарфи назар шавад[87].

Ҳамин тавр, санадҳои таҳиянамудаи Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат ҳимояи байналмилалии ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳоро таъмин менамоянд.

Агар ба фаъолияти чунин ташкилоти байналхалқӣ чун Шӯрои Аврупо рӯй оварем, хоҳем дид, ки аз ҷониби он ҳам як идда санадҳои таъминкунандаи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба тасвиб расонида шудааст.

Конвенсияи Аврупоӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон аз 4 ноябри соли 1950, 3 сентябри соли 1953 эътибор пайдо кардааст ва умдатарину фаъолтарин санади минтақавӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ маҳсуб мегардад. Ҳангоми шомил шудан ба ҳайати Иттиҳоди Аврупо, ҳар давлати узв ӯҳдадор аст, ки Конвенсияро қабул кунад ва дар муддати як сол ба тавсиб расонад. Конвенсия давлатҳои иштирокчиро ӯҳдадор месозад, ки онҳо ҳар як инсони дар қаламравашон қарордоштаро бо 14 ҳуқуқу озодиҳои асосии дар боби якуми Конвенсия дарҷгардида таъмин намоянд. (Бояд тазаккур дод, ки доираи ҳуқуқу озодиҳои дар Эъломияи умумӣ ва созишномаҳо, дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон дарҷ гардидаад, васеътаранд). Протоколҳои иловагии баъдӣ номгӯйи аввалаи ҳуқуқҳоро васеъ сохтанд. Суди аврупоӣ ва Комисияи аврупоӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон барои таҳким ва рушди ояндаи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мусоидат карданд.

Санади муҳими дигари Иттиҳоди Аврупо – Хартияи иҷтимоии Аврупо мебошад, ки 18 октябри соли 1961 ба имзо расидааст. Хартия Конвенсияи Аврупоро дар бораи ҳуқуқҳои инсон пурра сохта, муваззаф аст, то ҳуқуқҳои асосии иҷтимоию иқтисодии меҳнаткашони муҳоҷирро ҳимоя кунад. Хартия аз ҷониби 21 давлати узви ИА ба тасвиб расонида шуда, 19 ҳуқуқи асосиро дар соҳаи шуғл ва ҳамгироии иҷтимоӣ кафолат медиҳад.

Хартия он усулеро асос медонад, ки ҳуқуқҳои иҷтимоӣ бояд бидуни поймолшавии онҳо аз рӯи нишонаҳои нажод, ранги пӯст, ҷинс, дин, ақоиди сиёсӣ, мансубияти миллӣ ё баромади иҷтимоӣ таъмин гарданд (ин муқаррарот дар пешгуфтор дарҷ шудааст). Дар замимаи Хартия навишта шудааст, ки амали моддаҳои он танҳо дар ҳолате ба хориҷиён тааллуқ дорад, агар онҳо шаҳрвандони тарафи дигари шомили шартнома буда, дар асоси қонунӣ сокин ё дар ҳудуди он тараф ба кори доимӣ машғул бошанд. Дар маҷмӯъ, ҳимояе, ки

---

[87] Ҳамин ҷо С- 68

Хартия ба муҳоҷирони меҳнаткаш ва аъзои оилаи онҳо додааст, ҷавобгӯи шартҳои дар боло зикршуда буда, тамоми маҷмӯи ҳуқуқҳоеро, ки муҳоҷирон метавонанд баробар бо шаҳрвандони кишвар истифода баранд, дар бар мегирад, аз ҷумла: ҳуқуқ ба меҳнат, бастани шартномаҳои дастаҷамъӣ (бо шумули ҳуқуқи коршиканӣ); ҳифзи саломатӣ ва таъминоти иҷтимоӣ, ёрии иҷтимоӣ ва тиббӣ; истифодаи хизматҳои хадамоти иҷтимоӣ; роҳнамоиҳо ва омодашавиҳои касбӣ; мукофоти одилона ва шароити меҳнат, ки ҷавобгӯйи талаботи амниятӣ ва беҳдоштӣ (гигиенӣ) бошанд ва ғайра. Ба бандҳои 8, моддаи 19 муқарраротҳои махсуси Хартия ба муҳоҷирони меҳнати дар ҳудуди кишвар қонунан сукунатдошта, баҳри ҳимоя аз бадарға, ба ҷузъ аз ҳолатҳои таҳдид ба амнияти миллӣ ё расонидани зиён ба тартиботи ҷамъиятӣ ё ахлоқӣ, кафолат медиҳад.

Мақоми асосии байниҳукуматие, ки барои фаъолияти Шӯрои Аврупо дар соҳаи муҳоҷират масъул аст, Кумитаи аврупоӣ оид ба муҳоҷират мебошад. Вазифаи он (дар радифи дигар вазифаҳо) – рушди ҳамкории аврупоӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират, вазъи муҳоҷирону гурезагон ва муносибатҳои умумӣ мебошад.

Тайи солҳои гузашта Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо теъдоди зиёди қарору тавсияҳо қабул кардааст, ки ба ҳимояи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо мансубанд: Чунин қарорҳо ба мисли қарори (69) №7 дар бораи бозгашти муҳоҷирони меҳнатӣ ба Ватани худ; қарори (70) №35 дар бораи таҳсили кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ дар мактаб; қарори (70) №35 дар бораи муносибати баробар бо меҳнаткашони кишвар ва муҳоҷир дар соҳаи шароити меҳнат, пардохти музд, сабукдӯшӣ, муҳаррикии ҷуғрофӣ ва истеҳсолӣ; қарори (76) №11 дар бораи муносибати баробар бо меҳнаткашони кишвар ва муҳоҷирон аз нуқтаи назари дастрасӣ ба тайёрӣ ва бозомузии касбӣ; қарори (78) №44 дар бораи муҳоҷирати хориҷиён ва бакоргирии коргарони хориҷӣ; тавсияномаи (79) №10 дар бораи занҳои муҳоҷир; тавсияномаи (84) дар бораи насли дуюми муҳоҷирон,[88] қарорҳоеанд, ки будубош, ба кор таъминамоӣ ҳифзи ҳуқуқҳо ва масъалаҳои ба муҳоҷирон рабтдоштаро дар бар мегирад.

Барои дарки самтҳои асосии соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ зарур аст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳидаи давлатҳои мухталиф мавриди таҳлил қарор дода шаванд.

Мувофиқи «Қоидаҳои картаи сабз», иқтисодиёти кишвар 20 ҳазор мутахассисони низоми иттилоотиро дар худ ҷой додаст.

---

[88] С.А. Акимова, Т.А. Прудникова, Л.И. Белянская, Е.С «Прававое регулирование трудовой миграции» С-80

Инчунин, дар ин ҷо барномаи бақои пайвастани оилаҳои шаҳрвандони хориҷӣ амалӣ карда мешавад .

Проблемаҳои воридшавии муҳоҷирони хориҷӣ, аз ҷумла, меҳнатӣ, асосан бо Қонун «Дар бораи муҳоҷирати хориҷӣ» (соли 1990), ки аз як тараф ба ҳамгироии муҳоҷирони хориҷии воридшуда мусоидат мекунад, аз тарафи дигар – ҷараёни воридшавии хориҷиёнро аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо маҳдуд менамояд.

Муқаррароти қонун пешбинӣ менамояд, ки хориҷиёни насли дуюм ва сеюм, ки дар қаламрави давлати муҳоҷир қабулкунанда, аз ҷумла Олмон таваллуд шудаанд, баъди расидан ба синни 23-солагӣ метавонанд хоҳиши гирифтани шаҳрвандӣ кунанд ва радсозии сабабнок танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ имконпазир хоҳад буд. Масалан, содир кардани ҷиноят, душаҳрвандӣ номатлуб шумурда мешавад. Замина барои гирифтани шаҳрвандӣ имконияти таъмини сатҳи муайяни зиндагӣ ва мавҷудияти манзили истиқомат аст. Шаҳрвандонро ба тарзи автоматӣ тибқи Сарқонун муҳоҷирони этникӣ, ҳамчун миллати олмонӣ ба қайд гирифта метавонанд.

Асоси сохтори давлати Ҷумҳурии Федеративии Олмонро Сарқонун – Қонуни асосии Ҷумҳурии Федеративии Олмон , ки 23 майи соли 1949 қабул карда шудааст, ташкил мекунад. Дар пешгуфтори Сарқонун озодӣ ва якпорчагии Олмон, инчунин он ҳолат, ки Қонуни асосӣ барои тамоми мардуми Олмон эътибор дорад, эълон гардидааст. Ҳуқуқҳои асосии шахс дар қисми аввали Сарқонун муқаррар карда шудаанд. Сарқонун эътибору дахлнопазирии инсонро зери ҳимоя қарор додааст. Эҳтиром ва ҳимояи он – вазифаи тамоми ҳокимияти давлатист. Сарқонуни ҶФО озодии гардишро дар тамоми Олмон, озодии интихоби касб, ҷойи кор ва таҳсил, озодии рушди шахс, ҳуқуқи зиндагӣ ва дахлнопазирии ҷисмӣ, баробарҳуқуқии тамоми одамон дар назди қонун, инчунин баробарҳуқуқии марду зан, озодӣ ва дахлнопазирии эътиқоди динӣ, виҷдон ва ақидаро ҳимоя мекунад.

Қонун «Дар бораи муҳоҷират аз хориҷ» 1 январи соли 2005 эътибор пайдо кардааст. Ин қонун дар муқоиса бо қонунҳои пешина, баҳри соддасозии ҳамгироии хориҷиён дар Олмон эҷод шудааст ва тамоми ҷанбаҳои муҳоҷират аз хориҷаро дар бар мегирад. Ҳуқуқу вазифаҳои мансуб ба ҳамоиши хориҷиёне, ки дар Олмон зиндагӣ мекунанд ё мехоҳанд сокин шаванд, то ин дам тибқи ҳамин қонун танзим мешаванд. Ба омӯзиши забони олмонӣ аҳамияти махсус дода мешавад, зеро донистани забон – талаби асосӣ баҳри ҳамоиши муваффақона аст.

Ҳуқуқи иштирок дар курсҳои ҳамоишӣ – қоидаҳои нав буда, ҳамчунин иштироки ҳамаи муҳоҷирони хориҷӣ, ки ба дараҷаи басанда олмонӣ шарт аст. Курсҳо иборат аз 600 бахшҳои омӯзишӣ буда, дар ҷумлаи онҳо омӯзиши забони олмонӣ, асосҳои Сарқонун, низоми ҳуқуқӣ, фарҳангу таърихи Олмон мебошанд. Курсҳо барои он эҷод шудаанд,ки ба омӯзанда малакаҳои зарурӣ баҳри зиндагӣ дар кишвар дода шаванд.

Гузашта аз он, Қонуни нав «Дар бораи муҳоҷират аз хориҷа» танҳо бо пешбурди ҳамоиш иктифо намекунад. Дар он муқаррароти мансуб ба муҳоҷирати меҳнатӣ, бозори меҳнат, муҳоҷирати минбаъдаи аъзои оила ва кӯдакон мақоми махсус дорад.

Чунон, ки М.Л. Тюркин таъкид менамояд, хориҷиёни баландихтисос (мутахассисони соҳаҳои, масалан, муҳандисӣ ва илм) ҳақ доранд, «ҳуқуқ ба сокиншавӣ» - ро барои мӯҳлати доимӣ бигиранд. Шиносномаҳои муваққатӣ барои гурӯҳи мазкур дар гузашта танҳо барои 5 сол дода мешуд. Тибқи муқарарроти Қонуни нав, аъзои оила, ашхоси нигоҳубинкунандаи оҳо, ҳамчунин ҳуқуқи ба кор шомил шуданро дар Олмон доранд. Ашхоси баҳри худ коркунанда низ ҳаққи гирифтани шиносномаро доранд, агар ҳадди ақал як млн. евро дар ҳудуди Олмон маблағгузорӣ ва ҳадди ақал даҳ ҷойи корӣ таъсис бидиҳанд. Донишҷӯёни хориҷӣ ҳақ доранд баъди хатми таҳсил ба муддати як сол барои ҷустҷӯи кор дар Олмон бимонанд. Аммо муқаррароти қонунгузорӣ аз соли 1973 барои коргарони беихтисос ва коргарони дараҷаи пасти ихтисос дорои эътибор боқӣ мемонад. Мамнуоти умумӣ барои ба кор гирифтани онҳо, бо баъзе истисноҳо, то ба имрӯз боқӣ мемонад.

Қонун ба масъалаҳои муҳоҷирати қувваҳои корӣ, вазъи гуманитарӣ, ҳамоиш ва амният диққати зиёд медиҳад.

Қонун «Дар бораи муҳоҷират аз хориҷа», ки қонуни қаблан мавҷудбуда дар бораи хориҷиёнро иваз кардааст, муқаррароти мансуб ба воридшавии хориҷиёнро ба Олмон ва сукунати онҳоро дар кишвар, нисбат ба ҳадафҳои имконпазири сукунат, инчунин расмиятҳои додани паноҳандагиро дар бар мегирад.

Қонун нишон медиҳад, ки раводид-ин ҳуқуқи соҳибихтиёрӣ барои сукунат аст. Ин муқаррарот баҳри сукунати кӯтоҳмуддат раво мебошад. Мавҷудияти раводид – асоси кофӣ барои гирифтани ҳуқуқи сукунат аст. Мутобиқи қонуни қаблан мавҷудбуда дар бораи хориҷиён, ин танҳо нисбат ба ҳуқуқҳое раво дониста мешуд, ки дар Олмон пас аз воридшавӣ ба кишвар гирифта мешуданд.

Барои ивази низоми қаблии намудҳои тафриқавии сукунати муваққатӣ ва бакоршомилшавӣ 1 январи соли 2005 қонуни нав эътибор пайдо кард, ки дар он сукунати муваққатӣ муайян карда шудааст ва он дастрасӣ ба бозори меҳнатро фароҳам месозад. Ҳамин тавр, хориҷиён барои расмӣ шудан танҳо ба як мақом: дар хориҷа – ба намояндагии хориҷӣ (сафорат ё консулгарӣ), дар Олмон – ба як мақом – муассиса оид ба масоили хориҷиён муроҷиат менамоянд. Мақомоти ваколатдор, ки ба масоили ба кор таъминкунӣ машғуланд, дар ҳолати зарурат метавонанд ба ин раванд аз тариқи расмиятҳои мувофиқасозии дохилӣ ҷалб карда шаванд.

Ба кор шомил шудани хориҷиён дар кишвар танҳо бо иҷозати Вазорати меҳнат ҳангоми гирифтани дархост (қарордод) аз ширкати корфармо имконпазир аст.[1]

Дар Фаронса ҳамасола иҷозати вурудро наздики 100 ҳазор шаҳрвандони кишварҳои сеюм мегиранд. Ба қисми бештари онҳо иҷозат баҳри пайвастшавии оилаҳо дода мешавад.

Иҷозати воридшавӣ ба Фаронса бо мақсади сукунат ба муддати тӯлонӣ (беш аз се моҳ) бо як қатор ҳолатҳои мушаххас маҳдуд гардонида шудааст. Онро ашхосе, ки баҳри пайвастан ба оила (фарзандон, ҳамсарон) сокин мешаванд ва донишҷӯён гирифта метавонанд. Муҳоҷират аз хориҷа қатъиян маҳдуд аст: хоҳишмандони воридшавӣ ба Фаронса, барои дар онҷо кор кардан бояд собит созанд, ки ҳеҷ як шаҳрванди Фаронса ва ё шаҳрванди кишвари сеюм, ки сокини Фаронса аст, наметавонад ҷойи кории марбутаро ишғол кунад.

Мувофиқи пешгӯиҳо, вазъи демографии дар Фаронса баамал омада, сарогоз аз соли 2012 боиси норасоии ҷиддии қувваи корӣ дар кишвар гардидааст. Тибқи ҳисобҳои Пажӯҳишгоҳи миллии омор, дар даҳсолаи аввали асри XXI зарур аст, то 142 ҳаз, дар дуюм – 148 ҳаз, дар сеюм – 180 ҳаз, муҳоҷирони хориҷӣ ворид карда шаванд.[89]

Ба хусусиятҳои танзими ҳуқуқии соҳаи шиносномавию раводидӣ дар Фаронса ҳолатҳои зеринро нисбат додан мумкин аст:

- Ворид намудани тартиби нави додани раводид аз соли 1998, ки ба меъёрҳои интихобии баррасии масъалаҳо оид ба додани раводид аз рӯи даъватҳои инфиродӣ асос ёфтааст, ҳол он ки амалан ҳангоми ҳолатҳои дигари мушобеҳ барои гирифтани раводид аз рӯи даъвоҳои инфиродӣ аз ҳуқуқи бартарият амалдорон, ашхоси корчаллон, донишҷӯён, ходимони илму фарҳанг ва соҳибони хешу табор дар Фаронса истифода мекунанд;

---

[89] . С.А. Акимова, Т.А. Прудникова, Л.И. Белянская, Е.С. Зайцева. Правовое регулирование трудовой миграции . с-96 М-2010

- Ба кори доимӣ ба Фаронса ҳамасола 13-16 ҳаз.нафар хориҷиён роҳ дода мешаванд. Асосан аз кишварҳои Иттиҳодияи Аврупо, бо афзалияти олимони ихтисосҳои техникӣ, маъмурон ва кормандони баландихтисос;
- Иҷозат барои кори муваққатӣ дар Фаронса хамасола ба 2-3 ҳазор хориҷиён – муҳаққиқон кормандони илмӣ, таҷрибаомӯзон, ҳунарварон, ки дар миёни онҳо амрикоиҳо, ҷопониҳо, бразилиҳо ва канадиҳо афзалият доранд, дода мешавад.

Амрико – кишвари муҳоҷирати классикӣ аст, ки ҳанӯз дар асри XVIII муҳоҷирони англис дар Пенсилвания, бинобар омадани анбӯҳи олмониён, изҳори ташвиш намуда, барои ҷилавгирии пеши роҳи онҳо монеаҳои қонунгузории имконпазир муқаррар мекарданд. Амсилаи муосири амрикоии низоми муҳоҷиратӣ (НМ) беш аз хама прагматикӣ аст. Вай ба ҷараёни омади муҳоҷирони номатлуб монеа эҷод карда, барои воридшавии фирориён, ки пазироию ҷо ба ҷо кардани онҳо барои инфрасохтори иҷтимоӣ, сиёсати хориҷӣ аз нигоҳи иқтисодӣ эҳтимолан манфиатбахш хоҳад буд, мусоидат менамояд ва ғайра.[2]

Аз соли 1997 фаъолияти муҳоҷиратӣ дар ИМА дар чорчӯбаи ягонаи стратегияи миллӣ алайҳи воридоти ғайрирасмии муҳоҷирони меҳнатӣ дар сатҳи хориҷӣ ва дохилӣ сурат мегирад ва аз солҳои 2002-2003 фаъолияти муҳоҷиратӣ шомили амнияти дохилии кишвар гардид.

Ҳамин тавр, самтҳои асосӣ дар раванди танзими муҳоҷирати меҳнатӣ дар давлатҳои демократии Аврупо ва ИМА иборатанд аз:

- Таҳким бахшидани воситаҳои берунии назорати ҷараёни муҳоҷират;
- Ҷорӣ намудани чораҳои ҷазоии шадидтар алайҳи ташкилкунандагони воридоти пинҳонии муҳоҷирони меҳнатӣ;
- Муқаррар кардани квота ба теъдоди муҳоҷирони меҳнатие, ки ба ҳудуди давлат ворид мешаванд;
- Баланд бардоштани самарабахшии василаҳои хориҷ намудани муҳоҷирони ғайрирасмӣ аз кишвар ва ғайра;

Дар охир тазаккур додан зарур аст, ки таҳти мафҳуми василаи байналмилалию ҳуқуқӣ, ки муҳоҷирати меҳнатиро танзим мекунад, низоми меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, фаъолияти қонунии субъектҳои гуногун ва робитаҳои хоси миёнӣ онҳо, кафолатҳои умумӣ ва махсус, инчунин шаклҳо, роҳу равишҳои дигар, шароиту воситаҳои амалисозии онҳо мутобиқи расмиятҳои муқарраркардаи қонун, усулу меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқи байналмилалӣ фаҳмида мешавад.

Барои дарки комили василаи байналмилалию ҳуқуқии танзими раванди муҳоҷирати меҳнатӣ таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузориҳои кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба ин масъала зарур аст.

# 13. ВАЗЪИ ТАНЗИМИ БАЙНАЛМИЛАЛИЮ ҲУҚУҚИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР ДАВЛАТҲОИ УЗВИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ (ИДМ)

Дар чорчӯбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи муҳоҷират ва ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ҳам дар асоси бисёрҷониба ва ҳам дуҷониба амалӣ карда мешавад. Маҷмааи байнипарлумонии давлатҳои узви ИДМ соли 1995 Конвенсияи минтақавии «Муҳоҷирати захираҳои корӣ дар кишварҳои ИДМ»– ро қабул намуд. Дар ин санад, ки ба танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар кишварҳои Иттиҳод равона гардидааст, меъёрҳои конвенсияҳои байналмилалӣ дар соҳаи муҳоҷират ва ҳимояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҷониби СММ ё ТБМ қабулшуда инъикос ёфтаанд.[90]

Дар конвенсия, ки ба муқарраротн шомил ба Эъломияи сарони давлатҳои узви ИДМ дар бораи ӯҳдадориҳои байналхалқӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ аз 24 сентябри соли 1993 асос ёфта, амалан тамоми номгӯи ҳуқуқҳои ҳам шаҳрвандию сиёсӣ ва ҳам иҷтимоию иқтисодии дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар номбаршуда, устувор карда шудаанд. Ҳангоми таҳияи санади мазкур муқаррароти муоҳидаи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсон, муоҳидаи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Протоколи факултативии мансуби он, инчунин ӯҳдадориҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон, ки дар чорчӯбаи САҲА (ОБСЕ) қабул гардидаанд, ба ҳисоб гирифта шудаанд.

Ба ҳадафҳои асосии Конвенсия инҳо мансубанд:

1. Риояи стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон;
2. Рушд ва ҳавасмандсозии эҳтиром ба ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ барои ҳама, бидуни тафовутҳои нажодӣ, ҷинсӣ, забонӣ, ақидаҳои сиёсӣ, динӣ ва мансубияти иҷтимоӣ.
3. Вусъати бахшидан ба таҳаввулоти демократӣ, рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ;
4. Татбиқи ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ;
5. Устувор намудани ғояҳои озодӣ ва волоияти қонун;
6. Таҳким бахшидани сулҳ ва ризоияти шаҳрвандӣ.

15 апрели соли 1994 Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии

---

[90] . С.А. Акимова, Т.А. Прудникова, Л.И. Белянская, Е.С. Прававое регулирование трудовой миграции с- 48-49

муҳоҷирони меҳнатӣ баста шуда буд, ки зери он ёздаҳ кишвари узви ИДМ имзо гузошта буданд. Дар Россия вай 1 сентябри соли 1995 эътибор пайдо карда буд. Созишнома самтҳои асосии ҳамкориҳои тарафҳоро дар соҳаи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии кормандон ва аъзои оилаи онҳо танзим намуда, муҳоҷири меҳнатӣ (ё корманд) – ро чун «Шахси сокини доимӣ дар ҳудуди тарафи таркшаванда буда, дар асоси қонунӣ ба фаъолияти музднок дар тарафи кордиҳанда машғул мебошад» (моддаи 2), муайян мекунад. Созишнома нисбат ба фирориён ва муҳоҷирони иҷборӣ, ашхоси касбҳои озод, ҳунармандон, инчунин ашхоси хоҳиши таҳсилдошта, ки барои муҳлати кӯтоҳ сафар кардаанд, истифода намешавад.

Ба ғайр аз Созишномаҳои бисёрҷониба дар соҳаи муҳоҷирати меҳнати ба хориҷа миёни кишварҳои ИДМ созишномаҳои зиёди дуҷонибаи байниҳукуматӣ байни Федератсияи Россия бо Украина, Беларус, Молдова, Арманистон, Тоҷикистон, Қирғизистон созишномаҳо оид ба фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ ба имзо расонидашуданд.

Барои дарки самтҳои асосии фаъолияти қонунгузории давлатҳои узви ИДМ оид ба масъалаҳои танзими муҳоҷирати меҳнатӣ зарур аст, ки санадҳои асосии меъёрии ҳуқуқӣ, ки соҳаи мазкурро дар давлатҳои алоҳидаи Иттиҳод танзим мекунанд, таҳлил карда шаванд.

Афзоиши муҳоҷират дар Украина асосан аз тариқи бозгашти ашхоси аслашон украинӣ аз Шимол, Сибир, Шарқи Дури Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон сурат мегирифт.

Аввалин санади меъёрӣ, ки бо масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва умуман муҳоҷират дар Украина робита дошт, Қонун «Дар бораи шаҳрвандии Украина» аз 8 октябри соли 1991 маҳсуб меёбад.

Ин қонун мутобиқи Сарқонуни Украина мазмуни ҳуқуқии шаҳрвандии Украина, асос ва тартиби гирифтан ва қатъи он, салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатиро, ки дар ҳалли масъалаҳои шаҳрвандии Украина, тартиби шикояти эътирозӣ нисбат ба қарорҳо оид ба шаҳрвандӣ, фаъолият ва бефаъолиятии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ашхоси соҳибмансаби он иштирок мекунанд, муайян менамояд.

Тибқи муқарraroти қонуни мазкур хориҷӣ шахсест, ки шаҳрванди Украина набуда, шаҳрванд (табаа) –и давлат ё кишвари дигар мебошад.

Дар моддаи 4 Сарқонуни Украина муқаррар карда шудааст, ки дар ҷумҳурӣ шаҳрвандии ягона вуҷуд дорад.[91]

Тибқи муқаррароти қарори Девони вазирони Украина аз 6 майи соли 2001, №426 «Дар бораи тартиби воридшавии шаҳрвандони кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба Украина» шаҳрвандони кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба Украина ворид ва аз Укрина хориҷ ё транзитӣ аз ҳудуди он бидуни раводид, дар асоси шиносномаи хориҷӣ убур мекунанд, агар бо шартномаҳои байналмилалии миёни Украина ва он давлатҳо тартиби дигар муқаррар нагардида бошад.

Қонун «Дар бораи мақоми ҳуқуқии хориҷиён»[92], меъёрҳои Сарқонунро тавсия дода, мегӯяд, ки муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ, ки ба Украина бахри кор кардан ба муҳлати муайян муҳоҷират намудаанд, метавонанд мувофиқи иҷозатномаи бо тартиби муқарраршуда гирифтаашон ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шаванд. Дар Украина бакоргирии хориҷиён, ки аз ҷониби маблағгузор дар марзҳо аз рӯйи вазифаҳо (ихтисосҳо), тибқи қарордодҳо оид ба тақсими маҳсулот киро карда шудаанд, бидуни гирифтани иҷозати бакордарой амалӣ карда мешавад.

Дар Тоҷикистон чун тамоми дигар ҷумҳуриҳои собиқи Шӯравӣ муҳоҷирати меҳнатӣ баъди пошхӯрии ИҶШС оғоз гашт. Солҳои 1994-1995 рушди ин намуди муҳоҷират хусусияти таркишӣ дошта, вазъи мушкили иқтисодӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ, фалаҷ шудани низоми пешинаи шуғл ва раванди гузариш ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ ин равандро тезонид. Айни замон ҷараёни аз ҳама калон ва мутаҳаррик-ҷараёни муҳоҷират аз Тоҷикистон аст, ки он чунин сурат мегирад.

- Муҳоҷирати мутахасисони баландихтисос ;
- Муҳоҷирати таҳсили;
- Муҳоҷироне, к ибо барномаҳои давлати куч мебанданд;

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муҳоҷирати меҳнатиро танзим мекунад, аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонун «Дар бораи муҳоҷират», Қонун «Дар бораи ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ» иборат мебошад.

Дар моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[2] муқаррар карда шудааст, ки он қувваи олии ҳуқуқи дошта, меъёрҳои он дорои амали мустақиманд; қонунҳое, ки дар ҷумҳурӣ қабул карда

---

[91] С.А. Акимова, Т.А. Прудникова, Л.И. Белянская, Е.С. Прававое регулирование трудовой миграции . с-30

[92] Ҳамон ҷо –с-57

мешаванд, набояд бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат дошта бошанд.

Асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии равандҳои муҳоҷират дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» аз 11 декабри соли 1999, №881[93] , муайян карда шудаанд. Қонуни мазкур муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро чун ихтиёрӣ ва қонунии шаҳрвандон, ки доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ё берун аз ҳудуди он сукунат доранд, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ, ашхоси бешаҳрванде, ки доимӣ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон сукунат доранд, ба ҳудудҳои он мувофиқи шартномаи меҳнатӣ (қарордод) барои кори музднок ворид шудаанд, муайян мекунад. Мухоҷири меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ шахсест, ки дар гузашта, алҳол ё дар оянда ба фаъолияти муздноки меҳнатӣ машғул аст, шахсест, ки дар кишвар сукунати доимӣ надорад ва шаҳрванди он нест.

Бо таъмини иҷозатномадиҳӣ барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, қатъи назар аз шакли моликият, инчунин ашхоси машғули бакортаъминкунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, ҷалбкунандагони кормандони хориҷӣ ба ҷумҳурӣ ва татбиқи назорат аз болои риояи шароити иҷозатнома Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул аст.

Муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ барои кор кардан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо раводиде, ки намояндагиҳои дипломатӣ ё муассисаҳои консулгарии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа медиҳанд, ворид мешаванд.

Воридшавии муҳоҷирони меҳнатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақомоти корҳои дохилӣ дар ҷойи сукунати муваққатӣ дар асоси пешниҳоди хаттии мақоми салоҳиятдор қайд мегардад.

Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳоҷирони меҳнатӣ бо шиносномаҳои хориҷии воқеӣ ё ҳуҷҷатҳои ивазкунандаи онҳо, бо доштани раводид, ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷӣ дода шудааст, сафар мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки ҳар як давлат вобаста ба шароити ҷуғрофию демографӣ, иқтисодию сиёсӣ сиёсати муҳоҷиратро муайян менамояд. Масалан, муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон бо қонун «Дар бораи муҳоҷират», аз 13 декабри соли 1997[2] Фармони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар

Ҷумҳурии Қазоқистон» аз 19 июни соли 1995, №2337 танзим карда мешаванд.[3]

Тибқи муқаррароти моддаи 1 Қонун «Дар бораи муҳоҷират» муҳоҷир шахсе эътироф мегардад, ки тағйири макон мекунад, қатъи назар аз сабабҳои тағйир: маконсозӣ, фаъолият ва ҳудудҳои марзӣ. Муҳоҷирати меҳнатӣ – муҳоҷират бо мақсади киро шудани шахси воқеӣ аз як кишвар ба кишвари дигар. Ин ҳолат ба ҳама ашхосе, ки ба ҳайси муҳоҷир қонунан иҷозат гирифтаанд, дахл дорад.

Ба муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон ба фаъолияти меҳнатӣ машғуланд, амали санади асосии меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат дар Қазоқистон – Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи меҳнат дар Ҷумҳурии Қазоқистон» дахл дорад, агар Сарқонун барои қонунҳо ва шартномаҳои байналмилалӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Қазоқистон ба тасвиб расонида шудаанд, тартиби дигаре пешбинӣ накарда бошанд.

Хориҷиён (ба сифати муассисони ашхоси ҳуқуқӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон) метавонанд ба фаъолияти меҳнатию касбӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар асоси бо корфармо бастани қарордоди инфиродии меҳнатӣ машғул шаванд.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи меҳнат дар Ҷумҳурии Қазоқистон» қарордоди меҳнатӣ бояд ҳатман маълумоти асосӣ дар бораи корфармо ва корманд, шартҳо оид ба мавзӯи қарордод, шартҳои пардохти музди меҳнат, вақти кор ва истироҳат, зиндагӣ ва саломатӣ, пешгирӣ аз ҳодисаҳои нохӯш дар кор, иҷрои ӯҳдадориҳо ва масъулияти тарафҳо, тартиби ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ, оид ба бозгашти корманд ба макони сукунати доимӣ аз ҳисоби корфармо, дар бораи мӯҳлати эътибор ва қатъи амали қарордодро дар бар бигирад. Шартҳои дигари қарордод аз ҷониби тарафҳо муайян карда мешаванд.

Муҳоҷирони меҳнатӣ наметавонанд ба вазифаҳои алоҳида таъин карда шаванд ё ба фаъолияти муайяни меҳнатӣ машғул шаванд, агар мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон таъин шудан ба он вазифа, ё машғул шудан ба он намуди фаъолият ба мансубияти шаҳрвандии Ҷумҳурии Қазоқистон робита дошта бошад (моддаи 6 Фармони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон аз 19 июни соли 1995, №2337). Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон аз 23 июли соли 1999, №453 «Дар бораи хидмати давлатӣ»[2] муқаррар кардааст, ки корманди давлатӣ метавонад шаҳрванди Ҷумҳурии Қазоқистон, ки дар мақоми давлатӣ тибқи муқаррароти қонунгузорӣ

вазифаеро ишғол менамояд ва бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои давлатӣ салоҳияти маъмуриро иҷро мекунанд, бошад. Барои ҷалби муҳоҷирони меҳнати хориҷӣ корфармоён муваззафанд, аз Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Қазоқистон иҷозат гиранд.

Муҳоҷирони меҳнатии хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Қазоқистон бидуни иҷозати мақоми марбутаи салоҳиятдор ворид шудаанд ва ба фаъолияти меҳнатӣ машғуланд, агар бо созишномаҳои давлатӣ тартиби дигар муайян нагардида бошад, аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ аз Ҷумҳурии Қазоқистон ронда мешаванд.

Қарор дар бораи рондани муҳоҷирон аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ қабул карда мешавад.

Муҳоҷири меҳнатӣ вазифадор аст, ки Ҷумҳурии Қазоқистонро дар муддати муайянкардаи қарор дар бораи рондашавӣ тарк намояд. Онҳое, ки аз хориҷшавӣ саркашӣ мекунанд, бо иҷозати прокурор дастгир ва ба таври маҷбурӣ аз кишвар хориҷ карда мешаванд.

Хароҷоти тадбирҳои хориҷсозӣ ба зиммаи шаҳрванди хориҷии рондашаванда, муассиса ё ашхоси хориҷиро ба Ҷумҳурии Қазоқистон даъватнамуда ва дар ҳолатҳои истисноӣ – мақомоти корҳои дохилӣ гузошта мешавад.

Омӯзиши таҷриба нишон медиҳад, ки тартиби мушобеҳи кор бо муҳоҷирони меҳнатӣ дар давлатҳои дигари ИДМ низ пешбинӣ шудаанд. Дар охир бояд тазаккур дод, ки бо мақсади пайдо намудани услуби ягонаи амалисозии сиёсати муҳоҷиратӣ дар ҳудуди ИДМ Шӯрои роҳбарони мақомоти муҳоҷирати давлатҳои узви ИДМ таъсис дода шуда, ба фаъолият оғоз намуд, ки зери ҳидояти он Конвенсия “Дар бораи мақоми ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо”, Барномаи ҳамкориҳо оид ба муқовимат алайҳи муҳоҷирати ғайрирасмӣ ва як идда санадҳои дигар дар соҳаи муҳоҷират омода ва қабул карда шуданд.

Бо мақсади батанзимдарории муҳоҷирати меҳнатӣ дар Федератсияи Россия дар қонунгузории ин кишвар нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ, аз ҷумла шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳудуди ин давлат фаъолияти муваққатии меҳнатӣ менамоянд, як қатор талаботи нав ҷорӣ гардиданд. Дар Федератсияи Россия аз соли 2012 сар карда бо мақсади танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ аз ҷониби Думаи давлатии Федератсияи Россия ба як қатор қонуну қарорҳои мамлакат тағйиру иловаҳо дохил карданд.

Санаи 3 январи соли 2013 Қонуни федералӣ таҳти № 321-ФЗ «Оид ба дохил намудани тағйиру иловаҳо ба моддаи 26 қонуни

федералӣ «Оид ба тартиби воридот ба Федератсияи Россия ва баромад аз Федератсияи Россия» қабул гардид, ки он аз 1 январи соли 2013 амал мекунад. Тибқи он имконияти манъ шудани воридот ба Федератсияи Россия дар муддати се сол ба шаҳрвандони хориҷие, ки қаблан дар давраи будубоши худ дар Федератсияи Россия то ба охир расидани мухлати 30 шабонарӯзии будубоши муваққатии худ (90 шабонарӯз) қаламрави Федератсияи Россияро тарк накарда бошанд, муайян шудааст. Яъне, агар шаҳрванди хориҷӣ, ки бо мақсади фаъолияти меҳнатӣ ба Федератсияи Россия ворид шуда, худро ба қайди муҳоҷират дар мақомоти минтақавии Хадамоти федералии муҳоҷирати Россия гузоштааст, лекин дар муддати се моҳ санадҳои расмӣ барои фаъолияти меҳнатӣ – иҷозатномаи кор ё патент нагирифтааст, дар муддати 30 шабонарӯз, агар ягон сабаби фавқулодда надошта бошад, яъне бо истисноси ҳолатҳои табобати очилӣ, бемории вазнин ё ин ки марги хешу табори наздик-истиқоматкунандаи Федератсияи Россия, ё ин ки дар ҳолатҳои дигар марбут ба офатҳои табиӣ, ки имконияти баромадан аз ҳудуди Федератсияи Россияро надоранд, бояд қаламрави Федератсияи Россияро тарк кунад. Дар сурати берун нашудан аз қаламрави Федератсияи Россия шаҳрванди хориҷӣ вайронкунандаи қонунгузории муҳоҷирати Россия ба **ҳисоб меравад.**

14 октябри соли 2012 қонуни федералӣ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ФР «Дар бораи низоми ҳуқуқии будубоши шаҳрвандони хориҷӣ дар ФР» ба имзо расида, аз 01.12.2012 мавриди амал қарор дорад. Дар қонуни мазкур муқаррар карда шудааст, ки муҳоҷирони меҳнатие, ки дар соҳаҳои ҳоҷагии коммуналӣ, хизматрасонӣ ва савдои чакана кору фаъолият менамоянд, бояд қабл аз гирифтани иҷозатномаи кор, сертификат оид ба донистани забони русӣ дошта бошанд. Ин намуди Сертификат донистани забони русӣ дар сатҳи базавӣ, на камтар аз ҳаштсад калимаро дар бар гирифта, маблағи он аз се ҳазор то панҷ ҳазору панҷсад рублро ташкил медиҳад . Аз соли 2015 тамоми шаҳрвандони хориҷие, ки мақсади бурдани фаъолияти меҳнатӣ дар ҳудуди Федератсияи Россияро доранд, бояд ҳатман аз забони русӣ имтиҳон супоранд.

3 январи соли 2013 Қонуни ФР «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қ.1 моддаи 322 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия» имзо шуд, ки тибқи муқаррароти он пурзӯр намудани масъулият барои ташкили ғайриқонунии убури сарҳади Федератсияи Россия аз

ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ бо ҳуҷҷати қалбакӣ, будубоши ғайриқонунии онҳо дар Федератсияи Россия дар назар гирифта шудааст. Барои ин ҷиноят ҷарима ба маблағи то сесад ҳазор рубл ё ситонидани маблағи даромади дар давраи 18 моҳи охир ба даст овардааш ё корҳои иҷборӣ ба муҳлати то 400 соат, ё корҳои ислоҳотӣ ба муҳлати ду сол бо маҳдуд кардан аз озодӣ ба муҳлати як сол, ё ин ки маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати панҷ - ҳафт сол, бо маҳдуд кардан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол, муқаррар карда шудааст.

Ҳамчунин, санаи 3 январи соли 2013 Қонуни ФР «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қ. 2 моддаи 322 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия» қабул гардид, ки тибқи он ба шахсоне, ки қаблан воридшавиашон ба сарҳади давлатии Федератсияи Россия манъ карда шудааст, лекин онҳо убури ғайриқонунии сарҳади давлатии Федератсияи Россия кардаанд, ҳамчун ҷавобгарии ҷиноятӣ муҷозот ба андозаи сесад ҳазор рубл, ё ин ки корҳои иҷборӣ ба муддати 4 сол, ё ин ки маҳрумият аз озодӣ ба муҳлати 4 сол муқаррар карда шудааст.

Мутобиқи тағйироти қонунҳои федералӣ «Оид ба қайди давлатии дактилоскопӣ дар Федератсияи Россия» ва «Оид ба низоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Федератсияи Россия» аз 1 январи соли 2013 ба категорияи зерини шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ гузаштани қайди дактилоскопӣ, яъне қайди пайи ангуштони даст зарур мебошад: шахсоне, ки нисбат ба онҳо барои фаъолияти меҳнатӣ дар Федератсияи Россия иҷозатномаи кор ё ки патент дода мешавад; шахсоне, ки дар ФР хилофи қонунгузорӣ кору фаъолият мекунанд ва шахсоне, ки ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии ҳудудӣ, мақомоти ваколатдори назорат ва танзими соҳаи муҳоҷират бо дархости гирифтани нусхаи иҷозатномаи кор, корти муҳоҷиратӣ, иҷозатнома барои иқомати муваққатӣ, иҷозатномаи иқомат ё ки варақаи огоҳӣ оид ба воридот бар ивази ҳуҷҷатҳои гумшуда ё корношоям- гардида, муроҷиат мекунанд.

Ҳукумати Федератсияи Россия 17 январи соли 2013 қарор оид ба такмили системаи давлатии иттилоотии баҳисобгирии муҳоҷиратро қабул намуд, ки тибқи муқаррароти он ҳамаи маълумоти биометрии шаҳрвандони хориҷие, ки дар ҳудуди ФР қарор доранд, ба системаи иттилоотӣ- баҳисобгирии муҳоҷиратӣ дохил карда мешаванд ва дар бонки иттилоотӣ оид ба амалӣ гардидани фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ, инчунин маълумот дар бораи аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ гузаштани қайди ҳатмии

давлатии дактилоскопӣ маълумот ҷамъ оварда мешавад. Думаи давлатии Федератсияи Россия 13 декабри соли 2013 лоиҳаи Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи дохил намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои алоҳидаи қонунгузории Федератсияи Россия»-ро қабул намуд, ки он, инчунин ба пурзӯр намудани масъулият (то ҷавобгарии ҷиноятӣ) барои вайронкунии тартиби сабти шаҳрвандони хориҷӣ дар қайди муҳоҷират равон карда шудааст. Аз ҷумла, барои қайди қалбакӣ (фиктивная регистрация) дар ҷойи будубош ва ҷойи иқомати шаҳрванди Федератсияи Россия ба шаҳрванди хориҷӣ пешниҳод карда мешавад, ҷарима аз 100 то 500 ҳазор рубли русӣ ё корҳои иҷборӣ ба муҳлати се сол, ё маҳрум намудан аз озодӣ дар ин муҳлат муқаррар карда мешавад. Барои шаҳрвандони хориҷӣ, ки бидуни сабт дар қайди муҳоҷират дар ҷойи иқомат зиндагӣ мекунанд, ҷарима се ҳазор рубл ва ба соҳиби хона бошад, ҷарима аз ду то панҷ ҳазор рубл, дар шаҳрҳои Москва ва Санкт-Петербург то таҳлили масъалаҳои кунунии муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хафт ҳазор рубл пешниҳод карда мешавад.

Сабабҳои асосии будани шумораи зиёди муҳоҷирони ғайриқонунӣ аз ҳисоби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ФР инҳоянд: надоштани касбу ихтисоси зарурӣ, надонистани забони русӣ, аз қонунгузории Федератсияи Россия дар соҳаи муҳоҷират бархӯрдор набудан, дар пайдо накардани ҷойи кор ва санадҳо барои фаъолияти меҳнатӣ, аз хизмати миёнаравони бевиҷдону фиребгар истифода бурдан ва ғайра.

Бо танзими мақсади раванди муҳоҷирати аҳолӣ тайи соли охир ба қонунгузории Федератсияи Россия дар самти муҳоҷират як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки вобаста ба онҳо будубоши шаҳрвандони хориҷӣ дар қаламрави ин кишвар хеле душвор гардид. Зеро, шаҳрвандони хориҷӣ аз ҷумла, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият надоштанд, ки дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ин кишвар будубоши худро дар қаламрави Россия расмӣ гардонанд.

Моҳи феврали соли 2013 роҳбарияти Хадамоти федералии муҳоҷирати Россия эълон кард, ки системаи таҳлилии он ба ҳолати аввали соли 2013 зиёда аз 400 ҳазор нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун вайронкунандагони қонунгузории ин давлат муайян кард ва ба онҳо дар муддати аз 3 то 5 сол ворид шудан ба ҳудуди Россия манъ карда шудааст. Барои мисол, бояд қайд кард, ки зиёда аз 900 ҳазор нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, зиёда аз

500 ҳазор нафар шаҳрвандони Украина ва дигар давлатҳо низ дар системаи таҳлилии мақомоти муҳоҷирати Россия дарҷ гардидаанд.

Мавриди зикр аст, ки ҷиҳати танзими муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия оид ба расмикунонии будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия, ки дар ҷараёни вохӯрии Асосгузории сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия В. Путин аз 27 феврали соли 2017 мувофиқа ба даст омада буд, як қатор корҳо анҷом дода шуданд. Дар натиҷаи татбиқи авфи мазкур худуди 102 576 нафар шаҳрвандони мо, ки тибқи бандҳои 4 ва 8 моддаи 26 Қонуни Федератсияи Россия, рақами 114 “Оид ба тартиби воридшавӣ ба Федератсияи Россия ва хориҷшавӣ аз Федератсияи Россия” воридшавиашон ба Федератсияи Россия манъ гардида буд, ҳуқуқи дубора воридшавиро ба Федератсияи Россия пайдо намуданд.

Инчунин, 19 528 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони мо, ки дар давраи авф дар ҳудуди Федератсияи Россия қарор доштанд, фаъолияташонро расмӣ намуданд.

Аз ҷониби гурӯҳи коршиносони дуҷонибаи Тоҷикистону Россия ариза ва дигар ҳуҷҷатҳои 5 категорияи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки воридшавии онҳо ба қаламрави Федератсияи Россия манъ гардидааст, баррасӣ карда шуда, зиёда аз 2566 нафар шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозати дубора ба қаламрави Федератсияи Россия ворид шуданро гирифт.

Аз 25 март то 24 апрели соли 2017 дар тамоми қаламрави ФР дар мухлати як моҳ барои шаҳрвандони ҶТ имкони қонунӣ гардонидани будубош ва дар мақомоти муҳоҷирати ФР ба қайд гирифтан ва тамдид намудани будубошашон имконият дода шуд. Ҳамчунин, дар ин мухлат нисбат ба ягон шаҳрванди ҶТ дар ҳудуди ФР қарордошта, ягон чораи маъмурӣ оид ба қонунҳои муҳоҷиратӣ татбиқ намегардид. Ҳангоми муроҷиати шаҳрванд ба ӯ корти муҳоҷиратӣ ва қайди муҳоҷиратӣ ба мухлати 90 рӯз аз рӯзи муроҷиат дода шуд ва ӯ имкон пайдо намуд, ки дар ин мухлат будубоши худро ба таври расмӣ қонунӣ гардонад. Дар ҳолати гум кардан ё надоштани корти муҳоҷиратӣ ба шаҳрванд корти муҳоҷиратии нав бо ҳуқуқи будубошаш ба мухлати 90 рӯз дода мешуд. Ҳамчунин, тамоми қарорҳои Сарраёсат оид ба масъалаҳои муҳоҷирати ВКД ФР (собиқ ФМС Россия) оид ба манъи вуруд, ки дар асоси моддаи 26. п.4. ва п.8 --

и қонуни ФР "ФЗ№114 оид ба тартиби вуруд ба ФР ва баромад аз ФР" татбиқ гардида, боиси манъи вуруди шаҳрвандони Тоҷикистон шудааст, бекор карда шуданд. Яъне, роҳи вуруди шаҳрванди ҶТ, ки қаблан дар давоми будубошаш дар ҳудуди ФР бо қоидавайронкунии моддаи 26. п.4. ва п.8 –и қонуни ФР "ФЗ№114 Оид ба тартиби вуруд ба ФР ва баромад аз ФР" вурудаш ба ФР манъ шудааст, кушода шуд. шаҳрвандоне, ки мутобиқи б.4 моддаи 26 дар давоми 3 соли будубоши қаблияшон дар ҳудуди ФР то 3 ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи муҳоҷират содир намудаанд ва тибқи ҳамин меъёр вурудашон манъ шуда буд ва б.8 моддаи 26 дар давоми будубоши қаблияшон баъди гузашти 30 руз аз муддати қайди 90-рӯзаи будубош аз қаламрави ФР набаромадааст ва бо ин сабаб вурудашон манъ шудааст, баъд аз мурочиат ба мақомоти муҳоҷиратии ҳудудӣ роҳашон кушода шуд. Ин меъёр нисбат ба шаҳрвандоне, ки бо қарори суд ихроҷ (выдворение) ва депортатсия шудаанд, татбиқ нагардид. Ҳамчунин шаҳрвандоне, ки бо қоидавайронкуниҳои дигар, аз ҷумла моддаи 18.8 ва 18.10 КоАПП РФ ва ё ҷиноят содир кардаанд, ба ин категория дохил нашуданд.

## 14. ФАЪОЛИЯТ ДАР САМТИ МУҲОҶИРАТИ ЭКОЛОГӢ

Бештари қаламрави ҷумҳурӣ ҳамчун минтақаи хушк ва нимхушк маҳсуб ёфта, ба шароити иқлими континенталӣ наздик аст.Илова бар ин, сохтори релефи мураккаб бо гуногунии назарраси қуллаҳои баланд иқлими маҳаллии беназирро бо зиёд будани фарқиятҳои ҳарорати ҳаво ба миён меорад. Боришот ба ҷойгиршавӣ ва мавқеияти (ориентатсияи) қаторкӯҳҳо ва гардиши ҳаво вобастагӣ дорад. Боришоти миёнаи солона дар биёбонҳои тафсони ҷануби Тоҷикистон ва биёбонҳои сарди баландкӯҳҳои Помири шарқӣ аз 70 то 160 мм фарқият дорад, дар ҳоле ки боришот дар Тоҷикистони марказӣ метавонад аз 2000 мм зиёд бошад. Ҳарчанд июл моҳи гармтарин ва январ моҳи сардтарин аст, ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво ба таври васеъ аз +6 то + 17 ° С дар водиҳо ва доманакӯҳҳо то ҳарорати шадиди солона наздик ба сифр дараҷаи селсий ва баландшавӣ то ба + 8 ° С дар баландиҳои камтар фарқ мекунад. Иқлими Помири шарқӣ, ки дар он ҳарорати миёнаи ҳаво дар ҳудуди аз -1 то -6 ⁰ С дар як мебошад, хеле шадид аст ва ҳарорати сардтарин (-63 ° С) дар Булункул ба қайд гирифта шудааст. Кишоварзӣ соҳаи асосии иқтисодии Тоҷикистон (тақрибан 22%-и ММД-и кишвар) буда, бо сабаби ба обу ҳаво вобастагӣ доштан, табиат ва шароити замин ба тағйирёбии иқлим осебпазиртарин ба ҳисоб меравад. Гузашта аз ин, соҳа асосан ба аҳолии деҳот тааллуқ дорад, ки ба таври умум захираҳои молиявии кофӣ барои тадбирҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлимро надоранд.[94]

Иқлими хушк, камобӣ дар ҳудудҳои сарзамин, офатҳои табиии дар Тоҷикистон сабабҳои ҳосилнокии пасти кишоварзӣ гардидаанд. Хусусиятҳои ҷуғрофӣ, вазъи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ ва Аврупои Шарқӣ, аз ҷумла, ба тамоюлоти иқлим ҳассос ва бо иқтидори пасти мутобиқшавӣ Тоҷикистонро осебпазир кардаанд. Таъсири тағйирёбии иқлим аллакай дар Тоҷикистон возеҳ аст. Кишвар метавонад ҳар сол то ба 500 офатҳои табиӣ гирифтор шавад, ки дар натиҷаи онҳо аз 20 то 100 миллион доллари ИМА талафот ва хисорот ба миён меоянд. Обшавии пиряххо, тағйирёбии маҷрои дарёҳои асосӣ, таъсири онҳо ба тавлиди гидроэнергетика ва кишоварзӣ натиҷаи тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистонанд. Дар ҳоле, ки тайи даҳсолаҳои охир майдони умумии пиряххо 6%-и қаламрави

---

[94] Жанна Бабагалиева , Абдулҳамид Қаюмов, Нурулло Маҳмадуллозода. Муҳоҷират, интиқоли маблағ ва устуворӣ ба тағирёбии иқлим дар Тоҷикистон Душанбе -2017 С-13

кишварро ташкил медоданд, соли 2013 ин ҳисоб ба 5% баробар шуд.

Масалан, имрӯзҳо пиряхи бузургтарин - Федченко ба ҳудуди 1 километр хурд шудааст. Бо ин суръат, дар асоси пешгӯии тахминӣ, пиряхҳо метавонанд 20%-и ҳаҷми худро то соли 2050 гум кунанд. Ин боиси тағйирот дар дастрасии об ва маҷрои он мегардад. Масалан, камшавии маҷрои дарё дар ҳавзаи баҳри Арал, ки ба андозаи зиёдтарин сарчашмаашро аз Тоҷикистон мегирад, имрӯзҳо 53 километри мукаабро ташкил медиҳад, ки аз панҷоҳ сол пеш 4 километри мукааб камтар аст. Хавфҳои иқлимӣ ба таври ҷиддӣ рушди соҳаи кишоварзиро суст, ҳосилнокии хокро хароб карда, боиси ба миён омадани офатҳои табиӣ ва таназзули (деградатсияи) замин мегардад. Хушксолии солҳои 2001-2002 боиси пастшавии ҳосили зироат ба андозаи 30-40% дар минтақаҳои кишоварзии хушки Тоҷикистон гардид, дар ҳоле ки хушксолии соли 2008 ба 40% пастшавӣ оварда расонд (TNC, с. 2014).

Равандҳои тағйирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ мушкилоти зиндагии аҳолии деҳотро дучанд печидатар мегардонанд. Тӯли даҳсолаҳои охир масоҳат ва ҳаҷми пиряхҳои кишвар, ки сарчашмаи асосии дарёҳо мебошанд, ба таври назаррас кам шудаанд. Тағйирёбии иқлим ва шароити душвори кӯҳсор сабабгори ба вуқӯъ пайвастани офатҳои табиии вобаста ба об, аз қабили селу обхезиҳо мебошанд. Бар асари чунин офатҳои табиӣ ҳамасола зерсохторҳо вайрон гардида, масоҳатҳои калон зери об мемонанд ва ба иқтисоди мамлакат зарари зиёд мерасонад . Аз рӯи ҳисоби коршиносон, танҳо дар натиҷаи гармои ғайричашмдошти тобистони соли 2015, обшавии босуръати пиряху барфтӯдаҳо ба иқтисоди кишвар ба андозаи зиёда аз 600 миллион доллари амрикоӣ зарар расонид. Аз ин хотир, ҷиҳати ҳифзи манбаъҳои обии кишвар ва бо ин тағйиротҳо мутобиқ гардонидани низоми истифодаи об андешидани чораҳои муассир зарур аст. Идомаи эҳтимолии раванди обшавии босуръати пиряхҳо метавонад ба ташаккули захираҳои обии минтақа таъсири манфӣ расонад.

Пушида нест, ки минтақаи Осиёи Марказӣ аллакай имрӯз оқибатҳои манфии таъсири тағйироти иқлимиро эҳсос менамояд, агарчӣ баъзе солҳо боришоти зиёд ва баъзан хушксолиҳо, баланди ҳарорати ҳаво дар фасли тобистон ва хунукиҳои дарозмуддат дар зимистон мушоҳида мешаванд. Аммо ҳамаи ин боиси пастшавии ҳосилнокии замин мегардад. Дар натиҷаи чунин ҳодисаҳои ғайримуқаррарӣ дар табиат кишварҳои минтақа талафоти зиёди иқтисодӣ бардошта истодаанд ва возеҳ аст, ки ин тамоюл дар оянда

ҳам идома хоҳад ёфт. Бар замми он, дар солҳои оянда зиёд шудани аҳолии минтақа ба таври назаррас аз эҳтимол дур нест. Аз ин сабаб омили мазкур зарурати андешидани чораҳои иловагиро ҷиҳати рушди иқтисодиёт, бо мақсади зиёд кардани истеҳсоли маводи ғизоӣ ва нерӯи барқ ба миён меоварад.

Мутаассифона, хавфи сар задани буҳронҳои обӣ бинобар афзоиши шумораи аҳолии сайёраи Замин ва коҳиш ёфтани захираҳои об тамоюли афзоишро касб карда метавонад. Олимон тахмин мекунанд, ки то охири даҳсолаи ҷорӣ дар ҳудуди ду миллиард аҳолии кураи Замин ба мушкилии камбуди мутлақи об дучор хоҳад гардид. Аз ин рӯ, дар шароити ниёзмандии рӯзафзуни ҷаҳонӣ ба об ҳамкориву шарикии созандаи кишварҳо дар ин самт тақозои замон аст.

Боиси қайд аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи ду даҳсолаи охир масъалаҳои вобаста ба обро дар чорчӯбаи Рӯзномаи глобалӣ фаъолона пеш мебарад. Бо ташаббуси Тоҷикистон ва як қатор кишварҳои дигар Маҷмаи кулли Созмони Милали Муттаҳид Соли байналмилалии оби ошомиданӣ (2003), Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” (2005-2015) ва Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи обро (2013) эълон кард.

Амалиёти Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор, 2018-2028» ва дигар барномаҳои байналмилалӣ оид ба рушд, маблағгузорӣ ва мудирияти захираҳои табиӣ заминаи мустаҳками ҳамкориҳои минбаъдаи Тоҷикистонро бо давлатҳои дигар фароҳам меоранд. Мудирияти ҳамгироёнаи захираҳои об, дигар мавқеъгириҳои самаранок ва ташаббусу талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ барои тамоюлҳои мусбӣ дар раванди расидан ба ҳадафҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда оид ба масъалаҳои об ва беҳдошт омили мусоидаткунанда мебошанд.

Чорабиниҳои глобалии мазкур дар таҳкими фаҳму дарки аҳамияти об чӣ барои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, ҳифзи экологӣ ва чӣ дар таъмини сулҳу субот ва рушд саҳми шоёни худро гузоштанд.

Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон талошҳои худро дар ин ҷода бо мақсади тақвияти пешравиҳои бадастомада ва дастёбӣ ба натиҷаҳои нав идома медиҳад. Аз ин лиҳоз, даҳсолаи байналмилалии нав таҳти унвони “Об барои рушди устувор” эълон карда шуд. Сарвари давлат бо боварии комил изҳор доштанд: «Ин ташаббус заминаи мусоидро

барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор оид ба об фароҳам оварда, ба таҳкими нақши об дар раванди ноил гаштан ба дигар ҳадафу мақсадҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда мусоидат хоҳад намуд».

Тоҷикистон мавзӯи марбут ба обро ҳамчунин дар чорчӯбаи Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об, ки бо ибтикори Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ва Президенти Бонки Умумиҷаҳонӣ таъсис ёфтааст, пеш мебарад. Моҳи сентябри соли 2016 Панели мазкур Нақшаи амалҳоро қабул намуд, ки яке аз санадҳои дастурии муҳим дар ҷодаи ҳалли масъалаҳои вобаста ба об дар ҳамаи сатҳҳо ба ҳисоб меравад.

Мусаллам аст, ки Тоҷикистон захираҳои бузурги обро бо теъдоди зиёди пиряху дарёҳо, кӯлҳо ва шабакаҳои обии зеризаминӣ доро аст. Дар қаламрави кишвари мо зиёда аз 60 фоизи захираҳои обии минтақаи Осиёи Марказӣ ташаккул меёбад.

Дар ин асос мавқеъгирии ҳамгироёна нисбат ба масъалаҳои вобаста ба об, ки метавонад заминаи расидан ба комёбиҳои нав шавад, дар Барномаи ислоҳоти бахши оби Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2025 пешбинӣ карда шудааст. Барномаи мазкур дар заминаи ду усули асосӣ: ҷудо кардани вазифаҳои сиёсӣ аз танзими фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ ва гузариш ба низоми идоракунии ҳавзавӣ таҳия гардидааст. Расидан ба мудирияти ҳамгироёнаи захираҳои об ва дигар вазифаҳое, ки ба ҳадафҳои рушди устувори марбут ба об ворид гардидаанд, ҳамчунин ба Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 шомил карда шуданд.

Асри бисту як, ки асри рушди технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва раванди ҷаҳонишавии иқтисод мебошад, ин ҳама минбаъд ба суръатбахшии равандҳои муҳоҷиратӣ боз ҳам шадидан таъсир хоҳад кард, агар монеаҳое, ки аз ҷониби ҳукуматҳо ва табиат эҷод мегарданд, ба инобат гирифта нашаванд. Аммо тазаккур бояд дод, ки табиат метавонад на танҳо садди роҳи гардиши аҳолӣ бошад, балки баръакс вайроншавии табиат метавонад омили барангезандаи муҳоҷират гардад.

Таъсири ҳарҷӣ бештари инсон ба муҳити зист сабаби пайдо шудани намуди дигари муҳоҷират, ба истилоҳ, муҳоҷирати иҷборӣ мегардад, ки дар баробари офатҳои табиӣ аз вайроншавии муҳити зист вобаста аст. Маҳдудшавии соҳаҳои истифодаи қувваи корӣ дар ҷойҳои сукунатшуда, ва оқибатҳои офатҳои табиӣ боиси муҳоҷирати иҷборӣ мегарданд. Фарқи ин намуди муҳоҷират аз фирориён ва

ашхоси кӯчонидаи дохилӣ (ашхоси кӯчонида бар асари низоъ, инчунин ба муҳоҷирати иҷборӣ тааллуқ доранд) дар он аст, ки ин ҷо омили аслӣ вайроншавии муҳити зист, дар тафовут аз ду омили баъдӣ, ки омилҳои сиёсианд, зоҳир мегардад. Масъалаи вайроншавии муҳити зист самти басе нави таҳқиқ дар пажӯҳиши муҳоҷират дар Тоҷикистон мебошад. Ҳамзамон, ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷомеаи илми ҷаҳонӣ ҳанӯз ду даҳсола пештар нигаронида шуда буд, ки шояд, афзоиши босуръати шумораи аҳолӣ раванди саноатишавӣ ва касифшавии муҳити зист бар асари зиёдшавии партовҳои СО2 ва ғайра ба табиат робита дошт. Мушкилии пажӯҳиши ин намуди муҳоҷират дар он аст, ки ин масъала хусусияти байнисоҳавӣ дорад.

Ин намуди муҳоҷират имкон дорад, миқёси хатарнок пайдо кунад ва ҳаҷман нисбат ба дигар намудҳои муҳоҷират вусъати бештар бигирад, агар ҷиҳати пешгирии офатҳои табиӣ ( ҳадди ақал вобаста ба фаъолияти инсон ) тадбирҳои таъҷилию саривақтӣ ва зарурӣ андешида нашаванд.

Харобшавии захираҳои табиӣ ва вайроншавии муҳити зист бар асари рафтори нодурусти инсон дарояндаи наздик метавонад боиси кӯчиши иҷбории оммавии аҳолӣ аз манотиқи вайроншуда гардад . Ин намуди муҳоҷират имкон дорад, миқёси хатарнок пайдо кунад, нисбат ба дигар намудҳои муҳоҷират беандоза вусъати бештар гирад, агар тадбирҳои марбут ба пешгирии вайроншавии муҳити зист андешида нашаванд.[95]

Имрӯз аҳолии Тоҷикистон ба 9,100 миллион нафар (01.2019) расида, суръати афзоиши солонаи он 2,5%-ро ташкил медиҳад. Афзоиши босуръати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар садсолаи охир боиси афзоиши зичии аҳолӣ ва то андозае сабаби харобшавии захираҳои табиӣ гардидааст. Агар зичии аҳолӣ соли 1989- 35,6 нафар одамро дар км$^2$ ташкил намуда бошад, пас дар соли 2016 ин нишондиҳанда ба 60 нафар одам дар км$^2$ расид. Дар навбати худ, зичии аҳолӣ дар манотиқи гуногун дар ҳолати калавиш қарор дорад. Дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва НТҶ зичии аҳолӣ дар соли 2016 мутаносибан 3,4; 99,6; 123,9 ва 69 нафар одамро дар км$^2$ ташкил кард, ки дар соли 1982 ин нишондиҳандаҳо дар сатҳи пасттар қарор доштанд – 2,5; 61,2; 68,4 ва 38 нафар одамро мутаносибан дар км$^2$. ташкил карда буд.

91Хакимов П.Ш.Деградация окружающей среды и сценарии вынужденной миграции населения РТ. «Труд и развития общества» НИИ труда Министерство труда и социальной защиты населения РТ,№3,2009.

Афзоиши шумораи аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ дар маҷмӯъ ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд, ки дар ниҳояти кор ба зарари худи инсон тамом мешавад. Албатта, барои рушд ёфтан захираҳо заруранд, ки бо гузашти айём кам мешаванд. Дарёфти роҳи пешгирии раванди афзоиши табии аҳолӣ аз як тараф ва кам намудани кӯчиши аҳолӣ, бар асари вайроншавии муҳити зист руй медиҳад, мавзуи асосии илми муосир аст. Зимнан, ба ҳалли он аз бисёр ҷиҳат суръатнокӣ ва ҳаҷми муҳоҷират вобаста аст.

Ташреҳоти адабиёт нишон дод, ки масъалаи вайроншавии хок чун яке аз намудҳои вайроншавии муҳити зист дар шароити Тоҷикистон падидаи аз ҳама бештар паҳнгардида маҳсуб мегардад. Қариб 95% ҳудуди Тоҷикистон ба хавфи баланди беэътидолии экологӣ гирифтор аст. Ҳамасола ҳазорон гектар заминҳои кишт мубталои дараҷаҳои гуногуни биёбоншавӣ мегарданд. Дар баъзе корҳо хотирнишон карда мешавад, ки вайроншавии хок сабаби муҳоҷирати аҳолӣ, камшавии маҳсулоти ғизоӣ, бадшавии шароит ва сатҳи зиндагии аҳолӣ мешавад. Аммо дар ҳеҷ яке аз сарчашмаҳои ба нашррасида оид ба таъсири вайроншавии муҳити зист, ба муҳоҷирати иҷборӣ чизе гуфта намешавад, гарчӣ дар аксари онҳо доир ба намудҳои гуногуни вайроншавии муҳити зист ва хок, ба мисли шӯршавии заминҳо, баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ, биёбоншавӣ, камшавии ҷангалзорҳо, ярчҳо, селобаҳо, обхезиҳо ва ғайра ном бурда мешавад.

Чунонки аз гузориши СММ возеҳ мегардад, 15% заминҳои кишт дар ҷумҳурӣ шӯр ва 15% заҳ шуда, бар асари рафтори нодурусти одамон онҳо барои кишти зироат корношоямаңд. Гузашта аз ин, ҳар сол дар ҷумҳурӣ, бахусус дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд беш аз 1000 га. замин бинобар зиёдшавии заминҳои шӯр корношоям мешавад. Дар ҷумҳурӣ 40 ҳаз. га. аз шӯршавӣ ва 40 ҳаз. га. замин аз ботлоқшавӣ зарар мебинад[96].

Ду намуди вайроншавии муҳити зистро қайд намудан мумкин аст: яке бар асари офатҳои табиӣ ва дигаре офатҳое, ки ба рафтори нодурусти инсон (амали номутаносибии байни табиат ва инсон) вобастаанд, аз ҳамдигар бояд фарқ гузошт.

Бо дарназардошти гуфтаи боло, мутобиқи таснифоти зайл бояд намудҳои зерини муҳоҷирати иҷборӣ дар натиҷаи вайроншавии муҳити зист фарқ карда шаванд:

---

[96] Лоиҳаи ташреҳи вазъи муҳити зист дар Тоҷикистон. Ташреҳи аввал, шуро оид ба масоили иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, СММ, августи 2004.

1). Муҳоҷирони иҷбории экологӣ чун натиҷаи фалокатҳои табиӣ;

2). Муҳоҷирони иҷбории экологӣ чун натиҷаи фаъолияти нодурусти инсон, ки сабаби вайроншавии муҳити зист мешавад ва дар ниҳояти кор ба худи инсон зарар меоварад;

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои муҳоҷирати дохилии аҳолӣ, аз ҷумла дохилӣ ва экологӣ қисми таркибии сиёсати давлат дар таъмини рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар буда, ба самаранок истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ равона гардидааст.

Тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ мутобиқи муқаррароти моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» муайян гардида, иҷрои он тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Мутобиқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои танзими раванди муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ ба салоҳияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардидааст ва ин мақом ҳамчун ҳамоҳангсоз ва татбиқкунандаи сиёсати давлатӣ муҳоҷиркуниро якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ амалӣ менамояд.

Кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ аз як минтақа ба минтақаи дигар танҳо дар ҳолати мавҷуд будани кафолатномаи расмии тарафи қабулкунандаи муҳоҷирон доир ба ҷойгир кардан дар хонаҳои истиқоматӣ ё ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили зисти доимӣ, таъминот бо оби нӯшокӣ, барқ, сохтмони роҳҳои дохилихоҷагӣ, хизматрасонии тиббӣ, ҷойи корӣ барои аъзои оила, замонати ҳолати санитарии муносиб ва тибқи имкониятҳои мавҷуда бунёд намудани иншооти иҷтимоӣ, бояд амалӣ карда шавад.

Раванди муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ дар марҳилаи навини рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии давлат баъд аз ноил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Истиқлолияти давлатӣ такмил ёфта, сабки тоза касб намуд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати аҳолӣ бо истифода аз меъёрҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳон эътирофгардида такмил ёфт.

Бинобар алоқамандии рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои кишвар ба муҳоҷирати дохилии аҳолӣ, ҳаллу фасли масъалаҳои демографӣ ва таъмини фаъолияти пурмаҳсули аҳолӣ масъалаи такмил додани механизми муҳоҷиркуниро ба миён овардааст.

Таъмини банақшагирӣ ва муайян намудани дурнамои муҳоҷиркунонии аҳолии қобили меҳнат аз ноҳияҳои камзамини сераҳолӣ ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобида, инчунин кӯчонидани аҳолӣ аз минтақаҳои хавфноки экологӣ ба ҷойҳои бехавф ва фароҳам намудани шароити мутобиқи зиндагӣ дар мавзеъҳои нави сукунати муҳоҷиргаштагон мақсадҳои асосии Барнома ҳисобида мешаванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ намудани фалокат ва кӯчонидани аҳолӣ аз ҷойҳои хавфноки экологӣ ба минтақаҳои бехавф иқдоми нек зоҳир намуда, ҳар сол тибқи муқаррарот маблағи муайянро барои кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ ҷудо менамояд. Барои ҳалли масъалаҳои ба миёномада Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт базаи қонуниро як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқиро қабул намудааст.

Кӯчонидани хоҷагиҳои ба муҳоҷирати экологӣ шомилбуда бо тартибе, ки онро қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри соли 2016, №506 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2017-2020 » сурат гирифта истодааст ва мувофиқи он дар давоми се сол 1106 хоҷагӣ, яъне соле зиёда 300 хоҷагӣ бояд аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонида шавад.

Ҷиҳати амалӣ гардидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №506 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ, барои солҳои 2017-2020 » дар асоси дархосту пешниҳодҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ руйхати аниқи муҳоҷирони экологӣ таҳия гардида, баъд аз мувофиқа бо Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Комиссияи давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Оид ба вазъи муҳоҷирати экологӣ дар солҳои 2012 – 2018




Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2012 – 2016 ҷиҳати иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, №332 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011 - 2013», аз 2 ноябри соли 2013, №474 «Дар бораи Нақшаи миёнамуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2016» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №506 «Дар бораи Нақшаи миёнамуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2017-2020» тадбирҳо андешида, барои муҳоҷиркунонии аҳолӣ аз минтақаҳои хавфноки экологӣ ба мавзеъҳои бехавф дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва вазорату идораҳои дахлдор корҳои муайянеро ба анҷом расонида, маълумоти зайлро манзур менамояд.

Чунонки аз асноди қонунгузорӣ возеҳ мегардад, ба кӯчонидани аҳолӣ аз манотиқи хавфноки экзогенӣ (экологӣ) мутобиқи нақша Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ машғул аст ва дар ҳолати эвакуатсияи фавқулоддаи аҳолӣ ҳангоми сарзадани офатҳои табиӣ (заминларза, селу обхезӣ, ярчҳо ва ғайра) ин вазифа комилан ба дӯши Кумитаи ҳолатҳои фавқулодаи назди Ҳукумати ҶТ гузошта мешавад [97].

---

[97] Муфассалтар доир ба таҳлили асноди қонунгузорӣ дар қисми дигари ҳамин боб таваққуф хоҳем кард.

Ба назари мо, бояд се зернамуди муҳоҷирони экологӣ вобаста ба таъҷилияти кӯчонидани аҳолӣ ва имконоти молиявӣ фарқ карда шаванд:

1) Кӯчонидани нақшавӣ ;
2) Кӯчонидашудагон бо сабаби офатҳои табиӣ;
3) Сокинони мавзеъҳои гирифтори вайроншавиҳои гуногуни хок, ки алҳол чун гурӯҳҳои муҳоҷирони эҳтимолӣ дар мавзеъҳои маскунии худ боқӣ мондаанд ва омодаанд, ки бо муҳайё шудани аввалин имкониятҳои молиявӣ манзилҳои худро тарк кунанд.

Чунонки аз нақшаи кӯчониш дида мешавад, аксари ноҳияҳои ҷумҳурӣ зери таъсири равандҳои экзогенӣ қарор дошта, дар миёни онҳо қисми зиёди кӯчишҳо бо сабаби ярчу селобаҳо ба ноҳияҳои кӯҳистон ва наздикӯҳӣ рост меоянд ва обхезиҳо асосан ба ноҳияҳое дахл мекунанд, ки дар соҳили дарёи Панҷ қарор доранд.

Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Низомномаи тартиби кӯчонидани хоҷагиҳо аз минтақаҳои хавфноки экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавассути сохторҳои зертобеи худ ва бо иштироки бевоситаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати сараввал аз минтақаҳои хавфноки экологӣ кӯчонидани оилаҳо тибқи навбат ( ҷадвали кӯчонидан) тадбирҳо меандешад.

# 15. МУҲОҶИРАТИ ДОХИЛӢ. НАҚШИ МУҲОҶИРАТИ ДОХИЛӢ ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ

Муҳоҷирати аҳолӣ чун яке аз муҳимтарин падидаи бемисли ҷаҳони муосир ба ҳама равандҳо таъсир гузошта, худ низ зери таъсири равандҳои гуногун қарор дорад. Имрӯз мушкилоти муҳоҷират нисбат ба гузашта боз ҳам бештар гардидааст, зеро онҳо ба манфиатҳои сиёсию иқтисодии минтақаҳо ё кишварҳое, ки ба ин равандҳо нигаронида шудаанд, дахл доранд. Дар ҷаҳони муосир муҳоҷират аз деҳот ба шаҳрҳо шиддати махсус пайдо кардааст. Масалан, дар оғози соли 2010 аллакай 50% аҳолии ҷаҳон дар шаҳрҳо истиқомат мекунанд, гарчи сатҳи шаҳришавӣ дар кишварҳои мухталиф дар ҳолати тағйирёбандагӣ қарор дорад, ки маъмулан ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз бо далели рушди саноатии ин кишварҳо муайян мегардад. Муҳоҷирати аҳолӣ дар се даҳсолаи охир аз рӯи ҳаҷм нисбат ба кӯчишҳои аҳолӣ дар таърихи инсоният бамаротиб афзудааст, ки онро натиҷаи рушди соҳаи иттилоот ва иртибот меҳисобанд. Огоҳӣ доштани аҳолӣ аз ҷойҳои имконпазири сукунат дар оянда равандҳои муҳоҷиратро фаъол мегарданд.

Таваҷҷуҳи ҷомеа ва давлат ба муҳоҷирати дохилии аҳолӣ, ки дар мулоқоти рушди ҳазорсола дар соли 2001 яке аз заминаҳои камшавии фақру нодорӣ дар кишварҳои дар ҳоли рушд номида шуда буд, хеле зиёд гардидааст.

Муҳоҷирати дохилии аҳолӣ чун раванде, ки ба пешрафти кишварҳои дар ҳоли рушд мусоидат мекунад, бояд баррасӣ гардад, зеро он ба қишри оилаҳои серфарзанди аҳолӣ дахл дорад. Муҳоҷирати дохилиро ҳамчун омили муҳими коҳишдиҳии сатҳи фақр ва таъмини раванди устувор арзёбӣ менамоянд, ки ин ҳақ аст. Таҳқиқи ин масъалаҳо махсусан барои кишварҳои дорои афзоиши баланди табиии аҳолӣ, нобаробарӣ дар ҷойгиршавии неруҳои истеҳсолкунанда ва тафриқаи зиёд дар сатҳи зиндагӣ миёни минтақаҳо, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи онҳост, басо муҳим аст.

Муҳоҷират метавонад бо сабаби камбизоатӣ сурат гирад ё ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ таъсири мусбат расонад. Ин масъала ду тараф дорад: яке – ин интиқолҳои пулии муҳоҷирон, дигар – муҳоҷират чун падида. Камбизоатӣ аҳолиро ба муҳоҷирати меҳнатӣ маҷбур мекунад. Аммо натиҷаи ин раванд маблағҳои бадастовардаи муҳоҷирон мегардад, ки дар навбати худ ба пастшавии сатҳи фақр таъсир мерасонад. Камбизоатӣ одамонро маҷбур месозад макони

сукунати худро ба хотири беҳсозии шароити зиндагӣ тарк намоянд ва ин «равиш» имкон медиҳад, то онҳо пешрафт кунанд. Рушди фард ва беҳшавии сатҳи некуаҳволии ӯ ва хонаводаи ӯ дар маҷмӯъ асоси пешрафти ҷомеа мебошад. Умуман, таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба камбизоатии аҳолӣ метавонад аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва имкон дорад - ҷузъан иҷтимоӣ, чун падидаи мусбат баррасӣ гардад.

Ба андешаи мо, бо дарназардошти ин воқеият, ки муҳоҷират худ пешравист, ин равандро бояд ҷиҳати рушди дигар минтақаҳо ва дастгирии он самтҳои муҳоҷират, ки ҷавобгӯи манофеи рушди баробари тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ бошанд, истифода кард. Муҳим он аст, ки дар ин кор ба афзоиши барзиёди аҳолии як ҳудуд ва заволи манотиқи дигар роҳ дода нашавад.

Дарки ин воқеият зарур аст, ки муҳоҷирати ғайримуташаккилонаи «деҳа – шаҳр» ба пайдошавии маҳаллаҳои нообод дар атрофи шаҳрҳои бузург ва мутобиқат ба афзоиши гадоёни шаҳрӣ замина гардад. Бо дарназардошти ин, бояд бидуни вайронсозии ҳуқуқи тағйири макони шаҳрвандон, дар сиёсати давлат вазифаи ҷойгирсозии мутаносиби аҳолӣ ва рушди баробари ҳамаи минтақаҳои кишвар вазифаи афзалиятнок дониста шавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин равандро ҳамчун «Бозори мардикор» меҳисобанд ва мо ба ин фикр ризо нестем, зеро дар таърифоте, ки дар боло зикр карда будем, муҳоҷири дохилӣ-ин шаҳрванди ҶТ барои кори пардохтшаванда ба шаҳр меояд ва баъди анҷоми кори пардохтшаванда ба минтақа, шаҳр ё деҳоташ бармегардад. Дар ҳақиқат, ин раванди муҳоҷират номуташаккилона аст, зеро онҳо дар ягон мақомоти давлатӣ аз қайд намегузаранд ва шартномаҳои меҳнатиро бо корфармоён намебанданд.

Падидаи муҳоҷирати дохилии «деҳа – шаҳр» ва аз ин ҳисоб афзудани аҳолии шаҳрӣ, албатта, таҳқиқи хеле амиқро тақозо мекунад. Вале мо имрӯз, метавонем тасдиқ кунем, ки ҳалқаи «деҳа – шаҳр» дар миёни ҷараёнҳои муҳоҷирати дохилию хориҷӣ дар минтақаю кишварҳо нобаробар аст[98]. Муҳоҷирати «деҳа – шаҳр» ва муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа барои афроди қобили кор чун ду стратегияи ҳаётан муҳими афзоиши васоити ризқу рӯзии оилаҳои онҳо боқӣ мемонанд. Аммо дар амри ноил шудан ба яке аз Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола робита байни муҳоҷирати «деҳа – шаҳр», муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа дарки заруриро тақозо мекунад, ки

[98] The Development Research Centre on Migration, Globalization and Poverty, 2003, Looks at the interlinkages between internal and international migration.

албатта ба хотири манфиати шаҳрҳо, ҷомеа ва худи муҳоҷирон эҳтиёҷ ба танзим ва роҳнамоӣ дорад[99].

Дар кишварҳои дар ҳоли рушд муҳоҷирони дохилӣ нисбат ба муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа бештаранд. Муҳоҷирати дохилӣ асосан бо шаҳрнишинӣ ё кӯчониши маҷбурии аҳолӣ, ки бар асари ихтилофҳо ва офатҳои табиӣ сурат мегиранд, муттаҳид карда мешаванд[100]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон акси ин ҳол мушоҳида мегардад, яъне муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа нисбат ба муҳоҷирони дохилӣ бештаранд[101], ки ин ҳолат бо сабабҳои зайл шарҳ дода мешавад:

- мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки мустақиман масъули натиҷаҳои муҳоҷират буданд, зери мафҳуми «Муҳоҷирати дохилӣ» танҳо кӯчонидани нақшавӣ ва кӯчиши аҳолӣ аз манотиқи хатари экзогенидоштаро мефаҳмиданд;
- набудани имкони пазириши анбӯҳи бузурги муҳоҷирони деҳот дар шаҳрҳои мамлакат;
- зиёд будани ҳаҷми даромади муҳоҷиратони меҳнатӣ ба хориҷа аз даромади муҳоҷирони дохилӣ;
- мавҷудияти реҷа бидуни раводид дар кишварҳои пазирандаи муҳоҷирони корӣ (Россия, Қазоқистон ва ғайра);
- тартиби баҳисобгирии муҳоҷирати дохилӣ аз рӯи варақаи рафтуомад танҳо дар бораи онҳое, ки макони сукунати худро ба тарзи доимӣ тағйир доданд, маълумот медиҳад, вале намудҳои дигари муҳоҷиратро, ки шумораашон нисбат ба аввалиҳо бамаротиб зиёданд, ба ҳисоб намегирад;
- таҳқиқҳо имкони ошкор сохтани шумораи воқеии муҳоҷирати дохилиро надоранд.

Ба замми инҳо, шаҳрҳои ҷумҳурӣ ҳамоно ҷалби муҳоҷиронро идома медиҳанд, зеро муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа бештар хусусияти мавсимӣ дорад ва баъди бозгашт ба Ватан муҳоҷирон кӯшиш мекунанд, ки дар марказ шаҳрҳои кишвар манзил бихаранд. Онҳо ба рушди деҳот бовар надоранд, ки аллакай боиси ҳангомаи манзилӣ ва беандоза баланд шудани нархи он гардидааст.

Имкони он, ки комилан оилаҳои камбизоат ба масофаҳои дур муҳоҷират мекунанд, чандон зиёд нест[102]. Метавон гуфт, ки

---

[99] The MillenniumDevelopment Goals and Migration. Erica Usher, International Organization for Migration, Geneva, April 2005, p. 24.
[100] The MillenniumDevelopment Goals and Migration. Erica Usher, International Organization for Migration, Geneva, April 2005, p. 1.
[101] Албатта, агар муҳоҷирати дохилии бебозгашт, ки дар он шумораи ҷои иқомати худро дар ҳудуди кишвар тағйирдодагон нисбат ба теъдоди онҳое, ки солҳои охир ҷумҳуриро тарк кардаанд, бештараст.
[102]Zolberg, Suhrke, and Aguayo/ 2002 : 260.

камбизоатӣ ва дараҷаи ҳимоят ҳамзамон ду таъсири ихтилофнок ба муҳоҷират дорад. Аз як тараф, камбизоатӣ сабаби шиддат гирифтани муҳоҷират мегардад ва аз тарафи дигар, бо сабаби камбизоатӣ аксар вақт аҳолӣ барои ҳиҷрат маблағ ёфта наметавонад[103]. Ба фикри мо, шумораи муҳоҷирони дохилӣ, чун дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон, дарояндаи наздик нисбат ба теъдоди муҳоҷирони хориҷӣ хеле зиёд хоҳад шуд (ин ба рушди шоҳроҳҳо ва иқтисодиёт вобаста аст). Вазифаи ҳукумат, алалхусус ҳукумати маҳаллӣ иборат аз он аст, ки бар асоси барномаҳои СМР (Стратегияи Миллии Рушд) ва СПКК-3 (Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ) дар самти рушди деҳот, пешгирии рушди ҷараёнҳои номатлуб ва бартараф кардани фақру нодорӣ дар деҳот ба натиҷаҳои максималӣ ноил гардад.

Яке аз сабабҳои асосии зиёд будани ҳаҷми муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа дар қиёс бо муҳоҷирати дохилӣ – ин фарқ дар ҳаҷми даромад аст. Вале ин воқеиятро бояд ба эътибор гирифт, ки коргарони машғул ба корҳои сохтмонӣ дар дохили ҷумҳурӣ дар айни замон, тақрибан баробари онҳое, ки дар хориҷа кор мекунанд, даромад мегиранд. Ин раванд муҳоҷирати кории дохилиро ҷолибтар месозад, вале ин соҳа имкони фаро гирифтани теъдоди зиёди муҳоҷирони меҳнатиро надорад. Нодида гирифтани мушкилоти мавҷуда, тафовут дар сатҳи зиндагии аҳолии шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ, таваққуф дар иҷрои қарорҳо ва амалӣ нашудани барномаҳо оид ба рушди деҳот дар ниҳояти кор метавонанд ба таркиби ҷинсию синнусолии аҳолии деҳот бар асари муҳоҷирати бебозгашт, муҳоҷирати кории дохилию хориҷӣ таъсири манфӣ гузорад, зеро аксарияти мутлақи муҳоҷиронро мардони ҷавони синну соли насловар ташкил медиҳанд.

Гузариш аз иқтисоди нақшавию маъмурии танзимшаванда ба иқтисоди бозорӣ раванди мураккабе барои аҳолии ҷумҳурӣ гардид. Бозори дохилии кор дар ҷумҳурӣ, бинобар ҷавон будани таркиби аҳолӣ, дарояндаи наздик, ҳам дорои қувваи барзиёди корӣ хоҳад буд. Бинобар ин, муҳоҷирати аҳолӣ – ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ, то ба ҳол хеле фаъол боқӣ мемонад. Инчунин, таназзули истеҳсолот дар бахши воқеии иқтисод ва тағйири шаклҳои моликият дар мамлакат ба сатҳи шуғли аҳолӣ таъсир гузоштаанд.

Раванди таърихии саноатисозӣ ва рушди иқтисодӣ бо муҳоҷирати зиёд ба шаҳрҳо иттифоқ меафтад, зеро эҳтиёҷ ба қувваи корӣ меафзояд[104]. Аммо муҳоҷирати «Деҳа – шаҳр» дар солҳои охир

[103] Waddington and Sabates-Wheeler, 2003.
[104] Oberai A. S., 1979.

аз имкони ғунҷоиши шаҳр ҳарҷӣ бештар мегардад. Оқибати ин намуди муҳоҷират баландшавии сатҳи бекорӣ дар шаҳрҳо, лабрезшавӣ ва норасоии манзил, ақибмонии инфрасохтори иҷтимоӣ аз талаботи афзояндаи аҳолӣ мебошад. Бахши зиёди муҳоҷирон наметавонанд шуғли муносиб пайдо кунанд ва ноилоҷ дар ҷойҳое маскан мегиранд, ки дорои оддитарин шароити зиндагонӣ нестанд. Афзудани фишор ба воҳиди заминҳои корам дар ҷойҳои сукунат ва манзил боиси ҷаллобӣ бо захираҳои замин (аз тариқи иҷорапулиҳои баланд) мегардад. Дар маҷмӯъ ин ҳама боиси пастшавии сатҳи зиндагӣ дар маҳаллаҳои шаҳрӣ мегардад.

Чуноне ки дар корҳои таҳқиқотии аксари муҳаққиқон дида мешавад, фишори демографӣ бар асари номутаносибияти зиёд байни захираҳои корӣ ва ҳаҷми кифоятkунандаи заминҳои корам яке аз сабабҳои асосии фақру нодорӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ аз деҳот мебошад. Масалан, Е. Босрап оид ба мувофиқи мақсад будани сермаҳсулгардонии кор менависад, ки ин тамаркуз ва фишори аҳолиро ба захираҳои мавҷуда осон месозад[105]. Ин ҷо далел он аст, ки афзоиши зичии аҳолӣ имкон дорад мутобиқшавии бештари маҳсулнокгардонии соҳаи кишоварзиро суръат бахшад. Дар ин ҳолат зичии бештари аҳолӣ ворид намудани техникаи нави кишоварзӣ таъсири мусбат расонида, рафти муҳоҷирати аҳолиро аз деҳот кам мекунад. Тақрибан ҳамин гуна нуқтаи назарро Р. Е. Билсборов дорад[106].

Ба фармудаҳои Е. Босрап ва Р. Е. Билсборов қисман розӣ шудан мумкин аст, зеро онҳо танҳо дар микёси як кишвари алоҳида дурустанд. Ин фармудаҳо дар ҳолати мавҷуд будани афзоиши иқтисодӣ ва хеле баланд будани суръати афзоиши шумораи аҳолӣ дуруст хоҳанд буд. Чунин таносуб ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки аҳолии деҳот нисбат ба шаҳр камтар буда, барои зиёд намудани маҳсулоти кишоварзӣ маблағи зарурӣ ҷой дошта бошад. Агар аҳолии деҳот нисбат ба аҳолии шаҳрҳо зиёд бошаду самаранокии кишоварзӣ бештар гардад, ин боиси камшавии ҷойҳои корӣ ва ниҳоят, зиёдшавии шумораи бекорон мегардад. Гузашта аз ин, дар натиҷаи сермаҳсулшавии соҳаи кишоварзӣ метавонад ҳиҷрати аҳолӣ аз деҳот афзояд, зеро бо сермаҳсулшавии меҳнат ҷойҳои корӣ кам мешаванд. Саволе ба миён меояд, ки оё сермаҳсулгардонии кишоварзӣ, ки

---

[105] Boserup E. (1965), The conditions of agricultural growth: The economics of agrarian change under population pressure (London, Allen and Unwin).
[106] Bilsborrow R. E. (1979), Population pressure and agricultural development in developing countries: A conceptual framework and recent evidence, paper presented at the Annual Meeting of the Population Association of America, Philadelphia.

эҳтимоли муҳоҷирати аҳолиро аз деҳот ба шаҳрҳо ба бор меорад, (эҳтимол наорад) боиси барзиёд шудани аҳолии шаҳрҳо намегардад? Саъй мекунем, то ба ин савол ҷавоб диҳем. Албатта, сермаҳсулгардонии соҳаи кишоварзӣ амри зарурист, зеро кишвар аъзои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) ҳаст ва усули дахлнопазири он сиёсати гардиши озоди молу хидматҳост. Сермаҳсулгардонӣ бояд тадбири таъхирнопазир бошад, ҳарчанд ки боиси камшавии ҷиддии ҷойҳои корӣ мегардад ва оқибаташ, шояд муҳоҷирати аҳолии «Деҳа-шаҳр» ё аз деҳот ба хориҷи кишвар мешавад. Вале зарурати ин иқдом чунин маънӣ дорад, ки мамлакат ба СУС ворид шудааст, маҳсулоти бо роҳи экстенсивӣ истеҳсолшуда, дар бозори дохили ва хориҷӣ рақобатнопазир мешавад, зеро дар ҳама ҷо қонунҳои гардиши озоди молҳо ва хидматҳо амал мекунанд. Чунин вазъият, дар сурати пешбиниҳои бадтарин, метавонад боиси сар задани буҳрон дар кишоварзӣ гардад (бе ин ҳам дар ҳолати қашшоқӣ қарор дорад), афзоиши теъдоди бекорон то ба ҳадди буҳронӣ расида, дар маҷмуъ, ба амнияти озуқавории кишвар таҳдид мекунанд. Гузашта аз ин, буҳрони кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ¾ ҳиссаи аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва 65% ба кишоварзӣ машғуланд, метавонад боиси натиҷаҳои ислоҳнопазири иқтисодию иҷтимоӣ шавад.

Натиҷаҳои маҳсулнокгардонии кишоварзӣ метавонад боиси камшавии арзиши аслии воҳиди маҳсулоти истеҳсолшуда ва афзудани фоида аз фурӯши он гардад, ки ин маҳсулотро рақобатпазир месозад, аммо аз тарафи дигар, боиси суръат гирифтани кӯчиши аҳолӣ аз деҳот ва сабаби камшавии ҷойҳои корӣ низ мегардад. Дар навбати худ, коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ, эъмори инфрасохтори зарурӣ, рушди соҳаи хидматрасонӣ имкон медиҳад, то ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шаванд, ки он бамаротиб ҳиҷрати номуназзами аҳолии деҳотро ба шаҳр кам месозад. Ба замми ин, сиёсати давлатӣ бояд майл ба ғайримарказӣ сохтани корхонаҳои коркардкунанда нигаронида шавад, ки ба рушди маърифати минтақаҳои деҳот мусоидат хоҳад кард. Дар навбати худ, чунин равандҳои шаҳрнишиншавӣ дар кишвар, на аз ҳисоби муҳоҷирати номуназзам, балки аз ҳисоби инкишофи деҳот, дар маҷмуъ, таъсири мусбат хоҳад расанд. Ба тарзи дигар, рушди истеҳсолот дар маҳалҳо метавонад боиси рушди баробари тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ гардида, ба вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсири мусбат расонад ва рушди равандҳои номатлубу, ба манфиатҳои давлат мувофиқнабударо пешгирӣ намояд.

Сохтори сармоя, бозори меҳнат ва тақсими даромадҳо бо тақсими нобаробари фондҳои истеҳсолӣ, ки бо амали василаҳои бозорӣ тақвият меёбанд, муайян карда мешавад. Дар натиҷаи дастрасии васеъ ба фановариҳои (технологияҳои) нав, бахши асосии соҳибони заминҳои калон доро мегарданд, дар ҳоле ки воридсозии фанновариҳои нав дар хоҷагиҳои хурд беандоза қиммат буда, боиси муфлисшавиии онҳо мегардад. Бинобар ин, бо афзоиши ҳосилнокӣ нархҳо паст мегарданд ва хоҷагиҳои хурд (хоҷагиҳои деҳқонӣ) зарар мебинанд. Аксари хоҷагиҳои хурд (хоҷагиҳои деҳқонӣ) маҷбур мешаванд, ки заминҳои худро ба хоҷагиҳои калон бифрӯшанд ва аз пайи ҷустуҷӯи даромад дар ҳудуди минтақаи худ, пайдо намудани кор (муваққатӣ ё мавсимӣ) дар манотиқи дигар шаванд, то талафоташонро ҷуброн кунанд ё умуман, макони истиқомати доимиашонро тарк кунанд[107].

Ба назари мо, яке аз далелҳои намоёни рафтани босуръати аҳолӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон муомилаҳои фючерӣ буданд, ки сабаби қарзи калони хоҷагиҳои пахтакор гардиданд (500 млн. долл. то январи соли 2008). Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирӣ аз хидмати миёнаравҳо ва бо мақсади афзоиши маҳсулнокии пахтакорӣ ва роҳ надодан ба муфлисшавии хоҷагиҳо, дар бораи боздоштани муомилаҳои фючерӣ қарор қабул кард. Баъдан, соли 2009 ин маблағи қарз бо қарори ҳукумат ботил дониста шуд, ки ба андешаи мо, ин қадами зарурие буд, ки баъди он бояд рушди соҳа суръат мегирифт. Сароғоз аз соли 2009 бонкҳо ба хоҷагиҳо қарздиҳиро оғоз карданд ва пахтаи ҳосилкардаашонро метавонистанд, бо нархҳои биржавӣ фурӯшанд. Вале ин иқдоми баҳсталаб буд, зеро замин моликияти давлат аст ва дар суръати барнагардондани қарз сертификати замин худ ба худ ба дасти бонкҳо мегузашт, яъне замин мавриди харидуфурӯш қарор мегирифт. Василаи рушди кишоварзӣ услуби хеле пухтакоронаро талаб мекунад, зеро аз бисёр ҷиҳат ҳаҷми муҳоҷират аз деҳот ба шаҳрҳо ва ба хориҷи кишвар аз он вобастааст. Чунонки вакт нишон дод, ин тарзи маблағгузорӣ самараи хуб надод ва сабаби пастшавии рақобатпазирии бонкҳои мамлакат дар асnои рух додани буҳрони молиявӣ гардид.

Рушди соҳаи кишоварзӣ – ин мавзӯи алоҳида хоҳад буд, ки аз чорчӯбаи ин таҳқиқот берун мебарояд. Ин ҷо метавон тазаккур дод,

[107] Romero L.K. and Flinn W.L.(1976) "Effects of structural and change variables on the selectivity of migration. The case of a Colombian peasant community", in Inter-American Economic Affairs (Washington, DC), Vol. 29, No.4, pp. 35-38.,
Peek P., (1980): Urban poverty, migration and Land reform in Ecuador. Occasional papers No. 79 (The Hague, Institute of Social studies).

ки аз ҳалли мусбат ё манфии проблемаҳо оянда дар ин соҳа аз бисёр ҷиҳат равандҳои муҳоҷират дар кишвар, аз ҷумла муҳоҷират дар ҷанбаи деҳот-шаҳр вобаста аст.

Хулоса, дар ин марҳалаи рушди кишвар муҳоҷирати дохилӣ чун омили рушди иҷтимоию иқтисодӣ амал мекунад. Дар дурнамои миёнамуддат ва дарозмуддат вазифаҳои асосии ҳукумат ошкор намудани он самтҳои муҳоҷират хоҳад буд, ки ба манфиати рушди баробари минтақаҳои кишвар мувофиқат кунанд. Тағйири шохаи муҳоҷирати аҳолӣ дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ аз тариқи тақсимоти баробари аҳолӣ ба мақсади рушди ин минтақаҳо ва ғайримарказӣ намудани истеҳсолот ба манфиати деҳот, дар ниҳояти кор, ба афзудани шумораи аҳолии шаҳрҳо боис хоҳад гардид. Шаҳрнишиншавӣ на аз ҳисоби кӯчиши ғайримуназзами аҳолӣ ба шаҳрҳои асосии кишвар, ки дар аксари мамолики дар роҳи рушд мушоҳида мешавад ва боиси барзиёдии аҳолии шаҳрҳо, афзудани гадоёни шаҳрӣ ва пайдошавии маҳаллаҳои ноободи нодорон мегардад, балки аз ҳисоби рушди деҳот сурат хоҳад гирифт.

# 16. МУҲОҶИРАТИ ДОХИЛИ (ИХТИЁРӢ)

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳоҷирати дохилии (ихтиёрии) аҳолӣ аз мавзеъҳои кӯҳӣ, наздикӯҳӣ ва ноҳияҳои зичии аҳолиашон зиёд ва камзамин ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои муҳоҷирон дар интихоби озодонаи ҷойи истиқомат, обод намудани заминҳои бекорхобида дар ноҳияҳои серзамин, инкишофи минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ бо истифодабарии захираҳои меҳнатӣ аз ҳисоби шаҳрвандони бекор, мусоидат намудан ба баланд бардоштани шароити зисти аъзои оилаи муҳоҷирон ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, пешгирии муҳоҷирати дохилии ғайрирасмӣ, таҳкими дӯстӣ миёни миллатҳо ва халқиятҳо дар ҷойҳои сукунати муҳоҷирон ва ба ҷалби оилаҳои ҷавон ба барпо кардани инфраструктураи деҳот равона гардидааст.

Кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) аз як минтақа ба минтақаи дигар танҳо дар ҳолати мавҷуд будани кафолатномаи расмии тарафи қабулкунандаи муҳоҷирон доир ба ҷойгир кардан дар хонаҳои истиқоматӣ ё ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили зисти доимӣ, таъмини оби нӯшокӣ, хизматрасонии тиббӣ, барқ, ҷойи кор барои ҳамаи аъзои оила, замонати ҳолати санитарии муносиб ва тибқи имкониятҳои мавҷудбуда барпо намудани иншооти иҷтимоӣ, метавонад амалӣ карда шавад. Кафолатномаи мазкурро мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба унвони Хадамоти муҳоҷират пешниҳод менамояд[108]

Муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) муташаккилона, мувофиқи нақшаи аз ноҳияҳои камзамини кӯҳистон ва сераҳолӣ ба водиҳои дорои заминҳои партови ҷумҳурӣ ихтиёрӣ кӯчонидани аҳолӣ барои давраи миёнамуҳлат, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, ташкил карда мешавад. Дар нақшаи мазкур номгӯи шаҳрҳо ё ноҳияҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷирон, шаҳрҳо ё ноҳияҳои қабулкунандаи муҳоҷирон, теъдоди оилаи муҳоҷирон ва муҳлати ташкили муҳоҷират нишон дода мешаванд. Теъдоди хоҷагиҳои муҳоҷирони кӯчонидашаванда ба як шаҳр ё ноҳия (тарафи қабулкунанда) дар як сол набояд аз 200 адад зиёд бошад. Лоиҳаи нақшаи миёнамуҳлати муҳоҷиратро Хадамоти муҳоҷират дар асоси пешниҳоди тарафи интиқолкунанда ва кафолатномаи расмии тарафи қабулкунанда таҳия намуда, барои баррасӣ ва тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд .[109] Мувофиқи нақшаи

---

[108] *(Қарори Ҳукумати ЧТ аз 7.08.2014 № 532).*

[109] *(Қарори Ҳукумати ЧТ аз 7.08 2014 № 532)*

муҳоҷират Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи моҳонаи чорабиниҳоро оид ба татбиқи нақшаи муҳоҷират таҳия менамоянд, ки аз ҷониби Комиссияи байниидоравӣ оид ба танзими равандҳои муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Муҳоҷирати дохилӣ дар** Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2008, №647 "Дар хусуси тасдиқи Низомномаи тартиби муҳоҷирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон " ва аз 3 декабри соли 2012, №677 "Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2016-2018" амалӣ карда мешавад.

**Теъдоди оилаҳои муҳоҷирони дохилӣ, ки дар давраи солҳои 2001-2017 дар қаламрави ҷумҳурӣ кӯчонида шуданд (ба ҳисоби оила)**




Чи тавре, ки аз ҷадвал бармеояд, тибқи муқаррароти қарорҳои амалкунандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ дар давоми солҳои 2001-2017 дар ҷумҳурӣ 11185 оила кӯчонида шуда, аз ҷониби Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррарот маблағгузорӣ карда шудаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини аҳолии қобили меҳнати ноҳияҳои сераҳолӣ ва камзамин бо ҷойҳои корӣ, истифодаи заминҳои бекорхобидаи водиҳои ҷумҳурӣ ва мусоидат намудан ба паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, сиёсати пешгирифтаи худро дар

самти муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) тибқи дархостҳои шаҳрвандон идома медиҳад.

Барои амалӣ гардонидани қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳайё намудани шароити инфрасохторӣ дар мавзеъҳои ҷойгиршавии муҳоҷирон вазорату идораҳои ҷумҳурӣ мувазхаф мегарданд.

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:- мутобиқи дархости Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маблағҳои пешбинишуда маблағгузории қарзҳои имтиёзнокро барои муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) таъмин менамояд.

Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- мутобиқи Нақшаи тақвимии чорабиниҳо оид ба татбиқи Нақшаи муҳоҷират ва дархости Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди супориши фармоишгар дар мӯҳлати муқарраргардида лоиҳаи нақшаи кулли маҳали навро таҳия намуда, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии тарафи қабулкунанда пешниҳод менамояд;
- рафти сохтмони иншоот ва хонаҳои истиқоматии муҳоҷиронро аз оғоз то ба анҷом расонидани он дар асоси лоиҳаи таҳияшуда таҳти назорати доимӣ қарор медиҳад.

Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- мутобиқи муқаррароти Кодекси замин ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) ҷудо намудани заминро бо тартиби муқаррааргардида дар амал ҷорӣ менамояд;
- дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ҷойи сохтмони иншооти иҷтимоиро барои муҳоҷирон муайян менамояд.Ширкати саҳҳомию холдингии кушодаи "Барқи Тоҷик":
- мутобиқи дархости "Фармоишгарон" шартҳои техникиро дар асоси меъёрҳои муайянкардашуда пешниҳод намуда, доир ба гузаронидани хатҳои интиқоли барқ дар маҳалҳои зисти муҳоҷирон чораҳои муайян меандешад;

Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ":

- мутобиқи нақшаи тақвимии чорабиниҳо оид ба татбиқи Нақшаи муҳоҷират корҳоро оид ба гузаронидани хатҳои обгузар барои таъмини оби нӯшокӣ, инчунин бо мақсади обёрӣ кардани заминҳои наздиҳавлигӣ гузаронидани хатҳои магистралиро ба анҷом мерасонад;

Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- мутобиқи Нақшаи тақвимии чорабиниҳо оид ба татбиқи нақшаи муҳоҷират роҳҳои дохилихоҷагӣ ва ба он барандаро баъди ҷудо намудани маблағҳои мақсаднок то ҷобаҷошавии оилаҳо ҳамвор ва сангфарш менамояд. Дар асоси дархости мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ роҳҳои пиёдагардро барои рафтуомад дар ҷойи нави истиқомат ҳамвор менамояд;
- баъди ба суратҳисоби интиқолдиҳанда дохил шудани 50 фоизи маблағи пешпардохт, шумораи зарурии нақлиёти автомобилиро ҷудо менамояд;[110]

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон:
- ҳангоми кӯчонидани муҳоҷирон ба маҳали нави зист, ҳамроҳии тиббии корвони муҳоҷиронро таъмин намуда, баъдан то анҷом додани корҳои сохтмонӣ, назорати доимиро нисбат ба ҳифзи саломатии муҳоҷирон ва роҳ надодан ба пайдоиши касалиҳои сирояткунанда ташкил менамояд;

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии **Тоҷикистон:**
- барои ҷойгир намудани кӯдакони муҳоҷирон дар муасисаҳои таҳсилоти ҳамагонии дар маҳали нави зисти онҳо мавҷудбуда чораҷӯӣ менамояд;
- ҳангоми ба нақшаи генералии маҳал дохил гардидани сохтмони муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, сохтмонро мутобиқи нақшаи тақвимии чорабиниҳо оид ба татбиқи нақшаи муҳоҷират ба анҷом мерасонад;

Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон:
- ҳангоми муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ), ҳамроҳии корвони муҳоҷиронро ба ҷойҳои нави таъиншуда ва бехатарии ҳаракати онро таъмин менамояд. Бо мақсади таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар маҳалли нави зисти муҳоҷирон, навбатдориро то вақти муайянгардида ташкил карда, оилаҳои кӯчонидашударо тибқи муқаррарот дар асоси шиносномаи шаҳрвандӣ ба қайд мегирад;

Бонки давлатии амонаттузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк":
- мутобиқи дархости Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низомномаи мазкур пардохти саривақтии қарзҳои имтиёзнокро таъмин намуда, якҷоя бо сохторҳои ин вазорат дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо оид ба истифодабарии пурра ва мақсадноки маблағҳо санҷиш мегузаронад;

---

[110] *Қарори Ҳукумати ҶТ аз 7.08.2014 № 532.*

- бо мақсади сари вақт бозгардонидани фоизи муайяни қарзи имтиёзнок, дар асоси шартномаҳои дуҷониба бо муҳоҷирон, корҳои заруриро ба анҷом мерасонад;

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии интиқолдиҳандаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ):

- рӯйхати оилаҳои муҳоҷиронро, ки сохторҳои зертобеи Хадамот дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо тибқи муқаррарот тартиб додаанд, тасдиқ намуда, мутобиқи Нақшаи тақвимии чорабиниҳо оид ба татбиқи Нақшаи муҳоҷират ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд[111]

- якҷоя бо кормандони Хадамоти муҳоҷират бо оилаҳои муҳоҷирони кӯчонидашаванда корҳои фаҳмондадиҳиро ташкил намуда, ҳангоми кӯчонидани муҳоҷирон ба ҷойи нави истиқомат, онҳоро роҳбаладӣ менамояд.[112]

- баъд аз ҷо ба ҷо кардани муҳоҷирон дар маҳали нави истиқомат, санади супоридан ва қабули муҳоҷиронро тартиб дода, онро бо мӯҳр ва имзо тасдиқ менамояд (замимаи 3);

- то ба анҷом расонидани корҳои сохтмонӣ дар маҳали нави зисти муҳоҷирон, аз аҳволи онҳо доимо хабар гирифта, дар ҳолати зарурӣ бо истифодабарии даромадҳои иловагии буҷети маҳаллӣ, кӯмаки амалӣ мерасонад;

- бо мақсади фароҳам овардани шароит ва таъмини иҷтимоии муҳоҷирон дар ҷойи нави зист, дар як сол на зиёда аз 200 оилаи муҳоҷирони дохили (ихтиёрӣ)-ро интиқол медиҳад;

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии қабулкунандаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ):

- мутобиқи Нақшаи тақвимии чорабиниҳо оид ба татбиқи Нақшаи муҳоҷират ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷудо намудани манзили истиқоматӣ ё қитъаи замин барои сохтмони хонаҳои муҳоҷирон қарор қабул карда, онро ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- бо мақсади қабули муносиби муҳоҷирон аз ҷониби аҳолии муқимии минтақа, корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда, доир ба дӯстию ттифоқии байни миллатҳо ва халқиятҳо дар ин мавзеъ, чорабиниҳои фарҳангӣ ташкил менамояд;

---

[111] *(Қарори Ҳукумати ҶТ аз 7.08.2014 № 532);*

- барои расондани кӯмак ва мусоидат ба сохтмони хонаю биноҳои назди ҳавлигии муҳоҷирон чораҳо меандешад;
- барои парвариши чорво ва парранда шароит муҳайё менамояд. Бо ин мақсад ба муҳоҷирон аз ҳисоби даромадҳои иловагии буҷети маҳаллӣ кӯмаки иловагии молиявӣ мерасонад;
- барои баланд бардоштани тахассус ва дониши муҳоҷирон якҷоя бо мақомоти маҳаллии Хадамоти муҳоҷират курсҳои имтиёзноки омӯзишӣ ташкил намуда, ҷиҳати бо ҷойҳои кори муносиб таъмин намудани онҳо чораҳо меандешад;
- дар ҷойҳои нави зисти муҳоҷирон муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ, китобхонаҳо, майдонҳои варзишӣ, мактабҳо, бунгоҳҳои тиббӣ ва дигар иншооти иҷтимоии заруриро бунёд менамояд;
- бо мақсади самаранок истифода бурдани заминҳои корами обӣ, барои сохтмони хонаҳои истиқоматии муҳоҷирон ва дигар иншооти иҷтимоӣ, танҳо заминҳои ғайрикиштбобро ҷудо менамояд. Тартиби ҷудо кардани қитъаи замин мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 2005, №342 "Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои ҷудо кардани қитъаҳои замин барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" амалӣ мегардад.

Тартиби интихоб ва барӯйхатгирии оилаҳои муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) аз ҷониби Хадамоти муҳоҷират бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 7.08.2014 , № 532 тасдиқ гардидааст.

Шарти асосии дар руйхат номнавис кардани оилаҳои муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) бо шарти мавҷуд будани на камтар аз ду узви қобили кор дар оила, ки синну солашон: мардон - аз 15-сола то 63-сола ва занон - аз 15 то 58-сола вобаста буда, аъзои оила бояд аз ҷониби комиссияи тиббӣ коршоям дониста шуда бошанд.[113]

Сардори оилаи муҳоҷиршаванда шавҳар (зан) буда, фарзандон ва падару модароне, ки дар таъминоти сардори оила мебошанд ва ҳамроҳи онҳо истиқомат мекунанд, аъзои оила ба ҳисоб меравaнд.

Қарори ба ҳайати оилаи муҳоҷиршаванда дохил кардани бародарон ва хоҳарони сардори оила ва ҳамсари он (шавҳар) аз ҷониби Хадамот қабул карда мешавад.

Барои фаҳмонидани моҳияти муҳоҷиркунонии аҳолӣ ва имтиёзҳое, ки муҳоҷирон аз он бархӯрдор мешаванд, Хадамоти муҳоҷират якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо чӣ дар ҷойи баромади муҳоҷирон ва чӣ дар маҳалли ҷойгиршавии онҳо ташкил кардани корҳои оммавию фаҳмондадиҳӣ

---

[113] *Қарори Ҳукумати ҶТ аз 7.08.2014 № 532).*

дар байни аҳолӣ бо истифодаи ҷалби васеи воситаҳои ахбори омма, маълум намудани шароити иқтисодию ҷуғрофии шаҳру ноҳияҳо бо мақсади дар оянда ҷобаҷокунонӣ ва бо кор таъмин кардани муҳоҷиронро тахти омӯзиш ва назорат қарор медиҳад[114]

Бо мақсади гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар минтақаи нави зисти муҳоҷирон ва пешвози муносиби онҳо, ҷамоату хоҷагиҳои маҳали ҷойи ҷойгиркунонӣ ва ташкилоту идораҳоро ҷалб намуда, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ насби лавҳаҳоро вобаста ба масъалаи мазкур ташкил менамояд.

Оилаҳои муҳоҷирон бо сабабҳои зерин ба рӯйхат дохил карда намешаванд:

- ба Хадамоти муҳоҷират сари вақт пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ;
- барои мунтазам вайрон кардани интизоми меҳнат аз кор сабукдӯш кардан;
- барои худсарона ва бе сабабҳои узрнок тарк намудани ҷойи муҳоҷирати пештара;
- надоштани қайди доимӣ дар маҳали зисти пештара;
- барои надоштани имконияти сохтмони мустақилонаи манзил дар ҷойи муҳоҷират.

Сардори оилае, ки хоҳиши кӯчиданро изҳор кардааст, ариза-анкетаи шаклаш муқарраргардидаро (замимаи 1) пур карда, ба мақомоти Хадамоти муҳоҷирати ҷойи зист месупорад. Ҳамзамон, ҷойи зист баъд аз қабули ариза-анкета, ба оилаи муҳоҷиршаванда барои гузаштан аз муоинаи тиббӣ, варақаи муоинаи тиббиро (замимаи 4) месупорад. Натиҷаи муоинаи тиббӣ бо мӯҳр ва имзои духтурони комиссия тасдиқ гардида, ба мақомоти Хадамоти муҳоҷират дар шаҳру ноҳияҳо баргардонида мешавад.

Ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида бо иловаи нусхаҳои шиноснома, дафтарчаи меҳнатӣ, шаҳодатномаи ҳарбӣ, шаҳодатномаи ақди никоҳ, шаҳодатномаи таваллуди фарзандон, диплом доир ба маълумот, шаҳодатномаи тахассусӣ, 2 дона сурати рангаи 3x4 бо мақсади роҳ надодан ба муҳоҷирати такрорӣ, мавриди омӯзиш қарор дода шуда, хулосаи он бо мӯҳр ва имзои роҳбари мақомоти Хадамоти муҳоҷират дар шаҳру ноҳияҳо тасдиқ карда мешавад.

Бахшу шуъбаҳои Хадамоти муҳоҷират дар шаҳру ноҳияҳо ҳамаи оилаҳои муҳоҷиронро дар дафтари қайд ва махзани маълумот сабт

---

114 *Қарори Ҳукумати ҶТ аз 7.08.2014 № 532).*

намуда, ҳуҷҷатҳои шахсии оилаҳои муҳоҷиршаванда ва рӯйхати онҳоро ба Хадамоти муҳоҷират дастрас менамоянд.

Кормандони сохторҳои маҳаллии Хадамоти муҳоҷират ҳар як оилаи муҳоҷиршавандаро бо имтиёзҳои амалкунанда ва талаботи мавҷуда дар самти муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) шинос менамоянд.

Нисбат ба оилаҳое, ки аризаи онҳо барои муҳоҷиршавӣ рад карда шудааст, дар давоми 10 рӯзи корӣ қарори сохторҳои маҳаллии Хадамоти муҳоҷират дар шаҳру ноҳияҳо бароварда шуда, аризадиҳандагон бо он шинос карда мешаванд .

Хадамоти муҳоҷират баъд аз қабули ҳуҷҷатҳои оилаҳои муҳоҷиршаванда дар давоми 10 рӯз ба номи сардори оила шаҳодатномаи муҳоҷиршавиро навишта, дар дафтари қайд сабт менамояд.

Шаҳодатномаи муҳоҷирӣ дар асоси санад ва рӯйхати муҳоҷирон супорида мешавад.

Ба замми ин, вазорату муассисаҳо ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади таъмини ҳимояи иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирони экологӣ тадбирҳои зеринро амалӣ мекунанд:

- пардохти хароҷоти роҳ;
- таъмини воситаҳои нақлиёт ҳангоми кӯчонидани муҳоҷирон аз минтақаҳои хавфнок ба ҷойҳои бехатар;
- таъмини сохтмони роҳҳои нақлиётӣ, навсозӣ ва барқарорсозии роҳҳои дохилихоҷагӣ дар ҷойҳои нави сукунат;
- сохтмони муассисоти тиббӣ ва таъмини онҳо бо мутахассисони соҳа;
- таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ дар ҷойҳои нави сукунати муҳоҷирони дохилӣ;
- таъмини амнияти қатораҳои нақлиётии муҳоҷирони экологӣ ҳангоми интиқоли муташаккилонаи онҳо ба ҷойҳои нави сукунат;
- ташкили корҳои зарурӣ дар кашидани хатти таъминоти оби ошомиданӣ, об барои обёрии ҳавлию полезҳо дар ҷойҳои нави сукунати муҳоҷирони экологӣ;
- созмон додани инфрасохтори деҳот.

Вобаста ба аҳамияти ин тадбирҳо дар оянда ба ин масъалаҳо эътибори бештар додан лозим аст. Зеро эҳтимоли дидани осеби рӯҳии муҳоҷирон ҳангоми тарки макони аҷдодӣ ва сукунат дар ҷойҳои дигарии, боиси бадшавии саломатӣ мегардад. Ин ҷо нобасомониҳои раванди кӯчиш, истифодаи бесамаронаи маблағҳои давлатӣ метавонанд оқибатҳои нохуш ба бор оваранд. Ҳарчанд ки ин маблағҳо, ҳангоми

кӯчонидан пардохта мешаванд, вале хеле ночизанд. Ҳаҷми қарзи ҷудошаванда, ҳадди ақал, бояд 10 маротиба бештар ва бе фоиз ба муҳлати то 20 сол бошад.

Чи тавре, ки дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст «Кӯчонидашудагон ҳуқуқи баргаштанро ба мавзеи зисти пештара надоранд». Ин ҷо дуруст аст, онҳо ҳуқуқи бозпас омаданро надоранд, зеро ба ҳаёти онҳо хатар таҳдид мекунад. Кӯчбастагон, низ муҳоҷиронанд, вале аз онҳо бо ин фарқ мекунанд, ки ба онҳо ҳангоми кӯчидан ёрӣ расонида мешавад, аммо муҳоҷирони таваккалӣ худро дар хатар мегузоранд. Ҳолати ҳайратоваре мушоҳида мешавад, ҳангоме ки кӯчондашудагон аксаран раванди баръаксро пешгирифта бармегарданд, вале муҳоҷирон дар ҷойҳои сукунат кардаашон боқӣ мемонанд. Аммо ин ҷо ҳеҷ чизи ҳайратоваре нест, чунки муҳоҷирон ҳамеша ҷойи беҳтарро меҷӯянд ва амали онҳо дар ниҳояти кор ба сӯйи беҳсозии вазъи иқтисодиашон равона карда шудааст, ки ин қонуни муҳоҷират аст. Маҳз зери ҳамин шиор кӯчонидагон ё худ бояд муҳоҷирони иҷборӣ кӯчонида шаванд ва ин имкон хоҳад дод, то аз равандҳои баръакс пешгирӣ карда шавад. Чунончи таҳқиқи EACH-FOR нишон дод, кӯчонидагон, чун қоида, ба ҷойҳои доимии худ барнамегарданд ва минбаъд кӯшиш мекунанд дар ноҳияю шаҳрҳои аз нигоҳи иқтисодӣ нисбатан беҳтар маскан гиранд. Муҳоҷират метавонад то замони дарёфти сатҳи зиндагии баробар ба ҷойи пешинаи зиндагӣ идома ёбад. Вале баробарии вазъ танҳо дар ду ҳолат муҳайё мегардад. Бадшавии зиндагӣ дар макони зист бар асари таҷаммӯи аз ҳад зиёди аҳолӣ, баландшавии сатҳи бекорӣ, пастшавии сатҳи музди меҳнат бар асари рақобати бузурги қувваҳои корӣ ва ғайра. Аммо роҳи дигаре низ мавҷуд аст, ки ин сиёсати рушди минтақавист ва баҳри халосӣ аз тамоюлоти манфӣ бояд маҳз ба рушди минтақавӣ нигаронида шавад. Ин дар ниҳояти кор ба пешгирӣ аз кӯчиши бенизом мусоидат намуда, барои бартараф намудани оқибатҳои манфӣ муфид аст.

Кӯчонидан аз минтақаҳои аз нигоҳи экологӣ хавфноки ҷумҳурӣ, асосан бар асари ярчҳо, обхезиҳо, селҳо, ки бештар дар ноҳияҳои кӯҳистон ва наздикӯҳӣ рух медиҳанд, амалӣ карда мешавад. Ярчҳо, асосан, бинобар буридани ҷангалҳо зуд-зуд рӯй медиҳанд. Кӯчонидани аҳолӣ аз минтақаҳои хавфноки экологӣ ба ҷойҳои бехатар бо дастгирии бевоситаи давлат ташкил карда мешавад. Аз ВМКБ, аз ноҳияҳои Ишкошим, Рӯшон, Ванҷ, Дарвоз, Шуғнон ва Рошткалъа дар солҳои 2002 ба ноҳияи Носири Хусрав 101 хонавода кӯчонида шуд. То

имрӯз ҳамагӣ 18 хонавода дар ҷойҳои собиқи сукунат боқӣ мондаанд. Онҳое, ки боқӣ мондаанд ё манбаъҳои дигари даромад доранд ё ки имконияти молиявӣ надоранд, ки ин ҷойҳои сукунатро тарк кунанд. Дар тӯли солҳои охир, асосан, бо сабаби набудани шароит барои ба кори кишоварзӣ машғул шудан дар натиҷаи баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, шӯршавии заминҳо ва шӯршавии обҳои ошомиданӣ ва ғайра, сокинон ҷойҳои сукунатро тарк кардаанд. Мавзеъҳои вайроншуда инчунин ба саломатии онҳо асари муайяне гузоштааст. Баррасии мавзӯи макони сукунат гуфтаҳои сокинони мавзеъҳои мазкурро тасдиқ мекунад. Он 75 хонаводае, ки аз деҳаи Дашти ноҳияи Рошткалъа бо сабабҳои дар боло зикршуда ҷойҳои сукунатро тарк карданд, дар ноҳияҳои мухталифи ҷумҳурӣ маскан гирифтанд. Баъзе хонаводаҳо дар деҳаи Шарораи ноҳияи Ҳисор (аз гуфтаи сокиноне, ки дар ҷойҳои нави сукунат зиндагиро давом медиҳанд), ноҳияи Рӯдакӣ (совхози Ленинград) ва ш. Душанбе сокин гардидаанд, вале ба ватан барнагаштаанд[115].

Мутобиқи нақшаҳои Агентии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати (минбаъд Агентӣ) Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ дар соли 2010 кӯчонидани 53 хонавода аз ВМКБ, 80 хонавода аз вилояти Суғд, 247 хонавода аз вилояти Хатлон ва 195 хонавода аз НТҶ пешбинӣ гардида буд.

Чунонки натиҷаи таҳқиқҳои миқдорӣ нишон дод[116], қатъи назар аз мавҷуд будани намудҳои гуногуни вайроншавии муҳити зист аҳолӣ сукунатро дар он ҷойҳо идома медиҳад. Сабаби асосии дигар накардани макони зист – ин мавҷуд будани муҳоҷири корӣ дар хонавода (тақрибан 55%), хоҳиши тарки ватан надоштан (34,2%) аз як сӯй, набудани захираҳои молиявӣ (8,6%) ва омода будан ба тарки ин ҷойҳои вайроншуда (1,3%) аз сӯйи дигар аст.

Ҳамзамон, бояд ёдовар шавем, ки фосилаи бузурге миёни имконияти молиявӣ ва омодагӣ ба тарки ҷойҳои вайроншуда бо тамоми аҳли хонавода вуҷуд дорад. Нахостани тарки ватан дар НТҶ ва вилояти Хатлон нисбат ба вилояти Суғд бештар ҷой дорад, ки ин пеш аз ҳама, бо мавҷудияти хонаводаҳои бузурги анъанавӣ дар ду минтақаи аввал шарҳ дода мешавад.

---

[115] Муфассалтар ниг,: Khakimov P., Mahmadbekov M. "Environmental change and forced migration scenario in Tajikistan". www.each-for.eu

[116] Khakimov P. Sh., Mahmadbekov M. Sh. Economic dynamics of labour migrant remittances in Tajikistan., IOM Tajikistan, April 2009, www.iom.tj/publicationlhtml

Мувофиқи натиҷаи таҳқиқот дар ноҳияи Носири Хисрав, дар деҳаи Фирӯза-2 ҳам шӯршавии замин, ҳам баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ дида мешаванд ва дар ноҳияи Ҳамадонӣ, дар деҳаи Навобод (ҷойи сукунати муҳоҷирон) ва деҳаи Метантова (ҷойи пешинаи истиқомати муҳоҷирон) – баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ ба мушоҳида расидааст. Сабаби муҳоҷирати иҷбории аҳолии деҳаи Метантова обхезӣ дар натиҷаи аз маҷрои худ берун шудани дарёи Панҷ мебошад, ки бар асари он заминҳои кишт ва хонаҳои сокинон вайрон шуданд.

Кӯчонидани аҳолӣ аз мавзеъҳое, ки зери хатари равандҳои экзогенӣ қарор доранд, дар ҷумҳурӣ амали маъмулӣ гардидааст. Тибқи нақшаи дурнамо кӯчонидани хонаводаҳое, ки зери хавфи экзогенӣ қарор доранд, дар давраи солҳои 2000-2004 дар тамоми ҷумҳурӣ бояд 7664 хонавода[117] дар давраи солҳои 2005-2010 боз 7200 хонаводаи дигар кӯчонида мешуданд[118]. Чунонки аз нақшаи кӯчониш бармеояд, аксари ноҳияҳои ҷумҳурӣ зери таъсири ба вуқӯъ пайвастани ҳодисаҳои экзогенӣ қарор доранд. Қисми бештари кӯчонишҳо бо сабаби ярчҳо ва селҳо, ки бештар ба ноҳияҳои кӯҳистон ва наздикӯҳӣ дар ҷумҳурӣ хос аст ва обхезиҳо – барои ноҳияҳои воқеъ дар маҷрои соҳили дарёи Панҷ, ба амал омадаанд.

«Ярчҳо, асосан, дар ноҳияҳои наздикӯҳӣ дар ҷумҳурӣ (дар водиҳои Ёвону Обикиик ва Данғара, дар баъзе қисматҳои ноҳияи Рӯдакӣ, дар шимоли ҷумҳурӣ ин ҳодисаҳо махсусан дар ноҳияҳои Айнӣ ва Панҷакент) зуд-зуд ба амал меоянд. Дар ин ноҳияҳо ярчи заминҳо ва бодлесшавии шабакаҳои обёрӣ бинобар ковокии хок дида мешавад. Дар ноҳияҳои наздикӯҳии ҷумҳурӣ (меъёри боришот аз 600 то 1500 мм-ранги хок ҷигарӣ) бодлесшавии хок аз об ва зангзании об хеле паҳн гардидааст. Вайроншавии хок аз таъсири бод ё эрозияи бодӣ дар ҷануби ҷумҳурӣ (Шаҳритуз, Қубодиён), дар шимоли ҷумҳурӣ (Конибодом, Ғафуров, Спитамен, Зафаробод), дар шарқи ҷумҳурӣ- дар ноҳияи Мурғоби ВМКБ мушоҳида мегардад. Чунонки натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроӣ нишон медиҳанд, дар ин ноҳияҳо чунин вайроншавии муҳити зист то ҳол сабаби муҳоҷирати аҳолӣ нагардидааст. Оилаҳое, ки дорои муҳоҷирони корӣ ҳастанд, изҳор доштанд, ки сабабҳои иқтисодӣ нисбат ба дигар сабабҳо чунин бартарият доранд.

---

[117] Замимаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 августи соли 1999.
[118] Замимаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005 №99

- муҳоҷирати мустақилона, зеро имкониятҳои молиявии хонаводаҳо маҳдуданд;

- аксари пурсишшудагон дар ҳолати муҳоҷирони эҳтимолӣ қарор доранд ва омодаанд, то дар аввалин фурсати мусоид ҳиҷрат кунанд;

- бо мақсади коҳиш додани оқибатҳои номатлуб, ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ зарур аст, ки барои пешгирӣ аз сурат гирифтани ҷараёнҳои номатлуби муҳоҷират тадбирҳои зарурӣ андешанд;

- асосан вайроншавии муҳити зист, ки дар айни замон сабабгори муҳоҷирати аҳолӣ мешавад, ба офатҳои табиӣ, ба мисли ярчҳо, обхезиҳо, селҳо ва ғайра иртибот дорад. Вале дуруст нахоҳад буд, агар ҳамаи онҳоро ба офатҳои табиӣ нисбат бидиҳем. Чунончӣ, таҳқиқи сифатӣ нишон дод, то дараҷае ҳодисаҳои зуд-зуд рухдиҳандаи ярчҳо аз як сӯй натиҷаи сатҳи пасти фарҳанги экологии аҳолӣ ва истифодаи нодурусти замин бошад, аз сӯйи дигар сохтани манзил дар ҷойҳое, ки сохтмон қатъиян манъбуда мебошад, зеро аз он ҷойҳо селобаҳо мегузаранд (дар даҳанаи рӯдҳои кӯҳӣ);

- фарқ миёни муҳоҷир ва ғайримуҳоҷир вайроншавии манзилгоҳ бар асари офатҳои гуногуни табиӣ барои аввалиҳо дар тафовут ба дуюмиҳо мебошад;

- ошкор карда шудааст, ки муҳоҷирони иҷборӣ дар аксари ҳолатҳо бо ҷойҳои пешинаи истиқомат робитаҳои доимӣ доранд ва дар он ҷойҳо ба корҳои кишоварзӣ машғуланд, ки ин ҳам ҳамчун як манбаи даромади иловагӣ барои ин ханаводаҳо боқӣ мемонад;

- дар миёни муҳоҷирони кӯчонидашуда аз мавзеъҳои вайроншуда вобаста ба ҷойи нави сукунат ва шароити фароҳамгардида ва аз рӯйи дараҷаи қаноатмандии онҳо аз ҷой ва шароит муҳоҷиронро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

Гурӯҳи якум онҳое, ки дар маҷмӯъ аз ҷойи нави сукунат қаноатманданд, гарчӣ мехоҳанд, барои корҳои деҳқонӣ замини бештар ва барои чорво чарогоҳ дошта бошанд. Масалан, кӯчонидашудагон аз деҳаи Шинг ба деҳаи Саразми шаҳри Панҷакент (ин ҷо хавфи ярчу селҳо нест), аз деҳаи Камар (Чорводор) ба деҳаи Маҳмадалӣ Ғаффори ноҳияи Кӯлоб (вале дар тафовут бо аввалиҳо эҳтимолияти обхезӣ боқӣ мемонад, ки метавонад дар оянда сабаби муҳоҷиршавӣ гардад) мисол шуда метавонанд.

Гурӯҳи дуюмро муҳоҷироне ташкил мекунанд, ки аз ҷойи нави зист бинобар набудани об барои обёрии зироат ва номусоидиҳои дигари инфрасохторӣ қаноатманд набошанд ҳам, аз сабаби бадтар будани вазъ дар ҷойҳои пешина, ба бозпас омадан омода нестанд,

вале дар гурӯҳи муҳоҷирони эҳтимолӣ боқӣ мемонанд. Мисоли ин кӯчонидашудагон аз деҳаи Вашанг ба деҳаи Даштикони шаҳри Истаравшан ва деҳаи Даштикон -2 ноҳияи Ғончӣ, аз деҳаи Ревад ба деҳаи Дашти Қозии ноҳияи Айнӣ, аз деҳаи Метантова ба деҳаи Навободи ноҳияи Ҳамадонӣ ва ғайра шуда метавонанд.

Гурӯҳи сеюм онҳое, ки аз як мавзеи вайроншуда ба мавзеи вайроншудаи дигар кӯчонида шудаанд. (Мисол, аз деҳаи Дашти ноҳияи Рошткалъаи ВМКБ ба деҳаҳои Фирӯза-1 ва Фирӯза- 2, ки дар охирин шароити зиндагӣ нисбат ба якумӣ беҳтар аст, гарчӣ нишонаҳои вайроншавии замин ҳамчунон равшан дида мешавад) ва онҳое ,ки ихтиёрӣ ба ин ҷойҳо кӯчонида шуда, ба гурӯҳи муҳоҷирони пештар, баъдан ва ҳоло муҳоҷиршудаю муҳоҷиршавандаи эҳтимолӣ шомил гардиданд (онҳое,ки чун муҳоҷирони ихтиёрӣ аз ноҳияи Шуғнони ВМКБ ва аз шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон ба деҳаи Фирӯза-2 ноҳияи Носири Хусрав кӯчонида шуда буданд) ва ғайра.

- барои аксари муҳоҷирон бинобар вайроншавии муҳити зисташон муҳоҷират кардан ягона роҳи халосӣ аст;

Муҳоҷирати солҳои 1930-1970- иҷборан аз тарафи давлат барои аз худ кардани заминҳои партов кӯчонидашударо таҷрибадор номидан мумкин аст ;

- онҳое, ки дар мавзеъҳои вайроншудаи муҳити зист зиндагиро идома медиҳанд, гарчи нишонаҳои вайроншавӣ ба мисли шӯршавии заминҳо, сатҳи баланди обҳои зеризаминӣ, биёбоншавӣ ва ғайра баръало дида мешавад, вале ҷойи сукунаташонро тарк наменамоянд бо он шарҳ дода мешавад, ки онҳо манбаъҳои дигари даромад доранд ё худ манзили онҳо осеб надидааст, ё ин ки намехоҳанд мавзеъҳои бобоиро тарк кунанд ва ғайра. Ҳангоми набудани омилҳои ҷиддии «маҷбуркунанда» чунин хонаводаҳо аз нигоҳи муҳоҷират ғайрифаъол боқӣ мемонанд, вале ба шумори муҳоҷирони эҳтимолӣ дохил мешаванд;

- гурӯҳи муҳоҷирони эҳтимолие пайдо шудаанд, ки бо муҳити зист пайваста буда, дар муқоиса ба онҳое, ки дар асри XX маҷбуран барои аз худ кардани заминҳои партов кӯчонида шуда буданд, худашон омадаанд ба ҷойҳои дигар кӯч банданд, вале мустақилона имконияти анҷом додани ин корро надоранд ва ба кӯмаки давлат эҳтиёҷ доранд.

- шаҳрвандоне, ки ҷойҳои тарк накардаанд аммо мехоҳанд он ҷойҳоро тарк кунанд, низ мавҷуданд, масалан деҳаи Метантоваи ноҳияи Ҳамадонӣ), гарчи хонахои онҳо аз таъсири ярҷҳо, обхезиҳо, селҳо каму беш осеб дидаанд, аммо онҳо кӯчидан нахостанд. Ин

гурӯҳро ба шумораи муҳоҷирони эҳтимолӣ нисбат додан мумкин аст, чунки обхезиҳо ва тағйирёбии маҷрои дарёи Панҷ, баҳор ва тирамоҳ дар аснои обхезиҳо ба гуфтаи сокинони ин маҳал, то ҳол хавфи такроршавии обхезӣ вуҷуд дорад;

- ғайримуҳоҷироне, ки имкони тарки ҷойҳои хавфнокро доштанд, аммо ин корро накарданд, гарчи ба онҳо чунин имконият фароҳам оварда шуда буд ва аз ҷониби давлат қитъаҳои замин барои сохтмон ва расонидани кӯмак дар сохтани манзил дар ҷойҳои нав фароҳам карда шуда буд, вале онҳо аз ин имкониятҳо истифода накардаанд. Баъзеҳо, ҳатто қитъаҳои заминро фурӯхтанд (мисол, деҳаи Қиблаии ноҳияи Рӯдакӣ). Он гурӯҳҳое, ки умуман фикри кӯчиданро надоранд (хонаҳои онҳо ҳанӯз осеб надидаанд), ба истиснои такрори ҳодисаҳои ярч, ки ба зиндагии онҳо хатар дорад, онҳо, ки ҳамарӯза вайроншавии хонаҳои худро мушоҳида мекунанд, вале ба онҳо ёрии дубора расонида ва қитъаҳои нави замин ҷудо карда намешаванд;

- гурӯҳи дигаре ҳам фарқ карда меистад, ки дар вақташ аз ҷониби давлат кӯчонида шуда, бо хона таъмин карда шуда буданд, вале айни замон мавқеи ноустувор ё калавиданро ишғол менамоянд. (тарзи зиндагии калавандагӣ байни ҷойҳои зодгоҳ ва ҷойҳои нави сукунат ).

**Пешниҳодҳо**

•Дар оянда идома додани таҳқиқҳо бо дарназардошти он маҳдудиятҳое, ки ҳангоми таҳқиқи EACH- FOR мушоҳида гардид, мувофиқи матлаб хоҳад буд. Ба назари мо, дар таҳқиқҳои оянда модулҳои алоҳидаи пурсишномаҳо барои муҳоҷирон ва ғайримуҳоҷирон (сохторӣ ва нимасохторӣ) таҳия ва истифода карда шаванд ва дар онҳо марзҳои байни намудҳои гуногуни вайроншавии муҳити зист дақиқан муайян шуда бошанд.

•Таъсиси комиссияе, ки бояд давра ба давра аз шароити зиндагии кӯчидагон хабар гирад ва мушкилиҳои мавҷударо баррасӣ, дараҷаи иҷрои вазифаҳои мақомоти масъулро арзёбӣ намуда, ба ҳукумат гузориш омода созад.[119] Чунин тартиб дар ниҳояти кор боиси беҳшавии вазъи кӯчидагон ва ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо мегардад.

•Иқтидори Кумитаи ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи гражданӣ (КҲФ) дар кишвар тақвият дода шуда аз кумакҳои ташкилотҳои байналмилалӣ судмандона истифода бурда шавад.

---

[119] Ба ин комиссия бояд инчунин намояндагони худи кӯчидагон ҷиҳати таъмини шаффофияти бештар шомил карда шаванд.

•Ҳангоми кӯчонидани аҳолӣ бояд қонуниятҳои муҳоҷират ба назар гирифта шаванд, яъне аҳолӣ ба ҷойҳое кӯчонида шавад, ки нисбат ба ҷойҳои пешинаи сукунат бамаротиб беҳтар бошанд. Дар он сурат аз хароҷоти беҳудаи маблағҳо ҷилавгирӣ хоҳад шуд .

•Дар амри кӯчониданҳо ба эътибор гирифтани таҷрибаи мусбат ва такрор нашудани таҷрибаи манфӣ зарур аст.

•Далели вайроншавии муҳити зист ва тағйироти иқлим дар Тоҷикистон мушоҳида мешавад (муҳим нест, ки он бар асари гармшавии умумиҷаҳонӣ чун натиҷаи ихроҷи $CO_2$ ё таъсири фаъолшавии офтоб ба амал меояд) ва бо назардошти он тадбирҳо бо мақсади камсозии осори манфӣ ва наҷотёбӣ аз кӯчиши шумораи азими аҳолӣ дар дохили кишвар ва хориҷ аз он, инчунин ҳифзи ҳадди аксари биогуногунӣ ва таъмини ҳамнавоии инсон бо табиат, андешида шавад.

•Зарур аст, ки қувваи вазоратҳо ва муассисаҳои марбута ба беҳсозии сифати замин ва мубориза алайҳи чунин намудҳои вайроншавии муҳити зист: шӯршавӣ, шусташавии хок, биёбоншавӣ, камшавии масоҳати ҷангалзорҳо, баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ, бо мақсади пешгирӣ аз ҷараёнҳои номатлуби муҳоҷират равона карда шавад.

•Зарур аст, ки ҷиҳати беҳсозии вазъи муҳити зист дар ҷойҳои вайроншуда ва пешгирии муҳоҷирати оммавии аҳолӣ тадбирҳои саривақтӣ андешида шаванд, зеро айни замон омилҳои нигоҳдоранда набудани хоҳиши тарки зодгоҳ, надоштани имконияти молиявӣ, мавҷудияти дигар манбаъҳои даромад ба мисли муҳоҷирати кории хориҷӣ ва дохилӣ ва ғайра амал мекунанд.

•Бинобар он ки 60% оби Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон тамаркуз ёфтааст ва чунонки офатҳои охирӣ нишон доданд, онҳо бо об пайвастагӣ доранд, зарур аст, ки маблағҳои бештар ҷиҳати амалӣ кардани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва поксозии маҷроҳо аз регу санг барои пешгирии оқибатҳои манфӣ, инчунин пешгирӣ аз вайроншавии замин бар асари обдиҳии барзиёд, ки сабаби шуста шудани қабати ҳосилхези хок ва баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ мегардад ва дар ниҳояти кор ба вазъи иқтисодии хонаводаҳо ва саломатии онҳо таъсири манфӣ расонида, дар навбати худ чун омили афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ аз ҷойҳои вайроншуда мегардад, тадбирҳо андешида шаванд.

Манбаъ: Маълумоти омори расмӣ ва маълумоти дурнамо

Таҳлили зичии аҳолӣ нишон медиҳад, ки дар соли 1989 ба ҳар як км. кв. 35,6 нафар истиқоматкунанда рост меояд, дар соли 2010 ин нишондиҳанда ба 53,4 нафар ва дар соли 2017 ба як км. кв. 61,8 нафар истиқоматкунанда рост меояд.

Нишондиҳанда оид ба шумораи аҳолии истиқоматкунанда дар ҷумҳурӣ

| р/т | Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
| 1. | Шумораи аҳолии доимӣ (ҳазор нафар) | 7807,2 | 7987,4 | 8161,1 | 8352,0 | 8551,2 | 8700,0 |
| 2. | Шумораи иқоматкунандаҳо ннафар 1 км. кв | 56,0 | 57,2 | 50,4 | 58,6 | 60,0 | 60,5 |

Илова бар ин, таҳлили шароити манзилии аҳолӣ нишон медиҳад, ки ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ ба ҳар нафар 8,7 м.кв. майдони истиқоматӣ рост меояд. Ин нишондиҳанда ба ҳар як нафар сокини аҳолии деҳот дар даҳсолаи охир кам шуда, 6,8 м.кв - ро ташкил медиҳад. Махсусан, ин нишондиҳанда дар вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нисбатан паст буда, мутаносибан 6,4 ва 8,0 м. кв - ро ташкил медиҳад.

То соли 2020 бозори меҳнат аз ҳисоби афзудани пешниҳоди қувваи корӣ ба андозаи сеяк меафзояд. Талабот нисбат ба қувваи корӣ чи гуна хоҳад буд, ба сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоию меҳнатии давлат вобастагӣ дорад.

Мутобиқ набудани дараҷаи афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодӣ бо чунин дараҷаи баланди зиёдшавии аҳолӣ ба нарасидани ҷойҳои корӣ оварда дар ҳалли масъалаҳои ба инкишофи ҷамъият вобаста монеаҳои ҷиддӣ эҷод карданаш аз эҳтимол дур нест.

Дар ин раванд ташкили муҳоҷирати дохилии аҳолӣ барои ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ ва танзими бозори меҳнат, тақсими самараноки қувваҳои корӣ барои истифодаи заминаҳои моддии мавҷуда, метавонад таъсири назаррас дошта бошад. Албатта, он ҳам аз чигунагии банақшагирӣ ва танзими давлатии ин раванд вобаста аст.

# 17. ТАҲЛИЛИ МАСЪАЛАҲОИ ОМОРИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Баҳисобгирии муҳоҷирати аҳолӣ ва таҳлили омории вазъи он, яке аз шаклҳои мушкили ҷамъоварии маълумот дар бораи аҳолӣ мебошад.

Баҳисобгирии рафти муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷӣ аз ҷониби идораҳои гуногун бо татбиқи усулҳои гуногун сурат мегирад.
Дар амалияи ҷаҳонӣ се усули нисбатан паҳншудаи ҷамъоварии маълумоти оморӣ дар бораи муҳоҷират дида мешавад: баҳисобгирии аҳолӣ, таҳқиқоти интихобӣ ва баҳисобгирии ҷорӣ (бақайдгирии шаҳрвандон ва ғайра).

Таъмини иттилоотии оморӣ дар шакли мониторинги ҳаракати рафти муҳоҷират дар асосҳои зайл анҷом дода мешавад:

- баҳисобгирии аҳолӣ, ки яке аз оморҳои дақиқ ба шумор меравад ва ин пурсиши аҳолӣ хеле сермасраф буда, бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ дар 10 сол як маротиба гузаронида мешавад;
- маълумот оид ба раванди муҳоҷират, ки бо роҳи таҳқиқи маҷмуи интихобӣ ба даст омадааст; пурсишҳои иҷтимоӣ, ки аз тарафи пажӯҳишгоҳҳои илмӣ, созмонҳои байналмилалӣ, вазорату идораҳое, ки ба муҳоҷират сару кор доранд;
- маълумот оид ба муҳоҷират ва баргашти муҳоҷирон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути варақаи бақайдгирии муҳоҷират, ки дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ба роҳ монда шудааст ва ҳадафи он муайян намудани теъдоди шаҳрвандони ҶТ мебошад.

Омӯзиши раванди муҳоҷират айни замон ба иттилооти омории хеле васеъ асос ёфтааст. Дар Тоҷикистон сарчашмаҳои гуногуни маълумоти оморӣ дар бораи муҳоҷирати аҳолӣ мавҷуданд. Яке аз сарчашмаҳои асосӣ гузаронидани баҳисобгирии аҳолӣ (бо шумули микробаҳисобгириҳо) ва ҳисобҳои ҷорӣ мебошад. Омори идора низ аҳамияти муҳим дорад. Бо дарназардошти ин, ҳангоми таҳқиқи амиқи масъалаҳои муҳоҷират бояд маълумоти ҳамаи сарчашмаҳо бо расидагӣ ба қиёс ва ҳамоҳангии онҳо истифода бурда шаванд.

Дар низоми сарчашмаҳои асосии иттилоот оид ба муҳоҷират баҳисобгириҳои аҳолӣ мавқеи хоса доранд, ки иборат аз раванди ҷамъ кардани маълумоти демографӣ ва иҷтимоӣ буда, ҳар як истиқоматкунандаи кишвар ё минтақаи алоҳидаро то ба замони муайяни вақт муайян мекунад. Дар маълумоти шумораи дар бораи

аҳолӣ, ки дар натиҷаи баҳисобгирӣ оид ба ҳар як шахс (ҷинс, рӯзи таваллуд, донистани забонҳо, шаҳрвандӣ, миллат, вазъи оиладорӣ, тавсифоти таҳсилотӣ, сарчашмаҳои даромад, шуғл, фаъолияти иқтисодӣ ва ғайра) ба даст оварда мешаванд, маълумот дар бораи муҳоҷират низ дохил карда мешавад.

Маълумот дар бораи муҳоҷират аз рӯйи гурӯҳҳои синнусолии алоҳида, миллат, вазъи оилавӣ, ба даст оварда мешавад. Ғайр аз ин, ҳамаи таҳқиқҳои ҷомеашиносӣ низ ҳамчун як сарчашмаи маълумот дар бораи муҳоҷирати аҳолӣ ба ҳисоб меравaнд. Моҳиятан, таҳқиқҳо метавонанд сегона бошанд; оморӣ, ҷомеашиносӣ ва омехта.

Баҳисобгирии аҳолӣ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мунтазам гузаронида мешуд. Дар аксари ин баҳисобгириҳо ба гирифтани маълумот дар бораи муҳоҷирати аҳолӣ диққати ҷиддӣ дода мешуд. Дар шароити комилан мавҷуд набудани маълумоти дигар доир ба муҳоҷирати аҳолӣ, танҳо баҳисобгириҳо муддати зиёде ҳамчун сарчашмаи ягона ва боэътимод барои ба даст овардани маълумоти оморӣ хидмат мекарданд. Масалан, дар баҳисобгирии аҳолӣ дар солҳои 1937, 1939, 1959 саволҳо дар бораи муҳоҷират бинобар нодида гирифтани нақши муҳоҷират, вазифаю сабабҳои он, инчунин террори оммавӣ ва табъидҳои иҷборӣ шомил нагардида буданд. Аммо дар солҳои баъдӣ зиёд шудани таваҷҷуҳ ба муҳоҷирати аҳолӣ, гирд овардани маълумот доир ба он дар рафти баҳисобгирии аҳолӣ дар солҳои 1970, 1979 ва 1989 зарур гардид.

Равандҳои муҳоҷиратӣ, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон ба амал омаданд, ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар, сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ, хусусиятҳои сифатию миқдорӣ ва сохтори аҳолӣ, вазъи бозори меҳнат, сатҳи шуғлу бекорӣ ва бисёр ҷанбаҳои дигар таъсири амиқе расониданд. Айни замон робитаи мутақобилае низ вуҷуд дорад ва он вобаста аст ба масъалаҳои иқтисодии давраи гузариш ва таъсири он ба тағйири хусусият ва рафти муҳоҷират, ки дар маҷмӯъ ба афзоиши фаъолияти муҳоҷиратии аҳолии Тоҷикистон ва рафтани аҳолӣ ба хориҷи кишвар, зоҳир гардиданд. Барои омӯхтани чунин намудҳои муҳоҷират усулҳои мушоҳидаи гуногуни оморӣ зарур аст, аз ҷумла; баҳисобгирии ҷорӣ, таҳқиқот, пурсишҳо, муқоисаи маълумоти аз сарчашмаҳои гуногуни баҳисобгириҳои бадастомадаи аҳолӣ. Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа аз рӯйи вусъати миқдор ва ҳаҷм аз ҳама намудҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтар аст, зеро болоравии шуғли аҳолӣ, паст шудани сатҳи бекорӣ дар кишвар

ба баланд шудани сатҳи зиндагии мардум мусоидат мекунад. Ҷиҳати мусбии муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа – ин даромадҳои калони иловагии он хонаводаҳоест, ки аз онҳо касе барои «даромад кардан» ба хориҷ рафтааст. Аз як ҷиҳат агар ин ба зиёд шудани даромади умумӣ ва сатҳи баландтари зиндагӣ таъсир расонда бошад, аз сӯйи дигар муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа ба пастшавии дараҷаи шиддатноки дар бозори меҳнат мусоидат менамояд. Бинобар набудани имконияти пайдо кардани ҷойи кор дар Ҷумҳурӣ, муҳоҷирони меҳнати сафи бекоронро зиёдтар намуда, боиси боло рафтани сатҳи умумии бекорӣ мегардиданд.

Солҳои охир на танҳо ҳаҷми муҳоҷирати меҳнатӣ меафзояд, балки самтҳои он низ дигар мешаванд. Аз ин рӯ, мушоҳидаҳои омории доимӣ дар баробари ин падида заруранд, зеро ин падида ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҳам кишварҳои ҷалбкунандаи қувваи корӣ ва ҳам кишварҳои интиқолдиҳандаи қувваи корӣ таъсир мерасонад. Вале методологияи баҳисобгирии ин намуди муҳоҷират ҳанӯз то ба охир такмил наёфтааст.

Мутобиқи муқаррароти қарори Ҳукумати ҶТ оид ба бақайдгирии муҳоҷирати шаҳрвандони ҶТ ба хориҷи кишвар ва бозгашт аз хориҷа (дар таҳрири қарори Ҳукумати ҶТ аз 31.10.2009, №622, аз 1.08.2011, №383, аз 07.08.2014, №532, аз 02.07.2015, №477) вазифаи бақайдгирии рафтуомади муҳоҷирони меҳнатӣ аз дигар давлатҳо ба зиммаи Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти ҶТ, Раёсати қушунҳои сарҳадӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ гузошта шудааст.

Корти муҳоҷиратии Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ-ро низ дар фурудгоҳҳо ва истгоҳҳои роҳи оҳан, пеш аз гузаштан аз тафтиши гумрукӣ дастрас намудан мумкин аст. Корти муҳоҷиратии Федератсияи Россия -ро дар фурудгоҳҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан ё дар нуқтаи гузариш тавассути мақомоти сарҳадӣ дастрас намудан мумкин мебошад. Дар як қатор фурудгоҳҳои ФР системаи иттилоотии электронӣ ворид карда шудааст. Он имкон медиҳад, ки корти муҳоҷирӣ ба таври автоматӣ дар кабинети назорати шиносномаҳо пур карда шавад.

Дар робита бо ин, дар мадди аввал эътимоднокии сарчашмаҳои оморӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ меистанд, ки ҳангоми ташаккули сиёсати муҳоҷират истифода бурда мешаванд.

Таҳлили низоми ҷамъоварии маълумот дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки чунин мушкилот дар ин соҳа вуҷуд дорад:

- Бaҳисобгирии нопурраи муҳоҷирони меҳнатӣ. Дар гузаргоҳҳо пур кардани корти муҳоҷиратӣ хосияти ихтиёриро дорад, на балки маҷбурӣ
- Набудани ҳамоҳангӣ байни Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ ва Хадамоти сарҳадии КДАМ ҶТ
- набудани низоми автоматии коркарди маълумот;
- набудани низоми ягонаи бақайдгирии муҳоҷирони меҳнатӣ;
- набудани махзани ягонаи маълумотҳо;
- набудани таҷҳизоти ҳозиразамон дар нуқтаҳои назоратӣ;
- набудани ҷойҳои махсус барои кормандони Хадамоти муҳоҷират дар нуқтаҳои назоратӣ

Намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба таҳлили пурраи муҳоҷирати меҳнатӣ ба дигар давлатҳо мушкилӣ мекашанд, ки ин барои қабули қарорҳои идоравӣ дар соҳаи муҳоҷират имкон намедиҳад. Айни замон дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама лозим аст, ки бақайдгирии муҳоҷирати меҳнатӣ ба тартиб даровардa шавад. Барои ин махзани ягонаи маълумотҳо бояд ташкил ва такмил ёбад.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки идоракунии раванди муҳоҷират дар кишварамон сол то сол такмил ёфта истодааст. Вале, бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҳам масъалаҳое боқӣ мондаанд, ки бояд ҳалли худро ёбанд.

Намудҳои гуногуни муҳоҷират, ҳамдигаривазкунии онҳо, тағйир ёфтани мақоми муҳоҷирон, нияти онҳо ва ғайра барои вуҷуд доштани низоми ягонаи универсалии бақайдгирӣ имкон намедиҳад. Айни замон мавҷудияти ҳамзамон якчанд системаи бақайдгирӣ асоснок аст, чунки ин имкон медиҳад, ки категорияҳои алоҳидаи муҳоҷирон ба қайд гирифта шаванд. Бо нигоҳ доштани шаффофияти системаҳо ва инчунин принсипҳои фаҳмои амали онҳо, имконият ба вуҷуд меояд, ки маълумотҳои дар доираи ҳар яки онҳо ҷамъовардашуда таҳлил карда шаванд.

Бaҳисобгирии муҳоҷирати меҳнатиро ба мисли муҳоҷирони дар дигар намудҳои муҳоҷират ширкатдошта, тавассути методҳои дигари гуногуни оморӣ амалӣ кардан мумкин аст. Аз соли 2000 дар Тоҷикистон чун дар кишварҳои ИДМ, ҳисоботи омориро нисбат ба шаҳрвандоне, ки барои кори пардохтшаванда ба хориҷи кишвар сафар мекунанд, ба роҳ мондаанд.

Ҳисоботи оморӣ аз рафти муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа ҳар нимсола аз ҷониби Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Ба варақаҳои мушоҳидаи оморӣ аз рафти муҳоҷирати меҳнатӣ нишондиҳандаҳои зерин: ҳайати ҷинсию синнусолӣ, сатҳи таҳсилоту ихтисос, тарафи пазиранда (барои шаҳрвандони ҶТ) ва кишвари таркшуда (барои шаҳрвандони хориҷӣ дар ҶТ), шакли ҷалбшавӣ, ба кор таъмин шудан ва масъалаҳои дигар шомил карда шудаанд.

# 18. МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ БА ХОРИҶА

Муҳоҷирати аҳолӣ, алалхусус муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷаҳони имрӯза ба яке аз масъалаҳои глобалии ҷомеаи ҷаҳонӣ мубаддал гаштааст. Мутобиқи ахбороти Созмони Милали Муттаҳид коршиносони ин созмон, то соли 2050 шумораи муҳоҷирон дар ҷаҳон ба 405 млн. нафар хоҳад расид. Мутобиқи дурнамои Созмони Милали Муттаҳид, коршиносон бо сабабҳои нооромиҳои дохилӣ ва байнидавлатӣ дар кишварҳои Шарқи Наздик ва офатҳои табиӣ таъкид намуданд, ки дар давоми даҳсолаҳои наздик теъдоди муҳоҷирон дар ҷаҳон то 1 млрд, нафар афзоиш меёбад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи имрӯзаи тараққиёти худ, ҳамчун давлати дорои сатҳи баланди муҳоҷират арзёбӣ гаштааст. Тоҷикистон на танҳо иштирокчии фаъоли раванди муҳоҷирати меҳнатии беруна ва давлати интиқолдиҳандаи қувваи корӣ, балки ҳамчун давлати фаъоли қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнати аз кишварҳои гуногуни ҷаҳон дар арсаи байналмилалӣ шинохта шудааст.

Соли 2001 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи коргарони муҳоҷир ва аъзои оилаҳои онҳо, ки аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид моҳи декабри соли 1990 қабул гардида буд, ба тасвиб расонид. Кишвар созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии коргарони муҳоҷир дар ИМА, инчунин ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонуниро ба имзо расонд. Заминаи қонунгузорӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ дар моддаи 24-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ки ҳуқуқи шаҳрвандонро ба ҳаракати озод ва интихоби ҷойи истиқомат, роҳи берун рафтан аз кишвар ва бозгашт ба онро муқарар мекунад. Чаҳорчӯбаи умумии қоидаҳои муҳоҷират аз ҷониби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муҳоҷират», ки дар соли 1999 тасдиқ карда шуда, соли 2010 ва 2018 ба он иловаҳо ворид карда шуданд, таъмин карда мешавад.

Аз соли 2000 инҷониб Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳои сиёсиро барои танзими муҳоҷирати меҳнатӣ татбиқ карда истодааст. Ин тадбирҳо асосан дар баррасӣ ва такмили заминаҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ, таҳкими низоми мониторинги муҳоҷират ва рушди омӯзишҳои касбӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ таҷассум мегарданд. Бо вуҷуди ин, бозори меҳнат дар кишвар то ҳол тавассусти тавсеаи бемайлони шуғли ғайрирасмӣ ифода меёбад. Яке аз сабабҳои сатҳи

маълумотнокии пасти муҳоҷирон дар бораи қонунгузорӣ ва имкониятҳои шуғл мебошад (масалан, квота барои қувваи кории хориҷӣ дар Россия), ки он бо гирифтани иҷозати кор ва бақайдгирӣ тавассути миёнаравҳо ва бо арзиши балантар анҷом меёбад (СБМ соли 2015).

Дар давоми солҳои 2000-2019 сиёсати муҳоҷирати давлатӣ асосан ба мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ тавассути ташаккули асосҳои ҳуқуқӣ ва механизмҳои иқтисодӣ барои ҳамоҳангсозии раванди муҳоҷират нигаронида шуда буд. Соли 2002 Барнома оид ба муҳоҷирати хориҷии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2005 қабул шуда буд. Соли 2004 қарори Ҳукумати ҶТ оид ба «Механизми назорати муҳоҷират», инчунин марҳилаи навбатии «Барномаи миллии муҳоҷирати хориҷӣ барои солҳои 2006-2010» қабул карда шуд. Бо назардошти он, ки Россия кишвари асосии қабулкунанда аст, соли 2004 Созишнома «Оид ба ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва шаҳрвандони Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин Барномаи ҳамкорӣ дар мубодилаи меҳнат аз ҷониби ҳукуматҳои Тоҷикистон ва Россия ба имзо расиданд. Дар доираи ин созишномаҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини қувваи кории дорои сатҳи муайяни ихтисоси мавриди талаби бозори меҳнати Россияро кафолат медиҳад, Дар навбати худ маъмуриятҳои вилоятҳои Россия созишномаҳои шартномавии меҳнатӣ, суғуртаи иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқи онҳо ва таъмини шароити мусоиди зист ва корро кафолат медиҳанд (Ҷонз ва Блек, с.2007).

Як гурӯҳи кории муштарак барои ҳалли масоили марбут ба татбиқи Созишномаи мазкур созмон дода шуд, ки вохӯриҳои мунтазамро доир ба ин мавзуъ ташкил мекунад. Дар соли 2012, кишварҳо «Ёддошти тафоҳум оид ба тасмимҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ҷиҳати рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷират»-ро ба имзо расониданд. Дар асоси Ёддошти тафоҳум ва дар натиҷаи кори муштарак ду санади муҳим ба имзо расид, ки аз тарафи парлумонҳои кишварҳо ба тавсиб расидааст, ин санад зиёд намудани муҳлати бақайдгирии муҳоҷиронро то 15 рӯз ва муҳлати бақайдгирии кориро то ба 3 сол иҷозат медиҳад. Ин санадҳо шароити истиқомат ва бо кор таъмин намудани муҳоҷирони меҳнатӣ-шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Федератсияи Россияро беҳтар намуданд. Қобили зикр аст, ки масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ мунтазам дар доираи

Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Ҳамаи созишномаҳои дуҷонибаи дар боло зикршуда, барои ба расмият даровардани мақоми муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишвари қабулкунанда ва ба таъмини пешниҳоди шуғлу кафолати иҷтимоӣ равона карда шудаанд, қабули онҳо бо сабаби ҳолатҳои шадиди сӯиистифода ва вайронкунии ҳуқуқи гузоришшудаи муҳоҷирон дар Россия зарур шуданд. Барои ба таври дақиқ амалӣ кардани қарорҳои ҳукуматӣ, иттиҳодияи диаспораҳои мухталифи Тоҷикистон дар Россия барои расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба муҳоҷирони тоҷик дар асоси ихтиёрӣ, хайрхоҳона ё тиҷоратӣ таъсис дода шуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Беларус созишнома оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба имзо расонид. Бинобар ин, Ҳукумат барои ҳалли масоили марбут ба муҳоҷират таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Беш аз 10 сол мешавад, ки Созишномаи байниҳукуматии дуҷониба оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои коргарони муҳоҷир, инчунин алоқаҳо дар сатҳи байниидоравӣ, байниҳукуматӣ, байнипарлумонӣ ва байниминтақавӣ амал мекунад.

Айни замон 4 лоиҳаи Созишномаҳои байни Ҳукумати Федератсияи Россия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷират, оид ба реадмиссия ва дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ (нафақаи суғуртавӣ) мавриди баррасии тарафҳо қарор доранд.

Инчунин, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси то 30 рӯз озод намудани шаҳрвандони тарафҳо аз бақайдгузорӣ дар қаламрави якдигар ва тамдиди муҳлати бақайдгузорӣ то 90 рӯз, ба имзо расид.

Соли 2011 « Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» барои мусоидат ба татбиқи «Стратегияи миллии рушд (СМР)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» қабул гардид. Ҳадафҳои асосии Стратегияи миллӣ на танҳо назорати равандҳои муҳоҷират, балки инчунин баланд бардоштани сатҳи малака ва иқтидори муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути омӯзишҳои касбӣ пеш аз сафар кардан аз кишвар ва баланд бардоштани сатҳи фаҳмиши нақши онҳо дар равандҳои рушди давлати аслиро пешбинӣ

менамоянд. Вале, ягон механизми равшан ва қолиб ҷиҳати ҳавасманд кардани бозгашти муҳоҷирони баландихтисос ба хона, афзалият додан ба ҳамгироии нави онҳо ба сатҳи мувофиқи бозори меҳнат ва фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорӣ ва пасандозҳо (интиқоли маблағҳо) ба таври устувор вуҷуд надорад (СБМ, с.2010).

Бо вуҷуди ин, мисолҳо гоҳ-гоҳ пайдошаванда мебошанд. Аз як тараф, ташкили омӯзишҳои мунтазами касбӣ маблағ талаб мекунанд, дар ҳоле, ки аз тарафи дигар, омӯзиш маҷбурӣ нест ва аксари муҳоҷирон мустақилона сафар карданро бе фарогирии омӯзиш пеш аз сафар интихоб мекунанд. Ҳамаи Созишномаҳои дуҷонибаи дар боло зикршуда барои ба расмият даровардани мақоми муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои қабулкунанда ва таъмини пешниҳоди шуғл ва кафолати иҷтимоӣ равона карда шудаанд. Онҳо бо сабаби ҳолатҳои шадиди сӯиистифода ва вайронкунии ҳуқуқи гузоришшудаи муҳоҷирон дар Россия зарур шуданд. Барои ба таври дақиқ амалӣ кардани қарорҳои ҳукуматӣ, иттиҳодияи диаспораҳои гуногуни Тоҷикистон дар Россия барои расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба муҳоҷирони тоҷик дар асоси ихтиёрӣ, хайрхоҳона ё тиҷоратӣ таъсис дода шудаанд.

Дар ин замина бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти муҳоҷират ва сохторҳои он дар ҳамаи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии дар ФР оид ба масъалаҳои муҳоҷират таъсис дода шуданд. Ҳамчунин, муассисаҳои соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба тобеияти вазорат дода шудаанд, ки фаъолияти онҳо низ ба касбомӯзии муҳоҷирони меҳнатӣ ва забономӯзии онҳо нигаронида шудааст. Солҳои охир бо мақсади батанзимдарории муҳоҷирати меҳнатӣ дар Федератсияи Россия дар қонунгузории ин кишвар нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ, аз ҷумла, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳудуди ин давлат фаъолияти муваққатии меҳнатӣ менамоянд, як қатор талаботи нав ҷорӣ гардид. Бояд зикр намуд, ки дар ин муддат қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2015, №107 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Консепсия дар бораи ҷалби ҳамватанони бурунмарзӣ ҳамчун шарикони рушди кишвар барои солҳои 2015 - 2020» қабул гардид, ки дар он самтҳои ҳамкорӣ бо ҳамватанон ва тоҷикони бурунмарзӣ ва механизми татбиқи Консепсия дар бораи ҷалби ҳамватанони бурунмарзӣ ҳамчун шарикони рушд барои давраи навбатӣ пурра дарҷ гардида, иқтидору ҳавасмандии диаспораҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятии ҳамватанони бурунмарзӣ дар хориҷи кишвар ба инобат гирифта шудаанд.

Дар Федератсияи Россия 81 ташкилотҳои ҷамъиятӣ, марказҳои фарҳангӣ ва диаспораҳои тоҷикон ба таври расмӣ фаъолият доранд ва

Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо ҳамкориҳои судманд ва робитаҳои устувор дорад.

Ҳамзамон, 2 ташкилоти ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Украина, 2 ташкилоти ҷамъиятии тоҷикон дар Ҷумҳурии Қирғизистон, 1 диаспора ва 7 маркази фарҳангии тоҷикон дар Ҷумҳурии Қазоқистон фаъолият доранд. Тайи солҳои охир, бо мақсади ба танзим овардани масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар Федератсияи Россия, ба қонунгузории ин кишвар дар сохаи муҳоҷират ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ, тағйиру иловаҳои зиёд ворид карда шуданд ва аз ин лиҳоз, қисми зиёди шаҳрвандони хориҷӣ, аз ҷумла, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар сис-темаи таҳлилии дар Сараёсати кор оид ба масъалаҳои муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия ҳамчун мам-нӯъшудагон дарҷ гардидаанд.

Танзими масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор рафта, зери таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Соли 2018 аз ҷумҳурӣ 484 176 нафар шаҳрвандони кишварамон ба хориҷи кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар намуда, аз инҳо 419 664 нафарашон мардҳо ва 64 513 нафарро занон ташкил медиҳанд.

Дар ин муддат 463 490 нафар муҳоҷирони меҳнатии кишва-рамон ба Федератсияи Россия ва 13 586 нафар ба Ҷумҳурии Қазоқистон сафар кардаанд.

Дар ин давра аз хориҷи кишвар 424 490 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ба Ватан бозгаштанд, ки аз ин 352 245 нафарро мардҳо ва 72 245 нафарро занон ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -11 830 нафар ё ин ки 3% фоиз камтар шудааст.




Натиҷаҳои таҳқиқоти қувваи корӣ дар солҳои 2009 ва 2016 коҳиши ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатии дорои таҳсилоти касбиро (олӣ, миёна ва

ибтидоӣ) аз 26,44% то 15,1% ва зиёд шудани ҳиссаи шаҳрвандони Тоҷикистонро аз 73,6% то 84,9% нишон медиҳанд, ки онҳо барои ҷустуҷӯи кор бидуни омодагии касбӣ ба хориҷ сафар кардаанд. Сатҳи таҳсилоти муҳоҷирони меҳнатӣ дар байни минтақаҳо фарқияти зиёд дорад. Мутобиқи маълумоти Таҳқиқи қувваи корӣ-2016, дар байни муҳоҷирони меҳнатии вилояти Хатлон сатҳи пасттарини омодагии касбӣ буд, танҳо 6,9% онҳое, ки ба хориҷ барои кор рафтаанд, таҳсилоти олӣ, миёна ё ибтидоии касбӣ доштанд . Бояд диққат дод, ки бештар аз се ҳиссаи ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ (35,6%) сокинони вилояти Хатлон буданд. Ҳамчунин, вазни хоси муҳоҷирони меҳнатӣ аз вилояти Суғд (37,2%) ва НТМ (25,5%) баланд аст. Ҳиссаи камтарин аз ВМКБ (1.0%) ва шаҳри Душанбе (0.7%) аз шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон буд[120].

**Ҷадвали 3. Сатҳи таҳсилоти муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон, Таҳқиқи қувваи корӣ-2016**

| | Ҳазор нафар | % | ВМКБ | Суғд | Хатлон | Душанбе | НТМ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бо таҳсилоти касбӣ | ***83,6*** | 15,1% | 27,6% | 21,3% | 6,9% | 31,8% | 16,2% |
| Бидуни таҳсилоти касбӣ | ***470,3*** | 84,9% | 72,4% | 78,7% | 93,1% | 68,2% | 83,8% |
| ***Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳазор нафар*** | ***553,9*** | | ***5,7*** | ***206,0*** | ***197,3*** | ***3,8*** | ***141,2*** |
| Тақсими муҳоҷирони меҳнатӣ аз рӯи минтақаҳо | | 100% | 1,0% | 37,2% | 35,6% | 0,7% | 25,5% |

Бояд зикр кард, ки дар ин давра, дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ коҳиши ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбӣ – олӣ, миёна ва ибтидоӣ мушоҳида шудааст. Агар сатҳи таҳсилоти миёнаи касбӣ аз 6,0% дар соли 2009 то 5,6% дар соли 2016 паст шуда бошад, сатҳи таҳсилоти ибтидоӣ аз 8,2% то 2,8% коҳиш ёфтааст

Бояд қайд намуд, ки солҳои охир таъсиси ҷойҳои корӣ ва рушди бозори меҳнати дохилӣ афзалият пайдо карда, шиддати муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони кишварамон ба хориҷ тадриҷан коҳиш ёфта истодааст.

Омили асосии коҳиш ёфтани теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа-ин вазъи иқтисодии Федератсияи Россия, коҳишёбии арзиши рубли Россия нисбат ба доллари амрикоӣ, навовариҳо дар

[120] Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. натиҷаҳои таҳқиқоти қувваи корӣ , ки аз 20 июл то 20 августи соли 2016 гузаронида шуда.

конунунгузории Федератсияи Россия дар самти муҳоҷират ва афзоиши хароҷот барои расмикунонии фаъолияти меҳнатӣ дар ин давлат мебошад.

Солҳои охир бо мақсади батанзимдарории муҳоҷирати меҳнатӣ дар Федератсияи Россия, дар қонунгузории ин кишвар нисбат ба шаҳрвандони хориҷие, ки дар ҳудуди ин давлат фаъолияти муваққатии меҳнатӣ доранд, як қатор талаботи нав ҷорӣ гардид. Ин омил боиси рух додани ҳолатҳои зиёди ҳуқуқвайронкуниҳо дар ин кишвар гардидааст. Бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи ҷорӣ барои таъмини аҳолии қобили меҳнат бо кор қодир нест. Пас барои истифодаи нерӯи худ аҳолии қобили меҳнат ба бозори меҳнати байналмилалӣ рӯ меорад. Тибқи маълумоти таҳлилии мо, сабаби дигари асосии тақвияти муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро муайян кардем, ки он сатҳи пасти музди меҳнат дар бозори меҳнати дохилӣ нисбат ба бозори меҳнати хориҷӣ мебошад.

## 19. ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲОИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳаёти ҷумҳурии мо нақши ниҳоят муҳиму ҳалкунандаро мебозад. Қисми зиёди захираҳои меҳнатии Тоҷикистон дар ҷустуҷӯи кори мувофиқ ба кишварҳои хориҷ сафар мекунанд. Сатҳи баландтари музди меҳнат дар он кишварҳо имкон медиҳад, ки шаҳрвандони Тоҷикистон маблағи муайяни бадастомадаро ба ватан интиқол диҳанд.

Дар бораи он, ки то чӣ андоза муҳоҷирати меҳнатӣ барои Тоҷикистон муҳим аст, ҳиссаи интиқолҳои пулӣ аз муҳоҷирон ба ММД воридшуда дар соли 2013 тибқи арзёбии Бонки ҷаҳонӣ 50%- и ММД -ро ташкил дод ва соли 2017 бошад 35% ММД-и мамлакатро ташкил намуд, шаҳодат медиҳад.[121] Федератсияи Россия самти асосии муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон мебошад, ки беш аз 90%-и муҳоҷирони меҳнатии тоҷикро дар бар мегирад. Қисми дигари муҳоҷирони меҳнатӣ ба Қазоқистон ва дигар кишварҳо мераванд. Интихоби ин кишварҳо ҳамчун ҷои кор ба якчанд омилҳо асос ёфтааст, ба монанди: музди меҳнати бештар нисбат ба оне, ки дар кишвар пешниҳод карда мешавад, давраи собиқи Шӯравӣ, ки мутобиқшавиро ба муҳити Россия осонтар мекунад ва мавҷудияти ҷомеаи тоҷикон, ки дорои муносибатҳои барқароркарда мебошанд. Дар Тоҷикистон муҳоҷират динамикаи мавсимӣ дорад. Фаслҳои баҳор ва тобистон ҳамчун давраи авҷи сафари муҳоҷирон ва бозгашти аксари онҳо ба ватан дар охири сол ба шумор меравад. Ин сатҳи баланди сафари муҳоҷирони меҳнатӣ, воқеан бо воридоти интиқоли маблағҳо мутобиқат дорад (Вазорати рушди иқтисод ва савдо, с. 2013).

Муҳоҷират инчунин падидаи зиёд шудаистодаи омилҳои гендериро ба ҳисобгиранда дар Тоҷикистон мебошад. Мардон шумораи зиёди муҳоҷиронро ташкил медиҳанд, гарчанд ки тайи солҳои охир шумораи занони аз марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати муҳоҷирони меҳнатӣ сафаркунанда аз 11,8% дар соли 2010 то 13%-и теъдоди умумии муҳоҷиронро дар соли 2017 ташкил додааст (маълумоти дохилӣ аз Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ). Чун анъана, дар Тоҷикистон занон барои нигоҳубини оила масъул буда, берун аз хона кор намекунанд, ғайр аз маблағҳои бадастовардаи шавҳаронашон дигар манбаи даромад надоранд. Ҳангоми набудани шавҳаронашон, занон одатан бо оилаи шавҳари худ зиндагӣ мекунанд

---
[121] Манбаъ. Намояндагии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон.

\

ва аксаран метавонанд интиқоли маблағи фиристодаи шавҳаронашонро, ки дар хориҷи кишвар кор мекунанд, талаб намоянд (САҲА, с. 2012).[122]

Сафар кардан ба мақсади муҳоҷират дар солҳои охир то соли 2014 тамоюли зиёдшавӣ дошт, ҳангоме ки шумораи муҳоҷирон ба таври назаррас тақрибан 11 % дар соли 2015 ва 13% дар муқоиса ба соли 2013 кам шуда буд. Сабаби ин сустшавӣ дар кишварҳои қабулкунанда дар натиҷаи ихтисори ҷойҳои корӣ бухрони иқтисодӣ мебошад.

Дар асоси кортҳои муҳоҷиратии пуркардашуда, ба ҳолати 30.12.2018, 555 714 нафар шаҳрвандон аз кишвар берун рафтаанд, ки аз онҳо 484 176 нафарашон муҳоҷирони меҳнатӣ, аз ҷумла (419 664 нафар мардҳо, 64 512 нафарашон занонанд). Дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ 3 581 нафар камтар (коҳиш ба андозаи 1%) буд. Боиси зикр аст, ки аз шумораи умумии муҳоҷирон 463 252 нафар ба Федератсияи Россия ва 13 586 нафар ба Ҷумҳурии Қазоқистон сафар кардаанд. Ҳамзамон, 490 217 нафар муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ватан баргаштаанд, ки 3013 нафар (ё 7%) аз ҳамин давраи соли гузашта бештар мебошад.

Тақрибан 89%-и муҳоҷирони меҳнатӣ мунтазам ба хешовандон ва хонаводаҳои худ дар Тоҷикистон маблағ равон мекунанд (СБМ, с. 2010). Аксарияти оилаҳо ҳадди ақал ҳар 3 моҳ интиқоли маблағ қабул мекунанд. Маълумоти ҷамъоваришуда собит месозад, ки давомнокии муҳоҷират ҳар қадар дароз бошад, эҳтимолияти равон кардани маблағ аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамон қадар зиёд мешавад (Керн Ҷ. Магаллон Д, с. 2014).

Баъд аз соли 2013 асосан бо сабаби коҳиши суръати рушди иқтисодӣ дар Россия ва қатъитар шудани сиёсати назорати муҳоҷират, ҷараёни муҳоҷират ва сатҳи интиқоли маблағҳои ба ватан фиристодашаванда поён рафтааст. Муқоисаи афзоиши ММД-и Тоҷикистон ва Россия дар муқобили ҳаҷми интиқоли маблағҳо аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатии тоҷик нишон медиҳад, ки ҳар сеи ин омилҳо бо ҳам вобастагӣ доранд (расми 1). Айни замон тағйиротҳо дар интиқоли маблағҳо ба тағйиротҳо дар ММД-и солона дар Тоҷикистон ва Федератсияи Россия мувофиқат мекунанд. Баландтарин вобастагии иқтисодиёти Тоҷикистон дар 2014-2015, вақте ки

[122] Жанна Бабагалиева. Абдулҳамид Қаюмов. Нурулло Маҳмадуллозода

рукуди иқтисодӣ дар Россия ба рушди кишвари қабулкунанда таъсир расонид, мушоҳида карда шудааст. Дар ин ду сол рушди иқтисодии Тоҷикистон аз 7,4% то 6.0% дар муқоиса ба соли 2013 бо пастшавии назаррас ба андозаи 30% дар арзиши интиқоли маблағҳо асосан бо сабаби таназзули иқтисодӣ дар Россия ва бекурбшавии рубли русӣ поён рафтааст.




Коҳиши интиқоли маблағ аз нигоҳи доллари ИМА дар соли 2017 бо сабаби кам шудани даромади муҳоҷирони меҳнатӣ бо доллари ИМА вобаста буд, дар навбати худ он ба коҳишёбии қурби рубли Россия ва камшавии шумораи муҳоҷирон (асосан ихроҷшудагон, ки бароящон сафар ба Россия манъ карда шудааст) иртибот дошт. Камшавии даромади муҳоҷирон ва гирандагони интиқоли маблағҳо боиси камшавии талаботи умумӣ гардид, ки натиҷаи камшавии интиқоли маблағҳо мебошад. Назар ба маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон маблағи умумии интиқоли пулии қабулшуда дар Тоҷикистон дар соли 2013 зиёда аз 4 миллиард доллари ИМА буд ва ин интиқолҳо дар 10 соли охир муҳаррики асосии рушди иқтисодӣ, сарчашмаи муҳими даромад буданд ва ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ таъсири назаррас доштанд. Афзоиши ММД дар посух ба кам гардидани воридоти интиқоли маблағҳо ба таври назаррас суст шуд. Аз рӯи натиҷаҳои соли 2016 ҳаҷми интиқоли маблағҳо нисбат ба соли 2015 аз 1,2 миллиард доллари ИМА ба 1,9 миллиард доллар ИМА зиёд

шудааст. Чунин афзоиши назарраси интиқоли маблағҳо, шояд ба болоравии нархи нафт дар бозори ҷаҳонӣ, ашёи хоми асосии содиротии Федератсияи Россия ва инчунин натиҷаи таҳкими иқтисоди ФР алоқаманд бошад. Ин тамоюл бори дигар вобастагии иқтисодиёти Тоҷикистонро аз омилҳои берунӣ, аз ҷумла, вазъи иқтисодӣ дар ФР тасдиқ мекунад.

Бино ба таҳқиқоти Созмони Байналмилалии Меҳнат (с. 2010), аксарияти муҳоҷирон (87%) интиқоли маблағҳояшонро тавассути воситаҳои расмӣ - бонкҳо ва операторони интиқоли маблағ (ОИМ), 12% тавассути дӯстон ё шахсони дигар, ки ба Тоҷикистон сафар мекарданд ва 1 %-и муҳоҷирон шахсан ҳангоми бозгашт ба хона ҳамроҳи худ овардаанд, амалӣ гардидааст. Аслан, қисми бештари ин маблағҳо тавассути ОИМ-ҳо, ки дар бонкҳо нуқтаҳои хизматрасонӣ доранд, равон карда шудаанд, на аз тариқи интиқоли аз ҳисоб-ба-ҳисоб (СБМ, с. 2010). Дар асоси маълумоти Бонки ҷаҳонӣ аз соли 2014, 90%-и ҳамаи амалиётҳои интиқоли маблағ аз Россия анҷом дода шудаанд. Бино ба маълумотҳои Бонки марказии Федератсияи Россия, дар соли 2014 3,83 миллиард доллари ИМА ба Тоҷикистон аз Россия тавассути ОИМ-ҳо равон карда шудааст (Попов, с. 2015). Бо вуҷуди ин, дар соли 2016 Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тартиби амалиёти асъорӣ тағйирот ҷорӣ кард, ки дар он гуфта мешавад, маблағҳои интиқолдодашуда танҳо бо асъори миллӣ, яъне сомонӣ дода мешаванд. Қурби асъор ба манфиати қабулкунандагон нест, ин дар навбати худ истифодаи интиқоли расмии бонкиро коҳиш медиҳад. Мусоҳиба бо пурсишшудагони асосӣ нишон медиҳад, ки муҳоҷирони меҳнатӣ фиристодани пули нақдро ба таври васеъ тавассути дӯстон ва хешовандоне, ки ба Тоҷикистон бармегарданд, амалӣ мекунанд. Бо назардошти ҳаҷми интиқоли маблағҳои фиристодашуда ва сатҳи баланди фасод, ин амали бехатар нест, зеро интиқоли маблағҳо метавонад ба истифодабарандагони ниҳоӣ сари вақт ё дар ҳаҷми пурра омада нарасад.

Интиқоли пулӣ яке аз воситаҳои муҳиме мебошад, ки тавассути он таназзули иқтисодии Россия ба иқтисодиёти Тоҷикистон таъсир мерасонад. Таназзули иқтисодӣ дар Федератсияи Россия боиси коҳиши талабот ба қувваи кории хориҷӣ мегардад. Ҳатто дар сурати коҳиш наёфтан, талабот ба қувваи корӣ дар ФР ва тағйир наёфтани шумораи муҳоҷирони тоҷик аз ҳисоби рондашавӣ (депортатсия) аз ФР интиқоли пулии муҳоҷирон дар шароити доллари ИМА нисбат ба соли 2013 коҳад ёфт. Масалан, дар ҳолате, ки шумораи муҳоҷирони

меҳнатӣ дар соли 2013, 800 ҳазор буд ва аз ҷониби онҳо 4 миллиард $. (ё 120 млрд. рублро бо қурби 1долл = 30 рубли русӣ) интиқол гардида буд, ба ҳисоби миёна 4 ҳазор доллар ба як муҳоҷир рост меояд. Айни замон 1 долл. ИМА ба 67 рубл баробар аст.

Коҳишёбии интиқоли маблағҳо бо доллари. ИМА нисбат ба солҳои гузашта бо сабаби коҳиши даромади муҳоҷирон бо доллари ИМА, паст шудани қурби асъори миллии россия ва камшавии шумораи муҳоҷирон (аз ҳисоби рондашудагон ва шахсоне, ки воридшавиашон ба ФР манъ карда шудааст) ба рушди иқтисодиёти кишвар таъсир мерасонад, ки дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои пештара пасттар хоҳад шуд. Камшавии даромади муҳоҷирон ва равиши интиқоли маблағҳо ба коҳиш дар талаботи умумӣ оварда мерасонад. Ин натиҷаи иқтисодии таъсири паст шудани интиқоли маблағҳо мебошад.

Оид ба чӣ қадар мавқеи муҳим доштани муҳоҷирати меҳнатиро далелҳои соли 2013 шаҳодат медиҳанд, ки бо маълумоти Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми умумии интиқоли маблағҳои ба Тоҷикистон воридшуда 4,2 млрд. $-ро ташкил медод, ки ин интиқолҳо дар даҳсолаи охир яке аз асосҳои рушди иқтисодӣ ва сарчашмаи боэътимоди даромади аҳолӣ буда, барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ нақши муҳим бозиданд. Ҳаҷми интиқоли маблағҳо дар соли 2013 аз 8,3 % ё 4,2 млрд. долл. ИМА то 3,6 млрд.доллари ИМА дар соли 2014 кам шуд ва дар соли 2016, ин то 60% коҳиш ёфт.

Суръати рушди ММД суст шуда, соли 2014 6,7% -ро ташкил дод, дар соли 2015 3,2 % коҳиш ёфта буд. Дар пайи таҳримбандиҳои Ғарб бар Россия дар солҳои 2014-2015, музди миёнаи меҳнати муҳоҷирони меҳнатӣ низ башиддат кам шуд ва соли 2017 танҳо 5%-и он барқарор шуд. Аз сабаби он ки 90% муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар Россия кор мекунанд, пастшавии назарраси интиқоли маблағҳо ба бахши хизматрасонӣ таъсири манфӣ расонид ва ҳиссаи он дар иқтисодиёти Тоҷикистон зиёда аз 40% -ро ташкил дод.

Бо вуҷуди ин, тибқи натиҷаҳои соли 2015, ҳаҷми интиколи маблағҳо дар оянда, ҳамчун дар соли 2017 дар муқоиса бо соли гузашта метавонад бо сабабҳои зерин коҳиш ёбад:

1. Бо сабаби сустшавии иқтисодиёти Федератсияи Россия (сатҳи суръати нокифояи афзоиши иқтисодиёт) аз сабаби таҳримҳои иқтисодии мамлакатҳои Ғарб дар робита бо Федератсияи Россия, бо баҳонаи вазъи Украина.

2. Бо сабаби зиёд шудани шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҳисоби рондашудагон, депортатсия ва шахсоне, ки воридшавиашон ба ФР манъ карда шудааст.

Дар натиҷаи навовариҳо ба қонунгузории Федератсияи Россия оид ба муҳоҷират муҳоҷирони меҳнатӣ- шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мешаванд. Тағйирот дар қонунгузорӣ (аз ҷумла қонунгузории муҳоҷиратӣ) Федератсияи Россия, ки моҳи январи соли 2014 ба эътибор даромадааст, боиси афзудани шумораи шахсоне гардид, ки ворид шуданашон ба Федератсияи Руссия аз 3 то 5 сол барои вайрон кардани талаботи қонунгузории Федератсияи Россия манъ карда шудааст.

Масалан, қонунгузории Федератсияи Россия барои бақайдгирии патент оид ба фаъолияти меҳнатӣ 30 рӯз аз рӯзи гузариши сарҳад муҳлат медиҳад. Мутаассифона, на ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва гирифтани патентро дар муҳлати муқарраршуда анҷом медиҳанд.

Инчунин, пардохти арзиши патент барои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Федератсияи Россия ва андози ҳармоҳа дар як сол аз тарафи муҳоҷирати меҳнатӣ ба таври назаррас зиёд шуда, бо ҳисоби миёна аз 30 то 50 %-ро ташкил медиҳад. Ин хароҷот хеле баланд аст ва аксарияти муҳоҷирони меҳнатӣ қобилияти пардохти ин маблағҳоро надоранд.

Мувофиқи маълумоти Сарраёсати кор оид ба масъалаҳои муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия, соли 2018 ба теъдоди 200 ҳазор шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯйхати шахсони воридшавиашон аз се то панҷ сол ба Федератсияи Россия манъ кардашуда, дохил шуда буданд.

## 20. ҶАЛБИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ БА ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо мақсади иҷрои муқаррароти моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷират" ҳамасола Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқаррар намудани квотаи муҳоҷирати хориҷӣ ва ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон" -ро таҳия менамояд.

Фармони мазкур бо назардошти пешниҳоди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оид ба зарурияти ҷалби қувваи кории хориҷӣ, бо мақсади ташкил ва танзими раванди муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ва баҳисобгирии дурусти муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ таҳия гардида, теъдоди ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар муқаррар карда мешавад.

Мувофиқи Фармони мазкур ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ бо тақсимбандии соҳаҳо ва минтақаҳои ҷумҳурӣ пешниҳод мегардад. Аз ҷумла, дар соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ, сохтмон, тиҷорат, хӯроки умумӣ, хоҷагии коммуналӣ ва хизмати маишӣ, тандурустӣ ва варзиш, энергетика, нақлиёт, алоқа, хоҷагии қишлоқ, маориф, геология ва дигар соҳаҳо.

Тибқи муқаррароти банди 2-и Фармони мазкур шаҳрвандони хориҷӣ, ки фаъолияти меҳнатиро дар соҳаҳои афзалиятнок ва калонҳаҷми сармоягузори соҳаҳо дар асоси созишномаҳои сармоягузорӣ амалӣ менамоянд, аз доираи квота бароварда мешаванд.

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, №529 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои додани иҷозат барои кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро амалӣ менамоянд ва варақаи он» ва банди 17, боби 44 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007 №172 «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳии баъзе намудҳои фаъолият». Оид ба додани иҷозат барои кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатӣ менамоянд, ба танзим даровардааст. Дар ин раванд сохтмони иншооти хурду калон зиёд гардида, ҷойҳои нави корӣ бо назардошти ҷалби муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ, барои шаҳрвандони кишварамон низ таъсис дода мешаванд.

Хадамоти муҳоҷират ҳуҷҷатҳои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро барои гирифтани иҷозат барои кор баррасӣ менамояд, инчунин аз болои субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо шаҳрвандони хориҷӣ фаъолияти меҳнатӣ менамоянд, назорати қатъӣ мебарад.

Аз ҷумла, дар соли 2017 ба 6645 нафар шаҳрвандони хориҷӣ барои амалӣ намудани фаъолияти корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикиистон иҷозат дода шуд, ки аз ин 3474 нафар дар доираи квотаи муқарраршуда ва 3171 нафар дар доираи Созишномаҳои байналмилалӣ бидуни квота фаъолият доштанд.

Ширкатҳое, ки барои ҷалби қувваи кории хориҷӣ иҷозатнома доранд, ҳамчунин 31067 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин намуданд.

Дар ин давра дар натиҷаи гузаронидани амалиёт барои вайрон кардани қоидаҳои будубош аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба 474 нафар шаҳрвандони хориҷӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуд. Аз ин теъдод 173 нафар барои дағалона вайрон кардани қоидаҳои будубош бо қарорҳои суд аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон берун карда шудаанд.

**Квота барои солҳои 2014- 2018**

| № | Давлатҳо | Квота барои солҳои 2014-2018 (21.12.2018) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| 1 | Хитой | 2500 | 2560 | 4460 | 4460 | 4963 |
| 2 | Афғонистон | 600 | 690 | 1020 | 780 | 480 |
| 3 | Эрон | 300 | 305 | 615 | 229 | 269 |
| 4 | Туркия | 250 | 200 | 600 | 376 | 344 |
| 5 | Узбекистон | 200 | 160 | 95 | 310 | 229 |
| 6 | Покистон | 150 | 150 | 115 | 129 | 129 |
| 7 | Ҳиндустон | 150 | 170 | 145 | 168 | 148 |
| 8 | Қирғизистон | 100 | 115 | 130 | 138 | 138 |
| 9 | Қазоқистон | 50 | 45 | 50 | 70 | 70 |
| 10 | Россия | 50 | 75 | 140 | 250 | 230 |
| 11 | Дигар давлатҳо | 450 | 330 | 630 | 590 | 500 |
| | **Ҳамагӣ:** | **4800** | **4800** | **8000** | 7500 | **7500** |




Шаҳрвандони хориҷӣ, ки дорои иҷозат барои кор мебошанд, асосан дар соҳаҳои зерини иқтисодиёт фаъолияти меҳнатӣ менамоянд:

Маълумотнома
оид ба теъдоди иҷозат ба кори дар маҷмӯъ додашуда барои ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи соҳаҳо дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2015-2018 (21 декабри соли 2018)

| № | Соҳаҳо | Квотаи муқарраршуда | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| 1 | Саноат | 1460 | 2050 | 1690 | 3427 |
| 2 | Сохтмон | 1250 | 1610 | 1662 | 1500 |
| 3 | Истеҳсолот | 350 | 1550 | 1766 | - |
| 4 | Савдо ва хӯроки умумӣ | 687 | 520 | 550 | 586 |
| 5 | Хоҷагии коммуналӣ ва хизматрасонии маишӣ | 145 | 145 | 133 | 154 |
| 6 | Тандурустӣ ва варзиш | 90 | 200 | 184 | 154 |
| 7 | Энергетика | - | 400 | 200 | 210 |
| 8 | Нақлиёт | 83 | 120 | 120 | 110 |
| 9 | Алоқа | 75 | 120 | 90 | 80 |
| 10 | Кишоварзӣ | 205 | 385 | 280 | 284 |
| 11 | Маориф | 105 | 230 | 195 | 190 |
| 12 | Геология | 175 | 255 | 170 | 135 |
| 13 | Дигар соҳаҳо | 175 | 415 | 460 | 670 |
| | Ҳамагӣ: | **4800** | **8000** | **7500** | **7500** |




| № | Давлатҳо | Шумораи иҷозатномаҳо барои кор, ки ба шаҳрвандони хориҷӣ дода шудаанд | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| 1 | Хитой | 5086 | 7386 | 9210 | 5190 | 5164 |
| 2 | Афғонистон | 840 | 710 | 667 | 120 | 427 |
| 3 | Эрон | 586 | 511 | 662 | 380 | 605 |
| 4 | Туркия | 410 | 233 | 271 | 108 | 87 |
| 5 | Узбекистон | 109 | 61 | 56 | 32 | 22 |
| 6 | Покистон | 86 | 31 | 51 | 57 | 73 |
| 7 | Ҳиндустон | 88 | 71 | 86 | 51 | 43 |
| 8 | Қирғизистон | 87 | 51 | 47 | 23 | 18 |
| 9 | Қазоқистон | 18 | 10 | 15 | 13 | 19 |
| 10 | Россия | 72 | 30 | 38 | 45 | 61 |
| 11 | Дигар давлатҳо | 286 | 192 | 229 | 254 | 318 |
| | **Ҳамагӣ** | **7668** | **9286** | **11330** | **6273** | **6837** |




Мутобиқи муқаррароти банди 3-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008 № 529 «Қоидаҳои додани иҷозат барои кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро амалӣ менамоянд», 26 корхонаю ширкатҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ, ки дар асоси сармоягузории хориҷӣ ва Созишномаҳои байнидавлатӣ фаъолияти меҳнатӣ менамоянд, аз гирифтани иҷозат барои кор озод карда шуданд. **Бояд қайд намуд, ки айни замон дар ҷумҳурӣ 13 лоиҳаи афзалиятнок ва калонҳаҷми сармоягузории соҳаҳо дар асоси санадҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ амалӣ карда мешавад.**

Қобили зикр аст, ки ҳангоми додани иҷозатномаи фаъолият барои ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба таъсиси ҷойҳои кории нав ва бо кор- таъминкунии шаҳрвандони кишварамон афзалият дода мешавад.

Бо мақсади такмили низоми ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ”, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” ва лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” омода шудаанд, ки 2 лоиҳаи он мавриди баррасӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, 1 лоиҳаи дигар дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ мебошад.

Новобаста ба ин, таҷриба нишон медиҳад, ки дар танзими раванди муҳоҷирати хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилот ҷой дорад.

Аз ин рӯ андешидани чораҳои зеринро мақсаднок меҳисобем:

1. Баҳри ба танзим даровардани омадурафти шаҳрвандони хориҷӣ дар нуқтаҳои гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ махзани ягонаи маълумотдиҳӣ ташкил карда шавад.

Нишондиҳандаҳои муқимишавӣ

Барои тавсифи марҳалаи ниҳоии раванди муҳоҷират-муқимишавии навомадаҳо метавонанд нишондиҳандаҳои серҳаракатии аҳолӣ-таносуб миёни шумораи аҳолӣ, ки дар ин ноҳия сокин шудаанд ва мардуми бумӣ, байни навомадаҳо ва таҳҷоиҳо; тақсимоти аҳолии навомада вобаста аз вақти сокиншавӣ то ба ин лаҳза боқимонда, аз шумори омодагони то ин лаҳза аз макони мушаххас муайян карда мешавад, истифода бурда шаванд. Сатҳи муқимишавӣ бо ҳиссаи навомадаҳои муқимишавӣ метавонад бо микдори миёнаи солҳое, ки навомадҳо дар ҷойи сукунати навашон зиндагӣ кардаанд, тавсиф карда шавад. Вобаста ба иттилооти мавҷудбуда, ин нишондиҳандаҳо метавонанд нисбат ба ашхоси дорои ҷинс, син, миллат ва ғайра роҳандозӣ гарданд.

# 21. ЛУҒАТИ ТАФСИРИИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ МУҲОҶИРАТ

**Адмиссия** (иҷозати дохил шудан) Иҷозати дохил шудан ба кишвар. Ба шахси хориҷӣ иҷозати дохил шудан ба кишвар дода мешавад, агар ӯ нуқтаи гузаргоҳиро (ҳавоӣ, баҳрӣ ва ё автомобилиро) гузашта бошад ва ба ӯ аз ҷониби шахсони вазифадор, ки дар сарҳад назорат мебаранд, иҷозат дода шуда бошад. Дохил шудани шахси хориҷӣ, ки ба таври махфӣ амалӣ шудааст, «Иҷозатдодашуда» шумурда намешавад.

**Ассимилятсия** –(ҳаммонандсозӣ) мувофиққунии як гурӯҳи этникӣ ё иҷтимоӣ, одатан ақаллият ба гурӯҳи дигар. Ассимилятся маънои қабул намудани забон, анъанаҳо, арзишҳо, рафтор ё ҳатто манфиатҳои бунёдии ҳаётӣ ва дигаргуншавии шуури ҳуввиятӣ (вобастагӣ)-ро дорад. Ассимилятся - ҳодисаи хеле амиқтар назар ба ҳамомехтани фарҳангҳо мебошад.

**Гурезаи (мандатӣ) -** Шахсе, ки ба меъёрҳои Оинномаи Идораи комиссари Олии СММ доир ба умури гурезагон (ИКОУТ СММ) ҷавоб дода, ҳуқуқи ҳимояро аз ҷониби СММ дорад. Чунин ҳуқуқ аз ҷониби Комиссари Олӣ новобаста, ба он ки ӯ дар кишваре, ки он кишвар Муоҳидаи соли 1951-ро доир ба вазъи гурезагон ё Протоколи соли 1967-ро имзо кардааст, вуҷуд дорад ё надорад ва инчунин ӯ аз ҷониби қабулкунанда ҳамчун гуреза дар асоси яке аз ин ҳуҷҷатҳо эътироф гардидааст, дода мешавад.

**Гурезаи (эътирофшуда)** Шахсе, ки «Дар нигарониҳои бамаврид тавонад дар асоси нишонаҳои нажодӣ, мазҳабӣ, шаҳрвандӣ, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ё эътиқодоти сиёсӣ берун аз кишваре, ки мансубияти шаҳрвандӣ ба он дорад ва наметавонад аз ҳимояи ин кишвар истифода кунад ё намехоҳад аз чунин ҳимоя бархӯрдор бошад», қурбони таъқибот гардад (Муоҳида доир ба вазъи гурезагон, соли 1951, моддаи 1А (2) бо ислоҳот ба Протоколи соли 1957).

**Бешаҳрвандӣ** - вазъияте, ки шахси шаҳрвандии ин ё он давлатро дошта, ин давлатро тарк мекунад аз ҳимояи он бархӯрдор намебошад ё бо сабаби он ки ин шахс чунин ҳимояро талаб наменамояд ё давлат ҳимоя намудани ӯро рад мекунад. Истилоҳи бешаҳрвандӣ аксаран бо истилоҳи гуреза пайваст аст.

**Раводид -** аз ҷониби корманди Хадамоти консулгарӣ тасдиқи он ки (дар шиноснома ё гувоҳномаи шахсӣ) корманд ҳангоми додани раводид соҳиби шиноснома ё гувоҳномаи шахсиро ҳамчун шахсе меҳисобад, ки ба гурӯҳи ғайришаҳрвандон дохил мешавад ва ба ӯ иҷозати вуруд ба кишвар дар асоси қонунгузории он дода шудааст. Дар раводид меъёрҳои адмиссия дар кишвар инъикос меёбанд. Амалияи байналмилалӣ ба додани раводидҳое равона шудааст, ки онҳо тавассути дастгоҳҳои махсус шумурда мешаванд, ки ин ба меъёрҳои ICAO (Созмони байналмилалии

ҳавопаймоии мулкӣ) ҷавоб медиҳад, инчунин дар стикерҳо чоп мегардад, ки воситаҳои амниятиро доранд.

**Муҳоҷирати бебозгашт** - бо ҷойивазкунии ҷойи истиқомати доимӣ алоқаманд мебошад. Масалан, муҳоҷирати аҳолии деҳа ба шаҳр.

**Муҳоҷирати муваққатӣ** - муҳоҷирати давомдори маҳдудро бо муҳлати муқарраршуда, ки бо ҷойи кор алоқаманд аст, дар бар мегирад. Ба муҳоҷирати муваққатӣ муҳоҷирати коргарони як мамлакат ба дигар мамлакат, муҳоҷирати дохилӣ ба ноҳияҳои камаҳолӣ дохил мешавад. (Масалан, барои кор дар асоси шартнома ба муҳлати якчанд сол).

**Муҳоҷирати мавсимӣ** - ин шакли ҷойивазкунии аҳолӣ дар давраи муайяни сол, яъне ҳарсола мебошад. (Масалан, дар маҳалҳои кишоварзӣ).

**Муҳоҷирати ихтиёрӣ** - ин ҷойивазкунии одамон, ки ҷойи зисти аввалаашонро бо хоҳиши худ тарк мекунанд.

**Муҳоҷирати маҷбурӣ** - ин ҷойивазкунии одамон бо мақсади кофтукоби паноҳгоҳ.

**Муҳоҷирати дохилӣ** – кӯчонидани аҳолӣ дар ҳудуди мамлакати алоҳида, ки мумкин аст ихтиёрӣ, бозгарданда ва бебозгашт шавад.

**Муҳоҷирати берунӣ** – аз эмигратсия беруншавӣ аз давлати худ ва имигратсия дохилшавӣ ба мамлакати дигар таркиб ёфтааст.(барои ҷои зисти доимӣ ва ё муваққатан давомнок).

**Муҳоҷирати иҷборӣ**- Истилоҳи умумӣ, ки барои тавсифи гурӯҳи муҳоҷироне истифода мешавад, ки дар онҳо унсурҳои маҷбуркунӣ, аз ҷумла хатари ҷону зиндагӣ ҳамчун оқибати сабабҳои ҳодисоти табиӣ ва техногенӣ (масалан, интиқоли гурезаҳо ва ашхоси интиқолёбанда дар дохили кишвар, инчунин одамоне, ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ, экологӣ, садамаҳои кимиёвӣ ё атомӣ, гуруснагӣ ё барномаи рушд интиқол ёфтаанд)

**Бозгашти иҷборӣ** ба ватан- бозгашти ғайриихтиёрӣ ба ватан

**Афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ** – тафовути шумораи аҳолии ба ягон минтақа кӯчидаомада ва аҳолии аз он кӯчидарафта мебошад. Аз шумораи аҳолии кӯчидарафта зиёд будани аҳолии кӯчидаомада аз афзудани аҳолӣ далолат медиҳад ва баръакс.

**Коэффисиенти дараҷаи умумии муҳоҷират** – ҳолатҳои ҷои истиқоматро дигар кардани аҳолӣ дар маҷмӯи аҳолӣ дар ин ё он давра аст ва ҳамчун нисбат ба ҷараёни муҳоҷират(шумораи аҳолии кӯчидаомада, аҳолии кӯчидарафта), афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ нисбат ба шумораи миёнаи солонаи аҳолии доимӣ ҳисоб када мешавад.

**Шумораи умумии муҳоҷирон** – ин маҷмӯи муҳоҷирони ягон минтақа аст. Ҳамчун ҷамъи шумораи аҳолии кӯчидаомада ва кӯчидарафта ҳисоб карда мешавад.

**Самаранокии муҳоҷират** – таносуби афзоиши муҳоҷират (ҳиҷрати холис) ва шумораи умумии муҳоҷирон (ҷамъи муҳоҷират) мебошад.

**Генотсид-** (нажодкушӣ) - Ҳамагуна фаъолияти зерин, ки ба мақсади пурра ё қисман нест кардани ин ё он гурӯҳи миллӣ, этникӣ, нажодӣ, динӣ ва мисли он анҷом дода мешавад: куштори аъзои чунин гӯруҳ, расондани ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ ё халали рӯҳӣ ба аъзои чунин гурӯҳ; барқасдона ба вуҷуд овардани чунин шароити зиндагӣ, ки он барои пурра ё қисман аз байн бурдани ин гурӯҳ пешбинӣ карда шудааст; чораҳое, ки барои пешгирӣ кардани таваллуди кӯдак дар ин гурӯҳ пешбинӣ шудаанд; ба таври зӯрӣ таҳдиди кӯдакон аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар (моддаи II Муоҳила дар бораи пешгирӣ намудани ҷиноятҳои нажодкушӣ ва муҷозот барои он, соли 1948).

**Шаҳрванд-** шахсе, ки ё ба сабаби таваллудаш, ё баъди Натурализатсия (аниқ тасвир намудани ҷиҳатҳои зоҳирии зиндагӣ) аъзои ҷомеаи сиёсӣ мебошад, ки ба ҷомеа ҳусни нияти хуб дошта, ҳуқуқи истифода аз тамоми ҳуқуқҳои шаҳрвандиву сиёсӣ ва ҳимояро дорад; аъзои давлат, ки ҳуқуқи истифода аз ҳамаи имтиёзҳои онро дорад. Шахсе, ки шаҳрвандии ин ё он кишварро истифода мекунад.

**Сарҳад- хате,** ки ҳудуди заминӣ ва баҳрии як давлатро аз дигараш ҷудо мекунад, ҳад, ҳудуд.

**Грин кард** (парвонаи иқомат)- шаҳодатномаи шахсӣ, ки ҳукумати ИМА ба ғайри шаҳрвандон бо мақсади додани мақоми истиқоматкунандаи доимӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико медиҳад. Ба истилоҳ, варақаи истиқоматкунандаи доимӣ дар айни ҳол тасдиқи ғайришаҳрвандӣ буда, инчунин маънои онро дорад, ки соҳиби он қонунан бошандаи доимӣ бо ҳуқуқи истиқомати доимӣ ва кор дар ИМА дорад.

**Ҳуқуқи инсонпарварона-** қоидаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки махсусан барои ҳифзи инсон дар давраи амалиётҳои ҳарбӣ ё мунокишаи мусаллаҳона пешбинӣ шудаанд

**Де факто-**дарвоқеъ, дар ҳақиқат.

**Де юри-** мувофиқ аз рӯи ҳуқуқ ва қонун.

**Демография** - илм дар бораи аҳолӣ, ки шумора, тарокум, тақсимоти ҷуғрофӣ, ҳайат ва ҷараёнҳои азнавба вуҷудовариро меомӯзад.

**Интиқоли пулӣ-**пуле, ки аз ҷониби ғайришаҳрвандон дар кишвари қабулкунанда ба даст оварда шудааст ва ба кишвари баромадашон интиқол дода мешавад

**Депортатсия** (иҷборан хориҷ намудан) - амали давлате, ки аз ҳаққи ҳокимияти худ доир ба берун рондани хориҷӣ аз сарзамини худ ба ҷои муайян пас аз рад намудани қабул карданаш ё тамом шудани муҳлати истиқомати иҷозадодашуда, истифода мекунад.

**Дискриминатсия** (табъиз нисбат ба касе) - мавҷуд набудани муносибати баробар ба ҳамаи одамон дар ҳолате, ки наметавон фарқияти далелнокии байни онҳоеро, ки аз имтиёз истифода мекунанд ва онҳоеро ки аз имтиёз истифода намекунанд, муайян менамояд. Дискриминатсия дар муносибат

ба «нажод, ҷинс, забон ё дин» манъ карда шудааст. (моддаи 1 (3) Оинномаи СММ, соли 1945). Набояд «Ҳамагуна тафовут ҳам дар муносибат ба нажод, ранги пуст, ҷинс, забон, дин, эътиқоди сиёсӣ ва ғайра, баромади миллӣ ё иҷтимоӣ, вазъи молӣ, табаъҷӯӣ ва дигар ҳолатҳо ҷой дошта бошад ( моддаи 2, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, соли 1948)

**Репатриатсия** (баргардондан ба ватан) баргардондани ашхос ба ватани пайдоишашон дар асоси хоҳиши ба таври озодона изҳоршуда барои баргаштан

**Адмиссия** (иҷозаи воруди) қонунӣ - воруди қонунии хориҷӣ ба кишвар, аз ҷумла дар асоси раводиди эътибордоштаи муҳоҷиратӣ (иммигратсионӣ)

**Шаҳрванди хориҷӣ**- шахсе, ки ба давлати дигар марбут аст, ё шаҳрвандии давлати дигарро дорад.

**Ҳамгироӣ (интегратсия)** - раванде, ки дар он шаҳрвандони хориҷӣ ба ҷомеа қабул мешаванд - ҳам ба тартиби инфиродӣ ва ҳам чун гурӯҳ. Талаботҳои мушаххас барои қабулшавӣ аз ҷониби ҷомеаи кишвари қабулкунанда метавонанд вобаста ба кишвар куллан тағйир ёбанд; масъулияти ҳамгироӣ на танҳо болои яке аз гурӯҳҳои мушаххас, балки бештар ба зиммаи якчанд тарафҳо: худи муҳоҷирон, ҳукумат, ташкилотҳо ва аҳолии кишвари қабулкунанда гузошта мешавад.

**Карантин**- муваққатан ҷудо нигоҳ доштани одам (ё ҳайвон), ки мубталои касалиҳои сирояткунанда шудааст.

**Квота** - маҳдудияти миқдорӣ. Дар қаринаи муҳоҷират, дар бисёре аз кишварҳо квота ё мизонҳои ҳадди ақали шумораи муҳоҷирон, ки ҳарсола ба кишвар ворид шуданашон иҷозат дода мешавад, таъин карда мешавад.

**Ксенофобия**- таърифи қабулшудаи байналмилалии ксенофобия вуҷуд надорад. Гарчанд ин ҳодисаро ҳамчун муносибат, хурофот ва рафторе тавсиф кардан мумкин аст, ки одамонро рад менамояд, хориҷ мекунад ва ғолибан бадном месозад ва дар ин амал ба мафкурае такя мекунад, ки ин одамон хориҷиёне мебошанд, ки ба ҷомеа ва миллат дохил намешаванд. Робитаи махдуд байни нажодпарастӣ ва ксенофобия вуҷуд дорад.

**Легализатсия** (қонунӣ кардан)- амале, ки ба қонунӣ кардан равона шудааст; иҷозат, тасдиқ тавассути иҷозат додан.

**Шахсоне, ки паноҳгоҳ меҷӯянд**- шахсоне, ки мехоҳанд ба сифати гурезаҳо ба кишвар иҷозати вуруд гиранд ва интизори гирифтани иҷозат аз рӯи аризаҳои худ барои мақоми гуреза дар мутобиқат ба меъёрҳои мавҷудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ мебошанд. Дар сурати гирифтани ҷавоби рад, онҳо бояд кишварро тарк намоянд ва метавонанд аз он берун карда шаванд, ҳамчун ҳамагуна хориҷие, ки дар ҳолати ғайриқонунӣ қарор дошта бошад, ба истиснои ҳолате, ки иҷозати иқомат бо сабабҳои гуманитарӣ ё дигар сабабҳо ба он дода шуда бошад.

**Шахси бешаҳрвандӣ** (апатрид) - шахсе, ки аз ҷониби ин ё он давлат дар асоси қонунҳояш шаҳрванд шумурда намешавад (моддаи Муоҳидаи

СММ доир ба мақоми апатридҳо, соли 1954). Шахси шаҳрвандинадошта, ҳуқуқҳое, ки ба шаҳрванд марбутанд, надорад: ҳимояи дипломатӣ аз ҷониби давлат, ҳуқуқи ҷудонопазирии истиқомат дар кишвари сукунаташ ва ҳуқуқ барои бозгашт

**Муҳоҷират**- раванди ҳаракати аҳолӣ тавассути сарҳади байналмилалӣ ва ё дар ҳудуди кишвар. Муҳоҷират ҳамагуна шакли интиқоли одамонро новобаста ба давомият, ҳайат ва сабабҳо дар бар мегирад; муҳоҷират интиқоли (ҳаракати) гурезагон, афроди нақли макон ёфта, ашхоси берун рондашуда ва муҳоҷирони иқтисодиро дар бар мегирад.

**Натурализатсия** - аз тарафи давлат додани шаҳрвандӣ ба хориҷӣ тибқи санади расмӣ дар асоси аризаи шахс. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ тартиб ва қоидаҳои натурализатсия ҳаматарафа шарҳу тавзеҳ наёфтааст, вале вай ҳуқуқи ҳар як давлатро барои натурализатсия кардани онҳоеро, ки шаҳрвандони вай нестанд ва онҳоеро, ки барои гирифтани шаҳрвандии он мурочиат намудаанд, эътироф менамояд.

**Нонрефулмент** (манъи табъид) - усуле, ки ба Муоҳидаи Женева доир ба мақоми гурезаҳо, соли 1951 дохил карда шудааст ва мувофиқи он давлатҳои паймонкунанда дар ҳеҷ сурат гурезаҳоро табъид ва ба сарҳади кишваре, ки дар он вобаста ба нажод, дин, шаҳрвандӣ, тааллуот ба гурӯҳи муайяни сиёсӣ ё ақидаҳои сиёсӣ, ба озодӣ ва ҳаёти онҳо хатар таҳдид менамояд, пас намегардонанд. Вале ин вазъ «Дар нисбат ба гурезаҳое, ки дар асоси сабабҳои узрнок ҳамчун хатар ба амнияти кишвар, ки дар он ҷо қарор доранд ё маҳкумшудагоне, ки ҳукми судиашон барои содир намудани ҷиноятҳои хеле вазнин, ки хатари ҷамъиятӣ барои кишвар доранд, қувваи қонунӣ пайдо кардааст, наметавонад татбиқ шавад». (моддаи 33 (1) ва 33 (2) Муоҳидаи Женева доир ба мақоми гурезаҳо, соли 1951)

**Унсури нома - луб (лот.-persona non qrate)**- «Шахси номатлуб». Шахси нодаркор ва номатлуб. Дар қаринаи дипломатӣ шахсе, ки раддияи кишвари қабулкунандаро барои вуруд ва истиқомат гирифтааст.

**Равиши зеҳнӣ**- муҳоҷирати одамони бомаълумот ва боистеъдод аз кишвари сеюм ба кишвари қабулкунанда.

**Ғуломӣ** - ин ҳолат ё вазъияти инсоне мебошад, ки аз болои ӯ сифати мушаххаси ҳуқуқ ба моликият ё баъзе аз онҳо татбиқ карда мешавад (моддаи 1, Муоҳида дар бораи ғуломӣ, соли 1926. Протокол бо ислоҳот ба муоҳида дар бораи ғуломӣ, соли 1953). Ҳамин тавр, нишонаи асосии ғуломӣ -ин амалӣ намудани моликият ё назорат аз болои ҳаёти ин ё он шахс, маҷбурсозӣ ё маҳдудсозии ҳаракат ва инчунин, мавҷуд набудани имконияти тарк кардан ё иваз намудани корфармо (масалан, меҳнати анъанавии ғуломона, меҳнати асоратбор, ва ғ.

**Нажодпарастӣ**- идеологияе, ки нажод ё гурӯҳи этникии муайянро аз дигарон болотар мегузорад, инчунин назорат ва ҳукмронии иқтисодиро аз

болои дигар нажодҳо ё гурӯҳҳои этникии дигар дар асоси нишонаҳои ҷисмонӣ ва фарҳангӣ дуруст мешуморад. Нажодпарастиро метавон ҳамчун назария ё боварӣ ба бартарияти нажодӣ, ки баёнгари он аст, ки нажоди мазкур арзишҳои маънавӣ, фарҳангӣ ва инчунин арзишҳои ахлоқиро муайян менамояд. Нажодпарастӣ назарияи муғризонаи бартарияти нажодӣ ва табъизи нажодиро пеш мебарад.

**Ратификатсия** - ба тасвиб расидан маънои «Қабул шудан» ё «Тасдиқ шудан»-и созишномаи (қарордоди) байналмилалиро дорад. Дар қаринаи байналмилалӣ- «Санади байналмилалӣ, ки ба воситаи он давлат розигӣ ва ӯҳдадории худро нисбат ба ин қарордод иброз медорад» (моддаи 2 (1) (в) Муоҳидаи Вена дар бораи ҳуқуқи қарордодҳои байналмилалӣ, соли1969). Асноди тасвибӣ, ҳуҷҷатҳо доир ба қабулкунӣ, тасдиқкунӣ ё ҳамроҳшавӣ маънои розигии давлатро нисбат ба худаш ба ин қарордодҳо аз лаҳзаи мубодилаи онҳо дар байни давлатҳои мувофиқаткунанда, супурдани онҳо ба депозитария ё иттилоъ додан дар бораи онҳо ба давлатҳои мувофиқаткунанда ё депозитарияҳо, агар дар ин бора ба мувофиқа расида бошанд (моддаи 16). Дар қаринаи дохилидавлатӣ ин маънои аз ҷониби давлат ба зимма гирифтани ӯҳдадориҳоеро дорад, ки дар қарордод зикр шудаанд. Як қатор давлатҳо дар қонуни асосиашон тартиботеро доранд, ки онҳоро зарур аст риоя кард, пеш аз он ки ҳукумат тавонад шартномаи муҳимро барои худ қабул кунад.

**Реадмиссия** - иҷозати давлат барои воридшавии такрории шахс (шаҳрванди худӣ, шаҳрванди кишвари сеюм ва ё ашхоси шаҳрвандӣ надошта), ки ғайриқонунӣ ворид шудааст ё ки дар давлати дигар истиқомат дошт.

**Репатриатсия** (баргашт ба ватан) ҳуқуқи муҳоҷир ё асири ҳарбӣ барои баргаштан ба кишваре, ки шаҳрванди он мебошад, дар асоси муқаррароте, ки дар ҳуҷҷатҳои гуногуни байналмилалӣ сабт шудаанд (Паймонҳои женевагӣ, соли 1949, Протоколҳо, соли 1977, муқаррарот дар бораи қонунҳо ва анъанаҳои ҷанги заминӣ, ки муоҳидаи Гаага (IV), соли 1907-ро пурра менамоянд, аснод дар бораи ҳуқуқи инсон ва инчунин расму русуми ҳуқуқӣ). Ҳуқуқи интихоби баргашт ба ватан ба худи одам тааллуқ дорад, на ба мақомоте, ки ӯро нигоҳ медорад. Ҳуқуқ ба баргаштан ба ватан инчунин ӯҳдадориҳоеро ба дӯши мақомотҳои давлатии кишвари истиқомат – озод намудани чунин ашхос (аскарҳо ва ашхоси мулкӣ) ва ба дӯши давлати пайдоишашон қабул намудани шаҳрвандонашонро мегузорад. Репатриатсия ҳамчун истилоҳ дар мавриди намояндагони дипломатӣ ва ашхоси вазифадори байналмилалӣ дар давраҳои бӯҳронҳои байналмилалӣ низ истифода мешавад.

**Реэмигратсия**- муҳоҷирати такрории шахс ба кишваре, ки аз он ҷо вай хориҷ шуда буд

**Терроризм-** ҳамагуна амале, ки ба он нигаронда шудааст, ки марги ин ё он шахси шаҳрванд ё ҳама гуна шахси дигарро, ки иштироки фаъолона дар амалиётҳои ҳарбӣ дар ҳолати хусумати мусаллаҳона надорад, таъмин кунад ё осеби вазнини ҷисмонӣ ба ӯ расонад, вақте ки мақсади чунин амал аз рӯи хусусияташ ва қаринааш аз он иборат аст, ки аҳолиро тарсонад ё ҳукумат ва ё ташкилоти байналмилалиро маҷбур созад, ки ба ин ё он амал даст занад ё аз иҷроишаш даст кашад (моддаи 2 (1) (в) Паймони байналмилалӣ дар бораи мубориза ба муқобили маблағгузорӣ намудани терроризм, соли 1999)

**Феминизатсиякунонии муҳоҷират** -бештар гардидани иштироки занон дар равандҳои муҳоҷиратӣ. Дар ҳоли ҳозир занон дар дунё озодонатар кӯч мебанданд ва дар ин ҷода аллакай ба мавқеъашон дар оила ё итоат ба мард вобаста нестанд (тақрибан 48% ҳамаи муҳоҷирон - занҳо мебошанд).

**Аъзои оила** -ашхосе, ки дар никоҳ бо муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд ё бо онҳо дар чунин муносибатҳое мебошанд, ки дар мутобиқат бо ҳуқуқи татбиқшаванда метавонанд бо никоҳ баробар шинохта шаванд, инчунин кӯдакони дар тарбияи онҳобуда ва дигар ашхосе, ки дар мутобиқат бо қонунгузории татбиқшаванда ё созишномаҳои дутарафа ё бисёртарафа дар байни давлатҳои мутаносиб аъзои оила шинохта мешаванд (моддаи 4 Эъломияи байналмилалӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқи коргарон - муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо, соли 1990)

**Муҳоҷирони экологӣ** - ашхосе, ки маҷбуранд ҷои зисти доими худро тарк ва дар ҳудуди кишвари худашон кӯч менамоянд ё сарҳади онро ба сабаби хеле бад шудани вазъияти муҳити зист ё фалокатҳои экологӣ убур намоянд.

**Экстрадитсия (Баргардондан)** расман баргардондан, одатан дар асоси қарордод ё дигар тавофуқоти тарафайн аз ҷониби як давлат ба давлати дигар шахсеро, ки барои ҷиноят айбдор шинохта шудааст ё маҳкум шудааст, ки берун аз ҳудуди як давлат ва зери салоҳияти давлати дигар буда, ба мақсади гузарондани тафтишоти судӣ ва амалӣ намудани муҷозот содир кардааст.

**Эмигратсия (Муҳоҷират)** хуруҷ аз як давлат ба давлати дигар барои сукунати доимӣ. Мувофиқи меъёрҳои байналмилалӣ доир ба ҳуқуқи инсон, ҳар кас метавонад ҳамагуна кишвар, аз ҷумла кишвари худашро тарк намояд ва ба кишвари (ватани) худаш баргардад. Фақат дар вазъиятҳои фавқулодда давлат метавонад маҳдудиятро нисбат ба ҳуқуқи шахс барои тарк намудани ҳудудаш татбиқ намояд.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:


1. Федченко А.П. «Путешествие в Туркестан в Кокандском ханстве»
2. Наливкин В.П. «Краткая история Кокандского ханства».
3. Нечаев А.А. Горная Бухара. Санкт –Петербург, 1914.
4. Абдулҳаев Р. Таърихи муҳоҷиркунӣ дар Тоҷикистон (1924-1941) Душанбе , 2003.
5. Зокиров Г.Н. Масъалаҳои сиёсӣ ва миллии муҳоҷирати аҳолии Тоҷикистон. Душанбе, 1995.
6. Николаева Л. Ю. «Трансформации социальной структуры Таджикистана в XX веке (миграционный аспект)». Душанбе, 2003.
7. Тенденции в области миграции в странах Восточной Европы и Центральной Азии. Обзор за 2001-2002 годы. Женева. МОМ. 2002. .
8. Сатторов А.С Таджикистанцы на фронтах Великой Отчественной Войны. В сборнике; Великая Отечественная Война: уроки истории и современность. Душанбе, 2005
9. Максакова Л. Сельские мигранты на рынках труда городов Узбекистана // Научные доклады / Центр изучения проблем вынужденной миграции в СНГ // Независимый исследовательский совет по миграции стран СНГ и Балтики. – М., 1999. – Вып. 3. – С.5-18;
10. Остапенко Л.В., Субботина И.А. Русские в Молдавии: потенциальные мигранты и стабильные жители // Вынужденные мигранты: интеграция и возвращение. – М., 1997;
10. Этнический фактор в современном социально-политическом развитии Казахстана/Отв.ред. Тишков В.А. М.: РАН. Ин-т этнологии и антропологии, 1996.
11. Исломов С.И., Мирджалолова М. Демография. Таджикистан в переходной экономике. – Душанбе, 1999;
12. Умаров Х., Ульмасов Р. Внешняя трудовая миграция в Таджикистане (причины, проблемы, последствия, регулирование). Душанбе: Ирфон, 2006;
13. Исломов Ф.С. Некоторые проблемы миграции населения Республики Таджикистан в переходный период. – Душанбе, 1999;
14. Олимова С., И.Боск. Трудовая миграция из Таджикистана. – Душанбе. 2003;
15. Олимова С., Мамаджанова Н. Торговля людьми в Таджикистане. – Душанбе, 2006.
16. Переведенцев В.И. Методы изучения миграции населения. – М., 1975.
17. Коситов О. Миграция населений Таджикский ССР. – Душанбе, 1976.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:


1. Федченко А.П. «Путешествие в Туркестан в Кокандском ханстве»
2. Наливкин В.П. «Краткая история Кокандского ханства».
3. Нечаев А.А. Горная Бухара. Санкт –Петербург, 1914.
4. Абдулҳаев Р. Таърихи муҳоҷиркунӣ дар Тоҷикистон (1924-1941) Душанбе , 2003.
5. Зокиров Г.Н. Масъалаҳои сиёсӣ ва миллии муҳоҷирати аҳолии Тоҷикистон. Душанбе, 1995.
6. Николаева Л. Ю. «Трансформации социальной структуры Таджикистана в XX веке (миграционный аспект)». Душанбе, 2003.
7. Тенденции в области миграции в странах Восточной Европы и Центральной Азии. Обзор за 2001-2002 годы. Женева. МОМ. 2002. .
8. Сатторов А.С Таджикистанцы на фронтах Великой Отчественной Войны. В сборнике; Великая Отечественная Война: уроки истории и современность. Душанбе, 2005
9. Максакова Л. Сельские мигранты на рынках труда городов Узбекистана // Научные доклады / Центр изучения проблем вынужденной миграции в СНГ // Независимый исследовательский совет по миграции стран СНГ и Балтики. – М., 1999. – Вып. 3. – С.5-18;
10. Остапенко Л.В., Субботина И.А. Русские в Молдавии: потенциальные мигранты и стабильные жители // Вынужденные мигранты: интеграция и возвращение. – М., 1997;
10. Этнический фактор в современном социально-политическом развитии Казахстана/Отв.ред. Тишков В.А. М.: РАН. Ин-т этнологии и антропологии, 1996.
11. Исломов С.И., Мирджалолова М. Демография. Таджикистан в переходной экономике. – Душанбе, 1999;
12. Умаров Х., Ульмасов Р. Внешняя трудовая миграция в Таджикистане (причины, проблемы, последствия, регулирование). Душанбе: Ирфон, 2006;
13. Исломов Ф.С. Некоторые проблемы миграции населения Республики Таджикистан в переходный период. – Душанбе, 1999;
14. Олимова С., И.Боск. Трудовая миграция из Таджикистана. – Душанбе. 2003;
15. Олимова С., Мамаджанова Н. Торговля людьми в Таджикистане. – Душанбе, 2006.
16. Переведенцев В.И. Методы изучения миграции населения. – М., 1975.
17. Коситов О. Миграция населений Таджикский ССР. – Душанбе, 1976.

18. Рыбаковский Л.Л. Методологические вопросы прогнозирования населения. - М., 1978. - С.14.
19. Матлин И.С. «Моделирование размещения населения», М., 1975..
20. Бреев Б.Д. «Проблемы миграции и трудовых ресурсов», М. 1970».
21. Миграциология М.Б. Данисенко, В.А.Ионцев Б.С.Хореев М- 1989.
22. Денисенко М.Б. Калмикова Н.М. Демография. Учебное пособие Москва: ИНФРА, С. 22.
23. Народонаселение. Энциклопедический словарь. – М – БРЭ 1994г.
24. Вишневский А.Г. Избранные демографические труды. том 1.
25. Архангельский В.Н. Факторы рождаемости. М. ТЕИС 2006г.
26. Концепция демографической политики Республики Таджикистан за 2007-2015 г.
27. Заславский Т.И Миграция сельского населения – М, 1970.
28. Переведенцев В.И. Методы изучения миграции населения. Академия наук СССР, Институт международного рабочего движения-М 1975.
29. Ионцев В.А, Международная миграция. М, -2001.
30. Ионцев В.А, Ивахнюк И.В, Каменский А.Н, Кумсков Г.В, Хомра А.У. Трудовая миграция. Вопросы управления и защиты прав трудящихся – мигрантов в России: научная серия: международная миграция населения; Россия и современный мир. Выпуск 14, МГУ им.М.В.Ломоносова М,2005.
31. Рыбаковский Л.Л. «Миграция населения». чоп.5: – М., 2001
32. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳоҷират. №881. 11.12.1999.
33. Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа. № 242. 09.06.2001.
34. Барномаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2010.
35. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон № 50 аз 10. 05. 2002 с. “ Дар бораи гурезаҳо”.
36. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.06.2005 №208 “Дар бораи танзими масъалаҳои муҳоҷирати хориҷии меҳнатӣ ”.
37. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.09.2005 №337 “Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият ”.
38. Голоссарий терминов в области миграции. Международная организации по миграции (МОМ) –Женева, 2005г.
39. The MillenniumDevelopment Goals and Migration. Erica Usher, International Organization for Migration, Geneva, April 2005, p. 1

40. Romero L.K. and Flinn W.L.(1976) "Effects of structural and change variables on the selectivity of migration: The case of a Colombian peasant community", in Inter-American Economic Affairs (Washington, DC), Vol. 29, No.4, pp. 35-38.,
41. Peek P., (1980): Urban poverty, migration and Land reform in Ecuador, Occasional papers No. 79 (The Hague, Institute of Social studies).
42. Kosinski & R. Mansell Prothero, 1975 "People on the move". Studies on internal migration, edited by Leszek A. , By Methuen & Co Ltd. London, p-9.
43. Мансур Бобохонов. Истори таджиков мира. Душанбе , 2005
44. Ульмасов, Р. Парфенцева О. Миграция и рынок труда России и Таджикистана. Проблемы и переспективы.Душанбе., 2010.
45. Хакимов П.Ш. . Внутренняя миграция как фактор социально-экономическоого развития (на примере Республики Таджикистан). Диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук, 2011 г.

Ба матбаа 13.04.2020 супорида шуд.
Ба чопаш 22.04.2020 имзо шуд.
Қоғази офсет. Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 12.
Супориши №33. Адади нашр 100 нусха.
Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кучаи Лахути, 2.